**Сайфиддин Назарзода**

# ИМЛО
# ВА ЗАБОНИ АДАБӢ

**Душанбе – 2015**

**ББК**

**Назарзода С. Имло ва забони адабӣ. –** Душанбе, «Андалеб-Р», 2015. – 312 стр.

Зери назари доктори илми филология, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Д. Саймиддинов

Дар ин китоб масъалаҳои хат ва имлои забони тоҷикӣ аз лиҳози таърихи ташаккул мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар он ба таври мухтасар дар бораи хат ва имлои забонҳои эронии бостон (авестоӣ, форсии бостон) ва миёна (форсии миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ, хутанусакоӣ), ки ба забони тоҷикӣ хешовандӣ дошта, ба низоми дастурӣ ва вожагони он таъсиргузор буданд, маълумот дода шуда, намунаи алифбоҳо ва тағйири овозии ин забонҳо баррасӣ шудааст. Асоси китобро баррасии масъалаҳои хат ва имлои забони тоҷикӣ дар давраҳои Шӯравӣ ва Истиқлол ташкил медиҳад. Китоб барои доираи васеи мутахассисон, донишҷӯён ва алоқамандони забони ноби модарии мо пешбинӣ шудааст.

**© НАЗАРЗОДА С. 2015**

# САРСУХАН

Забони модарии мо, ки дар даврони истиқлол барои рушду густариши он тамоми имконияту шароит фароҳам шудааст, дар даврони истиқлолият ба муваффақияту дастовардҳои чашмгире ноил шудааст. Забони тоҷикӣ имрӯз дар ҳақиқат ба як забони тавонои расмиву коргузорӣ табдил ёфта, тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар моддаи дувуми он) «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст». Имрӯз забони давлатии мо дар паноҳи давлат қарор дошта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду густариши он тамоми иқдому чорабиниро дар амал пиёда менамояд.

Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳову суханрониҳои хеш ба донишмандон, забоншиносону фарҳангиёни тоҷик дар баробари таҳқиқу баррасии масъалаҳои бунёдии инкишофи забони модарӣ, барои тавсеаву инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ вазифаҳои мушаххас мегузорад. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти кишвар ба муносибати Рӯзи забон (Ҷумҳурият, 23-юми июли соли 2009) чунин омадааст:

«Аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки бояд мавриди таҳқиқи ҷиддии донишмандон, махсусан забоншиносон қарор гирад, масъалаи муқаррар намудани меъёрҳои забони адабӣ мебошад. Забони давлатиро бояд бар пояи меъёрҳои адабӣ устувор сохта, онро аз ҳама гуна қолабҳои сунъии бегона ва унсурҳои лаҳҷавӣ озод кардан лозим аст. Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки инкишофи устувори забонро танҳо дар асоси риояи қоидаҳо ва қонуниятҳои меъёрӣ ва таърихии он таъмин кардан мумкин аст».

Муайян кардани меъёрҳои забони адабӣ ба сиёсати давлатӣ оид ба рушду густариши забони давлатӣ сахт алоқаманд аст. Ин сиёсат бештар ба робитаи забон ба ҳаёти иҷтимоӣ иртибот дошта гуногунҷабҳа мебошад. Аз ҷумла, муносибатҳои байниҳамдигарии сокинони давлат, яъне муошırати байни мардум, ки аксаран дар муносибати гуногунзабонӣ, дузабонӣ, сезабонӣ ва ғайра қарор доранд, матбуот ва забон ё фазои иттилоотии кишвар ва истифодаи забонҳо, коргузории давлатӣ ва забони он аз қабили чунин рукнҳоест, ки бояд дар сатҳи умумидавлатӣ барномарезӣ шавад. Имлои забон низ яке аз ин гуна масъалаҳост. Имлои забон по ба пои ба вуҷуд омадани хат

ё алифбои он ба вуҷуд омада, дар ҳама давру забон вобаста ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар ҳоли ташаккулу тағйирот будааст.

Имлои забони тоҷикӣ низ таърихи тӯлонӣ дошта, аз давраҳои бостон доимо дар ҳоли тағйироту ташаккул аст. Таърихи забони мо, тавре ба ҳамагон маълум аст, се давраро дар бар мегирад. Давраи бостон бо намояндагӣ аз забонҳои авестоӣ ва форсии бостон, давраи миёна бо намояндагӣ аз забонҳои портӣ, форсии миёна, бохтарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ва давраи нав бо намояндагӣ аз забони классикии тоҷикӣ ва се гунаи меъёрии он – форсии Эрон, дарии Афғонистон ва тоҷикии Тоҷикистон. Ҳарчанд баъзе аз ин забонҳо – бохтарӣ, суғдӣ, хоразмӣ, хутанусакоӣ ба гурӯҳи забонҳои шарқӣ дохил мешаванд, онҳо ба забони тоҷикӣ аз лиҳози таърихӣ иртибот дошта, баъд аз ба давраи нав дохил шудани рушди забонҳои эронӣ ҷойи худро ба забони тоҷикӣ додаанд. Аз тарафи дигар, ба гурӯҳҳои шарқиву ғарбӣ ҷудо кардани забонҳои эронӣ хусусияти шартӣ дошта, мувофиқи пажӯҳишҳои охири забоншиносӣ забони бохтарии кӯшонӣ давоми бевоситаи забони авестоӣ мебошад. Ин масъала, яъне забони бохтарии қадим номгузорӣ кардани забони авестоӣ ҳанӯз дар ибтидои садаи XX аз тарафи бархе аз донишмандони машҳури эроншинос Алтҳайм Ф., Ҳеннинг В.Б. пешниҳод щуда буд ва бо пайдо шудани осори забони бохтарӣ баъд аз солҳои панҷоҳуми садаи бист аз нав ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт.Тавре маълум аст, номи забони авестоӣ аз номи китоби муқаддаси динии зардуштӣ «Авесто» гирифта шуда, он шартан барои номгузории забони ин китоб, ки асосан дар Бохтар таҳия шудааст ва номҳои ҷуғрофии ин китоб онро исбот менамояд, истифода шудааст.

Асари «Имло ва забони адабӣ» ба масъалаҳои ташаккули таърихии имлои забони тоҷикӣ бахшида шуда, аз чор боб иборат аст. Боби аввал масъалаҳои хат ва алифбои забони авестоӣ, форсии бостон, форсии миёна, бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, хутанусакоӣ ва алифбои арабиасоси тоҷикиро фаро гирифта, дар он ба овардани намунаҳои алифбо ва хат, инчунин садонокҳо ва ҳамсадоҳои ин забонҳо аз лиҳози тағйироти хронологӣ ва таърихӣ баррасӣ шудааст. Ҳадаф аз овардани маълумотҳои таърихӣ оид ба алифбо ва тағйироти овозии садонокҳо ва ҳамсадоҳои забонҳои эронӣ нишон додани сайри таърихӣ ва такомули овозҳои забони тоҷикӣ мебошад. Зеро ҳамаи ин забонҳо бо забони тоҷикӣ қаробату хешовандӣ дошта,

дар давраҳои муайяни таърихӣ забони расмӣ, такаллум, адабӣ ва меъёрии мардумоне буданд, ки минбаъд дар давраи нави таърихи забонҳои эронӣ форсигӯй ва тоҷикзабон шуданд. Алифбои арабиасоси тоҷикӣ низ ба ин бахш дохил карда шуд, зеро алифбои имрӯзаи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон алифбои кириллӣ мебошад. Ҳарчанд дар гунаҳои форсии Эрон ва дарии Афғонистон алифбои арабӣ ҳамчун алифбои расмӣ истифода мешавад.

Боби дувуми китоб ба масъалаҳои имлосозии забони тоҷикӣ дар давраи шӯравӣ бахшида шудааст. Дар ин солҳо бо гузаштан ба алифбои лотинӣ ва кириллӣ, ки алорағми алифбои ҳамсадоии арабӣ алифбоҳои фонетикӣ ё садонокӣ мебошанд, масъалаи ташхис ва ифодаи ҳарфии садонокҳо хеле мубрам гардид. Аз тарафи дигар дар ин давра, махсусан дар солҳои 30 ва 40 қарни XX бар асари сиёсати забонии давр ва зери таъсири авомили сиёсӣ қарор гирифтани забон як силсила ҳуҷҷату қарорҳое қабул шудаанд, ки минбаъд ба имло ва забони тоҷикӣ таъсири зиёде дошта, боиси баҳсҳои тӯлонӣ оид ба садонокҳои забон, хусусиятҳои хоси имло ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ гардид ва ин баҳсҳо то ба имрӯз идома доранд. Ин боб бахши аслии асар буда, аз шаш фасл иборат аст ва дар он ба таври муфассал дар бораи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, масъалаҳои гузар ба алифбои лотинӣ ва русӣ, фарҳангҳои имлои забони тоҷикӣ маълумот дода шудааст.

Боби сеюми китоб масъалаҳои марҳилаи навини ташаккули имлои забони тоҷикиро дар даврони Истиқлол нишон медиҳад. Он аз се бахш иборат буда, мавзӯъҳои забони тоҷикӣ ва сиёсати забонӣ, такмили имло ва таҳияи фарҳангҳои имлои забони тоҷикиро дар бар мегирад.

Боби чорум бештар хусусияти татбиқӣ дошта, дар он дар намунаи навишти истилоҳот таъсири имлои забон ба хусусиятҳои вожагонии забон нишон дода шудааст. Он аз се бахш иборат буда, дар бахши аввал маълумоти таърихӣ оид ба илми истилоҳшиносӣ, даврабандии таърихи ташаккули истилоҳоти забони тоҷикӣ дар давраҳои охири рушди забон (охири қарни XX то ибтидои асри XXI) оид ба натиҷаҳои конференсияи забоншиносӣ дар соли 1967 (охирин ҳамоиши гуногунҷабҳаи забоншиносӣ дар давраи Шӯравӣ) дода шудааст. Дар бахши сеюм инъикоси имло дар матбуоти кишвар дар намунаи тарзи навишти истилоҳоту вожагон аз «Бухорои

шариф» гирифта то рӯзномаҳои даврони истиқлол (бештар дар намунаи рӯзномаи «Ҷумҳурият») нишон дода шудааст.

Итминон дорем, ки ин асар барои муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони масъалаҳои гуногуни забони модарии мо дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ маводи хубе хоҳад буд ва он барои оммаи васеи хонандагон ва дӯстдорони забони ноби тоҷикӣ пешбинӣ мешавад.

# БОБИ I.
# ТАШАККУЛИ ТАЪРИХИИ ОВОЗҲО ВА ХАТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**§1. Хат ва овозҳои забонҳои бостонии эронӣ**. Овозҳои забони тоҷикӣ дар даврахо ва марҳилаҳои дуру дарози таърихӣ суфта гардида, ба ҳолати имрӯзии худ расидаанд. Онҳо аз сароғози таърихи забонҳои эронӣ густариш ёфта, аз таркибҳои дуовозаву сеовоза ба ҳолати яковоза даромада, имрӯз садонокҳо ва ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ бо як овоз ифода мешаванд. Барои баррасии мухтасари сайру такомули овозҳои забони тоҷикӣ ба таърихи забонҳои эронӣ (махсусан забонҳои эроние, ки ба забони мо иртиботи бештар доранд) рӯй меорем.

Забонҳои эронӣ аз рӯйи талаффузи баъзе овозҳо (овозҳои ҷарангдори б, д, г, (b, d, g), вуҷуд доштан ё надоштани овозҳои ч (tč) ва ž(dz), афтидан ё наафтидани овози ҳ (h) ба гурӯҳҳои забонҳои эронии ғарбӣ (ғарбии шимолӣ – модӣ (марҳилаи бостон), портӣ (марҳилаи миёна), курдӣ, толишӣ, симнонӣ, балучӣ ва ғ. (марҳилаи нав), ғарбии ҷанубӣ – форсии бостон (марҳилаи бостонӣ), форсии миёна (марҳилаи миёна), форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ, тотӣ, ҳазора, лаҳҷаҳои Форс ва ғ. (марҳилаи нав) ва гурӯҳи забонҳои шарқӣ (шимоли шарқӣ – скифӣ (марҳилаи бостон), марҳилаи миёна (аланӣ, суғдӣ, хоразмӣ), марҳилаи нав (осетинӣ ё осӣ ва яғнобӣ) ва ҷануби шарқӣ (марҳилаи миёна – сакоӣ, бохтарӣ (кӯшонӣ), марҳилаи нав – афғонӣ (пашту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ, вахонӣ, язғуломӣ, ишкошимӣ) гурӯҳбандӣ шудааст.

Азбаски забони авестоӣ ҳам хусусиятҳои забонҳои ғарбӣ ва ҳам хосиятҳои забонҳои шарқии эрониро дорад, он ба ин гурӯҳҳо дохил карда нашудааст. Фарқияти ин ду гурӯҳи забонҳои эрониро метавон дар намунаи зерин баръало мушоҳида кард. Вожаи «пой» дар забони эронии қадим агар дар шакли pāda вуҷуд дошта бошад, он дар форсии бостон дар шакли «pād» ва дар форсии миёна (паҳлавӣ) дар шакли «pāy» ва дар форсӣ ва тоҷикии имрӯз он дар шакли pā(y) таҳаввули овоӣ пайдо кардааст. Ҳамин калима дар гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дар намунаи забонҳои сакоии аҳди бостон дар шакли

«pād», дар забони аланӣ (осетинии давраи миёнаи рушди забонҳои эронии шарқӣ) ба шакли «fād» ва дар забони осетинӣ (осӣ) ба шакли «fad» тағйири овоӣ пайдо кардааст. Дар нақша ин тағйиротро чунин тасвир кардан мумкин аст.

*pāda (эронии қадим) ↗ *pād → (форсии бостон) → pāy (форсии миёна (паҳлавӣ) →pā(y) (забони тоҷикӣ).

*pāda (эронии қадим) ↘ *pād → (эронии шарқии қадим) → *fād (забони аланӣ) → fād (забони осетинӣ).[1]

Бояд гуфт, ки умумияти забонҳои эронӣ ва ба халқҳои эронии форсҳо, модҳо, ариҳо (сокинони Ҳирот ва атрофи он), бохтариён, суғдиҳо фаҳмо будани забони онҳо на танҳо аз тарафи забоншиносон, балки аз тарафи муаррихон ва ҳатто сайёҳон ба таври махсус қайд шудааст. Масалан, Страбон қайд мекунад, ки форсҳо, модҳо, ариҳо ва суғдиҳо дар асри яки мелодӣ ба забонҳои тақрибан якхела суҳбат мекунанд.[2] Бичурин Н.Я. низ аз гуфтаи сайёҳи Чин Чжан-Тсян (асри II пеш аз мелод) ин нуктаро айнан чунин меорад: «Аз Давон (Фарғона) ба тарафи Ғарб то давлати Анси (Порт), ҳарчанд, ки дар лаҳни гуфтугӯ фарқият зиёд аст, забони онҳо ба ҳамдигар хеле монанд аст ва дар гуфтугӯ ҳамдигарро мефаҳманд».[3]

Ин умумият ва ягонагии забонии мардуми эронитабор ва вуҷуд доштани як забони умумии ориёӣ ҳамчун забони расмии давлатдории шоҳаншоҳиҳои мо дар намунаи катибаи Бесутуни Дориюши Кабир (забони ориёӣ) ва катибаи Работаки Канишкаи Кабир, шоҳаншоҳи Кӯшониён дар ибтидои ҳазораи аввали мелодӣ (забони ориёӣ) дар асари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих». Китоби дуюм. «Аз Ориён то Сомониён» ба таври муфассал баррасӣ шуда, аз ҷумла гуфта

[1] Ниг.: Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М. - 1979. - С. 84.

[2] Ҳамин китоб. - С. 91.

[3] Бичурин Н. Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. - Т. 1-3, 2-е изд., М.-Л., 1950-1953. - Т. II. - С. 161-188.

мешавад: «Ногуфта намонад, ки қабл аз Канишкаи Кабир яке аз бунёдгузорони империяи ҷаҳонии Ҳахоманишӣ – Дорои I дар катибаи Бесутун бо забони ориёӣ китобат шудани навиштаҷоти Бесутунро низ зикр намудааст, ки ин аз мавҷудияти забони умумӣ ва ба ҳамдигар наздики қавмҳои ориёитабор – аз Бохтар кашида то Порс, шаҳодат медиҳад».[1]

Ин маълумоти умумӣ барои он оварда шуд, ки аксари муҳаққиқоне, ки имрӯз дар матбуот оид ба забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои он андешаронӣ мекунанд, мутаассифона, дар бораи масъалаҳои бунёдии забони мо бе донистани асосҳои аввалияи илми забоншиносӣ пешниҳодҳои ба ном «илмӣ» мекунанд. Мо ин амалро дар бахши садонокҳои забони тоҷикӣ дар солҳои охир зиёд мебинем. Бинобар ин тасмим гирифтем, ки дар бораи сайри таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ аз марҳилаи бостон то имрӯз дар асоси пажӯҳишҳои бунёдии илми забоншиносии эронӣ маълумоти мухтасаре пешниҳод намоем.

Пеш аз ҳама аз тамоми забонҳои эронӣ ба забони тоҷикӣ ва сохтори овоиву дастурӣ ва вожагонии он забонҳои марҳилаи бостон - авестоӣ ва форсии бостон, марҳилаи миёна - портӣ, форсии миёна, бохтарӣ (кӯшонӣ) ва суғдӣ таъсири зиёде доранд. Аз ин забонҳо забони форсии бостон ҳамчун забони поягузори забони тоҷикӣ дар аҳди бостон ва забони форсии миёна ҳамчун забони поягузори мустақими забони мо дар аҳди миёна ҳисоб мешаванд ва аз рӯи ақидаи аксари муҳаққиқони эроншинос, шартӣ ҳам бошад, забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) давомдиҳандаи бевоситаи забонҳои форсии бостон ва миёна ба шумор меравад. Забони портӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ ва бохтариву суғдӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дохил мешаванд, дар такомули забони тоҷикӣ нақши муҳиме доштаанд. Бояд ёдовар шуд, ки забони тоҷикӣ дар давраи сароғози пайдоиши худ, пеш аз ҳама, дар минтақаи паҳншавии ин забонҳо, яъне забонҳои портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ пайдо шуда, сипас дар асрҳои XI-XII-и мелодӣ ба қисматҳои дигари Эронзамини таърихӣ густариш ёфтааст. Намунаҳои аввалини осори тоҷикӣ (форсии нав) дар Балху Марв ва Бухорову Самарқанд ин ақидаро собит месозад. Бинобар ин дар шаклгирии меъёрҳои забони адабӣ ин забонҳо таъсири мустақим доранд.

[1]Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2004. - С. 114.

**Забони авестоӣ.** Номи ин забон аз номи китоби муқаддаси зардуштиён, «Авесто» ба таври шартӣ гирифта шудааст. Дар замони мавҷудияташ шакли хаттӣ надошт ё дошта бошад ҳам то ин дам ба дасти пажӯҳишгарон нарасидааст. Дар аҳди салтанати Ҳахоманишиён гӯё ки он ҷамъоварӣ шуда буд, вале аз тарафи ишғолгарони мақдунӣ ба коми оташ кашида шуд ва гӯё як нусхаи он ба Юнон бурда шуд, ки ҳанӯз нопайдост. Аввалин бор аз тарафи Ашкониёни Порт (асри I-и пеш аз мелод) ба шакли хаттӣ баргардонда шуд, вале он ҳам ба дасти мо нарасидааст. Ба гуфтаи Алтҳайм Ф. донишманди олмонӣ «Авесто» дар давраи Кӯшониҳо ба хатти юнонӣ низ таҳия шуда будааст, вале аз он ҳам чизе боқӣ намондааст. Бори охирин дар аҳди Сосониён (асрҳои III-VII баъд аз мелод) бо хати диндабира дар шакли овонавишт ҷамъоварӣ гардид. Матни «Авесто», ки имрӯз дар дасти муҳаққиқон қарор дорад, ҳамон матни таҳияшудаи даврони Сосониён аст, ки дар асрҳои XIII-XIV аз нав китобат шудааст. Ин забон, ки аз қадимтарин забонҳои эронӣ мебошад, аз ду гӯиш – гӯиши қадимӣ (Готҳо) ва гӯиши хурдавесто (яъне Авестои баъдӣ, ки бо дасти мӯбадони модӣ ва форсӣ таҳия шуда буд) иборат аст.

Тавре ки қаблан ёдовар шудем, масъалаи ба кадом гурӯҳи забонҳои эронӣ тааллуқ доштани забони авестоӣ то имрӯз аз тарафи донишмандони эроншинос ба таври мушаххас ҳал нашудааст. Агар қисматҳои қадимии «Авесто» - «Готҳо» бештар аз лиҳози забоншиносӣ хусусиятҳои шарқии эронӣ дошта бошад, пас бахшҳои боқимондаи он бештар хусусиятҳои ғарбиэронӣ (махсусан шимоли ғарбӣ) дорад. Муҳаққиқони муътабари забони авестоӣ П. Тедеско ва А. Мейе ин забонро ба гурӯҳи шимоли ғарбии эронӣ дохил намуда,[1] дар аввал номи ин забонро бо номи забони бохтарии қадим муаррифӣ кардаанд.[2] Зеро аз назари аксарияти авестошиносон бахшҳои аввали он дар Бохтар пайдо шуда, баъдан ба Мод ва марказҳои дигари тамаддуни ориёӣ паҳн шудааст.[3] Тавре ки Ф. Алтҳайм менависад, забони авестоӣ баъд аз муддатҳои тулонии мавҷудияти шифоҳӣ, дар асри VI то мелод аз тарафи шогирдони Зардушт дар аҳди Ҳахоманишиён бо хати оромии ин давра барои бори

---

[1]Tedesco P. Dialektologie der westiranischenTurfan texte. – MO, 1925. - V. 15. - S. 255; Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С. 123.

[2]Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С. 133.

[3]Ҳамин китоб. - С. 131.

аввал китобат шудааст. Искандари Мақдунӣ низ кӯшиш кардааст, ки онро ба хати юнонӣ нависад ва таъсири «Авесто» ва дини зардуштӣ ба тамаддун ва фарҳанги Юнон ба ҳамагон маълум аст. Навишти «Авесто» бо хати оромӣ дар Суғд такмил ёфта, сипас дар давраи Кӯшониён (асри II-и баъд аз мелод) ба таври ҷамъбастӣ бо дар назар гирифтани баъзе хусусиятҳои овоии забони юнонӣ таҳия шудааст.[1] Овозҳои забони авестоӣ ҳамчун забони матрук ба тариқи таҳлили палеографӣ муайян мегардад. Зеро он баъди аз истифода баромадан муддати тӯлонӣ дар шакли шифоҳӣ дар баробари мавҷуд будани шакли хаттии он дар дарборҳои шоҳони вақт вуҷуд дошт. Умуман, пажӯҳишгари матни «Авесто» Ҳофман К. (Hoffmann) матни китоби «Авесто»-ро аз лиҳози густариши таърихӣ ба давраҳои зерин ҷудо мекунад:

1. Ҳолати овоии эронии шарқӣ, ки дар ибтидои вуҷуд доштани «Авесто» муқаррар шуда буд;
2. Инкишофи талаффузи меъёрии илмии матни «Авесто» дар минтақаи ҷануби ғарбии Эрон баъд аз интиқоли он ба ин минтақаҳо;
3. Овонигории матни «Авесто» аз рӯйи суннат ва анъанаҳои талаффузи давраи Сосониҳо (асри IV мелод);
4. Интиқоли хаттии матни «Авесто» дар зери таъсири талаффузи давраҳои охири таназзули мавҷудияти Сосониҳо;
5. Пайдо шудани дастхатҳои баъдии «Авесто» зери таъсири талаффузи давраи баъдии Сосониҳо;
6. Талаффузи **вулгот** бо пайдоиши дастхатҳои баъдӣ;[2]

Азбаски забони авестоӣ забони матрук аст, дар барқарор кардани низоми овоии он ба аломатҳои хаттии он такя шудааст. Алифбои забони авестоӣ дар давраи охири мавҷудияти шоҳаншоҳии Сосониён сохта шудааст. Худи алифбои паҳлавӣ, ки баромади эронӣ дошт, бо кам будани ҳарфҳо (ҳамагӣ 16 аломат) аз дигар алифбоҳо фарқ мекард. Аз ин лиҳоз алифбои авестоӣ аз алифбои паҳлавии китобӣ фарқи куллӣ дорад. То ба ҳол шумораи дақиқи аломатҳо ба таври мушаххас муайян нашудааст. Хусусияти овоии ҳарфҳои алифбои авестоӣ асосан аз рӯи талаффузи парсҳои (зардуштиёни) Ҳинд муосир

[1]Altheim Fr Awestische Textgeschichte. - Halle, 1949. - S. 66.

[2]HoffmannK. Zum Zeichen wertder Avesta. – Festgabedeutscher Iranistenzur 2500 jahrfeier Irans. - Stutgart, 1971. - p. 188; Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С. 132

муайян карда мешавад. Вале азбаски талаффузи онҳо аз лиҳози талаффуз бо гузашти замон ва аз рӯи лаҳҷаҳо фарқият дорад, муқоисаи таърихии онҳо низ сурат мегирад. Тавре ки қаблан зикр кардем, алифбои авестоӣ дар асоси алифбои форсии миёна ё паҳлавӣ бо илова кардани аломатҳо барои мушаххас сохтани овозҳои садонок ва ҳамсадоҳо сохта шудааст. Он аз 48 ҳарф (форсии миёна 16 ҳарф дошт) ва се аломати хос (лигатура) иборат буда, 16 ҳарфи он барои ифодаи садонокҳо ва 34 ҳарфи он барои ифодаи ҳамсадоҳо сохта шуда буд. Овозҳои садонок ва ҳамсадои забони авестоӣ чунинанд.

Садонокҳо: ā, a, ē, e, ə, ə, o, ō, ā, ą, i, ī, u, ū.

Садонокҳои мураккаб (дифтонгҳо) дар ин забон шашто мебошанд: aē, ao, ōi, əu, āi, au

Ҳамсадоҳо: k, g, x, ũ, c, j, t, d, ŋ, δ, t, p, b, f, w, j, j, п, п. m, m, y, v, y, s, z, š, ž, h, h, x.

Тавре ки мебинем, барои ифодаи 14 садоноки хоси забони авестоӣ аз рӯйи хати диндабира 16 аломат гузоштаанд ва садонокҳои ин забон аз ҳафт ҷуфти кутоҳ ва дароз иборат аст. Муҳаққиқон садонокҳои забони авестоиро аввал аз 9 то 14 овоз ва дар солҳои охир шаш садонок ҳисоб кардаанд (a, ā, i, ī, u, ū ).[1]

[1]Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С.143; Benveniste E. le systeme phonologugue de' iranien ancien. - BSL, 1968, T. 63, fase. 1.

# Алифбои авестой



# Намунаи матни забони авестоӣ







Avestan

**Забони форсии бостон.** Забони форсии бостон ё забони ориёӣ, ки Дориюши Кабир дар сангнабиштаи Бесутун (наздикии Кирмоншоҳ) забони форсии бостонро ба ҳамин ном номгузорӣ кардааст, ба ақидаи муҳаққиқони забоншинос баъд аз забони авестоӣ дувумин забонест, ки ба забони тоҷикӣ робитаи бевоситаи хешовандӣ дошта, аз лиҳози сохтори овоӣ, дастурӣ ва вожагонӣ падарбузурги забони мо мебошад.

Забони форсии бостон забони мардуми Форс буда, минтақаи васеи ҷанубу ғарбии Эронро дар бар мегирифт. То ба ин минтақа омадани қабилаҳои форс дар ин ҷо эломиҳо зиндагӣ мекарданд, ки забони онҳо ба забонҳои эронӣ ҳеҷ хешовандие надошт. Дар бораи аз кадом минтақа ба ин ҷо омадани форсҳо фарзияҳо вуҷуд дорад, ки фарзияи қобили қабул аз минтақаи Осиёи Миёна омадани онҳо мебошад. Самти омадани ин қабилаҳо низ мавриди мубоҳиса мебошад. Инчунин тахмин мекунанд, ки қабилаҳои эронӣ 2500 сол пеш аз ҳазораи мо аз Осиёи Миёна ба воситаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ба қисматҳои шимолии Ҳинд сарозер мешаванд ва наздикии забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ дар намунаи Ведоҳо (асотири муқаддаси ҳиндувон) ва «Авесто» (китоби муқаддаси зардуштиён) шоҳиди ин гуфтаҳост. Тахминан дар ҳамин давра ва то ҳазор сол пеш аз солшумории мелодӣ гурӯҳи дигари қабилаҳои эронӣ аз ду самт-яке ба воситаи минтақаҳои имрӯзаи Сиистон ва дигаре ба воситаи атрофи баҳри Хазар бо кӯҳҳои Қафқоз ба минтақаҳои Озарбойҷони ҳозира (атрофи кӯли Урумия) сарозер мешаванд. Бозёфтҳои таърихии минтақаи Сиистону Мекрон нишон медиҳад, ки подшоҳони дудмони Ҳахоманишӣ дар ин давра дар ин минтақаҳо соҳибмулк буданд. Ин собит месозад, ки дудмони Ҳахоманишиён чанд садсола пеш аз пайдо шудани шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар минтақаҳои шарқтари ноҳияҳои марказии Порс ҳукуматҳои маҳаллиро идора мекарданд. Аз тарафи дигар, дар ҳамин давра забони Аншан-Порс ориёӣ ё яке аз лаҳҷаҳои форсии бостон будааст.

Аз қисмати кӯҳҳои Қафқоз ва атрофи баҳри Хазар омадани қабилаҳои эронӣ ба қисмати Эрони ғарбӣ низ садсолаҳо идома ёфта, дар ин бора шоҳидҳои таърихӣ зиёданд. Махсусан, санадҳои таърихии давлатҳои Байнаннаҳрайн ва муносибати онҳо бо қавмҳои эронии ҳаммарзи онҳо ба мо имконият медиҳад, ки ҳаракати қабилаҳои форсро аз наздикии кӯли Урумия (Озарбойҷони Эрон) то минтақаҳои Порси имрӯза дар байни

дусад то сесад соли то пайдошавии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён бо санадҳои таърихӣ назорат намоем:

1. Маълумоти аввалин аст, ки дар соли 836 то солшумории мелодӣ подшоҳи ошурӣ Салмонассари III аз як вилояти ба ном Парсуаш (Parsuaš) - Порс боҷ гирифтааст. Ин вилоят дар минтақаи ҷанубтари кӯли Урумия мавқеият доштааст. Ин вилоят дар навиштаҳои Халдҳо бо номи Бафшуа (Bafšua) вомехӯрад;
2. Дар соли 743 қабл аз солшумории мелодӣ Тиглатпаласар, подшоҳи дигари ошуриҳо ба муқобили қабилаҳои Порс дар минтақаи ҷанубтари кӯҳҳои Загрос ҳуҷум мекунад. Яъне баъди қариб сад сол қабилаҳои порсӣ дар тақрибан наздикии минтақаи будубоши худ қарор доштанд;
3. Дар соли 693 то мелод Сенахариб подшоҳи дигари ошуриҳо ба муқобили Элом ба ҷанг бармехезад, ки Порсҳо ва Аншан (бахше аз Элом) иттифоқчиёни ӯ буданд. Баъд аз тахминан панҷоҳ сол Порс ҳамчун як вилояти алоҳида дар наздикии Аншан (ин минтақа минбаъд маркази Порсҳо мешавад) номбар шудааст;
4. Дар давраи ҳукмронии Ашшурбанипал, шоҳи ошуриҳо Куруши I (писари Чишпиши Ҳахоманиш) шоҳи Порс аввал тобеъ ва иттифоқчии Ошур ва сипас тобеи давлати Мод буд.

Ҳамин тариқ метавон чунин хулоса кард, ки забони ориёӣ (форсии бостон) аз Осиёи Миёна дар ҳазораи аввали пеш аз мелод ба минтақаи Порс ҳамчун як забони алоҳида аз забони модӣ ё баъдан портӣ ё ҳамчун як лаҳҷаи забони умумии ориёии минтақаи паҳновари Эронзамини бостонӣ омада аст.

Дар ин давра, яъне давраи Ҳахоманишӣ забони зиндаи гуфтории мардуми Порс ё забони дарбории Ҳахоманишиёӣ будани забони ориёӣ маълум нест. Хаттӣ будани забони модӣ ҳам маълум нест. Ҳол он ки он забони расмии шоҳаншоҳии модҳо буда, муносибати ин забон бо забони форсии бостон бояд дар пажӯҳишҳои эроншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Забони форсии бостон аз рӯи боқимондаҳои навиштаҷоти мехӣ аз давраи ҳукмронии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён (асрҳои VI-IV-и то мелод) ба мо ошно аст. Махсусан, қисмати бештари ин сангнавиштаҳои мехӣ ба давраи ҳукмронии Дориюши Кабир (солҳои 521-486 то мелод) ва писари ӯ Хашиёршоҳ (Ксеркс дар навишти юнонӣ) (солҳои 486-465 то мелод) рост меояд. Ин навиштаҳо дар девору тиреза ва дарҳои мақбараҳои шоҳони Ҳахоманишӣ дар пойтахтҳои ин шоҳаншоҳӣ Пасаргад ва Суза, мақба-

раҳои Нақши Рустам (наздикии Шероз) бештар болои сангҳо нигошта шудаанд. Сангнавиштаи аз ҳама бузурги ин забон ба Дориюши Кабир тааллуқ дорад, ки дар кӯҳи Беҳистун (Бесутун) бо амри ин шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ ҳаккокӣ шудааст. Дар ин сангнавиштаҳо яке аз лаҳҷаҳои вилояти Форс инъикос ёфтааст, ки дар илми забоншиносӣ шартан онро «забони форсии бостон» номгузорӣ кардаанд.[1]

Ба ҳамаи пажӯҳишгарон ба таври равшану бармало маълум аст, ки забоншиносӣ дар асоси рақаму далелҳои мушаххас омӯхта мешавад ва тартиби усулҳои он ба усулҳои риёзӣ хеле шабоҳат дорад. Биноан илми забоншиносӣ дар пояи илмҳои дақиқ қарор дорад. Вобаста ба ин имрӯз дар эроншиносӣ барои номгузории забони марҳилаи бостонии таърихи рушди забонҳои эронӣ ду далел вуҷуд дорад, ки ин номгузориро мушаххас мегардонад. Яке аз ин далелҳо сангнабиштаҳо ё сангнигораҳои Дориюши Кабир ё Дорои I-(521-486 то мелод) дар Бистун (ба таври иштибоҳӣ Бисутун ҳам менависанд) аст, ки дар он бо се забони давраи бостон забон ва хати форсии бостон, эломии нав ва аккодӣ (ба гӯйиши бобулии нав), аз давраҳои аввали салтанати Дорои I ҳикоят шудааст. Ин сангнигораҳо дар маҷмӯъ аз 1119 сатр иборат буда, дар солҳои 520-521 пеш аз мелод бо фармони ин шоҳи бузург дар девори кӯҳ дар баландии 10 метр ҳаккокӣ шудааст. Дарозии матн 20 метр, баландии он 8 метр буда, бузургтарин сангнавишта дар ҷаҳон мебошад. Аз навиштаи ин матн муаррихону нависандагон ва ҷаҳонгардони зиёде дар асару сафарномаҳои худ ҳикоят кардаанд.

Пеш аз ҳама худи вожаи «Бесутун» ва маънои решавии он хеле ҷолиб аст. Дар назари аввал чунин менамояд, ки маънои ин вожа кӯҳест, ки сутун надорад. Вале агар ҷиддитар ва аз лиҳози решашиносии забонӣ ин вожа таҳқиқ шавад, он тамоман маънои дигар мегирад. Асли ин калима дар матнҳои қадим (форсии бостон) дар шакли «багастана/бағастана» (бағ- худо) ба маънои ҷойгоҳи худо омадааст. Баъдан бо мурури замон он тағйири шакл карда ба шаклҳои «беҳистон/бистун/боғистон/бустон» омадааст. Дар навиштаҳои ҷаҳонгардон ва таърихнависони ҷаҳони қадим, масалан таърихнависи юнонӣ Дидориси Ситсилӣ (садаи аввали пеш аз мелод) дар забони юнонӣ ба шакли «Боғистанун» истифода шудааст. Ҳамин таърихнавис бо истинод

---

[1] Языки Азии и Африки. - М., Наука, 1978. - С. 8.

ба навиштаҳои дигар ҳикоят мекунад, ки эрониён кӯҳистони Бесутунро ҷойгоҳ ва аз они худои бузурги хеш Аҳурамаздо медонанд. Ҳамин ном дар асарҳои муаррихони баъдӣ, махсусан дар навиштаҳои ҷуғрофидонони исломӣ ва баъдтар дар забонҳои аврупоӣ (англисӣ), ба гунаи талаффузи паҳлавӣ дар шакли «Беҳистун» (Behistun) вомехурад.

Сангнабиштаи Бесутун шояд нахустин катиба ва осори хаттӣ дар таърихи инкишофи забонҳои эронӣ ва хусусан забони форсӣ бошад, зеро то ин дам чунин катибае ба забонҳои эронӣ, ки қабл аз он таҳия шуда бошад, ба даст наомадааст. Аз рӯи ҳамин хулосабандӣ Дориюши бузургро ба ҳайси аввалин ва куҳантарин таърихнависи эронӣ муаррифӣ кардан мумкин аст. Ин катиба на танҳо аҳамияти таърихӣ дорад, балки арзиши он ҳамчун як сарчашма ва маъхази илмӣ барои пажӯҳиши таърихи забонҳои эронӣ, дигаргуниҳо ва тағйироти вожагон, номҳои касон ва ҷуғрофӣ, шаҳрҳо, рӯдҳо, кӯҳҳо, тарзи нигориши матнҳо, гоҳшуморӣ ва тақвими эрониёни бостон, хулоса барои таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳо ва паҳлуҳои гуногуни забону фарҳанги он давра беназир аст. Дар матни ин катиба аввал Дориюш дар бораи насабномаи худ дар бандҳои 1-2 ва сатрҳои 1-6 маълумоти муфассал медиҳад, ки барои ҷолиб будан ва аҳамияти забонӣ доштани он бахши насабномаи ӯро айнан меорем: «Ман Дориюш, шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, шоҳ дар Парса (Порс), шоҳи сарзаминҳо, писари Виштоспа (Виштосп), нуваи (набераи) Аршамаи (Аршом) Ҳахоманишӣ.

Дориюш шоҳ гӯяд: Падари ман Виштосп, падари Виштосп Аршом, падари Аршом Ориёрамна, падари Ориёрамна Чишпиш, падари Чишпиш Ҳахоманиш аст.»

Сипас Дориюш дар бораи ҷангҳояш бо шӯришгарон ва тобеъ намудани кишварҳои дигар, ки аввал шумораи онҳо ба 23 ва сипас ба 30 мерасад, ҳикоят мекунад. Дар номгӯи ин кишварҳо вилоятҳои сарзамини Осиёи Миёна низ ворид шудаанд, ки аз лиҳози вожашиносии таърихӣ хеле муҳим аст,монанди Парсава-Порт, Ҳарайва-Ҳирот, Увворазмий (Хоразм), Бохтриш (Балх), Сугуда (Суғд), Маргуш (Марв), Сако (Сакистон). Дар ин катиба муфассал бо сабти дақиқи замон (моҳҳо ва солшуморӣ бо тақвими ориёӣ мебошад ва гоҳшумории ориёӣ аз аввали тирамоҳ оғоз шуда, номи моҳи аввали онҳо Бағаёдайш (Бағйодӣ) ном дошт) ва номи саркардаҳо, кишварҳо бо ҳодисаҳои ду се соли аввали ҳукмронии Дориюш нақл мешавад. Инчунин дар охир

барои пасомадон ҳимоя ва нигоҳдории ин сангнабиштаро таъкид карда, баъзе ёрону ҳамсафони худро низ ёд кардааст.

Дар ин катиба ҳамагӣ дар ду ҷой аз вожаи «ориё ва ориёӣ» истифода шудааст. Он ҳам яке дар матни эломии катиба, ки «Аҳурамаздо худои ориён» (банди 12, сутуни чорум) гуфта шудааст. Аз ин матн чунин хулоса кардан мумкин аст, ки тамоми қавмҳои ориёии давраи Ҳахоманишиён ба Аҳурамаздо саҷда карда, ӯро худои ягонаи худ медонистанд. Дар худи матни катибаи Дариюш низ ин ақида, яъне парастиши Аҳурамаздо ҳамчун худои ягона борҳо таъкид шудааст. Ҳатто агар матни сангнабиштаҳои аввал бо матни се соли баъд муқоиса шавад, мебинем, ки Дориюш дар соли аввали салтанати хеш худоёни дигар қавмҳоро низ бо чашми эҳтиром менигарист, вале дар навиштаҳои дигари худ, ки баъдтар таҳия шудааст, фақат аз худои ягона, аз Аҳурамаздо сухан мегӯяд ва дигар худоёнро умуман ном намебарад.

Ҷои дигаре, ки дар катибаи Дориюши бузург вожаи ориёӣ сабт шудааст ва то ба ҳол аз тарафи муҳаққиқон ба таври дуруст ва пурра хонда нашудааст, банди 20 сатрҳои 89-92 ё дурусттараш сатри 89 мебошад. Ин матн то ба ҳол чунин бозхонӣ шудааст. «Дориюш гӯяд: Ба хости Аҳурамаздо ин аст набиштае, ки ман кардам. Афзун дар ин ба «ориё» (ориёӣ). Ҳам бар рӯи пӯст (пӯсти дарахт/лавҳи гилин) ва ҳам бар рӯи чарм тасниф шуд. Пайкараи худамро ҳам барсохтам. Таборномаамро ҳам гузориш кардам. Инҳо дар пеши ман навишта ва хонда шуд ва гувоҳӣ (муҳр) шуд. Он гоҳ ман ин набиштаро ба ҳама ҷо дар миёни сарзаминҳо фиристодам. Мардум ёрӣ карданд».

Тарҷумаи русии он матн ба тариқи зерин аст: «Милостью Аҳурамазды, эта надпись которую я сделал кроме как на арийском языке она была также на глиняных табличках и на коже. Кроме того, я изготовил свое скульптурное изображение. Кроме того, я свое родословие составил. Это написано и прочтено мне. Затем и эту надпись послал во все страны».[1] Агар ҳар дуи ин матнҳо муқоиса шавад, фарқияти онҳо ба равшанӣ маълум мешавад. Аз матни русӣ баръало маълум мешавад, ки Дориюш навиштаи худро ба забони ориёӣ навиштааст. Дар худи матн фақат дар ҳамин ҷо забони катиба, ки «ба ориёӣ» будааст, нишон дода шудааст. Дориюш дигар дар ягон ҷои дигари матн

[1] Луконин В. Г. Искусство Древнего Ирана. - М., 1987. – С. 51.

номи забони катибаи хешро нагирифтааст. Яъне маълум мешавад, ки дар он замон номи забон ва хатти ориёӣ маълум будааст.

Албатта, муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон дар иртибот бо ин мавзӯъ тахминҳои дигаре мезананд, ки гӯё дар ин ҷо масъалаи хати ориёӣ матраҳ аст. Тавре, ки таҳиягари китоби «Бесутун, катибаи Дориюши Бузург»-мегӯяд «Яке аз ҷангҷолитарин бахшҳои Катибаи Дориюш» банди поёнии сутуни чаҳорум (сатри 89) мебошад, ки аз нигориш ё тарҷумаи дигаре аз катиба ба «ориёӣ» (хат ё забон?) ёд мекунад, ки тарҷумаи дақиқи он метавонад равшангари бисёре аз ногуфтаҳо дар бораи замони пайдоиши хати мехии порсии бостон бошад, ки имрӯзҳо маҳалли ихтилофи назари фаровон аст».[1] Баъдан ӯ зикр мекунад, ки аз тарафи дигар аз подшоҳон ва шоҳони маҳаллии Ҳахоманишиён баъд аз Дориюш низ бо ин хат осору сангнабиштаҳои зиёде боқӣ мондааст, ки баъзеи онҳо бо номи шоҳони гузашта навишта шудааст. Мутаассифона, ин қисмати сангнабиштаи Дориюш хеле осеб дидааст ва бо кӯшишу эҳтимоми зиёд ва аксбардориҳои дақиқ нигоҳ накарда то имрӯз ба куллӣ ва пуррагӣ матни он комилан ва аниқ хонда нашудааст. Дар поёни ин банд равшан таъкид шудааст, ки навиштаҳои ориёӣ ва рӯнавиштҳои он ба сарзаминҳои дигар низ фиристода шудааст. Намунаҳои он дар Миср ва Бобул низ пайдо шудааст, ки онро ба хат ва забони оромӣ медонанд. Ҳол он ки дар сурати дақиқ муайян кардани хусусиятҳои ин набиштаҳо шояд, ки номи ин набиштаҳо ва забони онро ориёӣ гузорем. Ин аст ба таври мухтасар ақидаи таҳиягари китоби «Бесутун, катибаи Дориюши бузург» Ризо Муродии Ғиёсободӣ. Вале эҳтимоли қавӣ меравад, ки худи навиштаҳои Дориюши Бузург, ки имрӯз номи онро шартан забони форсии бостон гузоштаанд, ба забон ва хатти ориёӣ навишта шудааст ва забони форсии бостон ва ориёӣ як забон буда, дар замони салтанати Ҳахоманишиён забони расмӣ ва меъёрии на танҳо қабилаҳои форс, балки тамоми эронитаборони ҳамон замон будааст.

Забони форсии бостон дар маҷмӯъ 36 аломати ҳарфӣ дорад, ки онҳо дар шакли танҳо ё ҷуфт якҷо бо садонокҳо, мисли b ё ba, č ё ča, d ё da хонда мешаванд. Инчунин ин забон дорои панҷ ҳузвориш (идеограмма - ишораи яклухти калимаи алоҳида дар навишт) барои калимаҳои хшайасия (xšayasiya) – шоҳ, данйауш (dahyāuš) – вилоят, устон, бумиш (būmiš) – замин (бумӣ – и тоҷикӣ ба маънои таҳҷоӣ аз

[1] Ризо Муродии Ғиёсободӣ. Бесутун, катибаи Дориюши Бузург, Теҳрон.

ҳамин вожа аст), Аурамазда (A(h)uramazdā) Аҳуромаздо, Худованди зардуштиён ва бага (baga) Худо (ин калима дар номвожаҳои Бағдод, Бағлон, Беҳистон маҳфуз мондааст) мебошад.

Садонокҳои забони форсии бостон аз шаш садоноки одӣ (се садоноки кутоҳ ва се садоноки дароз) i – ī, a – ā, u – ū ва чор садоноки мураккаб (дифтонг) ai, au, āi, āu иборат мебошад. Имрӯз муҳаққиқон аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои охир пешниҳод намудаанд, ки садонокҳои мураккаби ai ва au дар давраи инкишофи форсии бостон (то сангнавиштаҳои Дориюши Кабир) ба як овози садонок дар шакли ai→ē ва au→ō табдил ёфта буданд,[1] вале ин тағйирот дар хат ва алифбои форсии бостон ворид нашудааст. Дар забони форсии бостон 22 ҳамсадо вуҷуд дошта, хати он аз чап ба рост навишта мешуд.

## Алифбои забони форсии бостон:




[1]BrandensteinW. und Mayrhofer M., Handbuch des Altpervsischen. - Wiesbaden, 1961. -S. 29-30; Языки Азиии Африки. - М.: Наука, 1978. - С.21.

## Намунаи матни форсии бостон



Дар бораи хат ва имлои забонҳои модӣ ва сакоӣ маълумоти мушаххас дар даст нест. Ҳарчанд забони модӣ дар минтақаи паҳновари Эрони ғарбӣ забони гуфтугӯӣ ё шояд расмии шоҳаншоҳии Мод будааст. Азбаски хати шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён хати мехӣ буда, ба хатҳои давлатҳои Аккад ва Ошур ҳеҷ қаробату наздикие надорад, муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки шояд байни забони форсии бостон ва забони модӣ дар масъалаи хату алифбо умумияте вуҷуд дошта бошад. Ба ҳар ҳол, аз забонҳои модӣ ва сакоии эронӣ ба ҷуз аз вожаҳои алоҳида ва онҳо ҳам дар гунаи навиштаи муаррихони хориҷиву номҳои ҷуғрофӣ, дигар осоре боқӣ намонда аст.

**§2. Овозҳо ва хати забонҳои эронии давраи миёна.** Аз давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ ба таркиби вожагон, сохтори овоӣ ва дастурии забони тоҷикӣ забонҳои портӣ, форсии миёна ба таври мустақим ва бевосита ҳамчун шакли мобайнӣ дар рушди забони тоҷикӣ (аз як тараф забони авестоӣ ва забони форсии бостон, аз тарафи дигар худи забони тоҷикӣ) алоқаманд мебошанд. Ин забонҳо ба гурӯҳи забонҳои ғарбӣ (забони форсии миёна – ҷануби ғарбӣ ва портӣ – шимоли ғарбӣ) тааллуқ доранд. Албатта, дар бораи алоқамандии мустақими забонҳои форсии бостон, форсии миёна, портӣ, суғдӣ, бохтарӣ ба забонҳои нави эронӣ, масалан забони тоҷикии имрӯз бо пайдо шудани маводи нав баҳсҳо хеле зиёд аст, чунки на аз лиҳози пайдарҳамии таърихиву замонӣ ва на аз лиҳози тағйирёбиҳои сифатӣ натиҷагириҳои бархе аз донишмандон ба тақсимбандии анъанавӣ ва суннатии забонҳои эронӣ мувофиқат намекунанд. Аз забонҳои шарқии эронӣ нақши забонҳои бохтарӣ ва суғдӣ дар густариши забони тоҷикӣ зиёд аст. Дар мавриди забони суғдӣ тадқиқу пажӯҳишҳо хеле зиёд аст ва тақрибан андозаи таъсири он ба забони тоҷикӣ маълум аст. Вале дар бораи ду забони дигар – бохтарӣ ва хоразмӣ ба таври алоҳида бояд сухан гуфт. Махсусан, забони бохтарӣ, ки дар қаламрави густариши забони тоҷикӣ аз асри яки мелодӣ то солҳои 560-570 мелодӣ (аз оғози давраи Кӯшониён то шикасти давлати Ҳайтолиён аз тарафи туркҳо ва Сосониён) ҳам дар Бохтар ва ҳам дар Суғд забони расмии давлатӣ буд, дар пайдоиш ва густариши забони тоҷикӣ нақши ҳалкунанда дорад. Зеро забони мо қабл аз ҳама дар ҳамин минтақаҳо пайдо шуда, сипас ба тарафи ғарби Эрон ва дигар сарзаминҳо паҳн шудааст.

**Забони портӣ.** Забони портӣ ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ (шимоли ғарбӣ) дохил буда, он забони модарии портҳо мебошад. Порт (Parθava) яке аз вилоятҳои бостонии ориёӣ мебошад, ки аз давраи шоҳигарии Модҳо ва Ҳахоманишиён маълум буда ва яке аз сатрапиҳои (вилоятҳои) ин давлатҳо ба ҳисоб мерафт. Дар замони мо ин сарзамин бахше аз вилоятҳои (устонҳои) Хуросону Гургону Мозандарон ва қисмати хурде аз бахши ҷануби ғарбии Туркманистонро ташкил мекунад.

Номи ин минтақа дар катибаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён борҳо вомехӯрад. Дар даврони ҳукмронии шоҳони Мод яке аз вилоятҳои сарҳадии он ҳисоб мешуд. Ин кишвар бештар кӯҳистонӣ буда, дар қисмати ҷануби шарқии

баҳри Хазар воқеъ буд. Ҳамсоягони он аз ғарб кишвари Мод, аз шимолу шарқ Гиркания (Гургони муосир), аз шимол Хоразм, аз шарқ Марғиана (Марв ва аз пушти он Бохтар) аз ҷануби шарқ Арея (Ҳироти имрӯза) ва аз ҷануб Кирмон буданд. Дар давраи аввали ҳукмронии Ҳахоманишиён сатрапи (волии) Порту Гиркания падари Дорои III Виштосп буд. Ин кишвар чанд пойтахт дошт, ки аввал шаҳри Арсак, баъд шаҳри Нисо (наздикии Ашқобод) пойтахтҳои ин кишвар ҳисоб мешуданд. Баъдан бо қудрат ёфтан ва тавсеаи шоҳаншоҳӣ пойтахт ба шаҳри Экбатан (Ҳамадон) ва сипас ба шаҳри Ктесифон (Тайсафун) дар қисмати ҷануби Эронзамин кӯчид. Харобаҳои ин шаҳр дар наздикии шаҳри Бағдоди Ироқ ҳанӯз боқист.

Ба воситаи Порт роҳҳои корвонгард аз Мод ба сӯи Бохтар ва аз Гиркания ба Ориё (Ҳирот) мегузашт ва дар соли 330 - қабл аз мелод Искандари Мақдунӣ ба воситаи ҳамин роҳҳо ба Порт дохил шуд ва онро забт кард ва баъди барҳам хӯрдани империяи ӯ аз соли 312 то мелод то 250 то мелод он дар ҳайати давлати Селевкиҳо қарор дошт. Давлати Порт дар давраи Ашкониёни Порт (250 то мелод-224 баъди мелод) мустақил шуд. Асосгузори ин давлат Аршаки I ё Ашки аввал ба муқобили Селевкиҳо ҷанг эълон кард, вале баъд аз ду сол кушта шуд. Ҷонишини ӯ Тиридоти I Порт ва Гирканияро аз юнониҳо озод кард ва қабилаҳои сокини атрофи баҳри Каспийро тобеъ карда давлати мустақили Портро асос гузошт.

Пойтахти он шаҳри Ҳазорсутун (Гекатампилос) гардид, ки харобаҳои он ҳоло дар наздикии Шоҳрӯди шимоли Хуросони Эрон воқеъ аст. Баъдан, дар давраи Меҳрдоди аввал (174-136 то мелод) ин давлат минтақаҳои Мод, Атропатен (Озарбойҷон), Элом, Порс, Бобул, Арманистон, Марвро ба худ ҳамроҳ кард ва ба як шоҳаншоҳии бузурги даврони бостон табдил ёфта, рақиби асосии Рими қадим гардид. Ин шоҳаншоҳӣ бо Чин роҳи доимии корвонгард кушода, ба тиҷорати ҷаҳони он замон мусоидат мекард ва дар низоми бозаргонии он давр нақши давлати мобайниро иҷро мекард. Ин давлат 476 сол вуҷуд дошт ва ҷои худро ба шоҳаншоҳии Сосониён дод. Асосгузори давлати Сосониён Ардашери аввал дар набард бо подшоҳи Порт Артабони V дар наздикии Суза ғолиб омада, соли 226 пойтахти он шаҳри Тайсафунро ишғол кард ва баъди он тамоми кишварҳои тобеи Порт ба итоати Сосониён даромаданд. Дар давраи аввали подшоҳии Сосониён забони портӣ дар баробари забони

форсии миёна ба таври расмӣ истифода мегардад, ки намунаи навиштаҷотҳои дузабона ва сезабонаи Сосониён аз ин давра боқӣ монда аст. Баъд аз ислоҳоти маъмурии давлати Сосониён Порт ва ду вилояти дигар бо ҳам муттаҳид карда шуда, ин вилоят Абаршаҳр ном гирифт. Ҳамин тариқ ба тариқи расмӣ номи Порт аз номҳои ҷуғрофӣ мансух гардид ва оҳиста-оҳиста номи ин кишвари таърихӣ рӯ ба фаромӯшӣ гузошт.

Забони портӣ забони расмӣ ва давлатии шоҳаншоҳии Ашкониёни Порт (250 то мелод-224 баъди мелод) буда, аз ин забон навиштаҳои бойгонии шоҳони ин сулола аз пойтахти аввали онҳо ш. Нисо - наздикии Ашқободи имрӯза (шакли дурусти ин калима Ашкобод аз номи шоҳи аввали портҳо Ашки аввал гирифта шудааст, ки дар ин ҷо тоҷгузорӣ кардааст) дар садаи аввали ҳазораи якуми мелодӣ ва навиштаҳои шоҳони Сосонӣ ва инчунин катибаҳои монавии портӣ аз Турфони Чин боқӣ мондааст.

Ин забон дар давраи аввали подшоҳии Ашкониён ҳамроҳ бо забони юнонӣ ва баъдан аз давраи Мехрдоди I (солҳои 171-132 то мелод) танҳо забони расмӣ ва давлатии Ашкониёни Порт мегардад. Баъзе муҳаққиқон изҳор доштаанд, ки шояд аз ибтидои садаи III то мелод забони портӣ забони расмии давлатдории Порт қарор гирифта бошад. Бозёфти навиштаҳои болои зарфҳо аз Нисо дар ин бора шаҳодат медиҳанд.[1]

Осори забони портӣ аз давраи Ҳахоманишиён ба даст наомадааст, ҳарчанд номи Порт ва портҳо дар катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ зиёд дида мешавад. Дар давраи ҳукмронии юнониҳо забони расмии Порт забони юнонӣ буд. Дар давраи аввали шоҳони Порт забони расмӣ юнонӣ буда аз шоҳони ашконӣ ба ин забон катибаҳое боқӣ мондааст ва ашрофони Порт минбаъд ҳам забони юнониро хуб медонистанд. Аввалин намунаҳои бозёфтшуда ба забони портӣ ба аввали ҳазораи мелодӣ (асри I баъди мелод) рост меояд. Намунаҳои зиёде ба забони портӣ аз харобаҳои шаҳри Нисо (2000 намуна) пайдо гардид. Дар солҳои 1893 то 1911 дар Туркистони шарқӣ (Чин) маводи зиёде пайдо шуд, ки аксари онҳо ба забони портӣ буда, матнҳои дини монавиро фаро мегирифтанд. Аксарияти ин осор, ки аз тарафи пажӯҳишгарони олмонӣ дар муддати се сафари илмӣ ҷамъоварӣ шуда буданд, дар шаҳрҳои Лондон ва Берлин нигаҳдорӣ

[1] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 156.

мешаванд. Бахше, ки аз тарафи муҳаққиқони рус ҷамъоварӣ шуда буд, дар ш. Санкт-Петербурги Россия нигаҳдорӣ мешавад.

Аз рӯи санадҳои таърихӣ густариши дини монавӣ дар Порт дар асри III бо номи яке аз ҳамсафони Монӣ, тарғибгари фаъоли ин дин Мар Аммо сахт алоқаманд аст. Мар Аммо ҳамроҳи яке аз шоҳзодаҳои Порт бо номи Ардавон бо супориши шахсии Монӣ ба Порт омада, ба таблиғи дини монӣ оғоз кард. Ӯ ба забони портӣ осори зиёде аз худ боқӣ гузошт ва барои равнақи адабиёти Порт нақши муҳимме бозид. Ӯ асари Мониро ба забони портӣ тарҷума карда, инчунин муаллифи асарҳои гуногуне ба забони портӣ мебошад. Аксарияти осори дини монавия ба забони портӣ дар асрҳои III-IV навишта шудаанд, ки дар ин давр забони портӣ забони зинда буд. Дар охири асри VI байни диндорони монавия мухолифат афтода, мазҳаби динаварӣ пайдо мешавад ва маркази ин секта шаҳри Самарқанд буд. Ин боис гардид, ки дар ин ҷо адабиёти зиёде ба забони портӣ пайдо шавад, вале дар ин замон забони портӣ аз истифодаи умум афтода ва танҳо ба забони динии монавиён табдил ёфта буд.

Забони портӣ аз рӯи таҳлили осори бадастомада як забони миёнаи эронист, ки аз шакли бостонии умумиэронӣ хеле фарқ мекунад. Дар ин забон категорияи ҷинсият комилан аз байн рафтааст. Низоми феълии он ба куллӣ тағйир ёфта, аз низоми тасрифӣ (синтетикӣ) ба ҳолати таҳлилӣ (аналитикӣ) гузоштааст. Марҳилаҳои рушди ин забон ду давраро дар бар мегирад. Давраи аввал ё оғозин, ки аз рӯи ҳуҷҷатҳои аз шаҳри Нисо пайдошуда бархе аз осори то давраи сосонӣ муайян мегардад. Давраи дуюм ё баъдӣ бештар ҳуҷҷатҳо ва осори дини монавияро дар бар мегирад, ки ба асрҳои IV-VI мелодӣ иртибот дорад.

Забони портӣ эҳтимолан дар асрҳои V-VI аз байн рафтааст. Аз лаҳҷаҳо ва гӯишҳои имрӯза гӯишҳои марказии Эрон (симнонӣ ва ғайра) ба ин забон қаробат доранд, зеро ба гурӯҳи шимоли ғарбӣ мансубанд. Вале ҳеҷ кадоме аз ин гӯишҳо давоми бевоситаи забони портӣ намебошанд.

Ин забон ба забони форсии миёна хеле наздик аст. Бинобар ин дар таҳқиқот ва пажӯҳишҳои донишмандони Эрон бо номи паҳлавии ашконӣ ё паҳлавии шимолӣ дар баробари паҳлавии сосонӣ ё паҳлавии ҷанубӣ ёд мегардад. Вале дар пажӯҳишҳои

ховаршиносони аврупоӣ ҳамчун забони портӣ ба таври алоҳида ва мустақил оварда мешавад.

Алифбои забони портӣ дар асоси хати оромӣ сохта шудааст. Бинобар ин дар ин забон садонокҳои кутоҳ ва ҳатто баъзеи садонокҳои дарозро наменавиштанд.

Хати забони портӣ, махсусан давраи аввал аз ҳузворишҳо пур буда, хондани матнҳои портиро душвор мегардонад. Хусусиятҳои морфологӣ ва овоии (фонетикии) забони портӣ асосан аз рӯйи навиштаҳои монавӣ, ки бо алифбои фонетикӣ буда, бе идеограммаҳо навишта шудааст, омӯхта мешавад. Ин навиштаҳо ба асри III баъди мелод тааллуқ доранд. Алифбои портии монавӣ дар асоси алифбои палмирии оромӣ сохта шуда, 22 аломат дорад ва садонокҳоро дар он бо аломатҳои алоҳида ишора мекарданд.

Садонокҳои портӣ то ҳанӯз ба таври мушаххас муайян нашудааст, вале муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки садонокҳои забони портӣ ба монанди садонокҳои форсии миёна аз шаш овози сода a, ā, i, ī,u, ū, o, ē (кутоҳу дарози a – ā, i – ī, u – ū) ва шаш овози мураккаб- ai, ay, āy, au, au, āu иборат буданд.

Ҳамсадоҳои забони портӣ бо ҳамсадоҳои забони форсии миёна ҳамгун буда аз 22 овоз иборат аст: p, t, k, b, d, g, č, j, f, s, š, x, h, y, γ, z, ž, m, n, l, r, y.

Бояд гуфт, ки забони портӣ забони ибодатгузории на танҳо монавиёни Порт, балки монавиёни Суғд ҳам буд. Суғдиён барои иҷрои расму суннатҳои дини монавӣ аз забони портӣ истифода карда, калимаҳо ва таркибҳои дуо ва сурудҳои монавиро бо хати суғдии худ айнан менавиштанд, ки барои муайян кардани талаффузи дурусти баъзе садонокҳо ва ҳамсадоҳои ин забон аҳамияти бузурге доштанд.

# Алифбои портӣ (паҳлавии ашконӣ)

| Дар хузворишҳо | Дар вожаҳои паҳлавии ашконӣ | Ҳарф |
|---|---|---|
| ɔ | ɔ | |
| B | b | |
| G | g | |
| D | d | |
| H | - | |
| W | w | |
| Z | z | |
| H | h | |
| T | - | |
| Y | y | |
| K | k | |
| L | l | |
| M | m | |
| N | n | |
| S | s | |
| C | - | |
| P | p | |
| C/S | c | |
| Q | - | |
| R | r | |
| S | š | |
| T | t | |



## Намунаи матни портӣ бо хати монавӣ




**Забони форсии миёна.** Забони форсии миёна ё паҳлавии сосонӣ яке аз забонҳои эронии ҷануби ғарбӣ буда, давоми бевоситаи забони форсии бостон мебошад. Он дар минтақаи Форси ҷануби Эрон шакл гирифта, дар давоми шоҳаншоҳии Ашкониёни Порт мавриди истифодаи расмӣ қарор гирифта

буд, ки намунаҳое аз сиккаҳои ин давра аз он шаҳодат медиҳанд. Маркази асосии вилояти Порс дар ин давра шаҳри Истахр буд, ки минбаъд яке аз пойтахтҳои шоҳони Сосонӣ гардид. Дар давраи аввал забони форсии миёна дар ду вилояти ҳамсарҳади Мекрон ва Кирмон низ мавриди истифодаи умум қарор дошт. Метавон тахмин зад, ки дар давраи ҳукмронии Порт забони гуфтугӯии ин се минтақа забони форсии миёна буд. Бесабаб нест, ки асосгузори сулолаи Сосониён Ардашери Бобакон дар вилояти Кирмон шаҳре бо номи Веҳ-Ардашер дар ҷои шаҳри ҳозираи Кирмон бунёд кард. Баъдан бо мурури замон ин забон ба тарафи шимолу шарқ паҳн гардид ва дар давраи Сосониён (224-651) забони расмӣ ва динии тамоми шоҳаншоҳӣ гардид. Забони мавриди истифодаи ҳам дини зардуштӣ ва ҳам дини монавия буд. Мавҷудияти расмии хронологии он беш аз ҳазор солро (асрҳои IV пеш аз мелод - VII-VIII баъди мелод) дарбар гирифта, баъд аз он ҳам забони динии зардуштиён дар баробари забони авестоӣ буд. Рушду густариши забони форсии миёна ба ду марҳила тақсим мешавад. Давраи аввал бо номи паҳлавии ашконӣ - давраи истифодаи ин забон дар шоҳаншоҳии Порт ва давраи дувум давраи ҳукмронии Сосониён мебошад. Давраи Сосониён замони нашъунамои ҳақиқии забони форсии миёна буда, ин забон паҳлавии сосонӣ номида мешуд.

Аз забони форсии миёна, ки бештар забони дарбори Сосониён (асрҳои III-VII-и мелод) буд, осори зиёди илмиву адабӣ, навиштаҳои болои иншоот, биноҳо ва мақбараву сангнавиштаҳо боқӣ мондааст. Бештари адабиёти аз ин забон боқимонда мундариҷаи динӣ (зардуштӣ, монавӣ) ва адабӣ доранд. Навиштаҳои катибаҳо бештар бо се забон (форсии миёна, портӣ, юнонӣ) ва гоҳо ба ду забон (форсии миёна ва портӣ) анҷом дода шудаанд. Хати забони форсии миёна ҳам дар асоси хати оромӣ сохта шуда, дар он ҳузворишҳо хеле зиёд аст. Бинобар ин бо ин забон «Фарҳанги паҳлавик» (Frahangi pahlavik) барои хондани ҳузворишҳо мураттаб шуда буд. Барои забони форсии миёна хати позанди авестоӣ [яъне овоӣ (фонетикӣ)] ва хати арабӣ ҳам дар солҳои охир ба шакли овонавишт истифода мегардид.

Забони форсии миёна ё паҳлавии сосонӣ аз номи яке аз лаҳҷаҳои қисмати ҷанубии Эрон, ки вилояти Форс (марказаш ш.Шероз) дар он ҷо мавқеият дорад, гирифта шудааст. Номи

аслии забон дар шакли «parsig» аз аввали ҳазораи мелодӣ ба мо расидааст. Ба ғайр аз вилояти Форс бо ин забон ҳадди ақал сокинони ду вилояти ҷанубии Эрон – Кирмон ва Мекрон низ гуфтугӯ мекардаанд. Ҳеродот, муаррихи юнонӣ дар зери номи умумии «форсҳо» тамоми сокинони ҷануби Эронро муттаҳид кардааст.[1]

Ин забон тақрибан ҳазор сол, аз садаи IV-и то мелод то асрҳои VII-VIII-и мелод вуҷуд дошт. Баъдан ҳам аз тарафи зардуштиён истифода шудааст. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқони эроншинос забони форсии дарӣ ё форсии нав бо як андоза фарқиятҳои лаҳҷавӣ давоми бевоситаи забони форсии миёна мебошад. Ҳамин тариқ, ин забон дар таърихи забони тоҷикӣ мавқеи мобайниро иҷро мекунад. Соҳибони забон номи забони худро дар шакли «parsik» дар давраи аввали инкишофи ин забон ва баъдтар, «parsig» мегуфтанд, ки шакли порсӣ ва шакли муосири арабишудаи он – форсӣ барои номгузории забони давраи нав истифода шуд. Барои фарқгузории ду марҳилаи инкишофи ин забон забони форсии миёнаро «pahlāvi» номиданд, ки аз лиҳози решашиносӣ ба калимаи Pahlaw – Парфия, Порт мерасад. Ин номгузорӣ то имрӯз барои ин забон дар маҳофили илмӣ истифода мегардад.[2]

Забони форсии миёна дар шакле, ки имрӯз дар осори хаттӣ ба мо расидааст, аз забони форсии бостон ба куллӣ фарқ мекунад. Садонокҳои ин забон сода гардида, аз ҳайати шашсадоӣ бо ба садонокҳои одӣ мубаддал шудани ду садоноки мураккаб (ai→ē, au→ō) ба ҳайати ҳаштсадонокӣ табдил меёбанд, ки он дар давраи аввали инкишофи форсии дарӣ ҳам боқӣ мемонад. Ҳамсадоҳои он ҳам ба тағйироти овоӣ дучор мешаванд. Аз лиҳози дастурӣ ҳам дар ин забон бо аз байн рафтани хусусиятҳои дастурии ҷинсҳо, низоми тасриф, ба низоми таҳлилӣ гузаштани феълҳо ва ғайра тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд меоянд.

Таърихи инкишофи забони форсии миёна ба ду давра – давраи Ашкониён ва давраи Сосониён ҷудо мешавад. Тағйиротҳои куллӣ асосан ба давраи охири рушди ин забон рост меояд. Ҳол он ки тақсимбандии аниқи ин давра то ҳол анҷом дода нашудааст. Азбаски хати ин забон дар давраи Ашкониён ва

[1] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 6.
[2] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С.7.

Сосониён оромӣ буда, дар он ҳузворишҳо хеле зиёданд, хусусиятҳои дастурӣ ва овоии он баъд аз пайдо шудани осори монавӣ аз Турфон, ки бо хати фонетикӣ (овоӣ) навишта шуда буданд, муайян гардид.

Ҳамин тариқ, бозёфтҳои осори дини Монавия дар Турфон дар таҳқиқу пажӯҳиши забони форсии миёна нақши боризе гузошт. Ин осор дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар Турфони Чин падид омад ва дар густариши илми эроншиносӣ гардиши куллие гардид. Дар байни ин осор намунаву порчаҳое аз асарҳои бунёдгузори дини монавия Монӣ (216-276) дида шудааст. Бояд гуфт, ки Монӣ асосгузори хати монавӣ низ мебошад. Вале аксарияти осори бадастомада аз Турфон ба асрҳои VIII ва аввали асри IX тааллуқ доранд. Тавре гуфтем, азбаски хати навиштаҳои бозмонда бо хати палмирӣ (яке аз намудҳои хати оромӣ) ва бо истифода аз принсипҳои имлои овоӣ навишта шуда буданд, барои муайян кардани хусусиятҳои фонетикии забони форсии миёна кумаки зиёде расид. Бояд гуфт, ки дини монавия на танҳо дар ғарби Эрон, балки дар шарқи Эрон - дар байни суғдиҳо ва минтақаҳои қабилаҳои турк паҳн гардида буд ва дар ин давра шаҳри Самарқанд ба маркази интишори дини Монӣ табдил ёфта буд. Суннатҳо ва анъанаҳои дини монавия ба забони форсии миёна иҷро мегардид, вале барои навиштани онҳо барои суғдиён – хати суғдӣ ва барои туркҳо – хати рунии туркӣ истифода мегардид. Онҳо то имрӯз дар шакли навиштаҳои гуногун боқӣ мондаанд.

Осори бозмондаи забони форсии миёна бо ду хат –паҳлавӣ ва монавӣ боқӣ мондааст. Хати паҳлавӣ дар асоси хати оромӣ сохта шудааст. Алифбои паҳлавӣ дар аввал аз 22 аломати мушаххас ва аз ҳамдигар фарққунанда иборат буд, вале баъдан бар асари гузашти замон ва густариши хат хеле тағйир ёфта, хатҳои шикаставу расмӣ пайдо шуданд. Баъзе ҳарфҳо бар асари ин дигаргуниҳо ба ҳам монанд шуданд. Дар натиҷа ҳоло аз ҳамаи ин ҳарфҳо 15 аломати он мушаххас ва фарққунанда аст. Дар алифбои паҳлавӣ ба монанди алифбои баъдии арабӣ ҳамсадоҳо ва садонокҳои дароз бо аломатҳо ифода мегардиданд. Овозҳои садоноки кутоҳ танҳо дар аввал бо ҳарфҳо ифода мегардиданд ва баъзан дар аввал ҳам нишон дода намешуданд. Самти навишти хат аз рост ба чап буда, баъдан дар асрҳои VII-VIII шакли амудии хат (аз боло ба поён) низ дида шудааст. Яке аз хусусиятҳои хоси ин алифбо зиёд будани

аломатҳои махсуси идеограммаҳо мебошад. Онҳо аломатҳои паҳлавиро ифода мекарданд. Онҳо бо ҳарфҳои алоҳида хонда намешуданд ва як маънои куллро ифода мекарданд. Вале ин маъно бо ҳарфҳо низ ифода мешуданд ва истифодаи идеограммаҳо ҳатмӣ ва шарт набуд.

Забони форсии миёна дорои ҳашт садоноки сода a, ā, i, ī, u, ū, ō, ē ва ду садоноки мураккаб ai, ва au мебошад. Ҳамсадоҳои забони портӣ ва забони форсии миёна ҳамгун буда, аз 22 ҳамсадо (p, t, k, b, d, g, č, ĵ, f, s, š, x, h, ν, γ, z, ž, m, n, l, v, y) иборатанд.

## Алифбои паҳлавӣ



## Намунаи хати паҳлавӣ



Алифбо ва хати монавӣ, тавре дар боло ишора шуд, дар асоси хати оромии палмирӣ сохта шуда хусусияти овоӣ, яъне фонетикӣ дорад. Дар он калимаҳо мувофиқи талаффуз бо ҳарфҳо ишора мешуданд. Вале ин хат ҳам баъзе душвориҳо дошт. Масалан, баъзе овозҳои садоноки кутоҳ ифода намешуданд. Хати монавӣ аломатҳои идеограмма надорад.

**Алифбои монавӣ**



# Намунаи матни монавӣ-портӣ



Дар ташаккулёбӣ ва густариши забони тоҷикӣ як гурӯҳ забонҳои эронии шарқӣ низ нақши бузург доранд. Ин забонҳо – забони бохтарӣ ва забони суғдӣ мебошанд, ки дар давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ бештар дар бахши вожагон ва камтар дар бахши овоиву дастурӣ хеле аз хусусиятҳои худро ба забони тоҷикӣ додаанд. Инчунин, дар ин бахш маълумоте роҷеъ ба забонҳои хоразмӣ ва хутанусакоӣ, ки ҷои худро қисман ба забони мо додаанд, пешниҳод менамоем.

**Забони бохтарӣ.** Бохтар гаҳвораи тамаддуни ориёӣ дар саргаҳи шинохти тамаддун ва фарҳанги эронитаборон қарор дорад. Он дар давраҳои бостон маркази будубоши ориёиҳо буда, оини Зардушт аз ин ҷо ба кишварҳои дигари эронӣ густариш ёфтааст. Аз рӯи ривоятҳо Зардушт ба назди Гуштосп шоҳи Балх меояд ва дину оини худро ошкор месозад ва ин подшоҳ оини ӯро қабул мекунад, ки боиси мухолифати байни Эрону Тӯрон мегардад ва оқибат худи Зардушт дар Балх аз дасти яке аз тӯрониҳо кушта мешавад ва дар Балх дафн карда мешавад. Дар тамоми давраҳои Пешдодиён ва Каёниён подшоҳони он дар Балх ҳукумат кардаанд. Кишвари Бохтар ва пойтахти он то андозае ободу зебо будааст, ки ин кишварро бо номи Ҳазоршаҳр ва арабҳо шаҳри Балхро модари шаҳрҳо (умм-ул-мадоин) меномиданд. Халқу қабилаҳои эронӣ 2500 сол пеш аз солшумории мелодӣ ҳаракати худро ба Ҳинду Аврупо ва дигар минтақаҳои атроф аз ҳамин ҷо оғоз кардаанд. Давраи аввали нашъунамо ва инкишофи Бохтар ба давраи моқабли таърих,яъне ба давраи асотирии Пешдодиёну Каёниён рост меояд, ки он дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ инъикос ёфтааст.

Дар ҳақиқат метавон, гуфт, ки китоби муқаддаси зардуштиён - «Авесто» дар ин ҷо ва ба забони бохтарии қадим аз тарафи Зардушт навишта шудааст. Фақат таърихи ин кишвари бостонӣ бар асари тохтутози аҷнабиёни гуногунтабор ба дасти фаромӯшӣ супурда шудааст ва вазифаи мо, эроншиносон аст, ки таъриху тамаддуни ин кишварро мавриди пажӯҳишу таҳқиқи муфассал қарор диҳем, онро аз нав эҳё созем. Зеро таърихи ин сарзамини бостонӣ бо таърихи халқи тоҷик чунон тавъам аст, ки онро наметавон ҷудо аз ҳамдигар тасаввур кард. Осори давраҳои қадими ин кишвари бостонӣ дар саҳифаҳои таърихномаҳои гуногун нуҳуфта аст. Ривояте вуҷуд дорад, ки шоҳони Байнаннаҳрайн дар асрҳои X-IX қабл аз мелод ба Бохтар ҳуҷум карда, шаҳри Балхро шаш моҳ дар муҳосира

мегиранд ва оқибат бе натиҷа ба сарзамини худ бармегарданд ва аз рӯйи ин ривоят онҳо гӯё бо шоҳи он кишвар бо номи Зардушт ҷангида бошанд. Дар давраи Ҳахоманишиён Бохтар яке аз сатрапиҳои ин шоҳаншоҳӣ мегардад ва дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳахоманишиён нақши бузурге доштааст. Дар набардҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ҳамчун неруи алоҳида бохтариён иштирок мекарданд. Осори юнонӣ аз иштироки ҷанговарони бохтарӣ бо роҳбарии Грумбат дар муҳорибаҳои Куруши Кабир ба муқобили юнониён хабар медиҳанд. Минбаъд Бохтар аз тарафи юнониён тасхир шуда, бахше аз давлати бузурги Искандари Мақдунӣ мегардад ва сипас чанде ба ҳайати давлати Селевкиён дохил мешавад. Бохтар дар миёнаҳои асри II пеш аз мелод маркази давлати Юнону Бохтар мегардад ва дар ин ҷо тамаддуни ҳелинистӣ чандон реша давонида буд, ки ҳатто номҳои ҷуғрофӣ низ ба забони юнонӣ то имрӯз боқӣ мондаанд. Масалан, номи Истаълиф (шимоли Кобул) аз юнонии statule - ангур гирифта шудааст. Чанде баъд ба ин минтақа қабилаҳои ориёии тахориҳо ворид мешаванд. Тахориҳо, ки пештар дар Тахористони кабир (вилояти Синзяни Уйғури Чин) сокин буданд, зери фишори қабилаҳои турктабори Чин ба Осиёи Миёна ворид шуда, баъд аз чанде дар Бохтар давлатдории худро ташкил мекунанд. Аз ин ба баъд дар асрҳои миёна номи Бохтар ба Тахористон иваз мегардад. Азбаски забону фарҳанги ин мардуми тозаворид бо мардуми бумӣ хеле наздик буд, онҳо бо мардуми маҳаллӣ якҷо мешаванд ва давлати бузурги Кӯшониҳоро ташкил медиҳанд.

Давлати Кӯшониҳо, ки Бохтар ва Суғд қисмати марказии он ба ҳисоб мерафт, минбаъд қисмати бузурги Ҳиндро ба худ тобеъ мекунад ва оҳиста-оҳиста таъсири дини буддоӣ зиёд шуда, ба андозае мерасад, ки маъбадҳои буддоӣ дар Бохтару Суғд ҳам пайдо мешаванд. Дар давраи подшоҳии Канишка давлати Кӯшониҳо ба авҷи иқтидори худ мерасад. Аз ҳамин давра забони бохтарӣ забони расмии шоҳаншоҳии Кӯшониён мегардад ва тақвими Кӯшониҳо ҷорӣ мегардад. Давраи ҳукмронии Кӯшониҳо барои мардуми тоҷик яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи он ба шумор меравад. Аз ҳамин давра ташаккули халқи тоҷик шакл гирифта оғоз мешавад.

Минбаъд бо ворид шудани қабилаҳои турктабор ва ҳуҷуму истилои араб ин ташаккулёбӣ ба кундӣ мегарояд ва баъд аз истилои араб дар даврахои Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён

давраи тақрибан ҳазорсолаи ташаккули халқи тоҷик анҷом меёбад.

Бохтар, яке аз марказҳои асосии густариши забонҳои эронӣ, ки дар забонҳои аврупоӣ бо номи Бактрия, Бактриана маълум аст, кишваре аст дар минтақаи болооби дарёи Ому, ки аз як тараф аз шимол бо қаторкӯҳҳои Ҳисор ва аз тарафи дигар аз ҷануб бо кӯҳҳои Ҳиндукуш маҳдуд гардидааст. Минтақаҳои имрӯзаи Афғонистони шимоливу марказӣ, Тоҷикистони ҷанубӣ ва марказӣ ва Ӯзбекистони ҷанубиро (болооби ду тарафи дарёи Ому ва шохобҳои он Вахш, Кофарниҳон ва Сурхондарё) фаро гирифтааст.

Забони бохтарӣ ё кӯшонӣ ё балхӣ ё тахорӣ забони давраи миёнаи рушди забонҳои эронии сокинони сарзамини Бохтар ё Тахористони асрҳои миёна мебошад, ки бо номи «ориёӣ» аз ибтидои ҳазораи аввали баъди мелод то садаи VI-и мелодӣ дар ибтидо ҳамроҳ бо забони юнонӣ ва баъд аз ба тахт нишастани шоҳ Канишка (соли 30-уми баъди мелод) забони расмии давлатдории се шохаи салтанати Кӯшониён – Кӯшониёни Кабир, Кидориён ва Ҳайтолиён буд.

Тавре Симс Вилямс Н. зикр мекунад: «Забони бохтариро метавон бо тамоми асосҳо дар садаҳои аввали солшумории мелодӣ яке аз забонҳои муҳими ҷаҳони бостонӣ номид. Ҳамчун забони модарии шоҳони кӯшонӣ ин забон барои тамоми халқҳои сокини шоҳаншоҳии паҳновари Кӯшон, ки сарзаминҳои имрӯзии Афғонистон ва Ҳиндустони Шимолӣ ва ҳамчунин бахше аз Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, фаҳмо буд. Ҳатто баъд аз пошхӯрии шоҳаншоҳии Кӯшониён шашсад соли дигар бо ин забон менавиштанд, ки бозёфтҳои пайдошуда аз асри XI дар водии Тучо дар Покистон ва дастхатҳои буддоӣ ва монавӣ бо хат ва забони бохтарӣ дар минтақаҳои дурдасти Турфон дар Хитои ғарбӣ аз он шаҳодат медиҳанд. Ҳамин тариқ, истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб ҳазор сол идома доштааст».[1]

Дар он замонҳо ба ҳайати давлатдории Кӯшониён ба ҷуз аз Тахористон Суғд, Хоразм, Гандҳара (ҷануби Афғонистон ва минтақаи шимоли Покистону Ҳинд), қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон ва бахше аз сарзаминҳои ғарбии Чин дохил мешуданд. Бояд гуфт, ки Бохтару Суғд минтақаҳои марказии ин

[1] Симс-Вильямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории, 1997, №. 3. - С. 3.

шоҳаншоҳӣ ба ҳисоб мерафтанд. Баъзе муҳаққиқон, аз қабили П. Тедеско, А. Мейе ва Ф. Алтҳайм забони бохтариро идомаи бевоситаи забони авестоӣ 
дониста, забони авестоиро забони бохтарии қадим низ номгузорӣ намудаанд.

Номи забони бохтарӣ дар шакли бохтарии қадим дар асри XIX барои забони авестоӣ қабул шуда буд, вале аз сабаби набудани маводи лозим дар нимаи аввали садаи XX рад гардид. Вале аз нимаи дуюми садаи XX бо пайдо шудани осори зиёде аз забони бохтарии давраи миёна (бохтарии кӯшонӣ, тахорӣ, балхӣ), тавре ки В. Б. Ҳенинг пешниҳод мекунад, боз бояд барои забони авестоӣ номи бохтарии қадимро баргардонем.[1] Ин забон аз тарафи Канишка, шоҳи Кӯшон (аввали ҳазораи мелодӣ) дар катибаи Работак «ориёӣ» номида шудааст. Дар минтақаҳои шарқии Эрони таърихӣ сарзаминҳои Бохтару Суғду Синду Ҳинд баъд аз завол ва фурӯпошии давлати Юнону Бохтарӣ дар асрҳои II-I пеш аз мелод давлати бузурги Кӯшониён ба вуҷуд омад, ки дар таърих бо номи давлати ҳиндусакоиҳо ё ба ибораи дигар индоскифҳо машҳур гардид. Ин давлат ё императорӣ ё ба қавли худи Кӯшониҳо шоҳаншоҳӣ тахминан дар охири асри II-аввали асри I-то мелод ба ҷои давлати Юнону Бохтар таъсис ёфта, номи бостонии Бохтар, ки ҳазорсолаҳо номи як минтақаи қадимӣ ва маркази Ориёно буд, бо номи қабилаҳои асосии Кӯшониҳо тахориҳо ба номи Тахористон ё Тохаристон табдил ёфт. Яъне гуфтан мумкин аст, ки бо таъсиси давлати Кӯшониҳо дар таърихи Осиёи Марказӣ ва қавмҳои эронии ин минтақаҳо таҳаввулоти азими таърихӣ ба вуҷуд омада, халқҳои ин сарзамин ба доираи муносибатҳои нави иҷтимоию сиёсӣ кашида шудаанд. Кӯшониҳо, ки худ як қавми эрониасл буда, дар як муддати муайян сарзаминҳои худро васеъ намуда, аз Ҳиндустон то Баҳри Арал ва аз Чин то Ҳирот як империя ё шоҳаншоҳии бузурге таъсис доданд ва аз охири ҳазорсолаи то мелод то мобайнҳои асри VI-и мелодӣ (ҳайтолиҳо охирин бозмондаҳои онҳо буданд, ки аз тарафи туркҳо дар солҳои 563-567 торумор гардиданд ва сарзамини онҳо байни Хоқони турк ва Сосониҳои Эрон тақсим гардид) дар таърих ва тамаддуну фарҳанги ин минтақа нақши боризе доштанд. Ин сулола ба равнақи илму маърифат таваҷҷуҳи зиёде медод ва забони коргузорӣ ва расмии ин шоҳаншоҳӣ дар

[1]Henning W. B. The Bactrian inscription. – BSOAS, 1960. -V.23, pt 1. - P. 47; Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки, 1981. - С. 315.

баробари забони юнонӣ (дар аввал) ва забони паҳлавӣ (дар охир) забоне буд, ки онро бар асоси таҳқиқи осори бозмондаи онҳо пажӯҳишгарон бохтарӣ номидаанд ва худи онҳо дар асоси як сангнабиштаи солҳои охир бадастомада ориёӣ хондаанд.

Ин сангнабишта дар соли 1993 аз ноҳияи Работак дар вилояти Самангони Афғонистон, 50 километр дуртар аз маъбади Сурхкӯтали вилояти Бағлон ёфт гардид, ки он дорои 22 сатр, 90 сантиметр дарозӣ, 50 сантиметр бар ва 25 сантиметр ғафсӣ мебошад.

Ин катиба дар соли 1996 дар маҷаллаи ҷопонии «Роҳи абрешим» аз тарафи Симс Вилямс (Simes - Williams) эроншинос ва сиккашинос Ҷуе Крибби (Joe Cribb) барои бори аввал чоп гардид. Аз маълумот ва иттилооте, ки дар ин мақола омадааст, матни ин катиба ҳанӯз пурра бозхонӣ нашудааст ва сабаби навиштани он ба тахт нишастан ва ба сари қудрат расидани шоҳаншоҳи Кӯшониён Канишка мебошад.[1]

Канишка ба муносибати ҷулуси худ барои муқаддас доштани худоён (махсусан олиҳаи Нано (Nana) ё ба шакли дигар Анаҳито, ки аз тарафи Кӯшониён сахт эҳтиром мешуд) парастишҷой ё ибодатхонаи Работакро бунёд менамояд. Канишка барои сабти абадии ин ҳодисаи таърихӣ ва боқӣ гузоштани он ба наслҳои оянда фармон медиҳад, ки ин катибаро бо ду забон – забони юнонӣ ва забони ориёӣ нависанд. Ин сангнабишта 7 фасл дошта, қисмати дастур ва фармони Канишка дар бораи ба ду забон (юнонӣ ва ориёӣ) навиштани он дар тарҷума чунин аст: «Вави (Канишка) фармон дод то онро ба юнонӣ ва сипас онро бо забони ориёӣ (Ariao) бинависанд».[2]

Тавре ки аз ин катиба ва сангнавиштаи Бесутун маълум мешавад, дар фосилаи байни соли 521 пеш аз мелод, аз навиштани катибаи Дориюши бузург дар Бесутун то соли 230 мелодӣ[3] (соли ба тахт нишастани Канишкаи I) дар ҳудуди 800 сол забони катибаҳо ва ё забони расмӣ ё, яке аз забонҳои

---

[1]Ориёнфар Шамсулҳақ. Сангнабиштаи забони ориёӣ дар Афғонистон // Фишурдаи мақолоти панҷумин анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсу тоҷик. - Душанбе, 2006. - С. 32-34.

[2]Ориёнфар Шамсулҳақ, Сангнабиштаи забони ориёӣ дар Афғонистон // Фишурдаи мақолоти панҷумин анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсу тоҷик. - Душанбе, 2006. - С. 33.

[3]Ғафуров Б. Ғ. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: «Ирфон», 1983. - С. 1994.

расмии ин минтақаҳо, ки бо номи Эроншаҳр маълум аст, забони ориёӣ (дар навишти Дориюши бузург (Ariya ориёӣ) ва дар навишти Канишкаи I (Ariao - ориёӣ) будааст. Умуман, баъд аз пайдо шудани ин катиба ба забони ориёӣ ва сангнабиштаи Дориюш, ки акнун аниқ аст, ки манзури Дориюш забони ориёӣ аст, ин фикр пайдо мешавад, ки шояд забони ориёӣ ва забони форси бостон (номи шартӣ) як забон бошанд. Шояд забони форсӣ, ки асосан дар даври Сосониҳо ин ном дар қатори забони паҳлавӣ (портӣ) пайдо шуд, ва сипас забони форсии дарӣ ва имрӯз форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ дар тамоми муддати мавҷудияти халқҳои ориёӣ ва эронӣ як забони байниқавмӣ ва ё як забони муоширати байни қавмҳо ва халқҳои гуногуни эронинажод будааст ва тавре, ки дар суханронии Эмомалӣ Раҳмон, президенти кишвар дар 14-мин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барҳақ қайд гардидааст: «Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авесто»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойномак»-у «Таърихи мулуки Аҷам»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи Шӯравӣ ба ҳар навъе аз буҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро ба қалами Айниву Турсунзода ва аллома Ғафуров бинависад».[1] Ин забон ҳудудан то аввалҳои давраи исломӣ вуҷуд доштааст. Аз ҷумла, Самъонӣ қайд кардааст, ки забоне бо алифбои махсус ҳанӯз дар асри XII дар Хутталон вуҷуд доштааст,[2] ки дар ин ҷо асосан сухан дар бораи забоне меравад, ки хати он аз хати арабиасос фарқ мекардааст.

Осори забони бохтарӣ асосан бо алифбои юнонӣ ба даст омадааст. Вале бо алифбову хати монавӣ ҳам вомехӯрад, ки бештар ба давраҳои охири мавҷудияти забони бохтарӣ мансуб аст. Интихоби алифбои юнонӣ барои ифодаи вожаҳои забони бохтарӣ аз муносибату анъанаҳои тамаддуни ҳеллинистӣ ва таъсири он ба ин минтақа шаҳодат медиҳад. Бохтариён ҳарфҳои

---

[1] Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба муносибати Рӯзи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Душанбе, 8-уми сентябри соли 2005.

[2] Бартольд В.В. К вопросу о языках согдийском и тохарском. – В кн.: Иран, т.1, Ленинград, 1927. -С.40; Бартольд В.В. Сочинения, Т.2, ч.2, -М., 1964.

алифбои юнониро ба забони худ мувофиқ карда, барои овозҳои хоси забони бохтарӣ дар асоси ин алифбо аломатҳои хос ва ҳатто ҳарфҳои аз истифода баромадаи алифбои юнониро аз нав барқарор намуданд. Масалан ҳарфи (ρ) «сан»-и юнонӣ дар алифбои юнонӣ аз асри XI-и пеш аз мелод истифода намешуд, вале бохтариён барои ифодаи овози š аз он истифода карданд. Алифбои бохтарӣ асосан ду шакли навишт дорад. Хати катибавӣ (монументалӣ) ва хати курсив.

Фарқи ин хатҳо дар он аст, ки хатҳои катибавӣ ба таври алоҳида ва хоно навишта шуда, бештар барои хондан осон мебошанд. Барои хати курсив ё дастнавис бо ҳам якҷо навиштани ҳарфҳо хос аст ва навиштану хондани он мушкилӣ ба бор меорад.

Хати монументалӣ дар намунаи катибаҳои Сурхкӯтал, Работак ва ғайра ба даст омадааст. Ин хат бештар ба давраи аввали мавҷудияти давлати Кӯшониҳо хос аст. Минбаъд дар давраи Ҳайтолиҳо ин хатҳо ба ҳам якҷоя мешаванд ва бештар хатти курсив мавриди истифода қарор мегирад. Сангнигораҳои Сурхкутал ва Работак аз намунаҳои асосии хати катибавӣ (монументалӣ) мебошад.

Дар ин забон пасвандҳои ҷинсият дида намешавад, яъне бо ин хусусият ин забонро ба гурӯҳи забонҳои шимоли ғарбии эронӣ дохил мекунанд. Инчунин бо якчанд хусусиятҳои худ ин забон аз забонҳои гурӯҳи эронии шарқӣ фарқ мекунад (набудани ҷинсият, хусусияти таҳлилии забон, афтидани ҳиссачаҳои охири калима ва истифодаи «о» дар охири калима барои ҷудо кардани калимаҳо, истифодаи ҳиссачаи инкории «на» ва ғ.).

Бояд гуфт, ки то ибтидои садаи XX аз ин забон осори хеле кам вуҷуд дошт. Дар миёнаи садаи XX, вақте ки ховаршиносон бештар ба таҳқиқи забонҳои эронӣ машғул буданд, аз ин забон фақат катибаи Сурхкутал (дар наздикии Бағлон) ва якчанд навиштаҷоти болои зарфҳо ва сиккаҳо вуҷуд дошт. Вале дар муддати 50 соли охир аз ин забон зиёда аз 200 навиштаҷоту катиба бештар дар Афғонистону Тоҷикистон ва Ӯзбекистон пайдо гардид, ки хониши онҳо дар илми забоншиносии эронӣ инқилобе барангехт. Ин навиштаҳо бозёфтҳои бостоншиносон дар Работаки наздикии Самангони Афғонистон, Тирмизи Ӯзбекистон, Дилварзинтеппаи Тоҷикистон, Урузгони Афғонистон ва Қоҷои Покистон мебошанд. Забони бохтарии кӯшонӣ аз лиҳози сохтор як забони дар ҳоли гузариш ба забони гурӯҳи таҳлилӣ (аналитикӣ) буда, дар баробари доштани баъзе хусусиятҳои бостонӣ ҷинсияту падеж, яъне тасрифи падежӣ

надорад ва дар ин ҳолат хусусиятҳои забонҳои ғарбии эрониро дорад.

Забони бохтарӣ дорои 25 ҳарф ва аломатҳои ишорат буда, хати он дар асоси хати юнонӣ тартиб ёфтааст. Он 6-7 садонок ва 20 ҳамсадо дорад.

## Алифбои юнониасоси бохтарӣ





## Матн бо хати монавии бохтарӣ



Ба ҳар ҳол дар ибтидои асри VII-и мелодӣ вуҷуд доштани алифбои юнониасоси забони бохтарӣ ва худи забони бохтарии тахорӣ аз тарафи сайёҳи Чин Сюан Тсизян, ки солҳои сиюми асри VII ҳам аз Суғд ва ҳам аз Тахористон дидан кардааст, қайд шудааст, ки он чунин аст: «… Аз рӯйи сохтори забонӣ (Тахористон) каме аз дигар шоҳигариҳо фарқ мекунад. Шумораи ҳарфҳои хат 25-то ҳисоб мешавад, онҳо ба ҳам омада таркибҳои гуногунро ташкил мекунанд, бо ёрии онҳо ҳамаро тасвир мекунанд. Хат ба таври уфуқӣ аз тарафи чап ба рост хонда мешавад. Осори адабӣ ба миқдори зиёд навишта мешаванд ва аз рӯйи ҳаҷм аз осори суғдӣ бештар мебошанд».[1] Забони бохтарии аҳди Кӯшониҳо, ки аз тарафи бархе аз муҳаққиқони забоншинос модарзабони дарӣ дониста мешавад,[2] то садаҳои IX-XII мелодӣ бо алифбои юнониасоси худ забони зинда будааст ва баъдан асоси забони тоҷикии моро ташкил додааст.

**Забони суғдӣ.** Суғд яке дигар аз марказҳои асосии тамаддуни халқҳои эронӣ мебошад. Суғдиён аз давраҳои бостон дар рушду густариши халқи тоҷик саҳми босазое доранд. Аввалин ёдоварӣ аз минтақаи Суғд дар сарчашмаҳои хаттӣ ба қарни VI пеш аз мелод рост меояд. Мардуми ориёӣ дар ин минтақа дар ҳазораи аввали то мелод мардуми бумӣ ҳисоб мешуданд. Дар навиштаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён дар шакли Согда ё Сугуда вомехӯрад. Дар асрҳои VI-IV қабл аз мелод Суғд дар ҳайати шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дохил буд. Баъд аз ҳуҷум ва истилои Искандари Мақдунӣ ҳудуди густариши суғдиён васеъ мешавад ва онҳо оҳиста-оҳиста ба қисматҳои дигар, махсусан қад-қади роҳи Абрешим мекӯчанд ва дар он ҷойҳо бошишгоҳҳои худро таъсис медиҳанд. Дар асри III то мелод онҳо бо Чин робитаҳои тиҷоратӣ барқарор мекунанд. Сарчашмаҳои чинӣ, туркӣ, тибетӣ, хутанӣ дар бораи фарҳангу тамаддуни суғдиҳо дар ин минтақаҳо маълумоти зиёде медиҳанд. Инчунин дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар ин минтақаҳо осори зиёде ба забони суғдӣ ёфт шуд, ки барои пажӯҳиши забоншиносии ин забон роҳи васеъ кушод.

Суғдиён инчунин дар вилояти Фарғона низ дар асрҳои V-VI мелодӣ бошишгоҳҳои тиҷоратии зиёде доштанд ва аз ин ҷо то минтақаҳои Хитой маълумоти фаровоне медиҳанд. Аз ҷумла, сайёҳи чинӣ Сюан Тсзан, ки солҳои 629-630 ба минтақаҳои

---

[1] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. -С.316.

[2] Абдулло Ҳабибӣ. Забони ду ҳазор сол қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ. - Кобул, 2006.

Осиёи Марказӣ ва Шимоли Бохтар сафар кардааст, сарзаминҳои зиёдеро аз Суяб (Ҳафтрӯд) то Кеш (водии Қашқадарё) шомили Сули (Суғд) медонад. Хат ва забони онҳоро низ суғдӣ меномад. Ҳамин тариқ, дар нимаи аввали асри VII милодӣ суғдиён ва забони суғдӣ дар водии Зарафшон, водии Қашқадарё, минтақаҳои поёноби Сирдарё, Фарғона ва Ҳафтрӯд (то кӯли Исиққул) паҳн буданд. Дар ҷануб забони суғдӣ бо забони бохтарӣ ҳамсарҳад буд. Сайёҳи дигари чиноӣ Хой Чао дар соли 728 милодӣ, тахминан баъд аз сад соли сафари Сюан Тсзан, ба ин минтақа омада шаш мулки ин минтақаро (Бухоро (Ан), Усрушан (Тсао), Кеш (Ши), Чоч (Ши-ло), Маймарғ (Ми) ва Самарқанд (Кан) Суғд номида, халқи онро суғдӣ номидааст. Осори бозёфта аз ин минтақаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки то асри IX милодӣ суғдиён дар ин сарзамин аксарияти аҳолиро ташкил медоданд. Фақат бо истилои араб ва зери таъсири унсурҳои идориву фарҳангӣ баъд аз ин давр забони суғдӣ ҷои худро ба забони тоҷикӣ медиҳад. Дар асри X Суғд (Бухорову Самарқанд) ба маркази асосии рушди забони тоҷикӣ табдил меёбад, вале дар деҳоти атрофи ин шаҳрҳо ҳануз ба забони суғдӣ гуфтугу мекарданд. То асри XI ҷараёни ҷои забони суғдиро гирифтани забони тоҷикӣ тақрибан анҷом меёбад. Фақат дар минтақаҳои кӯҳистонӣ ин забон то андозае боқӣ мемонад, ки забони яғнобӣ (аз номи дараи Яғноби ноҳияи Айнӣ) яке аз лаҳҷаҳои ин забон аст, ки то ба ҳол вуҷуд дорад. Дар сарзамини Ҳафтруд ҷои ин забонро забонҳои туркӣ мегиранд. Тавре Юсуфи Кошғарӣ иттилоъ додааст, дар Болосоғун суғдиён дузабона шуда, тамаддуну фарҳанги туркҳоро қабул кардаанд. Ӯ менависад, ки аксари аҳолии Ҳафтрӯд аз Болосоғун то Исфиҷоб дузабона буда, ҳам бо суғдӣ ва ҳам бо туркӣ суҳбат мекунанд.[1]

Ин забон забони давраи миёнаи сокинони водии Зарафшон ва Истаравшан (дар аҳди бостон Усрушана) мебошад. Забони суғдӣ ҳамҷавори забони бохтарӣ дар ҷануб, забони портӣ дар ҷануби ғарб, шимол ва шимолу шарқ сакоӣ ва шимоли ғарбӣ – хоразмӣ дар аҳди миёна буд. Дар асрҳои VI-VIII забони суғдӣ ба ҷониби қаламрави қабилаҳои турк ва Чин паҳн шуда, барои густариши хат ва тамаддуни ориёӣ дар ин минтақа нақши боризе гузоштааст.

Бозёфтҳои аввалин ба забони суғдӣ дар ибтидои садаи XX дар Туркистони шарқӣ (Турфон), ки дорои матнҳои буддоӣ, насронӣ ва монавӣ мебошанд, пайдо шудааст. Ин навиштаҳо бо

---

[1] Основы иранского языказнания. Среднеиранские языки. - М., 1981. –С.350

се намуди хати оромӣ – хатҳои оромии суғдӣ, суриёнӣ ва монавӣ навишта шудаанд. Соли 1933 дар кӯҳи Муғ (Тоҷикистон) як силсила санадҳои дигар, ки аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, хоҷагӣ ва ғайра иборат буда, бо номи «Бойгонии Деваштич» низ маъруф аст, пайдо шуд. Ин навиштаҳо барои муайян кардани давраи инкишофи забони суғдӣ ва хусусиятҳои вожагониву дастурии он аҳамияти бузурге доштанд. Қадимтарин навиштаҳои забони суғдӣ бо номи «Номаҳои куҳан» ба асри IV ва боқимондаҳо ба асрҳои VII-X-и мелодӣ таалluқ доранд.

Осори забони суғдӣ тақрибан дар тамоми қаламрави густариши ин забон ба даст омадааст. Аввалин намунаҳо аз асри I то мелод тангаҳои юнону бохтарие мебошанд, ки дар водии Зарафшон ёфт шудаанд. Вале пайдо шудани шумораи зиёди сарчашмаҳо ба охири асри XIX ва аввали XX рост меояд.

Дар ин давра аввал дар Туркистони Шарқӣ дастнависҳои зиёде ба хати номаълум ба даст омад. Мутахассисон онро аввал ба хати ӯйғурӣ нисбат доданд. Вале Андреас Ф. К. ин навиштаҳоро бо осори дигар (аз ҷумла ба маълумотҳои «Осор ул-боқия»-и Берунӣ) муқоиса карда, ба хулоса омад, ки ин навиштаҳо ба забони суғдӣ таалluқ доранд. Аз ҷумла, «Номаҳои куҳан» (н ӯ мактуб болои абрешим ва коғаз) дар ҳамин ҷо пайдо шуданд, ки онро баъзе олимон (Ҳеннинг В.Б) ба асри IV мелодӣ ва Я.Ҳарматта ба соли 196 мелодӣ мансуб медонанд. Ин дастхатҳо бештар ба матнҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ алоқамандӣ дошта, бештари онҳо ба асрҳои VII-VIII таалluқ доранд. Дар худи сарзамини Суғд солҳои 1931-1933 дар қалъаи Муғ (ноҳияи Айнии Тоҷикистон) бештар аз 74 санаду ҳуҷҷати суғдӣ пайдо шуд, ки он ба номи «Бойгонии Деваштич» маъруф аст. Забони ин навиштаҳо ба забони дастхатҳои дигари аз Туркистони шарқӣ пайдо шуда, наздик аст. Аз забонҳои минтақаи Осиёи Марказӣ забони суғдӣ аз ҳама зиёдтар мавриди таҳқиқу пажӯҳиши забоншиносон қарор гирифтааст.

Забони яғнобӣ, ки яке аз лаҳҷаҳои забони суғдиро дар худ таҷассум намудааст, дар зери ҳимояти давлат қарор дошта, ба ин забон китобҳои дарсӣ низ барои синфҳои ибтидоӣ нашр шудааст.

Масъалаи таҳқиқи осори хаттии забонҳои миёнаи эронӣ, аз ҷумла бозхонии катибаҳои суғдӣ ва хоразмӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмию таҳқиқотии донишмандони ховаршинос, аз ҷумла Боголюбов М.Н. мебошад. Ӯ дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде анҷом додааст, ки яке аз онҳо нашри саввуми «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» аз к ӯи Муғ мебошад, ки он аз тарафи Институти халқҳои Осиёи Академияи илмҳои Шӯравӣ соли 1963 чоп шуда-

аст. Ин бахши ҳуҷҷатҳои суғдии бозёфта аз кӯҳи Муғ аз тарафи Боголюбов М. Н. ва Смирнова Олга Ивановна таҳқиқ, бозхонӣ ва тафсир шудаанд. Бояд гуфт, ки таҳқиқи ҳуҷҷатҳои суғдӣ, ки дар ибтидои солҳои 30-уми қарни XX дар Тоҷикистон дар кӯҳи Муғ пайдо шуда буданд, аз тарафи эроншиносони Шӯравӣ ба таври муфассал анҷом ёфтаанд. Бахши аввали пажӯҳиши ҳуҷҷатҳои суғдӣ ба қалами Фрейман А. А. тааллуқ дошта, ӯ солҳои 1934-1960 ин ҳуҷҷатҳоро таҳқиқ кардааст. Бахши дуюми ин таҳқиқот аз тарафи Лившитс В.А. анҷом ёфта аст, ки он ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва дипломатиро дар бар мегирад. Ба таври умум таҳқиқи ҳуҷҷатҳои суғдӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз се бахш иборат мебошанд:

1. Номаҳои шоҳзодаҳо ва мансабдорони суғдӣ ва намояндагони онҳо, ки дарбаргирандаи мукотибаҳои дипломатӣ ва идоравӣ мебошанд.

2. Хуҷҷатҳои хоҷагидорӣ, ки аксари онҳо сабти воридоти молу маҳсулоти кишоварзӣ (ғалла, ҷав), машрубот, чорводорӣ (пӯст), ва силоҳҳои ҷангиро дар бар мегиранд.

3. Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки санадҳои шартномавӣ ва доду гирифти ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Бахши сеюми ин ҳуҷҷатҳо бо номи «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» 46- ҳуҷҷатро дар бар мегирад, ки қисмати асосии тамоми ҳуҷҷатҳоро ташкил медиҳад. Ин ҳуҷҷатҳо фақат ба як бойгонӣ дахл надоранд. Онҳо ҳадди ақал ба се манбаъ иртибот дошта, баъзеи онҳо ба бойгониҳои ҳукуматдорони Хохсар, Фурнамад, Кштут ва ғайра иртибот доранд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба як давра, ба чоряки аввали асри VIII-мелодӣ ва ба як минтақа, ба минтақаи Фалғар ё Парғар дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ тааллуқ доранд.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар асари «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» бозхонӣ ва тафсир шудаанд, дар бораи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии як минтақаи Тоҷикистон дар давраи истилои Араб маълумоти фаровон медиҳад. Ин асар аз бахшҳои ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи маҳсулот, забонхатҳо оид ба гирифтан ё додани чизе, фармоишҳо, гузоришҳо иборат аст. Дар бахши феҳристҳо, ки аз феҳристи номҳо, феҳристи номҳои ҷуғрофӣ, феҳристи ҳуҷҷатҳои баррасишуда ва вожанома иборат аст, метавон дар бораи шахсиятҳо ва номҳои сокинони ин минтақа, номи деҳаву маҳалҳо маълумоти муфиди илмӣ пайдо кард.

Дар бахши ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи молу маҳсулот санадҳои бозхонишуда ва тарҷумагардида аз се қисмат иборат аст:

1. Ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи маҳсулоти кишоварзӣ (Б2 ва Б8 ҳуҷҷатҳои аввалия ва умумӣ барои ғалла, машрубот ва ғайра; Б9-даромади машрубот; Б10 ва Б14 воридоти гандум ва ҷав; Б5-харҷ ва додани марҷумак ва B11R-харҷи гӯшт).

2. Ҳуҷҷатҳои сабти молу амвол (1R ва V- сабти маҳсулоти чармӣ, ки барои Деваштич омода шудааст, ё аз тарафи шахсони алоҳида қабул шудаанд; B2, B6, BIIV, AIV сабти чарм ва маҳсулоти чармӣ, ки ба шахсони алоҳида дода шудааст; Б1 ва Б12 – феҳристи амволи ҷангӣ ва силоҳ, чарм ва ғайра, ки ба шахсони алоҳида дода шудааст.

3. Ҳуҷҷатҳои пулӣ (Nov 6 - феҳристи маблағҳои пулӣ бо дирҳам, ки барои хариди гандум ё фурӯши он аз шахсони гуногун гирифта шудааст; A5 ва A11- феҳристи маблағҳо ба ҳисоби дирҳам, ки барои маоши шахсони алоҳида ва дигар талабот сарф шудааст; B9v- забонхат оид ба 6 яхонт (санги қиматбаҳо) бо нархи умумии 480 дирҳам, ки аз шахсони алоҳида гирифта шудааст, В 27-сабти рӯз ба рӯз ё рӯзмарраи харҷи даромади пул бо фен (сиккаҳои биринҷӣ) барои муддати як моҳ, ки аввалу охири ин ҳуҷҷат вуҷуд надорад.

Дар бахши забонхатҳо 10 забонхат аз шахсони алоҳида дар бораи гирифтани чармҳои гуногун, силоҳҳо ва зиреҳҳои ҷангӣ ва ҷав бозхонӣ ва баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, забонхати хазинадори Кштут барои силоҳҳои ҷанг (тасмабанди миён, гарданбанд, найзаи кутоҳ, зини асп, намадзин (намад дар шакли nmt`k)) бозхонӣ шудааст.

Масалан, ҳуҷҷати A 10, ки болои пӯсти чоркунҷа (8,5X12-14) навишта шуда, аз 11 сатр иборат аст, забонхати як нафар ҳисобчӣ аст, ки бо дасти худаш навиштааст ва замони навиштани он ҳам моҳи ҳафтуми солшумории суғдист. Дар бахши аввали он, яъне дар чор сутуни аввали он чунин омадааст: (Тарҷумаи таҳтуллафз аз русӣ), «(1) Ва гирифтам ман wyšmruk (яъне ҳисобчӣ ё номи ӯ) (2) аз Knčk-a (яъне табиб ё номи ӯ) 10 пӯсти буз, (3) 5 пӯсти гов ҳам майда (4) ва ҳам калон ва як пӯсти хар».

Дар бахши фармоишҳо ҳуҷҷатҳои A2, A3 ва A18 дар бораи додани сафархарҷӣ ва A16 дар бораи додани машрубот ва ҳуҷҷати A 13 додани маблағ ба сафорат мебошанд. Дар ҳуҷҷати A2, ки аз 10 сатр ё сутун иборат аст, дар бораи додани сафархарҷӣ сухан меравад, ки чунин аст: (1) Аз шоҳи Суғди Самарқанд (2) ҷаноби Деваштич ба фармондори (нан. wtt.y). Салом. Ва вақте (4) номаи маро мегирӣ, дар Рарзи боло (5) ба он одамон 300 (6) капич хӯрокаи сафар додан лозим аст, ба ягон (7) хел таъхир

набояд роҳ дод. (8) аз шоҳи Суғди Самарқанд 9) ҷаноби Деваштич ба фармондор (10) (номи фармондор)

Дар бахши гузоришҳо ҳуҷҷатҳое бозхонӣ шудаанд, ки ба шахсони алоҳида ва баъзан номаълум (масалан ҳуҷҷати Б 19) таалуқ доранд. Як ҳуҷҷат Б6 аз номи сокинони деҳаҳои Дарх, Фатмаут, Пахут ва Варзи минтақаи Парғар навишта шудааст, вале, мутаассифона, ба ғайр аз номи деҳаҳо қисмати дигари матн боқи намондааст.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ дар 8-километрии деҳаи Кум бештар ба Деваштич, Афшини Панҷакат ва минбаъд Афшини Суғд (муддати ду сол) тааллуқ доранд. Бояд гуфт, ки деҳаи Кум ҷоест, ки дар он задухурд ва муҳорибаи охирини Деваштич бо арабҳо соли 722 мелодӣ рух додааст. Дар ин муҳориба сарбозони Деваштич шикаст хурда, ба қулъаи назди он паноҳ мебаранд. Ин ҳуҷҷатҳо дар харобаҳои ошёнаи якуми қалъаи Муғ дар шакли навиштаҳои болои қоғаз, пӯст ва чӯб пайдо шудаанд. Аз рӯи навиштаи ин ҳуҷҷатҳо муайян кардан мумкин аст, ки онҳо дар куҷо навишта шудаанд. Бахше аз онҳо дар шаҳри Панҷакент ва қисмати дигаре аз онҳо дар минтақаи Фалғар таҳия шудаанд. Номҳои ҷуғрофии ин минтақа низ оварда шудаанд. Масалан: Деҳаҳои ноҳияи Фалғар дар шакли Моғиён, Кштут, Маргузар, Вешист, Мадм, Кум, Зароватк, Искодар, Хшикат, Варз ва деҳаҳои Болооби Зарафшон, Анзоб, Фатмев, Пахут, Шавкат, Вишап, Дарх, Мадрушкат дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ омадаанд. Ин маълумотҳо барои омӯзиши номҳои ҷуғрофии ин минтақа аҳамияти бузурги илм  ӣдоранд.

Дар феҳристи номҳои ҷуғрофӣ муаллифони ин китоб дар бораи топонимикаи таърихӣ, яъне тафсири таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа маълумоти муфассал додаанд, ки имрӯз ҳам аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Масалан, Дарх ё ба шакли имрӯзӣ Дарғ чунин тафсир шудааст:

δvyh: Б15 (10)- деҳае дар Фалғар: яғнобии дарғ, бо хати арабӣ (درغ), тоҷикии Дарғ.

Дархи имрӯзӣ дар соҳили рости дарёчаи Матчо, байни деҳаҳои Вишап ва Обурдон ҷойгир аст: Дар давраи Бобур охирин маҳалли маскунии Фалғар ҳисоб мешуд. Дар асри XIX дар Дарх 80 хонавор зиндагӣ мекард ва ду масҷиду ду осиёб дошт» (с.103). Ҳамин гуна маълумоти муфассалро дар бораи дигар минтақаҳои аҳолинишини ин ноҳия дар феҳристи номҳои ҷуғрофӣ пайдо кардан мумкин аст.

Аҳамияти бузурги дигари пайдо шудани ин ҳуҷҷатҳо тарзи қабул, таҳия ва ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо дар бойгонӣ мебошанд. То пайдо шудани ин ҳуҷҷатҳо дар бораи тарзи пешбурди коргузорӣ ва дафтардорӣ, қабули ҳуҷҷатҳо, нигаҳдории онҳо ва тартиби сабти онҳо дар минтақаи Осиёи Марказии пеш аз исломӣ маълумоте вуҷуд надошт. Албатта, баъзе санаду ҳуҷҷатҳои ҷудогона мавҷуд буданд, вале онҳо ба чигунагии тартиби коргузорӣ дар ин давра маълумот намедоданд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Муғ пайдошуда, мо имрӯз метавонем бо боварии комил бигуем, ки гузаштагони мо дар пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ таҷрибаи бузурге доштаанд. Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ дар забони суғдӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои бозёфта аз кӯҳи Муғ ба як тартиби муайян таҳия мешуданд. Аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо маълум мешавад, ки ҳуҷҷатгузории идоравии маҳалҳо се марҳиларо дар бар мегирад. Аввал ҳуҷҷатҳое ҳастанд, ки бо номи ҳуҷҷатҳои аввалия воридоти молу маҳсулотро ба таври умумӣ ва якҷо сабт мекунанд, баъдан дар асоси ин ҳуҷҷатҳои аввалия ҳуҷҷатҳои умумӣ тартиб дода мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо молу маҳсулотро бахш ба бахш ва соҳа ба соҳа ҷудо карда, онҳоро ба як тартиби муайян бо нишон додани рӯзу моҳи ворид шудани мол ва сарфи он сабт менамоянд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо аз як моҳ то чанд солро дар бар мегиранд. Масалан: дар ҳуҷҷатҳои умумӣ маҳсулот бо мол якҷоя наомадааст. Онҳо дар ин гуна ҳуҷҷатҳо ба таври ҷудогона ҳам даромад карда мешаванд ва ҳам сарфи онҳо ё харҷи онҳо алоҳида нишон дода мешаванд. Масалан, дар ҳуҷҷати Б2 маълумот роҷеъ ба даромад ва харҷи маҳсулот (машрубот ва ғалла) дар муддати ним моҳ аз 28-уми моҳи дуюми гоҳшумории суғдӣ то 14-уми моҳи сеюми солшумории суғдӣ рӯз ба рӯз нишон дода шудааст. Инчунин дар ҳуҷҷати Б8 харҷи рӯз ба рӯзи маҳсулот сабт шудааст.

Як бахши санадҳои хоҷагидориро ҳуҷҷатҳои пулӣ ташкил медиҳанд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо онҳое мебошанд, ки дар онҳо маблағҳо дар шакли пулии дирҳам (сиккаҳои мисӣ) ва биринҷӣ (бо номи фен) нишон дода шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо нишон медиҳанд, ки дар Суғди пешазисломӣ муносибатҳои пулӣ хеле ривоҷ доштааст. Аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо муайян кардан мумкин аст, ки ҳаҷми мубодилаи маҳсулот дар як муддати муайян чӣ қадар маблағро ташкил медиҳад. Масалан, муайян кардан мумкин аст, ки нархи чорво, маҳсулоти чорво, силоҳҳои ҷангӣ, пойафзол дар он давра чӣ қадаранд? Аз рӯи ҳуҷҷатҳои А5 ва А11 мебинем, ки нархи як аспи саворӣ 200 дирҳам будааст ё пойафзоле бо номи

кафшӣ як ё ду дирҳам будааст, зиреҳи ҷанговарон 12 дирҳам, тоскулоҳ ду дирҳам. Аз рӯи ин санадҳо барои хидматҳои алоҳида низ маоши муайян таъйин мешудааст. Масалан аз рӯи санади пулии А5 барои хариди асп 100 дирҳам, барои маоши рӯҳоние, ки рутбаи болотаре дорад, 50 дирҳам сарф шудааст. Бояд гуфт, ки сиккаи пули дирҳам дар Бохтар ҳам ба ҳамин шакли дирам вомехӯрад ва ин собит месозад, ки ҳам дар Суғд ва ҳам дар Бохтар низоми ягонаи пуливу арзӣ дар он замон вуҷуд доштааст.

Дар як санади дигар тахти рақами Б15 дар бораи фармони Деваштич оид ба фиристодани гӯсфандон (63 гӯсфанд) ва инчунин аз тарафи фармондори ин минтақа ҷамъоварии меваҷот сухан меравад.

Алифбои забони суғдӣ ҳам баромади оромӣ дошта, дорои ҳузворишҳо мебошад. Масалан, ҳиссачаи инкории «не» дар забони суғдӣ бо идеограммаи L (портии L «не» ва форсии миёнаи L - nē) ифода шудааст. Хатҳои оромии суғдӣ, махсусан хати бо ном «суғдӣ» ба забони уйғурӣ низ гузашта, дар асоси он хати уйғурӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Тарзи навишти хати суғдӣ низ аз рӯи чигунагии навишти ҳарфҳо ба давраҳои аввал ва охир ҷудо мешавад. Дар давраи аввал хати суғдӣ ба хати оромӣ хеле монанд аст. Ҳарфҳо ҷудо-ҷудо навишта мешуданд, ки хондани онҳоро осон мекард. Фақат навишти овозҳои **r** ва **n** ва баъзан **s** ва **t** истисно буд, ки ба ҳам наздиканд. Дар оғози асри VI навъи «хати сутр» пайдо мешавад, ки ба дастхатҳои буддоӣ алоқаманд мебошад. Дар нимаи дувуми асри VII хати забони суғдӣ бештар ба дастнависӣ омехта шуда, ҳарфҳо бо ҳам пайваст мешаванд, ки хондани онҳоро душвор месозад.

Дар давраи охири мавҷудияти забони суғдӣ хати суғдӣ мавриди истифодаи қабилаҳои турки уйғурӣ қарор мегирад ва ин хатро суғдии уйғурӣ меноманд. Яке аз хусусиятҳои хоси ин хат ба тариқи амудӣ, аз боло ба поён навиштани он аст. Вале дар ин давра ҳам пайравони монавия ва насрония бо хати суғдӣ ба тариқи уфуқӣ менавиштанд. Шумораи идеограмма-ҳузворишҳо нисбат ба паҳлавии китобӣ хеле кам аст. Хатҳои суғдии буддоӣ, суғдии насронӣ, суғдии монавӣ ва баъдан суғдии уйғурӣ хусусиятҳои хоси худро доранд.[1]

Хати забони суғдӣ хатҳои оромии суғдӣ, монавӣ ва суриёнӣ мебошад. Хати суғдӣ аз 23 ҳарф иборат аст, ки 22 ҳарфи он аз алифбои оромӣ буда, 1 аломати махсус барои овози суғдӣ

[1] Дар ин бора муфассал нигаред: Основы иранского языказнания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 371

мебошад. Садонокҳои забони суғдӣ дар аввал аз 11 овоз (6 садоноки кутоҳ – a, i, e, u, o, ә ва 5 садоноки дароз ā, ī, ē, ū, ō) иборат буда, инчунин чор садоноки мураккаб (ai, au, āi, āu) доштааст. Ҳамсадоҳо аз 19 овоз иборат аст. (k(g), x, γ, č(j), š, ž, t(d) ∂, δ, s, z, п, p(b), f, β, m, w, y, r).[1]

Баъдан садонокҳои суғдӣ аз овозҳои a, ā, i, u, ō, ē, ә яъне ҳафт овоз иборат шуда, ки садонокҳои кутоҳи он a, i, u хеле ноустуворанд ва махсусан дар байни калима он қадар ҳис карда намешавад. Садонокҳои мураккаб ё дифтонгҳо аз ai, au иборат мебошанд

**Алифбои суғдӣ**




[1] Основы иранского языказнания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 347-373.

# Намунаи матни хати суғдӣ



**Забони хоразмӣ.** Навиштаҳои забони хоразмӣ ба асрҳои III-II то мелод ва асрҳои III-IV-VII баъди мелод тааллуқ дошта, дар сарзамини Хоразм пайдо гардидаанд. Хати забони хоразмӣ ҳам яке аз гунаҳои хати оромӣ мебошад. Барои ин забон алифбои арабӣ ҳам истифода гардидааст. Ин ибораҳои хоразмие мебошад, ки дар асарҳои муаллифони арабизабон – фарҳанги тафсирии арабӣ бо номи «Муқаддамот-ул-адаб» (Маҳмуди Замахшарӣ, асри XII), як асари ҳуқуқӣ бо номи «Қуният-ул-муния» (асри XIII) ва ғ. онҳо бо хати арабӣ навишта шудаанд.

Садонокҳои забони хоразмӣ низ ба кутоҳу (a, i, u, ә) дароз (ā, ī, ū, ō, ē) ҷудо мешаванд, ки аз рӯи овонигорӣ аз 9 овоз иборатанд.

**Забони хутанусакоӣ.** Осори забони хутанусакоӣ дар ибтидои асри XX пайдо гардид ва аз лиҳози сершумории осор аз байни забонҳои эронии миёна танҳо забони форсии миёна аз он бартарӣ дорад. Ин забон дар Туркистони шарқӣ дар минтақаи Хутан тахминан аз асрҳои III пеш аз мелод ба забони навишторӣ ва расмӣ табдил ёфта, аз худ осори зиёде боқӣ гузоштааст. Шоҳигарии онҳо танҳо дар асри XI бар асари истилои ин минтақа аз тарафи уйғурҳои мусулмон барҳам хӯрд. Ин забон ба гурӯҳи сакоии забонҳои эронӣ дохил шуда, то ба ҳол аз ин гурӯҳ шаш забон барои муҳаққиқон маълум шудааст. Номгузории ин забонҳо ба таври шартӣ чунин аст:

1. Забони хутанусакоии давраи оғозин ё аввал.

Ин забон дар ҳазораи аввали давраи мелод дар Хутан дар қисмати ҷанубии биёбони Такла-Макан вуҷуд дошта, осори он компендиуми буддоии «Китоби Замбаст» ва як силсила матнҳои дигари буддоӣ мебошад.

2. Забони хутанусакоии давраи охир, ки дар минтақаи Турфон то қарни XII-и мелодӣ вуҷуд доштааст. Бо ин забон осори хеле фаровон, матнҳои коргузорӣ, амалӣ (луғату муҳовараҳо), тиббӣ, риёзӣ ва ғайра боқӣ мондааст. Махсусан, матнҳои тиббии «Siddhasāra» ва «Jivakapustaka», ҷуғрофӣ, саёҳатномаҳо аз Хутан ба Кашмир, аз Хутан ба Тибет ва матнҳои ҳуҷҷатнигорӣ аз лиҳози таърихиву забоншиносӣ хеле муҳим мебошанд.

Инчунин, забонҳои сакоии Муртук бо матни бузурги «Karmavasana» (дар минтақаи шимолу шарқи Кошғар), сакоии Тумшук (дар ҳамин минтақа) бо доштани як силсила санадҳои расмиву коргузорӣ аз нимаи дувуми ҳазораи аввали мелодӣ,

забони сакоии ҳиндӣ, забони сакоии Крарайин, забони сакоии Кошғар ба пажӯҳишгарон аз рӯи осори гуногун маълум мебошанд. Ин забонҳо аз лиҳози сохтори дастурӣ ва таркиби вожагонӣ умумияти зиёде дошта, фарқияти онҳо дар сатҳи гӯишу лаҳҷаҳо қарор дорад.

Маводи забони хутанусакоӣ ба хати ҳиндии браҳмӣ навишта шуда, дар ибтидои асри XX аз Туркистони шарқӣ (Хутан, Тумшуқ, Муртук) пайдо шудаанд. Ин навиштаҳо ба асрҳои VII-X тааллуқ доранд. Дар ин забон устуворӣ ва ноустувории садонокҳо гӯё, ки аз байн рафтааст. Садонокҳои одии ин забон i, ī, u, ū, a, o, e, ə, u ва садонокҳои мураккаби он ai, au, ua, ui мебошанд.[1]

Ба таври хулоса, ин забонҳо нисбатан бештар ба таърихи забони модарии мо муносибат ва алоқаи бевосита дошта, дар марҳилаҳои гуногуни рушди забони мо дар ин ё он минтақаҳои паҳншавии баъдии забони тоҷикӣ забони расмӣ, таҳрир, гуфтугӯии ин сарзаминҳо буда, ба роҳҳои гуногун (таъсири овоӣ, дастурӣ, вожагонӣ) ба забони модарии мо таъсир расондаанд.

**§ 3. Вижагиҳои хоси садонокҳои забони мо.** Садонокҳои забони тоҷикӣ дар давраҳои тӯлонии таърихи забони мо тағйиру таҳаввули зиёде дида, суфта гардида, то ба имрӯз расидаанд. Азбаски ҳамсадоҳои забон бештар собиту устувор буда, ба тағйироти шакливу овоӣ камтар рӯ ба рӯ мешаванд, мо дар ин бахш садонокҳои забон ва таҳаввули онҳоро аз лиҳози таърихӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Яке аз хусусиятҳои хоси овозҳои забонҳои бостонии эронӣ ба таври мушаххас фарқ кардани садонокҳо аз лиҳози дарозии овоз мебошад. Забони форсии бостон, ки падарбузурги овозҳои забони тоҷикӣ ҳисоб мешавад, дар таркиби худ, тавре ки дидем, се ҷуфти садонокҳои одӣ (I - ī, - a - ā, u - ū) ва чор садоноки мураккаб (ai, aī, au, aū) дорад.[2] Инкишофи минбаъдаи садонокҳо дар забони форсии миёна ва портӣ нишон медиҳанд, ки ду садоноки мураккаб **ai** ва **au** мутаносибан ба садонокҳои дарози **ē** ва **ō** табдил ёфтаанд,

---

[1] Основы иранского языказнания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 233-239.

[2]Bartholomae Chr. Awestisch und Altpersisch || Grundriss der iranischen Philologue. Bd. I. Alt.1.Strusslbug, 1895-1901,187; Meillet A. Grammaire du v ieux perse, Paris, 1931. - C. 47-48.

дар забони форсии миёна дар давраи оғозини инкишофи забони классикии форсӣ-тоҷикӣ шумораи садонокҳо ба ҳашт садонок (i, ī, ē, a, ā, u, ū, o,) мерасад.

Мо ин садонокҳоро дар осори шоирону нависандагони давраи классикии адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XV) мебинем. Дар ин давра дарозиву кутоҳии садонокҳо ба андозае аҳамият доштанд, ки дар ивази шеъри ҳиҷоии адабиёти мо шеъри арӯз ба вуҷуд омад. Ин амр, агар аз як тараф зери таъсири адабиёти араб ба вуҷуд омада бошад, аз тарафи дигар дар пайдоиши ин навъи шеър нақши садонокҳои кутоҳ ва дароз хеле зиёд аст. Ин муқобилгузории садонокҳо ба садонокҳои дарозу кутоҳ дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ҳам инъикос ёфт. Овозҳои садонокҳои дарози ī ва ē бо ҳарфи ی- йо ва ū, ō бо ҳарфи (و) вов навишта мешуданд. Садонокҳои кутоҳ i, u, a бо – касра (ِ), u – замма (ُ) ва a – фатҳа (َ) ишора мешуданд, ки баъзан нишон дода намешуданд. Яъне дар алифбои арабиасоси мо барои ду садоноки барои арабҳо номаълум uē ва ō истилоҳҳои «йо-и маҷҳул» ва «вов-и маҷҳул» истифода мешавад. Яъне агар ī йо-и маъруф бошад ва навишт бо талаффуз мувофиқат кунад, пас ē - йо-и маҷҳул ва ū - вови маъруф бошад, пас ō вови маҷҳул мебошад. Агар ин истилоҳҳои забоншиносӣ ва овонавишти онро бо алифбои имрӯза баргардонем, ӯ-и дароз дар калимаҳои гӯш, рӯз, бӯй ва ғайра вови маҷҳул ва у-и дарози калимаҳои дуд (форсии миёна dūt ), дур (форсии миёна dur) хун (форсии миёна xūn) вови маъруф мебошанд. Ин овозҳо дар забони форсии имрӯз бо вов навишта шуда, ҳамчун у-и дароз ифода мешаванд, вале дар забони тоҷикӣ онҳо бархе бо ӯ-и дароз ва бархе дигар бо у-и кутоҳ навишта мешавад, ки ҳоло сарчашмаи баҳси доманадори донишмандон гардидааст. Айнан ҳамин усул дар навишти йо-и маҷҳул ва йо-и маъруф дар забони тоҷикӣ ва форсӣ мушоҳида мешавад. Агар йо-и маҷҳул дар забони тоҷикӣ ба садоноки алоҳидаи ē табдил ёфта бошад, он дар забони форсӣ бо овози ī якҷо шуда, бо йо (ی) навишта мешавад. Масалан калимаҳои шер ва шир дар забони форсӣ як хел (شیر) навишта мешавад, вале маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Бояд гуфт, ки дар ҳар ду маврид хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ дар форсии миёна дида мешавад, вале дар форсии имрӯз шояд зери таъсири омилҳои забонҳои бегона тағйир карда бошад. Дар вазни арӯз i (и-и кутоҳ) ва ī (и-и дароз) бо ҳамдигар дар шеър ҳамвазн нестанд, вале бархе аз шоирони мо ба иллати

чунин дигаргунии нодурусти солҳои 40-уми садаи XX дар имлои забон, масалан калимаи дилро (دل) бо Нил (نيل) қофия мебанданд, ки дар вазни арӯз хатои маҳз ҳисоб мешавад.

Ҳамин тариқ, агар содатар гӯем, «вови маъруф» барои арабҳо ӯ-и маълум аст ва бо ин аломат ишорат мешавад, вале «вови маҷҳул» ӯ-и номаълум аст, яъне ба арабҳо ошно нест, вале он ҳам бо вов ишора мешавад. Ба истилоҳи дигар вов – ҳарфи арабист, ки бо аломати «و» ифода мешавад. Дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ ин ҳарф ба ғайр аз овози «в» ӯ-и дарозро (ū) ифода мекунад. Истилоҳи «вови маъруф» ба ҳамин овоз дар калимаҳои дур, хун, буд ва ғайра марбут аст. Овози ӯ-и дароз (ō) дар калимаҳои рӯз, бӯй, гӯш ба арабҳо маълум набуд ва дар алифбои арабӣ ҳам вуҷуд надошт ва азбаски барои арабҳо овози номаълум буд, онро бо ҳарфи вов (و) ишора карда, «вови маҷҳул», яъне «вови ноошно» номиданд.

«Йо» номи ҳарфи ی дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ мебошад. Ин ҳарф дар алифбои арабӣ овози ī-ро (ӣ-и дароз дар калимаҳои бино, пир, шир, сир…) ифода мекунад. Овози ē (дар калимаи шер, деҳ, пеш,…) барои арабҳо ноошно буд, вале ин овозро ҳам бо йо (ی) ишора мекунанд. Биноан, аввалиро «йо-и маъруф» ва овози ē-ро «йо-и маҷҳул», яъне ноошно ва номаълум номиданд. Овози е дар забони тоҷикӣ аз дарозӣ ба устуворӣ гузашта, садоноки ī-(и-и кутоҳ) калимаҳои арабиро пеш аз ҳамсадои ҳ, ки дар арабӣ бо ī талаффуз мешаванд, (иҳтимол, иҳтиром ва ғ.) ба худ тобеъ намуда, онро дар шакли эҳтимол, эҳтиром, эҳдо овардааст. Бояд гуфт, ки садоноки ē (аз таркибҳои овоии эронии қадим ai, aya) дар тамоми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ устувории худро нигоҳ доштааст.

Дар марҳилаи нави инкишофи забонҳои эронӣ забони тоҷикӣ дар гурӯҳи забонҳои ҷануби ғарбӣ ҳамроҳ бо забонҳои форсӣ, дарӣ, ҳазора, тотӣ мебошад. Албатта ин тақсимбандӣ шартӣ буда, фақат барои нишон додани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи ин забонҳои ба ҳам наздик шартан сохта шудааст. Тавре ки аз ин тақсимбандӣ мебинем, ба ғайр аз забони тотӣ, ки фарқиятҳои он аз забонҳои дигари ин гурӯҳ бештар мебошад, забонҳои дигар (форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ, ҳазора) тақрибан хусусиятҳои гӯишӣ ва лаҳҷавии як забони умумиро доро мебошанд. Ин умумиятро метавон ба ҳамон умумияти забонҳои ориёӣ итлоқ кард, ки дар аҳди қадим бо номи «забони ориёӣ» (забони форсии қадим ва забони бохтарии кӯшонӣ дар

сангнавиштаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ва Кӯшонӣ забони ориёӣ номида шудааст) номгузорӣ шудааст.[1]

Забони классикии форсии тоҷикии мо, ки ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави паҳншавии ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, аз лиҳози хусусиятҳои овоӣ, дастурӣ ва вожагонӣ аз забонҳои хешованди бостонии хеш хеле дур рафта, хусусиятҳои хоси худро пайдо кард. Пеш аз ҳама, дар бахши фонетика ё овошиносӣ масъалаи тағйирот ва таҳаввули сифатӣ бар ивази тағйироти миқдорӣ ба ҷои аввал мебарояд. Дар забони тоҷикии давраи классикӣ мисли забони форсии миёна ҳанӯз ҳам ҳашт садонок (се ҷуфти кутоҳу дарози i-ī, a-ā, u-ū ва ду садоноки дароз (аз садонокҳои мураккаби ai>ē ва au>ō пайдошуда) вуҷуд дорад, вале дар зери таъсири тағйироти сифатӣ дар ҳоли тағйир ёфтан аст. Ҳамин тариқ, дар забони тоҷикии классикӣ (форсии дарӣ) ҳашт садонок (i, ī, ē, a, ā, u, ū, ō) вуҷуд дорад. Барои таҳаввули ҳамсадоҳои ин давраи забони мо тағйироти зиёди сифатӣ дар ҷобаҷогузории онҳо дида намешавад.

Дар бахши сарфу наҳв тағйироти асосӣ аз ҳолати тасрифӣ (синтетикӣ) ба ҳолати таҳлилӣ (аналитикӣ) гузаштани ҳиссаҳои нутқ мебошад.

Аз байн рафтани ҷинсияту тасрифи падежӣ ва гузариши ҳолати ҷамъбандии сегона (танҳо, дугона ва ҷамъ) ба ҷамъбандии дугона (танҳо ва ҷамъ) хусусиятҳои хоси ҳолати таҳлилии забон мебошад, ки ин тағйиротҳо ҳанӯз дар забонҳои форсии миёна, портӣ ва қисман дар забони бохтарӣ намудор шуда буданд ва дар давраи аввали инкишофи забони форсии дарӣ ташаккулёбии онҳо анҷом ёфт. Албатта, дар давраи аввали инкишофи забони классикии форсии тоҷикӣ хусусиятҳои маҳаллӣ ва лаҳҷавии ин забон дар минтақаҳои гуногуни густариши он дида мешуд ва таҳияи фарҳангу луғатномаҳои гуногун шоҳиди ин гуфтаҳост. Вале хусусиятҳои умумӣ ва меъёрии забони адабӣ барои ин забон то имрӯз боқист ва метавон гуфт, ки алорағми хусусиятҳои хоси гунаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ байни ин се гунаи забони адабӣ умумиятҳо аз фарқиятҳо дида хеле бештар аст.

---

[1]Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006. - С. 211.

Тавре ки маълум аст, талаффузи «вови маҷҳул», ки аз рӯи ақидаи забоншиносон имрӯз дар забони форсии Эрон дида намешавад, дар забони тоҷикӣ ва дарии Афғонистон боқӣ мондааст. Албатта, фонемаи ӯ ё ба таври дигар у-и дароз дар забони тоҷикӣ таҳқиқи ҷиддӣ мехоҳад, зеро ки шакли талаффузи он ба вови маҷҳули классикӣ шартан муқоиса мегардад. Тарзи талаффузи он дар забони форсии миёна ва форсии дарӣ ё тоҷикии аҳди классикӣ ба таври мушаххас маълум нест ва он аз рӯи анъана ва суннати дароз талаффуз кардани он баррасӣ мегардад.[1] Ин масъаларо метавон ба таври муфассал дар намунаҳои мувофиқати таърихии ин овоз аз форсии бостон то забони тоҷикӣ баррасӣ намуд.

Вови маҷҳул дар забони классикии форсии тоҷикӣ аз ҳисоби ба садоноки дарози ū табдил ёфтани садоноки мураккаби аū ва ба воситаи дароз талаффуз кардани баъзе аз таркибҳои овозӣ пайдо шудааст, ки мушаххасан дар мисолҳои зерин дида мешавад:

1. Дар калимаҳои монанди рӯз, гӯш, бӯй, рӯд, рӯй дар асоси табдил ёфтани садоноки мураккаби забонҳои авестоӣ ва форсии қадим **au** ба садоноки дарози ū пайдо шудаанд:

**рӯз**< форсии миёна ва портии **rōz** (форсии миёнаи давраи аввал **roč<**форсии бостон **raučah** ба маънои рӯз, авестоии **raočan** – равшан < эронии қадим **raučah**). Калимаи авестоии **raočan** имрӯз дар забони тоҷикӣ дар шакли **равшан** ва **рӯшан** вуҷуд дорад ва ин мисол исбот мекунад, ки имрӯз ҳам кутоҳшавии садонокҳои мураккаб (ав-и тоҷикӣ ва оӯ-форсӣ) дар забони мо идома дорад. Равған ва рӯған ҳам шоҳиди ин гуфтаҳост.

**гӯш**< форсии миёна – **gōš**< форсии бостон **gauša**, авестоии **gaoša**< эронии қадим **gauša;**

**бӯй** < форсии миёнаи **bōy**< авестоии **baoδa**< эронии қадим **bauda;**

**рӯд**< форсии миёнаи **rōd**< форсии бостон **rautah**< эронии қадим **rautah;**

**рӯй** < форсии миёнаи **rōy**< авестоии **raoδa**< эронии қадим **rauda** ба маънои намуди беруна.

2. Бо роҳи ба садоноки дарози ū табдил ёфтани таркибҳои овозӣ:

---

[1] Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. - М., 1982. - С. 20.

а) аз эронии қадими **aua:** ӯ ба маънои шахси сеюми вай < форсии миёнаи **ōу**< форсии бостон **avahya** аз ҷонишини ишоратии **ava** – он, вай < эронии қадим **ava**:

**фурӯ** ба маънои поин < форсии миёна **frād**< форсии бостон **frauata**– ба пеш, ба поин;

**зӯр** ба маънои тавоноӣ, қудрат < форсии миёна **zōr**< форсии миёнаи давраи аввал **zavar**, портии **zāvar**< авестоии **zāvar;**

**пӯст**< форсии миёна **pōst**< форсии қадим **pavasta;**

**ту**< форсии миёна **tō**< авестоии **tava**< эронии қадим **tava** ба маънои «аз ту»;

б) аз таркиби овозии форсии бостон **agu**<auu>ōu>ō;

**мӯбад**< форсии миёна **mōubad** (давраи аввал - **mōupat**) < форсии бостон **magupati** – рӯҳонии зардуштӣ;

в) аз таркиби овозии va>ō;

вожаи **ду**< форсии миёнаи **dō**< авестоии **dva,** форсии бостон **$d^u$va**.[1]

Ин таркибҳои овозии форсии бостон дар забони тоҷикии имрӯз бояд овози ӯ-ро диҳанд, ки тавре аз имлои имрӯз бармеояд, на ҳамаи ин овозҳо бо ӯ ишора мешавад. Ҳол он ки дар забони мо бе доштани меъёри таърихӣ як силсила қоидаҳо (аз қабили пеш аз овози (h)ҳ дар калимаҳои куҳна, куҳан ва пеш аз овозҳои h ва айн (аломати сакта) дар калимаҳои арабӣ талаффуз кардани ӯ пайдо шудаанд, ки имрӯз онҳоро ҳамчун хусусиятҳои хоси забони тоҷикӣ қаламдод мекунанд. Ҳол он ки хусусияти хоси ин овозҳоро, яъне ба ӯ-и дароз табдил ёфтани у-и кутоҳдар лаҳҷаҳои шимолии Тоҷикистон, аз ҷумла дар лаҳҷаҳои «самарқандӣ-бухороӣ, ленинободӣ-конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротепаӣ, шаҳристонӣ» дар намунаҳои уҳда, муҳтоҷ, мумин (арабии муъмин) ҳанӯз дар соли 1964 муҳаққиқи рус Расторгуева В.С. қайд карда чунин гуфта буд: «Гузариши u (у-и кутоҳ) ба ů (ӯ-и дароз) дар зери таъсири ҳамсадои гулӯӣ танҳо дар лаҳҷаҳои шимолӣ (ҷое, ки садоноки ū (ӯ-и дароз) дорад) ва махсусан дар лаҳҷаҳои самарқандиву бухороӣ, ленинободиву конибодомӣ, аштӣ, чустӣ, косонсоӣ, уротепагӣ, шаҳристонӣ дида мешавад».[2] Яъне ин падида дар

---

[1] Муфассал ниг.: Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. - М., 1982. – С. 42-43.

[2] Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. - М., 1964. - С. 41, Тагирова К. Таджикские говоры Бастандоскского района Узбекской СССР. - Сталинабад, 1959. - С.10-11.

аксарияти дигари лаҳҷаҳои минтақаҳои тоҷикнишини тоҷикони Осиёи Марказӣ ва лаҳҷаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва ҷануби шарқии Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқон маълум карда нашудааст ва онро ҳамчун меъёр ба забони адабӣ дохил кардан ба назар дуруст намерасад. Агар меъёрҳои забони адабиро ба баъзе минтақаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистону Тоҷикистон маҳдуд накарда, онро ба тамоми сарзамини тоҷикон мансуб донем, нодурустии ин меъёр боз ҳам равшантар ва бармалотар аён мегардад. Ӯ таъсири забонҳои туркӣ ва махсусан забони ӯзбекиро дар пайдо шудани овози ӯ дар калимаҳои арабӣ ва тоҷикӣ дар намунаи лаҳҷаҳои Чирчиқи боло, Риштон ва атрофи он зикр намуда чунин мегӯяд: «Ин фонема (овози ӯ дар назар аст) хати инкишофи ō-и маҷҳули куҳанро идома намедиҳад. Он дар ин ҷо аз забони ӯзбекӣ иқтибос шудааст ва фақат дар калимаҳои иқтибосии ӯзбекӣ дида мешавад» (мисолҳо ҳам оварда мешавад).

Баъдан ӯ дар ҳамин ҷо зикр мекунад, ки «ō-и маҷҳул дар ин ҷо ба монанди лаҳҷаҳои марказӣ ба овози ū табдил ёфтааст: rūz, rūy, mūy ва ғ.»,[1] (яъне у-и дарози калимаҳои дур, пур, гур ва ғ.)

Бояд гуфт, ки масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ дар даврони Шӯравӣ борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва то ин дам шумораи садонокҳои забони тоҷикиро пажӯҳишгарон гоҳ дар асоси шумораи садонокҳо дар забони классикии форсӣ-тоҷикӣ 8 садонок, гоҳ ҳафт садонок ва асосан шаш садонок ҳисоб кардаанд. Дар ибтидои асри XX, солҳои 1927-1928 дар давраи омодагӣ барои гузариш ба алифбои лотинӣ баҳс сари садонокҳои дарозу кутоҳи ū – u ва i – ī хеле доманадор буд ва ин баҳсҳо аввал бо қабул кардани ҳашт садонок i, ī, e, a, o, ů, ū, u анҷом ёфт. Дар натиҷа китобҳои аввалини дарсӣ барои забони тоҷикӣ, ки солҳои 1929-1930 чоп шуданд, бо овардани ҳашт садонок дар забони тоҷикӣ нашр гардидаанд.[2]

---

[1] Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. М., 1964. - С.41, Тагирова К. Таджикские говоры Бастандокского района Узбекской СССР. - Сталинабад, 1959. - С. 10-11.

[2] Сухарева О. А. Руководство для изучения таджикского языка, Самарканд, 1929; Громатович, Дмитриевский, Хашимов. Учебник таджикского языка. - Ташкент, 1931; Соколова В. С. Фонетика таджикского языка. - М.-Л., 1949. - С. 11.

Абдурраufi Фитрат дар китоби худ бо номи «Қоидаҳои забони тоҷик (сарф ва наҳв)», ки соли 1930 ба чоп расидааст, чунин менависад: «Босадоҳои (садонокҳои - С. Н.) забони тоҷик 8 адад буда, ба се ҷуфт ва 2 тоқа тақсим мешаванд. 6 босадои ҷуфт-ҷуфт:

| | |
|---|---|
| **кутоҳ** | **у, и, а** |
| **дароз** | **ӯ, ӣ, о** |

Ду босадои тоқа: «е, ӯ»[1]

Вале баъдан Комиссия оид ба омодагӣ ба анҷумани илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон садонокҳои забони тоҷикиро 6-то муқаррар намуд ва овозҳои i - ī ва u - ū-ро на аз рӯйи дарозӣ, балки дар асоси устуворӣ муайян намуд.[2]

Дар солҳои 1937-1940 дар давраи гузариш ба алифбои кириллӣ масъалаи садонокҳои забони тоҷикӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифт. Боз фарқ кардани i – ī ва ū – u масъалаи асосӣ гардид. Соли 1940 китоби Лутфулло Бузургзода «Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ» бо ҳуруфи лотинӣ чоп шуд, ки дар он масъалаи дарозӣ ва кутоҳии садонокҳои i - ī ва ū – u аз нав тасдиқ гардида, барои забони тоҷикӣ меъёр ҳашт садонок муқаррар гардид. Аз ҷумла, ӯ дар бораи овози i: - ī менависад: «i: Ин овоз аз ҷиҳати ҷой ва усули ташаккул аз «i» фарқ надорад, яъне овози қатори пешин ғайрилабӣ ва танги болоӣ буда, аммо аз «i» андак кашидатар (дарозтар) талаффуз карда мешавад: i:d, bi:по, si:r (sī:rikosa), si:r, zi:n, zi:па, xi:ra, pi:v, di:па, di:ruz//di:rūz, ki:па, si:. Ин овоз дар як қисм шеваҳо монанди забони адабӣ фонемаи мустақил ба шумор равад ҳам, дар як қисм шеваҳо (Самарқанд, Ленинобод) аз «i» фарқ карда намешавад.»[3] Л. Бузургзода дар бораи u:(ū) ҳам чунин ақидаро пешниҳод мекунад ва барои намуна

[1] Абдурраufi Фитрати Бухороӣ. Қоидаҳои забони тоҷик (сарф ва наҳв). – Душанбе: Сино, 2009. - С. 40-41.

[2] К вопросу о едином литературном таджикском языке, терминологии и латинизированном таджикском алфавите. Материалы работ комиссии по подготовке научно-лингвистического сьезда в Сталинабаде. - Сталинабад, 1930.

[3] Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1940, - С.39; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка. - М.-Л., 1949. - С.11-12.

мисолҳои **du:r, hu:š, šu:š, nu:r, du:d**-ро меорад.[1] Тавре ки аз ин намунаҳо мебинем, ва худи муаллиф ҳам қайд мекунад, ин дарозиву кутоҳӣ агар дар забони адабӣ ва баъзе аз шеваҳо фонемаи мустақил бошад ҳам, вале дар лаҳҷаҳои Самарқанду Ленинобод аз овози «i» фарқ надорад. Бинобар ин дар имлои забон ҳам минбаъд дар назар гирифта нашудаанд.

Вале баъд аз як соли нашри ин китоб китоби дигаре бо номи «Грамматикаи забони тоҷикӣ» нашр мешавад, ки дар он ҳафт садонок (**а, е, u, ӣ, о, у, ӯ**) барои забони адабии мо муқаррар шудааст.

Забони тоҷикӣ алорағми гуногунӣ ва мавҷуд будани шумораи зиёди лаҳҷаву шеваҳои мухталиф, ки дар гуногунии талаффузи садонокҳо бештар акс ёфтаанд, умумияти байни ин гӯишу лаҳҷаҳоро дар худ инъикос намудааст. Ин гӯишу лаҳҷаҳо аз лиҳози овозҳо дар зинаҳои мухталифи тағйирёбии сифатӣ ва миқдорӣ нисбат ба овозҳои забони адабӣ қарор дошта, ҳангоми таҳлилу баррасиҳои илмӣ умумияти таърихии овозҳои забонҳои эрониро ба таври возеҳ ошкор менамояд. Тавре ки аз сайри таърихии овозҳои забони тоҷикӣ аз авестоиву форсии бостон то забони форсии миёнаву бохтариву суғдӣ дидем, ин забонҳо ба ҷуз аз тағйиротҳои умумӣ, ки дар зинаҳои таҳаввулу такомул ва дар марҳилаҳои рушди таърихӣ ва хусусиятҳои хоси забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ дида мешаванд, умумияти равиши таърихии умумиэронӣ доранд.

Талаффузи садонокҳои **i** ва **ī**, яъне и-и кутоҳ ва **ӣ**-и дароз дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи устуворӣ ва ноустуворӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд. Гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ (дарёи Зарафшон тахминан марзи лаҳҷаҳои шимоливу ҷанубӣ мебошад) ва гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ. Дар лаҳҷаҳои шимолӣ фарқияти байни i ва ī аз рӯи аломати устуворӣ ва ноустуворӣ боқӣ мондааст. Дар лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон (шева ва лаҳҷаҳое, ки дар қисмати ҷануби дарёи Зарафшон воқеъ мебошанд) ҳар ду овози **i** -и кутоҳ ва **ī** -и дароз ба як садоноки ī табдил ёфтаанд.[2]

Масъалаи талаффузи садонокҳои таърихии u, ū, ō (у ва ӯ-и дароз ва ӯ-и маҷҳул) дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ чунин буда,

---

[1] Бузургзода Л. ва Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ, Сталинобод, 1941. - С. 21; Соколова В.С. Фонетика таджикского языка. - М.-Л., 1949 - С. 12.

[2] Дар ин бора муфассал нигаред: Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. - М., 1964. - С. 19-20.

Расторгуева В.С. онҳоро ба панҷ навъ ё панҷ намуд ҷудо кардааст.[1]

Дар лаҳҷаҳои навъи аввал ва навъи дувум, ки ба гурӯҳи аввал Бухоро Айнӣ, Чуст, Консой, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Истаравшан, Шаҳристон, Панҷакент ва ба гурӯҳи дувум лаҳҷаҳои ш.Самарқанд, болооби Варзоб, Бойсун, лаҳҷаҳои кӯҳистони Ҳисору Қаратоғ дохил мешаванд, овози садоноки маҷҳули «ō» боқӣ монда, аз лиҳози устуворӣ дар муқобили «ū» ва «u» (дар гурӯҳи аввал) ва «u» (дар гурӯҳи дувум) қарор дорад.[2]

Дар лаҳҷаҳои гурӯҳи сеюм, (лаҳҷаҳои Мастчоҳ, Фалғар, Шайдон, болооби дарёи Чирчик), чорум (лаҳҷаҳои Кӯлоб, Ғорон (Бадахшон), Хумдара, Вахёи боло, Чилдара, Қаротегин, қисмати ҳамвории водии Ҳисор, бахше аз Варзоб) ва гурӯҳи панҷум (лаҳҷаи Дарвоз) хусусиятҳои умумӣ дар талаффузи ин садонокҳо дида мешавад:

1. Дар ҳар се навъ ё гурӯҳ садоноки таърихии ō (ӯ-и дароз) дар калимаҳои гӯш, бӯй, рӯз ба овози дарози ū-ӯ табдил ёфтааст.
2. Овози садоноки дарози ӯ дар калимаҳои хун, дуд, дур, низ бо ō (ӯ-и дароз) якҷо шудааст. Фақат дар лаҳҷаҳои типи сеюм ба ū (у-и дароз) табдил ёфтани (у-и кутоҳ) дар баъзе ҳолатҳо дида мешавад.
3. Дар лаҳҷаҳои типи чорум ва панҷум u (у-и кутоҳ) боз ҳам кутоҳтар шуда, ба ъ табдил ёфтааст, ки аз ҳамаи садонокҳои забони тоҷикӣ имрӯз кутоҳтарин садонок дар забони тоҷикӣ мебошад. Фақат дар лаҳҷаҳои гурӯҳи панҷум (Дарвоз) ҳар ду ҳолат, ҳам кутоҳшавии u(у-и кутоҳ) ба ъ ва ҳам нигоҳ доштани хусусияти ō (ӯ-и дароз) дар калимаҳои монанди рӯз, гӯш, дида мешавад.[3]

Қонунмандиҳои инкишофи дохилии лаҳҷаҳои забони тоҷикии қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон) аз лиҳози овошиносии садонокҳои одӣ шумораи ин садонокҳоро аз 6 садонок то ҳашт садонок нишон медиҳад. Садонокҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба таври умум аз лиҳози таҳаввули таърихӣ ҳадди ақал ду роҳи инкишофи худро тай кардаанд.

---

[1] Ҳамин китоб, с. 23-29.

[2] Ҳамин китоб, с. 23-27; Соколова В. С. Фонетика таджикского языка, с. 27-29.

[3] Ниг. Расторгуева В. С. Ҳамин китоб, с. 23-27; Соколова В. С. Фонетика таджикского языка. - С. 27-29.

Аввал аз лиҳози дарозии талаффуз садонокҳои ҳамгун ба ҳам омада, якҷоя мешаванд, ки дар намунаи якҷояшавии садонокҳои ҳамгуни ō ӣ, u ва i, ī, e бо равишҳои мухталиф дида мешаванд. Дувум, садонокҳо аз лиҳози хусусиятҳои сифатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин тағйирот дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба тариқи зерин мушоҳида мешавад. (Инъикоси ин таҳаввул аз лиҳози минтақавӣ аз Шимол ба Ҷануб яъне аз лаҳҷаҳои шимолӣ ба самти лаҳҷаҳои ҷанубӣ мебошад):

1. Овозҳои садоноки навъи шимолӣ дар се марҳила дараҷаи инкишоф ва таҳаввули садонокҳоро ба самти якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавӣ нишон медиҳад.

а) Марҳилаи аввал дар лаҳчаҳои гурӯҳи якум (Бухоро, Панҷакент, Уротеппа, Шаҳристон, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Консой, ҷануби Ашт (Пунук) дар намунаи гузаштан аз садонокҳои дарозу кутоҳ ба садонокҳои устувору ноустувор (баъзе ҳолатҳои муқобилгузории дарозу кутоҳ) дида мешавад. Ин лаҳҷаҳо дорои ҳашт садонок i, ī, ē, a, o, ā, u, (ū), ů, мебошанд;

б) марҳилаи дувум якҷояшавӣ ва баҳамоии u ва ū (у-и дарози калимаҳои дур, нур…) бо нигоҳ доштани муқобилгузории i, ī дар ҳолати ноустуворӣ ва устуворӣ (i ва ī дар намунаи калимаҳои дил - пир, китоб - ширин ва ғ.). Дар ин лаҳҷаҳо (танҳо лаҳҷаи Самарқанд ва атрофи он) ҳафт садонок (i, (ī), ē, a, o, ā, u) дида мешавад;

в) марҳилаи севум баҳамоии садонокҳои i ва ī (ӣ, и) дар намунаи калимаҳои пир, дил, шир, ва ғ. ва вуҷуд доштани шаш садонок (i , e, a, o, ū, u) дар лаҳҷаҳои кӯҳистони Ҳисор, Бойсун, Дарбанд, Варзоби боло. Бояд гуфт, ки ин лаҳҷаҳо бештар зери таъсири лаҳҷаҳои ҷанубӣ (кулобӣ ва қаротегинӣ) қарор дошта, дар онҳо баҳамоии ū ва ů (дар намунаи калимаҳои рӯ > ру, бӯ > бу, сӯ >су) дида мешавад.

Дар ин гурӯҳ Расторгуева В. С. қайд мекунад, ки ин гӯишҳо зери таъсири гӯишҳои Қаротегину Кӯлоб ба ин тағйирот дучор шудаанд. Вале он зери таъсири ин гӯишҳо ба вуҷуд наомада, заминаи таърихии онҳо якест. Ин минтақаҳо таърихан ба ҳудуди забони бохтарии тахорӣ дохил мешаванд ва он умумиятҳо таъсири минтақаи Кӯлобу Қаротегин набуда, балки ягонагӣ ва умумияти таърихии ин минтақаҳоро нишон медиҳад.

2. Лаҳҷаҳои марказӣ (болооби Зарафшон, Мастчоҳ, Фалғар, Сух) бо хусусияти ҳафт садонокӣ (i, ī, a, o, e, ū, u), лаҳҷаҳои ҷанубӣ (Кӯлобу Вахш, Бадахшон, Рашт, қисмате аз ноҳияи Дарвоз ва Варзобу Ҳисор, бахше аз минтақаҳои ҷудогонаи вилояти Фарғо-

наву Андиҷон) бо хусусияти шашсадонокӣ (i, e, a, o, ъ, ū,) ва лаҳҷаҳои ҷанубу шарқӣ (Дарвоз, асосан Дарвози боло) бо доштани нуҳ садонок, (i, e, a, o, ū, u, ъ,ů,ū) ва дорои хусусиятҳои ҳам шимолӣ ва хам ҷанубӣ дорои аломатҳои зерин мебошад.

а) хусусияти умумии тағйироти сифатии садонокҳо бо гузаштани садонокҳои таърихии кутоҳи u(у) ва дарози ū (у) ба ů (ӯ) дар лаҳҷаҳои марказӣ;

б) гузариши садоноки таърихии ū ба ü дар лаҳҷаҳои ҷануби шарқӣ;

в) маҳдуд шудани дарозии садоноки маҷҳули ō (ӯ) ва гузаштани он ба ū (у) дар лаҳҷаҳои марказӣ;

г) гузаштани u (у-и кутоҳ) ба ъ, яъне боз ҳам кутоҳшавии у-и кутоҳ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ.

Ҳамин тариқ, дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бештар садонокҳои таърихии қатори ақиб ба тағйироти сифатӣ дучор шудаанд. Агар мо тағйироти сифатии лаҳҷаҳои тоҷикии Афғонистонро (махсусан лаҳҷаҳои шимоли шарқӣ ва маркази Афғонистон- Балх, Бадахшон, Қундуз, Тахор, Самангон, Парвон, Кобул) бо лаҳҷаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон муқоиса кунем, пас умумияти ин лаҳҷаҳо бештар бо лаҳҷаҳои ҷануби Тоҷикистон дида мешавад ва дар маҷмӯъ лаҳҷаҳои шимолӣ бо доштани хусусиятҳои қадимӣ (асосан доштани ҳашт садонок) аз як тараф ва лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо лаҳҷаҳои шимол ва маркази Афғонистон (бо доштани хусусияти ҳафтсадонокӣ ва шашсадонокӣ) дар байн ва лаҳҷаҳои забони форсӣ бо доштани хусусияти шашсадонокӣ аз тарафи дигар қарор мегиранд.[1]

Тавре ки аз муқоисаи овозҳои садоноки забонҳои баррасишуда ва таҷассуми онҳо дар алифбо аз рӯи барқарор кардани он овозҳо бар асоси таҳқиқот ва пажӯҳишҳои забоншиносон дидем, забонҳои эронии ғарбӣ ва шарқӣ ба таври умум бо ҳамдигар дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Забонҳои ҷануби ғарбӣ бошад, дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

1. Забонҳои форсии бостон, форсии миёна ва марҳилаи классикии инкишофи забони тоҷикӣ хусусияти хоси ба ҳам муқобил гузоштани овоӣ (фонетикӣ)-и садонокҳои кутоҳ ва садонокҳои

[1] Муфассал нигаред.: Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. - М., 1964. - С. 38-41; Abdul Chafar Farhadi. lepersianparleen Afghanistan. Grammairedu Kaboli / Paris. 1955; Соколова В. С. Исследования по фонетике иранских языков. (Автореф. докт. диссерт.). Л., 1954. - С. 29-36.

дарозро доранд. Масалан, забони форсии бостон дар ибтидо дорои се овози садоноки дароз (ā, ū, ī) ва се садоноки кутоҳ (a, u, i) мебошад. Баъдан ду овози садоноки мураккаб (дифтонгҳо) ба овозҳои садоноки дароз (ē аз садоноки мураккаби **ai**) ва (ō аз садоноки мураккаби **au**) ба ин гурӯҳ ҳамроҳ мешаванд. Бояд гуфт, ки ин муқобилгузории садонокҳои дарозу кутоҳ дар ин забон аз рӯи андозаи дарозиву кутоҳии овозҳо он қадар зиёд нест.

2. Муқоисаи забонҳои бостонӣ ва миёнаи форсӣ бо забонҳои нави эронӣ дар намунаи забонҳои эронии гурӯҳи ҷануби ғарбӣ чунин тағйиротҳои овоиро нишон медиҳад:

а) таҳаввули сифатӣ ва микдории садонокҳо дар ин забонҳо;

б) мутобиқати таърихии садонокҳо;

в) таҳаввули умумии таркиби садонокҳо.

Садонокҳои забонҳои муосир пеш аз ҳама хусусияти муқобилгузории сифатии худро ба дарозу кутоҳ гум карда, садонокҳои дароз хусусияти маъноии худро аз даст дода (инро мо дар намунаи тағйироти овоии калимаҳои вови маҷҳулдор дидем), ба хусусиятҳои дувумдараҷа табдил мeёбанд. Ҳамин тариқ, муқобилгузории садонокҳо аз рӯи хусусияти кутоҳиву дарозӣ, ки барои забонҳои ду даври аввал хос мебошанд, ба таври умум дар ҳоли аз байн рафтан мебошанд.

Аз рӯи шумораи садонокҳо забонҳои эронӣ имрӯз аз рӯи хусусияти устувор ва ноустувор муайян мешаванд. Аз рӯи ин хусусият шумораи онҳо гуногунанд.

| № | Забонҳо | Устувор | Ноустувор | Садонокҳои мураккаб |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Забони форсии Эрон | Ī, ā, ū | e, ä, o | ei, ou |
| 2. | Дарӣ (форсии кобулӣ) | ē, ī, ā, ū, ō | i, a, u | ai, au |
| 3. | Забони тоҷикӣ | ē, ō, ů | i, a, u | ai, au(av) |
| 4. | Ҳазора | ē, ō, ū | i, a, u | ai, au, ей |
| 5. | Тотӣ | æ, a,v | i, ŷ, u | ei, au, өу |

Дар забонҳои тотӣ ва баъзе лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар баъзе ҳолатҳо садонокҳои дарози таърихии решаӣ (тотӣ: ā, i, ū ва тоҷикӣ: i, ū) дида мешавад.

Ба ғайр аз садонокҳои дарозу кутоҳ дар забонҳои номбурда садонокҳои мураккаби дуовоза (дифтонгҳо) дида мешавад. Аз ҷумла:

Забони форсӣ ei, au (meidān, joušan) – мейдон, ҷоушан)
Забони тоҷикӣ ai, au (av) (maidān, javšan) – майдон, ҷавшан)
Забони дарӣ ai, au (maidān, javšan) – майдон, ҷавшан)

Тавре ки аз ин муқоиса мебинем, дар таркиби садонокҳои мураккаб фарқ байни форсии Эрон аз яктараф ва тоҷикиву дарӣ аз тарафи дигар дида мешавад.[1]

Ҳамсадоҳои забонҳои муосири гурӯҳи забонҳои ҷануби ғарбӣ аз ҳамсадоҳои забони форсии бостон сарчашма мегирад. Дар забони давраи классикии мо 22 ҳамсадо (p, t, k, b, d, g, č, j, f, s, š, x, h, n, z, ž, y,γ, m, n, v) вуҷуд дошт. Имрӯз забони форсии Эрон низ 22 ҳамсадо дорад. Фақат дар забони тоҷикӣ ва дарӣ, лаҳҷаҳои тоҷикии минтақаи Форс ба ин ҳамсадоҳо як ҳамсадои q (қ) илова мешавад, ки он ҳам бештар дар калимаҳои иқтибосии забонҳои арабӣ ва туркӣ дида мешавад.

Ба таври умум мутобиқат ва фарқиятҳои овоҳои садоноки гурӯҳи забонҳои ҷануби ғарбӣ дар ҷадвали зерин дида мешавад:

<table>
<tr><th>форсии бостон</th><th>форсии миёна ва форсии нав</th><th>форсии кобулӣ</th><th>забони тоҷикӣ</th><th>ҳазора</th><th>форсии Эрон</th><th>Тотӣ</th></tr>
<tr><td>a</td><td>a</td><td>a</td><td>a</td><td>a</td><td>ä</td><td>Æ</td></tr>
<tr><td>ā</td><td>ā</td><td>ā</td><td>o</td><td>ō</td><td>ā</td><td>A</td></tr>
<tr><td>i</td><td>i</td><td>i</td><td rowspan="2">i</td><td rowspan="2">i</td><td>e</td><td>V</td></tr>
<tr><td>ī</td><td>ī</td><td>ĩ</td><td rowspan="2">ī</td><td rowspan="2">I</td></tr>
<tr><td>ai</td><td>ē</td><td>ē</td><td>e</td><td>ē</td></tr>
<tr><td>u</td><td>u</td><td>u</td><td rowspan="2">u</td><td rowspan="2">u</td><td>o</td><td>Y</td></tr>
<tr><td>ū</td><td>ū</td><td>ū</td><td rowspan="2">ū</td><td rowspan="2">U</td></tr>
<tr><td>au</td><td>ō</td><td>ō</td><td>ū</td><td>ӯ</td></tr>
</table>

Дар асоси ин ҷадвал сайри таърихии садонокҳои забони моро дидан мумкин аст. Дар забони форсӣ ū (у-и дароз ё вови маҷҳул) бо u (у-и дароз ё вови маъруф) якҷо шуда аз лиҳози талаффуз ба u-и дарози вови маъруф табдил ёфтааст. Вале ин садонок (яъне ӯ-и вови маҷҳул) дар забони тоҷикӣ боқӣ монда, гӯё вови маъруф ё (и) у-и дарози таърихӣ бо и (у-и кутоҳи ᵓ) якҷоя

[1] Муф. ниг.: Основы иранского языкознания. Новоиранские языки, кн. 1, М., Наука, 1982. - С. 28-50; Языки Азии и Африки, М., 1978, т. 2. - С. 156-158.

шудааст. Ҳол он ки дар таърихи ҳазорсолаи забон дар навишт ӯ-и вови маҷҳул бо у-и вови маъруф якҷо (бо як و-вов, ки ҳар ду овозро ҳам овози ū ва ҳам u-ро ифода мекард) навишта мешуд ва табиист, ки вақте ин ду овоз бо як ҳарф ифода мешуданд, онҳо дар ин муддати таърихи тӯлонӣ ба як овоз табдил ёфтанд, ки он дар мисоли намунаҳои ҳам забони форсӣ ва ҳам лаҳҷаҳои ҷанубӣ, марказӣ ва қисме аз лаҳҷаҳои шимолии Тоҷикистон дида мешавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили садонокҳои забонҳои эронии гурӯҳи ҷануби ғарбӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар забонҳои эронии гурӯҳҳои эронии ғарбӣ (шимоли ғарбӣ ва ҷануби ғарбӣ) аз аҳди бостон то ба ҳол ба ҷуз аз баъзе хусусиятҳои овоӣ будани шаш садоноки кутоҳу дароз ва аз шаш то ду садоноки мураккаб (дифтонгҳо) дида мешавад.

2. Садонокҳои мураккаб дар муддати инкишофи забонҳо ба садонокҳои дароз табдил ёфта, дар баъзе ҳолатҳо бо садонокҳои дарозу кутоҳи забонҳои баъдӣ якҷо шуда, хусусиятҳои овоӣ ва маъноии худро аз даст додаанд ва имрӯз ҳам дар намунаҳои равшан – рӯшан, равған – рӯған идома дорад.

3. Садонокҳои мураккаб дар забонҳои эронӣ бархилофи ётбарсарҳои забони тоҷикӣ доимо дар асоси дар аввал омадани садонокҳои кутоҳу дароз (ai, au, оу, ei ва ғ.) омадаанд, ки асоси илмӣ надоштани истифодаи ётбарсарҳоро дар забони тоҷикӣ исбот мекунад.

4.Сайри таърихии садонокҳои забони тоҷикӣ аз аҳди бостон то имрӯз собит месозад, ки дар забонҳои эронии ду давраи аввал (бостон ва миёна) доимо сухан дар бораи овозҳои кутоҳу дароз ва дар марҳилаи нави инкишофи забонҳои эронӣ садонокҳои устувору ноустувор меравад ва таҳлили садонокҳо дар забони тоҷикӣ ва забонҳои эронии ба он наздик (гурӯҳи ғарбии эронӣ) аз байн рафтани ҳам дарозӣ ва ҳам устувории садонокҳои дарозро нишон медиҳад.

**§ 4. Алифбои арабиасоси тоҷикӣ**. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ба ҷои забонҳои эронии давраи миёна форсии миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ дар минтақаи густариши ин забонҳо пайдо шуда, ҷойгузини онҳо гардид. Ин забон аз лиҳози хусусиятҳои вожагонӣ, овошиносӣ, сарфу навҳ бештар ба забонҳои авестоӣ, форсии бостон, форсии миёна, портӣ ва бохтариву суғдӣ робитаи хешовандӣ дошта, дар ду тарафи дарёи Аму пайдо шуда, баъдан ба дигар минтақаҳо паҳн шудааст. Истилои араб ва пайдо

шудани хилофати араб боис шуд, ки забонҳои эронии давраи миёна оҳиста-оҳиста аз истифода берун шуданд ва тахминан дусад сол забону хат ва имлои мардуми ориёӣ хати арабӣ ва забони арабӣ гардид. Забони арабӣ дар тамоми қаламрави хилофати араб забони расмӣ, илмӣ ва адабӣ гардид ва ба ин забон намояндагони халқҳои дигар, аз ҷумла мардуми ориётабор асарҳои оламшумул меофариданд. Вале забони арабӣ ҳарчанд забони расмӣ, динӣ, илмӣ ва фарҳангӣ гардида бошад ҳам, он натавонист тамоми забонҳои маҳаллиро аз байн бардорад. Ин забонро пурра танҳо ашроф, намояндагони илму маориф, кормандони идораҳои давлатӣ медонистанду истифода мекарданд. Оммаи васеи мардуми ориёитабор ин забонро ё намедонистанд ё ба хубӣ онро азхуд накарда буданд. Дар байни мардуми маҳаллии Бухорову Самарқанд, Балх, Ҳироту Марв анъанаҳои пешини давлатдорӣ зинда буд ва ин буд, ки дар асри VIII дар байни баъзе мусулмоншудагони эронитабор ҷараёни шуубия пайдо шуд ва онҳо анъанаҳову суннатҳои эрониаслро тарғиб карда, Аҷамро аз Араб бартарӣ медоданд.Барои ин ҷараён шароити мусоид дар қисматҳои шимолу шарқии Эронзамин, яъне Хуросону Мовароуннаҳр мусоид гардида буд, зеро дар ин сарзамин анъанаву суннатҳои эрониасл то ҳануз побарҷо буданд. Аввалин сулолаҳои маҳаллии Тоҳириёну Саффориёну Сомониён низ бархоста аз ин сарзаминҳои бостонӣ буданд.

Дар ҳамин сарзамин дар асрҳои IX-X забони меъёрӣ ва адабии дарӣ шакл мегирад, ки дар шаклҳои порсӣ, порсии дарӣ маъмул гардид. Асоси ин забони адабиро гӯишҳои Балху Сиистон, Ҳироту Марв, Бухорову Самарқанд (дар атрофи шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ҳанӯз забони суғдӣ ҳамчун забони гуфтугӯӣ вуҷуд дошт) ва манотиқи ҳамҷавори онҳо ташкил медоданд. Аз рӯйи адабиёти бозмонда аввал дар намунаҳои шеърӣ ва сипас дар наср забони меъёр шакл гирифт. Авҷи густариши забони тоҷикӣ ба давраи Сомониён рост меояд. Намояндагони шеъру адаб ба монанди Шаҳиди Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Дақиқии Балхӣ, Рӯдакии Самарқандӣ, Фирдавсии Тӯсӣ, Абӯалӣ Сино ба ин забон шоҳасарҳои худро офаридаанд ва забони форсии дариро ба забони адабу илм табдил доданд ва он оҳиста-оҳиста дар ин соҳаҳо ҷойгузини забони арабӣ гардид. Минбаъд дар асрҳои XI-XII забони мо аз доираи густариши ватании худ ба сӯи ғарбу шарқу ҷануб пешравӣ кард ва дар минтақаи васеи Осиёи Марказӣ, Эрону Ҳинд ва Осиёи пеш забони илму адаб гардида, ба сатҳи байналмилалӣ баромад. То асри XV ба ин забон дар ин минтақаи

васеъ адабиёти фаровони илмиву адабӣ ба вуҷуд омад ва забони тоҷикӣ-форсӣ бо қоидаҳои устувори грамматикии худ шакл гирифт, ки барои ҳамаи форсизабонон ягона буд. Дар аввалҳои қарни XVI минтақаи ягонаи рушди забони тоҷикӣ ба се қисмат ҷудо мешавад. Дар Осиёи Марказӣ давлати Шайбониён (1501-1598), дар Эрон давлати Сафавиҳо (1502-1722) ва дар Шимоли Ҳинд давлати Бобуриҳо ё Темуриёни Ҳинд (1526-1856) ба вуҷуд меояд ва дар ҳар яки ин давлатдориҳо забони мо бо хусусиятҳои хоси ин минтақаҳо рушд меёбад. Дар давлати Шайбониҳо дар баробари забони тоҷикӣ унсурҳо ва майлонҳои туркгароӣ, ки дар охирон давлатдории Темуриён пайдо шуда буд, рушд мекунад ва дар доираҳои расмиву адабӣ майлонҳои дузабонаи туркиву тоҷикӣ пайдо мешаванд. Давлати Темуриёни Ҳинд ё Муғулҳои бузург забони тоҷикиро забони расмии давлатдории хеш эълон мекунад ва дар ин ҷо шукуфоӣ ва рушди забони мо то ҳадде мерасад, ки шоирону нависандагон, аҳли адабу ҳунар аз Осиёи Марказиву Эрон рӯ ба Ҳинд меоранд. Аз ҳамин давра забони адабӣ дар се минтақа бо хусусиятҳои хоси худ рушд мекунад ва забони тоҷикии Ҳинд «бӯйи ҳиндӣ» мегирад. «Се ҷараёни мустақили адабӣ пайдо мешавад, ки ба пайдоиши се адабиёти мустақил оварда мерасонад: форсӣ, ҳинду порсӣ ва тоҷикӣ».[1] Вале аз рӯи гуфтаи аксарияти пажӯҳишгарони адабиёти форсизабони Ҳинд бештар хусусияти тоҷикӣ дорад. Фарқиятҳои ин се ҳавзаи забонӣ аз асри XVII бештар мешавад.

Ин тақсимот бо баъзе тағйирот то охири асри XIX ва ибтидои асри XX идома ёфт. Дар Осиёи Миёна хонигариҳои алоҳида (Бухоро, Қӯқанд, Хева) дар минтақаи Сафавиҳову Темуриёни Ҳинд давлатҳои Эрону Афғонистон ва мустамликаи Англия (Ҳиндустон) пайдо шуданд. Вале ба ҳамаи ин тағйиротҳои сиёсиву ҷуғрофӣ нигоҳ накарда забони тоҷикӣ - форсӣ умумияти забонии худро нигоҳ дошт. Албатта, баъзе фарқиятҳои лаҳҷавӣ аз қадим вуҷуд дошт, вале онҳо асосҳои забони умумии адабиро халалдор карда наметавонистанд. То ибтидои асри XX хати умумии забони тоҷикии ҳар се минтақа алифбои арабӣ буд.

Имло ва тарзи навишти меъёрии ҳар забон ба хати он бастагии ногусастанӣ дорад. Тавре ки маълум аст, имлои забони адабии мо то гузаштан ба хати лотинӣ дар асоси хати арабиасоси тоҷикӣ сурат мегирифт ва он таърихи ҳазорсола

[1] Краткая история литературы Ирана, Афганистана и Турции, курс лекции. Отв.ред. А. И. Болдырев. - Ленинград, 19741. - С.48

дошта, дар муддати тӯлонии таърихи забон ва фарҳангии мо суфта гардида, ба меъёрҳои забони адабии мо нисбатан мувофиқ шуда буд. Алифбои арабӣ барои забони тоҷикӣ дар ибтидои истилои араб мувофиқ гардонида шуда буд. Тавре ки маълум аст, тақрибан соли 742 дафтардорӣ ва коргузории расмӣ дар Хуросон ба забони арабӣ гузаронида шуд ва тахминан аз ҳамин вақт ба таври расмӣ алифбоҳои паҳлавӣ ва кӯшонӣ мансух гардиданд, вале дар доираҳои ғайрирасмӣ ин алифбоҳо баъдан ҳам истифода гардиданд, ки ёдгориҳои бозмондаи осори хаттӣ дар Афғонистони кунунӣ ба забони бохтарӣ ва хати юнониасос шоҳиди ин гуфтаҳост. Дар давраҳои аввали истилои араб алифбои арабӣ бо ҳамаи 28 ҳарфи арабӣ барои забони форсии дарӣ мавриди истифода қарор гирифт. Тақрибан боз дусад соли дигар лозим шуд, то ба он чор ҳарфи хоси овозҳои форсӣ ба ин алифбо илова карда шавад. Ин алифбо асосан ба хусусиятҳои овозии забони арабӣ мувофиқ буда, аз лиҳози овонигорӣ аз овозҳои забони тоҷикӣ фарқ дорад. Ин боис мешавад, ки як овоз дар забони тоҷикӣ бо алифбои арабӣ бо чанд ҳарф ифода шавад. Масалан, овози t бо ҳарфҳои ت (те) ва ط (то ё t-и итқӣ), овози s бо ҳарфҳои (син) س , ص (сод), ث (s-мусаллас), z бо ҳарфҳои ذ (зол), ز (зе), ض (зод), ظ (зо ё з-и изғӣ), h бо ҳарфҳои ح (ҳ-и ҳуттӣ) ва ه (ҳ-и ҳавваз). Ҳамчунин баъзе ҳарфҳои хоси арабӣ дар навишти баъзе калимаҳои форсӣ низ истифода мешаванд. Масалан, калимаи «сад» бо тариқи صد бо истифода аз ص -сод навишта мешавад. Калимаи озар бо ذ (зо) - آذر, гузоштан ҳам бо зол (گذاشتن) ва гузоридан ҳам бо зол (گذاردن) навишта мешаванд. Ин овоз дар давраи оғозини забони тоҷикӣ дар шакли δ (th)- забони англисӣ садо медод, ки имрӯз ба овози «з» табдил ёфтааст.

Дар ин алифбо овозҳои ҳамсадо ва садонокҳои дароз бо ҳарф ифода мешаванд ва барои садонокҳои кутоҳу ноустувор аломатҳои махсус мегузоранд,ки онҳо бештар дар китобҳои дарсӣ ва фарҳангҳо барои ифодаи дурусти калимаҳо гузошта шуда, дар дигар матнҳои расмиву китобӣ ва матбуот онҳо ишора намешаванд. Ин ишораҳо чунинанд:

**1.** َ- забар ё фатҳа, ин аломат дар забони мо ҳама вақт овози кутоҳу ноустувори ӓ-ро ифода мекунад. Вожаҳои دَر – дар, بَد – бад, شَب – шаб дар миёни калима ин овозро доро мебошанд.

**2.** Аломати ِ зер ё касра, ин аломат овози ноустувори и-ро дар калимаҳои монанди دِل - дил, گِل - гил ифода мекунад;

**3.** Аломати ـُ пеш ё замма, ин аломат овози кутоҳи ноуствори у-ро дар калимаҳои монанди گل – гул, بلبل –булбул ифода мекунад.

**4.** Аломати ـْ сукун, ин аломат набудани овози садонокро баъд аз ҳамсадо нишон медиҳад. Намуна: درس – дарс, گرم - гарм ва ғайра;

**5.** Аломати ~ мадда, ин аломат доимо болои алиф дар аввали вожа барои ифодаи овози «о» гузошта мешавад. Дар дохили калима танҳо бо алиф (ا) ифода мешавад. Масалан, калимаҳои آب – об, آباد - обод, آسمان – ва ғайра;

**6.** Аломати ـ васла, ин аломат доимо болои алиф дар калимаи муайянкунандаи ال –ал гузошта шуда, аз рӯи ҷои талаффуз ал, ул хонда мешавад. Мисол: мифтоҳул-улум;

**7.** Аломати ـّ ташдид, ин аломат барои шиддати овоз дар калимаҳои дорои ду хамсадо дар як ҷо ифода мешавад. Намуна, موفّقيت – муваффақият, مظفر – музаффар ва ғайра;

**8.** Аломати ٔ - ҳамза. Ин аломат дар забони арабӣ овози хоси гулӯиро ифода мекунад ва танҳо дар калимаҳои арабӣ вомехӯрад. Дар забони форсӣ ҳамчун аломати китобат гоҳо аломати изофаро дар ибораҳои خانهٔ من – хонаи ман ва ё аломати танҳоиро дар калимаҳои мисли хонае – خانهٔ ифода мекунад. Дар имлои забони форсии имрӯз ба ҷои он ҳарфҳои йо – ی ва алиф – ا истифода мешавад.

**9.** Аломати ـً танвин. Ин аломат болои ҳарфи ا дар калимаҳои арабии монанди شديداً –шадидан, كاملاً – комилан, غالباً – ғолибан гузошта мешавад, ки дар забони тоҷикӣ зарфро ифода мекунад.

Албатта, хати арабиасоси мо бо иллати ҳамсадоӣ ё консонантӣ будан барои имлои забон мушкилиҳое низ эҷод мекард. Ин мушкиливу душвориҳо бештар ба сохтори овоии забон дахл мекард ва хусусан дар бахши садонокҳои забон ва талаффузи онҳо дар тамоми қаламрави истифодаи забони тоҷикӣ мушкилӣ эҷод мекард. Ба ҳамагон маълум аст, ки алифбои арабиасоси тоҷикӣ аз 32 ҳарф (28 ҳарфи арабӣ бо иловаи 4 ҳарфи барои ишораи овозҳои хоси забони тоҷикӣ (п - پ, ч - چ, ж - ژ, ва г - گ)) иборат мебошад.

## Алифбои арабиасоси тоҷикӣ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ا | алиф | а,и,о,у | 17. | ص | **сод** | **С** |
| 2. | ب | **бе** | **б** | 18. | ض | **зод** | **З** |
| 3. | پ | **пе** | **п** | 19. | ط | **то (итқӣ)** | **Т** |
| 4. | ت | **те** | **т** | 20. | ظ | **зо (изғӣ)** | **З** |
| 5. | ث | **се** | **с** | 21. | ع | **айн** | **А** |
| 6. | ج | **ҷим** | **ҷ** | 22. | غ | **ғайн** | **Ғ** |
| 7. | چ | **че** | **ч** | 23. | ف | **фе** | **Ф** |
| 8. | ح | **ҳе** | **ҳ** | 24. | ق | **қоф** | **Қ** |
| 9. | خ | **хе** | **х** | 25. | ک | **коф** | **К** |
| 10. | د | **дол** | **д** | 26. | گ | **гоф** | **Г** |
| 11. | ذ | **зол** | **з** | 27. | ل | **лом** | **Л** |
| 12. | ر | **ре** | **р** | 28. | م | **мим** | **М** |
| 13. | ز | **зе** | **з** | 29. | ن | **нун** | **Н** |
| 14. | ژ | **же** | **ж** | 30. | و | **вов** | **в, у** |
| 15. | س | **син** | **с** | 31. | ه | **ҳои ҳавваз** | **ҳ, а** |
| 16. | ش | **шин** | **ш** | 32. | ی | **ё** | **Ё** |

Аз тарафи дигар, агар 8 ҳарфи барои забони арабӣ хос (се - ث, ҳеи ҳуттӣ -ح, зол - ذ, сод - ص, зод - ض, то - ط, зо - ظ, айн – ع(дар алифбои имрӯза ъ- аломати сакта ҳам овози айн ва ҳам «ҳамза»-ро (таърих- تأريخ, масъала- مسئله...) ифода мекунад) мавриди бознигарӣ қарор гирифта, аз алифбои арабиасоси тоҷикӣ бароварда шавад, ҳамагӣ 24 овози хоси тоҷикӣ боқӣ хоҳад монд.

Алифбои арабиасос то охири солҳои 20-уми садаи XX алифбои расмии мардуми мо буд, ки бо гузаштан ба алифбои лотинӣ ин давраи таърихи забони мо анҷом ёфт.

# БОБИ II.
# НАВСОЗИИ ИМЛО ВА ХАТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**§1.Хусусиятҳои хоси сиёсати забонии даврони шӯравӣ.** Инқилоби октябр дар Русияи подшоҳӣ ва минбаъд барқарор шудани Ҳукумати шӯравӣ дар тамоми қаламрави собиқи Русияи подшоҳӣ ба тақсимоти ҳудудиву марзии он оварда расонид. Дар сарзамини Осиёи Миёна дар минтақаи Бухорои Шарқии аморати Бухоро аввал соли 1924 Тоҷикистони мухтор ва аз соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ин ҷумҳурӣ ҳамроҳ бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна майдони таҷрибаву озмоишҳои даврони сотсиалистӣ қарор гирифт. Сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ дар ибтидо ислоҳоти куллии шуури мардум бо роҳи татбиқи дигаргуниҳои бунёдӣ ва сохтани одами нав бо ҷомеаи нав бар пояи инқилоби ҷаҳонӣ буд. Бинобар ин алифбои лотинӣ асоси татбиқи ин дигаргуниҳои бунёдӣ қарор гирифт. Навсозии забони адабӣ, гузариш ба алифбои лотинӣ, ҳамгунсозии истилоҳоти забон дар пояи вожагони инқилобии русиву аврупоӣ ва як силсила тадбирҳои дигар бояд чеҳраи ин ҷумҳуриҳои навтаъсисро ба куллӣ тағйир медод ва онҳоро ба фарҳанги пролетариву инқилобии маркази Русия наздик ва ҳамсон мекард. Масъалаи хат ва имлои забон ҳам дар сояи ин сиёсати навҷӯёнаи Шӯравӣ бояд мавриди ислоҳу таҷдиди назар қарор мегирифт.

Дар таърихи густариши забон ва меъёрбандии он имлосозӣ ва ба тартиби муайяни имлобандӣ овардани меъёри истифодаи забон хеле муҳим аст. Тавре дар бахши аввали ин китоб дидем, дар забонҳои эронии даврони бостон ва миёна имло ва хатҳои гуногун (меҳӣ, оромӣ, юнонӣ ва ғайра) истифода мегардид. Дар давраи классикии рушди забони тоҷикӣ алифбои арабиасос мавриди истифода қарор гирифт, ки барои забони мо дар муддати беш аз 1200 сол амал кард ва имрӯз ҳам дар гунаҳои форсии Эрон ва дарии Афғонистон мавриди истифода қарор дорад. Азбаски ин алифбо ҳамсадоӣ буда, дар он ҳамсадоҳо ва садонокҳои дароз бо ҳарфҳо ифода мегардид, садонокҳои кутоҳ ҳангоми овонависӣ бо ишораҳо ифода мешуданд, ки на ҳама вақт ин усул риоя мегардид. Балки дар бештарин ҳолат ишораҳо гузошта намешуданд, ки ба гуногунии хониши садонокҳо оварда мерасонд. Аз тарафи дигар барои овозҳои

хоси забони тоҷикӣ (п, ж, ч, г) ( ث ،چ ،ژ ،گ) баъд аз тахминан дусад соли истифодаи алифбои арабӣ аломатҳои хос бо иловаи нуқтаву хатак таҳия гардид. Истифодаи ин алифбо дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX бо гузаштан ба алифбои лотиниасос қатъ гардид ва муддати тахминан даҳ соли дигар дар имлои забони мо алифбои лотинӣ ҳукмрон буд. Агар дар солҳои бистум то гузариш ба алифбои лотинӣ дар имлои калимаҳои забон як меъёри муайяни умумӣ барои ифодаи онҳо риоя шуда бошад, пас бо гузариш ба алифбои лотинӣ имлои ин калимаҳо рӯ ба талаффузи русӣ меорад. Аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX то ба ҳол барои ба як низоми муайян даровардани меъёрҳои имлои забони мо чандин ҳуҷҷат қабул гардидааст, ки ба ҷараёни густариши забони мо таъсири бесобиқа доштанд.

Ҳуҷҷати аввал аз тарафи Анҷумани забоншиносони Тоҷикистон қабул гардид. Моҳи августи соли 1930 (22 август) дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) нахустин Анҷумани илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон барпо шуд. Ин Анҷуман дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон рӯйдоди ниҳоят боарзиш ва муҳим буд ва дар он аз «профессорони Ғарб сар карда, то қуввахои илмии кӯҳистони Бадахшон» ширкат доштанд ва он «ба ҳал кардани чанде аз масъалаҳои илмӣ ва корҳои маданияти пролетарӣ аҳамият ва қимати худро дар саҳифаи таърих ёдгор гузошт ва таҳкурсии маданияти пролетариро барпо намуд».[1]

Масъалаи забони адабии тоҷикӣ дар ин Анҷуман ҳам яке аз масъалаҳои марказӣ буд ва тавсияҳои гуногуне, ки дар ин маврид маҷлису конференсияҳои мухталиф тайи 4-5 солиохир пешниҳод карда буданд, аз тарафи вакилони Анҷуман «чуқуртар дида шуданд». «Қарорҳои ин Анҷуман ба забон ва лаҳҷаи тоҷикон мутобиқ афтода, пойдор ва тағйирнопазир мемонад»,[2] навишта буданд муфассирони маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар бораи аҳамияти қарорҳои ин Анҷуман.

[1]Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон // Раҳбари дониш, №10,11,12 с. 41-42: Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1, с. 126.

[2]Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон // Раҳбари дониш, №10,11,12 с. 41-42: Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1, с. 126.

Аҳамияти ин Анҷуман дар он буд, ки фикру андешаҳо ва пешниҳодоту назариётеро, ки то он замон аз ҷониби забоншиносону зиёиёни тоҷик ва мутахассисони рус изҳор гардида буданд, ба инобат гирифта, қоидаҳои муваққатии имлоро такмил ва ислоҳ кард ва алифбои навро то ҷойи имкон ба қонуну қоидаи савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ сохта, онро барои омӯзиши ҳамагон пешкаш намуд.

Ин анҷуман аз рӯйи чор масъала, забони адабии тоҷик, алифбо (алифбои лотинӣ дар назар аст), имло ва масъалаи алифбои шуғнонӣ қарорҳои махсус қабул кард, ки ду қарори Анҷуман «Қарор дар масъалаи алифбо» ва «Қарор дар бораи имлои нави тоҷикӣ» ба имлобандӣ бевосита иртибот дошта, тарзи навишти калимаҳоро ба алифбои лотинӣ муайян менамояд. Аз ҷумла, дар «Қарор дар масъалаи алифбо» оид ба муайян кардани ҳарфҳо барои овозҳои ӯ, ŷ, у чунин омадааст: «Анҷуман тамоми масъалаҳои мубоҳисадори алифбои нави тоҷикро ҳаматарафа музокира карда, ба ин қарор меояд, ки дар қисми муҳимми шеваҳои тоҷикӣ овози (ӯ) вов-и маҷҳул мавҷуд нест ва ин вов бо (ŷ) вови маъруф мувофиқ мебошад, барои ҳамин дар аснои таълим хондан ва навиштан душвориҳо ба миён меояд. Барои аз миён бардоштани ин душвориҳо минбаъд овозҳои (ӯ) ва (ŷ) бо як шакл (ӯ) нишон дода шавад ва ин шаклро бо хосиятҳои шеваҳо мувофиқ карда кор фармудан мумкин хоҳад шуд. Ин ҳол дар шеваҳое, ки ин се овоз (яъне ӯ, у, ŷ) фарқ доранд, дуруст хондан ва навиштанро осонтар карда, дар шеваҳое, ки фақат дутоии ин овозҳо ҳаст, душворин мавҷударо аз миён мебардоранд».[1]

Дар «Қарор дар бораи имлои нави тоҷикӣ», ҳанӯз истифодаи истилоҳоти куҳан қобили қабул аст. Аз ҷумла барои ифодаи истилоҳи «садонок» «соит» ва истилоҳи «ҳамсадо» «сомит» истифода мешавад. Умуман дар ин давра як навъ ҷустуҷӯ барои ифодаи истилоҳоти забоншиносӣ ба забони тоҷикӣ дида мешавад. Ҳамин истилоҳҳои «садонок» ва «ҳамсадо» дар адабиёти илмии ин давра дар шакли «босадо» ва «бесадо» низ дида шудааст.

---

[1]Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон // Раҳбари дониш, №10, 11, 12 с. 41-42: Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1, с. 131.

Як нуктаи муҳими дигар бар асоси меъёрҳои таърихии забони адабӣ таҳия гардидани имло мебошад. Дар қарори мазкур дар ин бора чунин омадааст:

«Анҷуман қайд мекунад, ки дар муайян кардани қоидаҳои имлоӣ танҳо як лаҳҷаро асос гирифтан аз хусусиятҳои лаҳҷа (ё ки шева)-ҳои дигар чашм пӯшидан мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин ҳамаи лаҳҷаҳоро дар назар дошта истода қоидаҳои имлогии сарфии муштарак муайян кардан лозим аст.

Қайд: азбаски забони адабии тоҷик то як дараҷа ҳамаи хусусиятҳои лаҳҷаҳоро ба худ акс кунонидааст, бинобар ин дар тартиби қоидаҳои имлогӣ дар ваҳлаи аввал ба забони адабии мавҷуда мурочиат кардан зарур аст».[1]

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки таҳиягарони имлои забони тоҷикӣ дар ибтидои солҳои сиюми садаи XX тарафдори таҳияи имло дар асоси меъёрҳои таърихии грамматикӣ буда, аз «принсипи савтӣ»-и таҳияи имло сарфи назар менамоянд: Таваҷҷуҳ кунед ба иқтибоси дигар аз ҳамин қарор: «Азбаски забони тоҷик ду лаҳҷаи асосӣ ва як қатор шеваҳои дарунӣ дорад, бинобар ин имлои тоҷикиро дар асоси соф савтӣ ниҳодан мумкин нест. Бинобар ин имлои нави тоҷик дар принципи шаклӣ ниҳода мешавад».[2]

Дар бораи таъсири алифбои тоҷикӣ ба ҳуруфи лотиниасос дар ин анҷуман баъд аз баҳсҳои тӯлонӣ қарори махсус қабул гардид ва баъдан тавре дар бахши «Гузар ба алифбои лотинӣ» мебинем, оид ба ин масъала ба таври қатъӣ хулоса бароварда, алифбои лотиниасоси тоҷикӣ чанд соли дигар алифбои расмии тоҷикии Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии Тоҷикистон мегардад.

**§ 2. Гузар ба алифбои лотинӣ.** Охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри гузашта дар таърихи забони тоҷикӣ ҳодисаҳое ба вуқӯъ пайвастанд, ки баҳсу мунозира дар атрофи суду зиёни онҳо то рӯзгорони мо ҳамчунон идома дорад. Ин ҳодисаҳо иборат буданд аз табдили алифбои анъанавии тоҷикон (арабӣ) ба лотинӣ, таҳия ва танзими имлои нав, таъйини чигунагии забони адабии тоҷикӣ, афзоиши нақши матбуот ва тарҷума, таъсири забони русӣ ва амсоли он.

---

[1]Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1, с. 132.

[2]Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1, с. 132.

Бояд гуфт, ки ин рӯйдодҳо ва сиёсати фарҳангие, ки дар он солҳо амалӣ гардид ва қарору тасмимоти расмие, ки дар ин замина қабул шуд, сипас дар рушду такомули минбаъдаи забони ҳозираи тоҷикӣ ва ташаккули бахши истилоҳгузинии он нақши бағоят муҳим ва гоҳҳо ҳалкунанда бозиданд.Яке аз ин масъалаҳо табдили алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба лотинӣ мебошад.

Муҳаққиқони забоншинос ба хубӣ огоҳанд, ки ҷунбиши табдили алифбои арабӣ дар оғози қарни XX дар бисёр кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла Қафқозу Осиёи Миёна ва ҳатто Эрон доман густурда буд. Махсусан пас аз табдили алифбои арабӣ ба лотинӣ дар Туркия, ки дар марзи Осиё ва Аврупо қарор дошт ва нисбат ба соири кишварҳои шарқӣ пештар бо мамолики Ғарб ва маорифу маданияти ҷадид тамос ҳосил карда буд, ин ҷунбиш қуввати бештар гирифт. Дар натиҷа баъди Инқилоби Октябр аз соли 1922 сар карда Ҷумҳурии Озарбойҷон, тоторҳои Русия ва каме дертар аксарияти ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна низ ба алифбои лотинӣ гузаштанд. Ба таври расмӣ ҳадафи асосии табдили алифбо дар он буд, ки «...дар байни оммаи меҳнаткаши миллатҳои ҶСШ Тоҷикистон, ки пеш аз ин хату саводи арабиро доштанд, ё ки умуман савод надоштанд, алифбои нави лотинонидашударо ҳамчун аслиҳаи пурқуввати инқилоби маданӣ ҷорӣ ва мустаҳкам намояд ва ба ҳамин восита дар муддатҳои кутоҳтарин баланд бардоштани дараҷаи дониши мадании оммаи меҳнаткашон ва ҳамроҳ карда шудани онҳоро ба маданияти сотсиалистӣ таъмин намояд».[1]

Дар мавриди ангеза ва оқибатҳои табдили алифбои суннатии тоҷикон (арабӣ) дар адабиёт андешаҳои гуногун баён шудааст, ки аз доираи мавзӯи баҳси мо хориҷанд. Вале як далеле, ки дар он солҳо ва баъди он бештар маълум гаштааст, қобили ёдоварист. Пайравони ин андеша бар онанд, ки шӯроҳо ё коммунистҳо бо табдили алифбо мехостанд миллатҳои мусалмони таҳти тасаллути худро аз фарҳанг, албатта, аз дини гузаштаи хеш ҷудо карда, идея ва идеалҳои сотсиализмро бадин васила осонтар ба онҳо таҳмил кунанд. Масалан, маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар он солҳо навишта буд, ки имрӯзҳо дар байни аҳолӣ чунин андешаҳо паҳн шудааст, ки «урусҳо барои аз

---

[1]Тоҷикистони Сурх, 5-уми августи соли 1933.

ёди мусулмонон баровардани Қуръон алифбои арабиро барҳам дода ва алифбои худашонро дар Шарқ ҷорӣ мекунанд».[1]

Ба назари мо дар ин замина тахминҳо ва фарзияҳои дигаре ҳам имконпазир аст.

Тавре ки медонем, то имрӯз дар баъзе доираҳои идеологӣ ва сиёсии мамолики Ғарб ақидае мураввaҷ аст, ки гӯё сабаби ақибмондагии кишварҳои мусулмони Шарқ дини мубини ислом ва хати арабӣ мебошанд. Бинобар ин, вақте ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ инқилоби маданӣ амалӣ мешуд ва тасмим буд, ки сатҳи саводу фарҳанг ва илму фунуни ҷумҳуриҳои осиёӣ баланд бардошта шавад, шояд дар дастгоҳи олии ҳизбию давлатӣ мафкураи боло таъсир доштааст. Масалан, Комиссари маорифи халқи ҶСШ Тоҷикистон рафиқ Носируф дар мақолаи худ «Ба душманони алифбои нав зарбаи сахт медиҳем»[2] чунин гуфта буд: «…Ҳуруфоти арабиро, ки сабаби асирӣ ва ба торикӣ мондани оммаи меҳнаткашон аст, аз байни худамон дур кунем ва аз бех канда партоем».

Аммо дар байни миллатҳои Осиёи Миёна паҳн шудани ин андеша, ба назари мо, бояд сабабҳои дигар дошта бошад, аз ҷумла, мусаллам аст, ки дар ибтидо дар байни тоҷикон мубаллиғони ин андеша кам буд. Баръакс, ин ҷунбиш дар байни тоторҳои Русия ва туркзабонони Осиёи Миёнаву Қафқоз ҳаводорони зиёд дошт. Тавре ки гуфтем, ба тақлиди давлати Туркия, ки дар асари ислоҳоти роҳбари ҳаракати миллӣ-буржуазии Туркия ва нахустин Президенти ин кишвар Мустафо Камолпошо маъруф ба Камол Отатурк (1880-1938) ба сӯи таҳаввулоти моддиву маданӣ ба шеваи аврупоиҳо гом мебардошт, ақвом ва қабоили туркнажоди Осиёи Миёна, махсусан ҷавонони навсаводи камшумори ӯзбек ин иқдоми Туркияро камоли «хирадмандӣ» ва роҳи дуруст қабул карда, дар фикри табдили алифбои арабӣ афтиданд.

Чунин шефтагӣ ва «ҳамовозии гарму ҷӯшон» бояд ангезаҳои амиқтаре ҳам дошта бошад. Ба гумони мо, ақвоми турк-нажод исломият ва алифбои арабиро тартибу танзимшуда тавассути тоҷикон ва забони форсии дарӣ қабул ва дар мутобиқгардонии он ба забони худ заҳмат накашида буданд. Бинобар ин расмулхат барои онҳо бегона ба ҳисоб мерафт. Гузашта аз он, донишмандон ва шоиру нависандагони асрҳои

---

[1] Раҳбари дониш», 1929, №7.

[2] Тоҷикистони Сурх, № 119, 25-уми майи соли 1933.

миёна аз ҳар қавму нажоде, ки буданд, осори худро ба арабӣ ва ё забони форсии дарӣ менавиштанд. Аз ин рӯ, гузаштан ба алифбои лотинӣ барои туркзабонон хавфи қатъи робита бо фарҳанги гузаштаро надошт. Он миқдори ками осор, ки ба забони миллии онҳо аз гузашта боқӣ монда буд, дар андак муддат мумкин буд, ки ба алифбои дигар баргардонда шавад. Вале табдили алифбо барои тоҷикон дар пай оқибатҳои сангин дошт.

**Аввал** он ки тоҷикон чунон хизмати бузургеро, ки барои интишор ва инкишофи дини мубини ислом анҷом доданд, ба ҳамон андоза нисбат ба алифбои арабӣ хизмат карданд. Пеш аз ҳама алифбои арабиро бо савтиёт ва нормаҳои сарфиву наҳвии забони худ мутобиқ сохта, барои овозҳои хоси забони форсии дарӣ, ки дар алифбои арабӣ мавҷуд набуданд, ҳарфҳои махсус сохтанд, навъҳои гуногуни хат, аз қабили шикаста, райҳонӣ ва ғайра, ки расмулхати арабӣ имрӯз бо онҳо менозад, ба вуҷуд оварданд. Хулоса, онро ба куллӣ «ҳазм» ва «аз худ» карданд.

**Дувум**. Барои тоҷикон баргардони он ҳама осори илмӣ, таърихӣ, адабӣ ва ҳазорон дафтару девони шеър, ки аз гузашта ба ин забон мерос монда буд, ба алифбои дигаре аз тасаввур хориҷ аст.

**Севум**. Ҷавононе, ки баъд аз ин дар мактабҳои нав бо алифбои лотинӣ таҳсил мекарданд, аз бисёр манобеи фарҳангии гузашта бехабар мемонданд ва дар натиҷа силсилаи ирсияти фарҳангӣ, ки донишҳои нав ва бозёфтҳои тозаи маънавӣ бояд бар пояи он устувор гардад, канда мешуд, ки оқибати ногувори он бар ҳамагон равшан аст.

**Чаҳорум**. Гурӯҳи муайяни тоҷикони аҳли савод, ки табдили алифборо тарафдорӣ ва ё тақозо мекарданд, аксарият таҳсилкардагони Туркия ва ё раҳгумоне буданд, ки ҳангоми тақсими худуди миллии Осиёи Миёна ба манфиати халқи тоҷик ва ҳаққи таърихии он хиёнат карданд ва дар мавриди забони тоҷикӣ ва тағйири алифбои он низ ҳамон чеҳраи собиқи худро нишон доданд. Зимнан бояд гуфт, ки баъзеи онҳо дертар иштибоҳоти худро пай бурда, барои Ҷумҳурии мухтор ва баъдтар мустақили Тоҷикистон содиқона хизмат карданд, вале ин замоне буд, ки бисёр чизҳо аллакай аз даст рафта буд.

**Панҷум**. Яке аз сабабҳои дигар ҳангоми ҳал кардани ин мавзӯъ бесаводӣ ва дар натиҷаи он бетафовутии қисмати умдаи мардум ба ин масъала буд. Бояд ба ин ҳақиқати талх иқрор

шуд, ки дар остонаи Инқилоби Октябр тоҷикони Осиёи Миёна аз нигоҳи ошноӣ бо донишҳои сиёсӣ ва илмҳои нави замонавӣ ҳатто аз ҳамсоягони худ Туркия ва Эрон дар сатҳи пасттар қарор доштанд. Бинобар ин, вақте ки гуфтугузор дар ин мавзӯъ оғоз гардид, аксарияти мардум нисбат ба он бетафовутӣ зоҳир карданд.

Яке аз муҳаққиқони рус Сухарева О. А., ки дар он солҳо (охири солҳои 20 ва ибтидои солҳои 30) дар баҳсҳо роҷеъ ба забони тоҷикӣ фаъолона иштирок дошт, чанде пас чунин навишта буд: «ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки то як вақт дар газетаҳо, маҷаллаҳо ва нашриётҳо зиёдтар рафиқони эрониҳо кор мекарданд. Коркунони тоҷик он вақт (аввали солҳои 20-ум- С. Н.) қисман дар хоб буда, қисман худро ӯзбек номида, қисман ба корҳои дигар машғул буданд. Нависандагоне, ки дар он вақт кор мекарданд, ҳанӯз он қадар ҷасорат надоштанд, ки хосиятҳои забони тоҷикиро ба забони таърихии худ дароранд».[1]

Гузашта аз ин, дар он солҳо аз ҷумлаи теъдоди маҳдуди аҳли илму дониш, ки аз умқи мавзӯъ воқиф буданд ва зиёни тағйири алифборо мефаҳмиданд, маҷбур ба фирор шуданд ва ё гӯшанишинӣ ихтиёр карда, дар ин ҳарбу зарби иҷтимоӣ ва фарҳангӣ иштирок накарданд. Албатта, омили тарсро ҳам дар ин ҷараён набояд фаромӯш кард. Зеро агар касоне ҳам оқибати ин корро фарзан дарк мекарданд, чӣ расад ба эътироз, ҷуръати ибрози назари мухолифро нисбати ин масъала надоштанд, чунки филфавр тамғаи «миллатчӣ» ё «панэронист» рӯи онҳо нақш мебаст, ки оқибати он маълум буд.

Илова бар ин, ба назари мо, яке аз омилҳои муҳим дар ин замина рӯҳи замон, яъне фазо ва муҳити сиёсиву иҷтимоии нав буд. Шиорҳои ҳукумати нави инқилобӣ - барандохтани дунёи зулму ситам ва бунёди давлати одилонаи ранҷбарон ва амсоли он чунон фиребо ва дилрабо буданд, ки муътақидони он дар ин мубориза ҳозир буданд, ки бисёр арзишҳои моддӣ ва маънавии гузашта, аз ҷумла алифборо низ қурбон кунанд. Аммо мақомоти ҳизбиву давлатӣ ба таври расмӣ ду омилро сабаби асосии ин иқдом муаррифӣ мекарданд, ки баъзеи онҳо ба ҳақиқат наздик ва аз нияти неки давлат дар ин арса мужда медоданд.

---

[1] «Овози тоҷик», 4-уми марти соли 1930.

Аввалан, дар шарҳу эзоҳи ин маром хотирнишон гардида буд, ки ҳадафи давлат ҳарчи зудтар нест кардани бесаводӣ мебошад ва барои амалӣ кардани он алифбои арабӣ мушкилоти зиёд дорад (як қисми онҳо ба таври васеъ дар матбуот дарҷ гардида буд) ва алифбои лотинӣ ба мақсад мувофиқтар аст.

Сониян, ҳадафи инқилоби маданӣ, ки дар ҳоли татбиқ қарор дошт, баланд бардоштани савияи донишу маърифати минтақаҳои ақибмондаи мамлакат ба сатҳи марказҳои мадании кишвар мебошад. Вале барои омӯзиши илму маданияти асрӣ алифбои арабӣ монеа эҷод мекунад ва амсоли он.

Дар ҳар сурат тасмимоти давлат дар ин масъала қотеона буд ва суду зиён ва манофеи миллӣ ва анъаноти таърихии миллат ва ё халқҳои ин минтақа чандон ба эътибор гирифта нашуд.

Яке аз вижагиҳо ва тафовутҳои дигари раванди «лотинонидан» дар Тоҷикистон он буд, ки ин ҷумҳурӣ аз нигоҳи суръати гузаштан ба алифбои нав аз соири ҷумҳуриҳои ҳамсоя ақиб монда буд. Аввал он ки назар ба мавқеияти ҷуғрофӣ ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон бештар тӯл кашид ва ҳукумати нав дар бисёр нуқоти он дертар барқарор шуд. Дигар ин ки дар асари саъю талоши муғризонаи пантуркистон дар солҳои аввали инқилоб Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон танҳо соли 1924 ташкил шуд. Аз ин рӯ, қарор ба иқдоми Ҳукумати Шӯравӣ дар мавриди маорифу маданият, аз ҷумла табдили алифбо дар ин сарзамин ба таъхир афтод. Аз соли 1926 ба ин тараф чун вазъияти сиёсиву низомии Тоҷикистон ба эътидол даромадан гирифт ва фурсати созандагӣ пеш омад, ба ин мавзӯъ аз ҷониби давлат диққати бештар зоҳир гардид. Соли 1927 барои идора ва роҳбарӣ аз болои ин масъалаи мураккаб Кумитаи Марказии Алифбои Нави Тоҷик (КМ АНТ) таъсис дода шуд.

Сипас моҳи майи ҳамон сол дар шаҳри Самарқанд доир ба забон ва алифбои нав маҷлиси машваратӣ даъват шуд ва ба иштирокчиёни он ду лоиҳаи алифбои нав (лотинӣ) барои «фикргирӣ»[1] ва муҳокима пешниҳод шуд. Лоиҳаҳо аз тарафи Абдуррауфи Фитрат ва профессор А. А. Семёнов таҳия ва тартиб дода шуда буданд.[2] Маҷлис бо каме ислоҳот лоиҳаи Абдуррауфи Фитратро пазируфт. Табиист, ки чунин кори бузург дар фурсати кутоҳ ва аз ҷониби як-ду нафар бе айбу

---

[1] «Раҳбари дониш», 1931, №5.

[2] «Инқилоби маданӣ», 1931, № 4-5.

нуқсон наметавонист анҷом гирад. Аз ин рӯ, лоиҳаи қабулшуда тамоми ҷанбаҳо ва борикиҳои ин масъалаи муҳимро дар бар намегирифт. Бинобар ин дар матбуот мубоҳисаҳои гарм ва танқиду тақризи ин лоиҳа оғоз гардид. Ба мақсади хотима бахшидан ба мубоҳисаҳо дар мавриди алифбои нав ва ба маҷрои илмӣ даровардани ин ҷараён Комиссариати маорифи Тоҷикистон 28-уми октябри соли 1928 дар шаҳри Тошканд Анҷумани якуми Алифбои нави тоҷикиро барпо намуд. Бино ба аҳамияти мавзӯъ дар анҷуман илова бар шахсиятҳои маъруфи фарҳангии тоҷикон, чун устод Садриддин Айнӣ ва «чанд профессорҳои аврупоӣ» (донишмандони рус - С. Н.) аз тарафи Бюрои сиёсии осиёимиёнагӣ, намояндаи Комиссариати маориф Нисормуҳаммад, раиси шӯрои илмии Комиссариати маорифи Ӯзбекистон Ҳошимов иштирок намуданд. Илова бар масъалаҳои рӯзнома - қабул намудани алифбои нави тоҷикӣ ва имлои он дар ин анҷуман низ ду лоиҳаи алифбои нав, яке лоиҳаи профессор А. Фрейман ва дувумӣ ҳамон лоиҳаи такмил ва ислоҳшудаи Абдуррауфи Фитрат мавриди муҳокима қарор гирифт. Пас аз баҳсу мунозираҳо ва «ҷанҷоли бисёр» (дар муҳокима 30 нафар баромад карданд) бо баъзе иловаҳо аз лоиҳаи профессор А. А. Фрейман боз ҳамон лоиҳаи Абдурраруфи Фитрат қабул шуд ва «лотинонидан» дар Тоҷикистон оғоз гардид.

Пас аз ин бино ба расми «инқилобӣ»-и он солҳо таҳти шиорҳои гуногун мубориза бо алифбои кӯҳна, «бар зидди душманони алифбои нав»,[1] «бар зидди алифбои хурофотпаҳнкунандаи арабӣ»,[2] «оташ ба решаи алифбои арабӣ»[3] ва амсоли он шиддат гирифт ва «кумпония»-и васеи таблиғотӣ ба хотири ҷорӣ кардани алифбои инқилобии нави тоҷикӣ (лотинӣ)[4], «алифбои нави сотсиалистӣ»[5] ба роҳ андохта шуд.

Мубаллиғин бошанд, дар ин мубориза «саховатмандона» тамғаҳои сиёсӣ нисори ҳамдигар мекарданд. Масалан, яке аз муаллифони пуркори ин давра Ҳ. Обидӣ ба забони маъмули он солҳо чунин менависад: «Аксарияти коркунони масъули мо,

---

[1] «Тоҷикистони Сурх», 22-юми ноябри соли 1933.

[2] «Овози тоҷик», 19-уми феврали соли 1930.

[3] «Тоҷикистони Сурх», 1-уми июни соли 1933

[4] Ҳамон рӯзнома

[5] Ҳамон рӯзнома, 7-уми феврали соли 1930

директифҳои фирқаро дар бораи алифбои лотинӣ иҷро накарда, ҳатто коркунони ҷудогонаи онҳо ба ин масъала оппортунистона баҳо медиҳанд».[1] Ва ё комиссари маорифи халқи ҶСШ Тоҷикистон рафиқ Носируф дар мақолаи пештар ёдшуда «Ба душманони алифбои нав зарбаи сахт мезанем»[2] аз муаллифи боло ҳам гузашта «кӯҳнапарастон»-ро «душмани синфӣ» эълон мекунад ва чунин мисол меоварад: «яке аз намояндагони душмани синфӣ Муродзода шахсе дар техникуми таълим ва тарбияи Уротеппа ба вазифаи муаллимӣ ҷойгир шуда ва ба муқобили алифбои нав ошкоро дар байни талабагон ташвиқот меронад. Дар байни талабагони техникум дар бобати алифбо чунин сухан меронад, ки «алифбои арабӣ монанди тилло буд».

Илова бар мақолоти тезу тунд дар мавриди айбу навоқиси алифбои арабӣ ва имтиёзу бартариҳои алифбои нав шеърҳо низ дар ин мавзӯъ эҷод гардид, ба монанди ин шеъри Мунзим, ки бахши андаки онро пешниҳод менамоем:

Чун алифбои нав аз ҳарфи лотинӣ шуд дуруст,
Зуд бозори алифбои араб гардид суст.
Дар раҳи илм ин алифбои нав аст айруплон,
В-он алифбои араб бошад ҳимори нотавон…
Шоду мамнун гаштаем имрӯз мо аз бахти хеш,
Бас ки берун шуд алифбои араб аз рахти хеш.[3]

Албатта, аз нуқтаи назари таҳаввулоти фикрии имрӯза баҳо додан ба муаллифони чунин шеъру мақолот ва мубаллиғони алифбои лотинӣ дуруст нест. Зеро аксарияти онҳо ашхоси дилсӯзи миллату забони худ буданд ва содиқона эътиқод доштанд, ки аз ин роҳ ба пешрафти маорифу маданияти халқи худ хизмат мекунанд.

Мавзӯи гузаштан ба алифбои нав, албатта, бо ин ба поён нарасид ва чанд маротибаи дигар дар маҷлису анҷуманҳои муътабари илмӣ, аз қабили Пленуми якуми Алифбои нави тоҷикӣ (15-уми ноябри соли 1929, ш. Сталинобод), «Кенгош»-и илмии тоҷикони Ӯзбекистон (10-15-уми феврали соли 1930, ш. Самарқанд) ва амсоли он баррасӣ шуда, ба он тағйиру иловаҳо ворид гардид. Саранҷом пас аз баҳсу мунозираҳои бисёр дар

[1] Ҳамон рӯзнома, 1-уми июни соли 1933.
[2] «Тоҷикистони Сурх», 27-уми майи 1933.
[3] «Раҳбари дониш», 1929, №4.

анҷуману конференсияҳо ва «кенгош»-у маҷлисҳои машваратӣ дар атрофи алифбои лотинӣ ва зарурати гузаштан ба он 22-юми моҳи августи соли 1930 дар шаҳри Сталинобод Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон баргузор гардид. Аҳамияти ин Анҷуман дар он буд, ки фикру андешаҳо ва пешниҳодоту назариётеро, ки то он замон аз ҷониби забоншиносону зиёиёни тоҷик ва мутахассисони рус изҳор гардида буданд, ба инобат гирифта, қоидаҳои муваққатии имлоро такмил ва ислоҳ карда ва алифбои навро то ҷои имкон ба қонуну қоидаи савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ сохта, онро барои омӯзиши ҳамагон пешкаш намуд.

Дар қарори нахустини Конференсияи лотинии тоҷикӣ пас аз баррасии лоиҳаҳои «лотинонидани алифбои тоҷикӣ» ва роҳҳои сохтмони он омадааст: «Алифбои тозаи тоҷикӣ ба як асосе сохта шуданаш лозим аст, ки вай алифбо оҳанг ва савтиёти (фонетикаи) забони тоҷикиро тамоман ифода карда тавонад» ва дар назди «Комиссариёти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи махсус ташкил шавад, ки вай ... барои алифбои нави тоҷикӣ қоидаҳои дурусте, ки тамоми эҳтиёҷоти зиндагии тоҷикиро ҷавоб дода тавонад, ба вуҷуд биёварад».[1]

Бояд гуфт, ки дар он солҳо масъалаи табдили алифбо ба монанди соири умури иқтисодиву иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи муҳими ҳаёти сиёсии давлати Шӯравӣ арзёбӣ мешуд ва ҷараёни татбиқи он зери назорати мустақими ҳизб ва давлат қарор дошт. Съезди якуми шӯроҳои Тоҷикистон ва сипас дар партави қарорҳои он «Анҷумани муаллимони саросарии ҷумҳурӣ» ин ҳақиқатро таъкид ва тасдиқ кард.[2]

Чанде пас, моҳи январи соли 1929 «фармоиш»-и раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум «Ба ҳамаи кумитаҳои иҷроияи округӣ (округӣ)-районӣ» содир шуд, ки дар он беаҳамиятии «кумитаҳои иҷроияи округӣ-районӣ» ва шуъбаҳои маорифро дар бораи тараққӣ ва пешрафти корҳои алифбои нави сотсиалистӣ» танқид карда, иҷрои қарорҳои Кумитаи Марказии Алифбои Навро барои онҳо «маҷбурӣ ва қатъӣ» эълон намуд: «...Ҳар гуна мусолиҳакорӣ ва хунукбинӣ дар ин кор монанди итоат накардан ба фармонҳои Ҳукумат ҳисоб карда ва сабаби пайдо шудани масъулиятҳои сахт мешавад» омада буд дар ин санад.[3]

---

[1] Ҳамон маҷалла, 1931, №1.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] «Тоҷикистони Сурх», 7-уми феврали соли 1930.

Бар асоси ин фармони таҳдидомез ҷараёни гузаштан ба алифбои нав дар матбуот ба тариқи зайл сурат гирифт: Соли 1930-35%; соли 1931-50 %; соли 1932-83 %.

Соли 1929 Кумитаи Марказии умумииттифоқи Алифбои Нав (КМУАН) дар назди Кумитаи Иҷроияи умумииттифоқи ИҶШС таъсис шуд, ки гузаштан ба алифбои навро дар ҷумҳуриҳои Қафқоз, Осиёи Миёнаву Қазоқистон ва дигар воҳидҳои худи Русия идора ва роҳбарӣ мекард. Ба ин муносибат 11-уми июни соли 1933 бо Қарори КИМ шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон, таҳти рақами 215 КМ АНТ иборат аз 30 нафар дар сатҳи баланди давлатӣ ташкил карда шуд. Ин кумита «дар таҳти роҳбарии умумии директивии КМ АН-и умумиттифоқ буда ва дар назди Президиуми КИМ ҶШС Тоҷикистон меистод».[1]

Саранҷом, мувофиқи қарори Бюрои осиёимиёнагии КМ ВКП (б), «ки ба маърӯзаи Кумитаи Марказии фирқаи коммунисти (б) Тоҷикистон баровардааст (ба таърихи 14-уми августи соли 1932) ва мувофиқи қарори КМ ПК (б) Тоҷикистон аз моҳи апрели соли ҷорӣ, бояд дар соли 1933 дар Тоҷикистон ҳамаи корҳо 100 фоиз ба алифбои нав гузаронида шавад».[2]

Ин қарор ба мубоҳисаву музокираҳои даҳсолаи фарҳангиёни тоҷик ва забоншиносони рус дар атрофи алифбои нав ва ҷорӣ кардани он хотима бахшид ва мутобиқи он «соли 1933 ба алифбои кӯҳна чоп кардан барҳам хӯрд» ва матбуот сад дар сад ба алифбои нав гузашт. Ба ҳамин тариқ, умри расмии алифбои арабӣ дар ин сарзамин ба поён расид ва алифбои лотинӣ чанд муддате алифбои қонунии тоҷикон гардид.

Табдили алифбои суннатии тоҷикӣ бо расмулхати арабӣ ба лотинӣ аввалан таҳти таъсири пантуркизми минтақавӣ ва сониян зери нуфуз ва асари сиёсати таҳрикомез ва мафтункунандаи солҳои аввали инқилоб дар хусуси «барафкандани дунёи куҳан» ва «бунёди ҷаҳони нав», ки ҳама дар он бародару баробаранд, сурат гирифт. Дар ин меҳроби бародарию баробарии инқилоб фидо кардани алифбое қурбонии чандон гароне ҳисоб намешуд. Вагарна бо тағйиру табдили алифбо, ба назари мо, ҳеҷ зарурати муҳими илмӣ ё фарҳангии тоҷикон баровардa нашуд.

---

[1] Ҳамон рӯзнома, 5-уми августи соли 1933.

[2] Аз кӯҳна ба нав. (чопи КМИ АНТ), Тошканд. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1928.

Дар хусуси муҳлати амалӣ кардани ин ҳадаф, ба назари мо, «суръат ва методҳои инқилобӣ»-и он солҳо истифода нашуд ва он нисбатан ором татбиқ шуд, зеро чунон ки дидем, чараёни гузариш ба алифбои нав дар Тоҷикистон каму беш тақрибан 9-10 сол идома ёфт. Албатта, баҳси забоншиносон дар мавриди имтиёзоти алифбоҳое, ки дар онҳо тамоми овозҳо нисбӣ навишта мешаванд ва айбу навоқиси алифбои ғайри он, монанди алифбои арабӣ, мавзӯи ҷудогона аст ва мо дар он дахл намекунем.

Дар хотима суоле пеш меояд, ки чаро аз ибтидо алифбои русӣ қабул карда нашуд, то он ки баъди саргардониҳои моддиву маънавии 10-12 сола боз зарурати дигар кардани алифбо пайдо нашавад? Ин суол дар он солҳо ҳам ба миён омада ва чунин пешниҳодот низ дар ин замина сурат гирифта буд, вале мавриди қабул қарор нагирифтанд. Бино ба андешаи «назариётчиён ва коргардонони» ин идея ҳадаф ва шарти асосӣ «байналмилалӣ кардани алифбои нав» буд, на русӣ кардани он. Дар китоби «Аз куҳна ба нав», ки КМ Алифбои Нави тоҷикӣ чоп карда буд, ин масъала чунин шарҳ дода шудааст: «Модом ки алифбое қабул кунем, ки байналмилалӣ бошад. Инак, аз ҳамин нуқтаи назар алифбои лотиниро асос гирифтан беҳтар аст».[1]

Ба гумони мо, ин иқдом сабабҳои дигаре ҳам дошт. Тавре ки медонем, ҷунбиши алифбодигаркунӣ баъд аз Инқилоби Октябр «дар байни миллатҳои туркизабон хеле вусъат гирифт» ва аз ҷониби мақомоти ҳизбиву давлатии Иттиҳоди Шӯравии собиқ бо сабабҳое, ки мухтасари он пештар зикр шуд, дастгирӣ ёфт. Ин замоне буд, ки дастгоҳи олии идеологии Давлати Шӯравӣ ҳанӯз аз мафкураи «инқилоби умумиҷаҳонӣ», «инқилоби байналмилалӣ» даст накашида буд ва тағйири алифбо дар Осиёи Миёна, Қафқоз ва милали туркзабони Русия ба шиори боло мутобиқат мекард. Ҳатто дар солҳои бистуми садаи XX кӯшишҳое барои тағйир додани алифбои забони русӣ ҳам ба алифбои лотинӣ сурат гирифта буд. Аммо тағйири авзои сиёсии ҷаҳон дар арафаи Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ татбиқи ин шиорро ботил кард ва дар мавриди алифбои халқҳои номбурда тасмимоти дигар гирифта шуд, ки дар бораи он сухан алоҳида хоҳем гуфт.

---

[1] Ҳамон ҷо.

## Алифбои лотиниасоси тоҷикӣ

Ин алифбо аз 31 ҳарф ва як аломати апостроф барои аломати сакта иборат буд. (Ниг.ҷадвали 3).

### Намунаи матн бо алифбои лотиниасоси тоҷикӣ



**§ 3. Вижагиҳои сиёсати забонӣ дар намунаи «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ».** Қабл аз он ки ба даврaҳои баъдии таҳаввулоти алифбо ва имлои забони тоҷикӣ назар афканем, бояд дар бораи вазъи забони тоҷикӣ ва хусусияту вижагии он дар ибтидои солҳои 40-и қарни XX чанд сухан ва он ҳам хеле мухтасар, гӯем. Баъд аз қабул шудани «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» (1936) раванди саросар ворид намудани истилоҳоти русӣ ва интернатсионалӣ ба забони тоҷикӣ оғоз шуд. Дар соли 1938 ду маҷлиси машваратӣ ва ё ба истилоҳ «совешчания»-ҳои забоншиносии Тоҷикистон (феврал ва ноябри соли 1938) барпо шуд, ки дар онҳо роҳҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, лоиҳае ҳам дар ин боб таҳия шуд ва моҳи январи соли 1939 Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон бо фармони №1-и худ онро тасдиқ кард. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ин чорабиниҳо мавқеи хос дошт, чунин буд: «Ин

чорабиниҳо ба барҳам додани архаизмҳо, арабизмҳо ва эронизмҳо (таъкиди мо – С. Н.) дар забони тоҷикӣ, ба барҳам додани ҷудоии сунъии байни забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯӣ, ба наздик кардани шаклҳои зиндаи забон ва советизмҳо равона карда шудаанд».[1]

Дере нагузашт, ки ин лоиҳа бо номи «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» ҳамчун санади расмӣ нашр шуд. Он аз се қисм иборат буд: қисми 1 «Масъалаҳои грамматика», қисми 2 «Дар бораи масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ» ва қисми 3 «Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ». Азбаски ин санад дар таърихи забони тоҷикӣ нақши ҳалкунанда бозида, аксари унсурҳои номатлубе, ки имрӯз аз тарафи бархе аз забоншиносон ҳамчун хусусиятҳои хоси забонӣ шумурда мешавад, дар асоси ҳамин санад ба забони мо дохил шудаанд, дар бораи ин санад муфассалтар истода мегузарем. Дар се бахши ин санад ба таври фишурда унсурҳои нодурусти зерин қонунӣ гардонда шудаанд:

1. Расмӣ кардани истифодаи пасванди «ангӣ» дар ҷумласозӣ.

«- Дар мавридҳои муайян кардани замон ва макон дар қатори шаклҳои дигар, истеъмоли абароти сифати феълии суффикси «ангӣ» катӣ сохта шудагӣ ҳам дуруст ҳисоб карда шавад.

Мисол:

2. Одами шабангия (шабангиро) имрӯз боз дидам - одами шаб дидагема имрӯз боз дидам - одамеро, ки шаб дида будам (ки ба вай вохӯрда будам…) имрӯз боз дидам.

3. Магазини бозорангӣ бисёр калон аст - магазине, ки дар бозор ҳаст, бисёр калон ҳаст.

Поёнангӣ барин ҷумлабандиҳо ҳам дуруст ҳисоб карда шаванд:

1. Номи шаҳри Горкий зоида шудагӣ Нижный Новгород аст».[2]

2. Истифодаи шакли лаҳҷавии сохти «нарафтанба» дар забони адабӣ.

---

[1] «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» // Тоҷикистони Сурх, 25- 26 январи соли 1939, №19-20

[2] Дар бораи баъзе масъалаҳои забони точикӣ, Фармони №1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз № 2- июни соли 1939// Тоҷикистони Сурх, 25-26 январи соли 1939.

Дар қатори сохтҳои:

1. Бинобар он ки (барои ин ки, аз барои ин ки, азбаски, ба сабаби он ки) ман нарафтам, ту хафа шудӣ.

2. Бинобар (бо сабаби, аз сабаби) нарафтанам (нарафтани ман), ту хафа шудӣ,- истеъмоли сохти- «ман нарафтанба (нарафтани ман ба) ту хафа шудӣ» ҳам дуруст ҳисоб карда шавад.

3. Аз истифода баровардани шаклҳои адабии пешванди «би-» ва феълҳои «метавон гуфт, метавон кард».

«Истеъмоли сохти ин гуна ҷумлаҳо, ки «тавонистан» дар шакли ҳикоягӣ (бе «ки» ва бо «ки») дар аввал ва феъли дигар дар шакли шартӣ баъд аз он гузошта шудааст, ҳам дуруст ҳисоб карда шавад. Аммо, феъли баъд аз тавонистан омадагӣ бо префикси «би» азбаски шакли архаистӣ буда, ба забони зиндаи имрӯзаи тоҷик бегона аст, кор фармуда нашавад.

Мисол:

1. «Мо метавонем (ки) ин вазифаҳоя иҷро кунем».
2. «Мо метавонем бигӯем» не, балки «мо метавонем гӯем».

в) Ба истеъмоли шаклҳои «метавонем гуфт, метавон кард» роҳ дода нашавад.»

4. Дар навиштани исмҳо ҷорӣ кардани ҷамъбандиҳои шакли ахборотҳо.

а) Исмҳое,ки бо суффикси «от» сохта шудаанд ва онҳое, ки овозҳои решаашон дигаргун шуда, дар забони арабӣ бояд, бисёриро (ҷамъро) мефаҳмонанд, лекин дар забони тоҷикӣ танҳоро (муфрада) ифода мекунанд, бинобар ин гуна исмҳо ҳамчун шакли танҳо кор фармуда шуда, дар ҷойҳое, ки ҷамъсозӣ мумкин аст, ҷамъ аз рӯи қоидаҳои забони тоҷикӣ, яъне ба воситаи суфиксҳои «ҳо, он, ён» сохта шавад.

Мисол: Ташкилот- ташкилотҳо, аъзо-аъзоён- аъзоҳо, ҳуқуқ-ҳуқуқҳо.

5.Расмӣ кардани шакли «Аҳмада китобаш» ва ба ҷои пасванди -ро истифода кардани -а, -я

г) Барои таъйин кардани соҳибӣ дар баробари таркиби изофӣ шакли «Аҳмада китобаш» ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: Ин китоби Аҳмад- ин Аҳмада китобаш.

д) Ҳолати пуркунандагии интиҳо шакли поёнангӣ катӣ ифода карда шавад.

а) Бо пешояндҳои «то», ҳам «ба».

Мисол: Ту то ба куҷо меравӣ? То ба мактаб меравам.

б) Бо пешояндҳои «то», ҳам суффикси «а-я». Мисол: То кучоя рафтӣ? То Фарғоная рафтам.

в) Танҳо пешоянди «то» катӣ.

Мисол: Аз ин ҷо то Ҳисор, метозад қатор-қатор.»

5. Дар истифодаи шумора, ҷонишин, зарф, пешояндҳо ҷорӣ кардани унсурҳои лаҳҷавӣ.

**Шумора**

а) Дар охири шумораҳо ба ҷои суффикси архаистии «то» шакли зинда ва ба тамоми шеваҳои тоҷикӣ умумӣ будагӣ «та» кор фармуда шавад.

Мисол: Сета, чорта.

б) Ба ҷои шумораи тартибии «дувум» ва «севум» доимо «дуйум» ва саййум кор фармуда шавад.

в) Шакли «чаҳор», «чаҳордаҳ», «чиҳил» кор фармуда нашаванд, ба ҷои ин шакли «чор, чорда, чил» кор фармуда шаванд.

**Ҷонишин**

а) Шакли махсуси ҷонишинҳои шахсӣ, ки ба суффиксҳои «ҳо, ён» сохта шуда, ҷамъро ифода мекунанд, қабул карда шавад.

Мисол: Моҳо мехонем - моён мехонем.

б) Шаклҳои «мо, шумо» ҳам барои ҳурмат, ҳам барои ҷамъ кор фармуда шавад.

Ба ҳамин тариқ ҷонишинҳои шахсӣ дар забони тоҷикӣ ҳаминҳо мебошанд.

| **сода, танҳо** | **эҳтиром** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|
| **1.Ман** | **Мо** | **Мо- моҳо-моён** |
| **2. Ту** | **Шумо** | **Шумо-шумоҳо** |
| **3. Вай, ӯ, он** | **Вай кас, он кас, ин кас** | **Шумоён, вайҳо, онҳо** |

в) Истеъмоли шаклҳои «худаш, худашона» дуруст ҳисоб карда шавад.

г) Шакли «кадоме ки» тамоман кор фармуда нашавад.

е) Ҷонишинҳо бандак катӣ дар чунин шаклҳо кор фармуда шаванд:

1. Ман- маро, мо -моро, шумо - шуморо, шумоҳоя, шумоёна
2. Ту- туро, шумо - шумоя-шуморо, шумоҳоя, шумоёна.
3. Вай- вая, ӯ- ӯро, вай- вайҳо - вай, онҳо- онҳоя- онҳоро.

**7.** Дар истифодаи феъл дар баробари шаклҳои меъёрӣ ҷорӣ кардани шаклҳои лаҳҷавӣ: «Дар феълҳои нақлӣ (ба ғайр аз шакли танҳои шахси сейум) пеш аз бандакҷонишинҳо дар байни ду садонок «е» илова карда ҳам кор фармудан мумкин аст.

Гӯё, ман рафта будаям-гӯё, ман рафта будаам.

3. Вайҳо рафта будаянд- вайҳо рафта будаанд.

д) Шаклҳои эҳтимолии поёнангӣ ҳам кор фармуда шавад.

Мисол:1. Аҳмад омадагист.

2. Вай ҳам мерафтагист.

е) Ба вазифаи гузаштаи мутлақ ин шаклҳои феълӣ ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Ман китоб хондагӣ.

1. Ман то ҳол хондагим не.

2. Дар шахси дуйум дар баробари «ед» ҷамъ бо «етон» ҳам сохта шавад. Шакли «ёд» катӣ сохта шудагӣ барои эҳтиром ҳам кор фармуда шаванд:

1. Кашида гирифтан.
2. Гирифта оварданд.
3. Бурда расонданд.
4. Гуфта додан.
5. Шикаста мондан.
6. Гирифта партофтан.
7. Рафтан гирифтан ва дигарҳо».

8.Аз истифода хориҷ кардани шаклҳои адабии «бояд кард» ва «хоҳад кард».

«Шакли «бояд кард» ҳамчун шакли архаистӣ кор фармуда нашавад.

Маънои ин бо шакли «бояд карда шавад» ё ки бо шакли актив ифода карда шавад.

а) Феъли оянда ба шакли «хоҳад кард» ҳамчун шакли архаистӣ кор фармуда нашавад.

Мисол: «Мо корамонро хоҳем кард» не, балки «мо корамонро мекунем».

б) Ба ҷои шаклҳои «нишастан, шустан, коб, ёб» шаклҳои «шиштан», «шуштан», «ков», ёв кор фармуда шавад.»

9. Дар масъалаи имло ва навишти калимаҳо ин санад ба тарзи навишти русӣ роҳи васеъ кушода, шакли навишта калимаҳои русӣ-интернатсионалиро ба шакли айнан русӣ қонунӣ гардонид: бояд гуфт, ки бахши ба имло бахшидаи ин

ҳуҷҷат аз ду «ҳисса», яъне аз ду қисм иборат аст. «Ҳисса»-и якуми он «Имлои калимаҳои интернатсионалӣ ва советизмҳо» ном дошта аз 10 банд иборат шудааст. дар ин қисмат калимаҳои русиву байналмилалӣ ва тарзи навишти онҳо дар имлои забони тоҷикӣ муайян шудааст. «Ҳисса»-и дувуми он «Имлои калима ва шаклҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ» ном дошта, аз понздаҳ банд иборат мебошад.

1. Калимаҳои интернатсионалӣ ва советизмҳо ба забони тоҷикӣ аз русӣ ва ё ба воситаи забони русӣ даромадагӣ айнан бо ҳарфҳои тоҷикӣ навишта мешаванд. Мисол: Колхоз, комсомол, коллектив, план, аэроплан, кооперация ва монанди инҳо.

Дар баъзе калимаҳои хориҷии ба воситаи забони русӣ мегирифтагиамон будагӣ овози «ҳ» агар дар русӣ бо «г» навишта шаванд, дар тоҷикӣ ҳам бо «г» навишта мешаванд. Мисол: Гидростансийа, гектар, Гегел».

10.Дар навишти калимаҳои «қуфл, китф» ва «анбор, занбур, занбар…» шакли талаффузи онҳоро дар шакли «қулф, китф» ва «амбор, замбур, замбар» қонунӣ гардонид. Масалан, банди якуми ҳиссаи дувуми «Дар бораи масъалаҳои забони тоҷикӣ» чунин аст: «Овози бесадои «м», ки пеш аз овози бесадои «б» бо «н» навишта мешавад, минбаъд бо «м» навишта шавад». Ё банди 10 чунин аст: «Ҳамаи калимаҳои монанди «мубориза» бо «и» (бо «а» не) навишта шаванд.»

Вале дар навишти имлои забони тоҷикӣ барои ётбарсарҳои забони русӣ, ки имрӯз дар алифбои мо ҷорӣ буда, яке аз масъалаҳои баҳсбарангез мебошад, шакли нисбатан дурусти навишти онҳоро бо истифода аз ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ пешниҳод кардааст, ки дар таҳрири имлои нави забон ба назар гирифтани он аз аҳамият холӣ нест. Чунончи:

- «Я»-и русӣ дар тоҷикӣ бо «йа», «ю»-и русӣ бо «йу», «ё»-и русӣ бо «йо» навишта мешавад. Мисол: Октйабр, ревалйутсия, зайом.

- «ы»- и русӣ дар тоҷикӣ бо «и», «э»ва «е» навишта мешавад. («е» агар дар аввали ҳиҷо омада бошад, дар тоҷикӣ бо «йе» навишта мешавад).

Мисол: Лижа, Електрик, Йефимов, Вересайев.

- «дж»-и русӣ дар тоҷикӣ бо «ҷ» навишта мешавад. Мисол: Орҷоникидзе.

- «Ц»- русӣ дар тоҷикӣ бо «тс», «щ»бо «шч» навишта мешавад.

Мисол: Сотсиализм, комсомолец, шчорс, помешчик, баршчина.

- «йе» ва «ия»- и русӣ дар тоҷикӣ бо «ийа» навишта мешавад.

Мисол: Правленийа, демократийа.[1]

Ба таври умум ин санад ва тадбирҳои баъдӣ оид ба табдили алифбо барои русикунонии истилоҳот ва дар маҷмӯъ ба тағйири сарфиву наҳвӣ (грамматикӣ) ва овоии (фонетикии) забони тоҷикӣ роҳи васеъ кушод.

Бояд гуфт, ки ин фармон ба алифбои лотинӣ таҳия шуда, сарахборе барои табдили алифбои лотинӣ ба алифбои русӣ дар Тоҷикистон буд ва маъракаи ба алифбои русӣ гузаштан оғоз шуда буд ва тавре ба ҳамагон маълум аст, дар моҳи майи соли 1940, яъне баъд аз як соле бештар дар Тоҷикистон алифбои русиасос ба таври расмӣ ҷорӣ гардид.

Метавон гуфт, ки то қабули қоидаҳои имло дар замони Истиқлол ин санад асоси қоидаҳои имлои дигар дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ гардид.

**§ 4. Гузар ба алифбои русиасоси тоҷикӣ.** Дар нимаи дуюми солҳои 30-юми садаи бист дар таърихи фарҳангии тоҷикон ва махсусан забон ва алифбои он ҳодисае ба вуқӯъ пайваст, ки аз лиҳози суръати татбиқ бесобиқа буд. Ин ҳодисаи фарҳангӣ гузар ба алифбои русиасоси забони тоҷикӣ буд, ки ҳам омодагӣ ва ҳам ҷараёни дар амал ҷорӣ шудани он дар муддати хеле кутоҳ сурат гирифт. Яъне дар муддати хеле кутоҳи таърихӣ, аз охири солҳои сиюм то соли 1941 халқи тоҷик ва бархе аз халқҳои туркзабони шӯравӣ дар зери парчами сиёсати забонии Иттиҳоди Шӯравӣ алифбои лотиниасоси худро бо алифбои русӣ иваз кардаанд. Дар он солҳо сабаби асосии чунин чорабиниҳои таърихӣ ба халқи рус наздик кардани халқҳои дигар ва бунёди дастаҷамъии ҷомеаи нави коммунистӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ қаламдод мешуд. Аз ҷумла, мураттибони лоиҳаи алифбои нав – ходимони илмии сектори таърих ва забоншиносии Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои

[1] Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ, Фармони №1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз № 2 июни соли 1939 // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1939.

Иттиҳоди Шӯравӣ дар он солҳо чунин менависанд: «Ҳозир барои қадами нав гузоштан ба сӯи бойтарин маданияти рус, наздик кардани маданияти тоҷик ва бинобар ин ба минбаъда наздик шудани халқҳо вақт расидааст. Ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартибдодашудагӣ гузарондани алифбои тоҷик - ҳамин гуна қадам мешавад, халқи тоҷик, интеллигенсияи пешқадами ба Партияи Ленин, Сталин содиқ будагии он дар бораи зарурияти ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартибдодашудагӣ гузаштан кайҳо боз фикр баён карда истодаанд. Ҳамин зарурияти тамоман мантиқона аз ҳамон равиши тараққиёти маданияти сотсиалистии тоҷик бароmada меояд. Алифбои лотинӣ, ки оммаҳои меҳнаткашро аз алифбои беҷони схоластикии араб ҷудо карда ва бечунучаро аҳамияти прогрессивӣ дошт, роли нағзи худашро бозӣ кардааст».[1]

Ин алифбо ва имлои забони тоҷикӣ бо ҳарфҳои лотинӣ дер давом накард ва аз охири солҳои 30-юми садаи XX дар Тоҷикистон ва кишварҳои турктаборе, ки дар онҳо алифбои лотинӣ ҷорӣ буд, ҷараёни гузариш ба алифбои кириллии русӣ оғоз гардид. Дар соли 1939 барои забони тоҷикӣ алифбои нави русиасос таҳия гардид, ки он дар ибтидо аз 37 ҳарф (садонокҳои а, о, и, у,ӯ, ӣ, э, нимсадои й, (дар алифбо ҳамчун ҳамсадо ҳисоб мешавад) садонокҳои (мураккаби) ётбарсари е, ё, ю, я,) (12) ва ҳамсадоҳои б, в, г, д, ж, з, к, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ц, ч, ш, ъ, ғ, ҷ, қ, х.) (24) ва як аломати ҷудоӣ -ь иборат буд.

[1] Арзуманов С., Бузургзода Л., Ҷалилов Р., Ершов Н., Нестеренко С., Ниёзмуҳаммадов Б. Алифбои нав // «Тоҷикистони Сурх», 21 июни соли 1939, №141 (32. 40).

## Тартиби
## алифбои русиасос аз рӯи Лоиҳаи якуми тағйири алифбо дар соли 1939

| Чопӣ | Дастнавис | | Чопӣ | Дастнавис | |
|---|---|---|---|---|---|
| А а | А а | а | У у | У у | у |
| Б б | Б б | бэ | Ф ф | Ф ф | эф |
| В в | В в | вэ | Х х | Х х | ха |
| Г г | Г г | гэ | Ц ц | Ц ц | цэ |
| Д д | Д д | дэ | Ч ч | Ч ч | чэ |
| Е е | Е е | е | Ш ш | Ш ш | ша |
| Ё ё | Ё ё | ё | Ъ ъ | Ъ ъ | аломати сакта |
| Ж ж | Ж ж | жэ | Ь ь | Ь ь | аломати ҷудоӣ |
| З з | З з | зэ | Э э | Э э | э |
| И и | И и | и | Ю ю | Ю ю | ю |
| Й й | Й й | и-и кӯтоҳ | Я я | Я я | я |
| К к | К к | ка | Ғ ғ | Ғ ғ | ғэ |
| Л л | Л л | эл | Ӣ ӣ | Ӣ ӣ | и-и задонок |
| М м | М м | эм | Қ қ | Қ қ | қэ |
| Н н | Н н | эн | Ӯ ӯ | Ӯ ӯ | ӯ |
| О о | О о | о | Ҳ ҳ | Ҳ ҳ | ҳэ |
| П п | П п | пэ | Ҷ ҷ | Ҷ ҷ | ҷэ |
| Р р | Р р | рэ | | | |
| С с | С с | эс | | | |
| Т т | Т т | тэ | | | |

Бояд гуфт, ки табдили алифбо ва имлои лотинӣ ба имло ва алифбои русӣ дар зери таъсири тағйири вазъи сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ сурат мегирифт. Барои бо ҳам муттаҳид сохтани халқҳои сокини Иттиҳоди Шӯравӣ тадбирҳои мушаххаси сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пеш гирифта шуд, ки табдили алифбои халқҳои Шӯравӣ ва дар асоси алифбои русӣ ба вуҷуд овардани алифбои онҳо яке аз ин гуна иқдомҳо ба шумор мерафт. Ин сиёсат бо шиорҳои гуногуни ба ҳам наздик кардани халқҳои

Шӯравӣ рӯйпӯш мегардид, вале ҳадафи асосии он русикунонии халқҳои дигари шӯравӣ буд. Бояд гуфт, ки дар охири солҳои 20, вақте ки алифбои лотинӣ дар Тоҷикистон ҷорӣ мешуд, ҳеҷ кас фикр намекард, ки баъд аз як даҳсола ин алифбо «роли нағзи худашро» иҷро мекунад ва ҷои худро ба алифбои русӣ медиҳад. Ҳатто устод Садриддин Айнӣ дар яке аз мақолаҳояш «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» дар бораи алифбои лотинӣ чунин навишта буд: «Акнун наздик аст, ки алифбои нави тоҷикӣ ранги расмиятро гирифта ба зиндагонӣ гузаронида шавад. Ин як кори хурд, як кори муқаррарӣ ва ҳаррӯза нест, балки як масъалаи таърихист, ки монандаш дар зиндагии миллати мо як ё ду бор мегузарад».[1] Вале бояд иқрор шуд, ки алифбои лотинӣ дар давоми умри хеш дар забони тоҷикӣ нақши худро иҷро карда натавонист ва сабабҳои гузар ба алифбои русиасоси тоҷикӣ бештар ҷанбаи сиёсӣ дошт. Пеш аз ҳама дар охири солҳои 30-юм вазъи ҷаҳон тағйир карда буд ва табдили алифбои бархе аз халқҳои шӯравӣ ва аз ҷумла тоҷикон замоне сурат гирифт, ки дастгоҳи идеологии давлати Шӯравӣ дар сар мафкураи «инқилоби умумиҷаҳонӣ» ва «инқилоби байналмилалӣ» дошт ва тағйири алифбо ба алифбои лотинӣ дар Осиёи Миёна, Қафқоз ва дар миёни халқҳои туркзабони Русия мутобиқи ҳамин назария сурат мегирифт. Вале дар охири солҳои 30-юм шиори назариясозони Иттиҳоди Шӯравӣ бо тағйир ёфтани авзои сиёсии ҷаҳон дигар гардид ва акнун лозим меомад, ки коммунизмро дар як кишвари алоҳида сохт. Дар соли 1938 таълими забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ аз соли дуюми таҳсил ҷорӣ гардид ва худи ҳамин сол Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон маҷлиси машваратии умумиҷумҳурӣ (ду маротиба) дар мавзӯи забон ва хат даъват намуд ва дар ин маҷлисҳои машваратӣ ба ном «совешчания»-ҳо пешниҳод гардид, ки барои тағйири алифбои лотинии тоҷикӣ ба алифбои русиасос ва омода кардани тарҳи алифбои нав гурӯҳи олимон аз сектори таърихӣ – забоншиносии Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ вазифадор шаванд.

Дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи нави алифбо таҳиягарони он ба якчанд масъала таваҷҷуҳ намудаанд, вале принсипи асосии таҳияи алифбои нав нуктаҳои зеринро дар бар мегирифт:

---

[1] Айнӣ С. Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷик // Куллиёт, ч. 11, китоби 2, с. 356.

- инъикоси ҳамаи овозҳо (фонемаҳо)-и тоҷикӣ дар алифбо;

- ҳамгунсозии ҳадди аксари он бо алифбои рус ва алифбоҳои русиасоси халқҳое, ки то кунун аз алифбои лотинӣ ба алифбои русӣ гузаштаанд;

- ифодаи овозҳои махсуси забони тоҷикӣ бо ҳарфҳои наве, ки дар асоси аломатҳо ва унсурҳои алифбои русӣ сохта шуда буданд;

- ифодаи ҳар як овоз (фонема) бо як ҳарфи мустақилу алоҳида.

Албатта, аз ҳамаи ин принсипҳо асоситаринаш ҳамгунсозии ҳадди аксари алифбои русиасоси тоҷикӣ ба алифбои русӣ буд. Ҳамин тариқ, ин лоиҳа моҳи июли соли 1939 дар рӯзномаҳои марказӣ чоп ва барои муҳокимаи умумӣ пешниҳод гардид. Рафти баррасии алифбои нав ба таври умум бо пуштибонӣ ва тарафдории ҳамаҷонибаи мардум мегузашт, вале баъзе масъалаҳое низ вуҷуд доштанд, ки дар атрофи онҳо баҳсу мунозираҳо зиёд буданд. Аз ҷумла, масъалаҳои асосӣ тартиби ҳарфҳои махсус барои овозҳои хоси тоҷикӣ, вазифаҳои аломатҳои ҷудоӣ «ь» ва сакта «ъ» дар забони тоҷикӣ, тарзи ифодаи овозҳои ӯ, у, й, и буданд, ки дар атрофи онҳо баҳсу мунозираҳо хеле шадид ва тезутунд буданд. Масалан, баъзеҳо ба сабаби дар манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон талаффуз нашудани овози «ӯ» пешниҳод мекарданд, ки он аз алифбои нав бароварда шавад. Донишманди шарқшиноси рус Д. Комиссаров дар мақолаи худ дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» лоиҳаи алифбои нави тоҷикиро умуман эътироф ва қабул карда, ворид кардани «ь» - аломати ҷудоиро ба алифбои нав зарур надонистааст. Ӯ менависад, ки «Аломати мулоимати русии «ь» чунин ба назари мо мерасад, ки дар алифбои тоҷикӣ зиёдатӣ аст».[1]

Инчунин ӯ пешниҳод мекунад, ки щ-и русӣ низ ба алифбои тоҷикӣ дохил карда шавад. Аз пешниҳодҳои дигаре, ки ҳангоми баррасии алифбои нав ҷолиб менамуданд, боқӣ гузоштани баъзе ҳарфҳои чопии лотинӣ ва ба ҷои ҳарфи «ҷ» навиштани «дж» буд, ки аз сабаби якҳарфӣ будани алифбои кириллӣ ва халалдор кардани ҳамгунсозии алифбои халқҳои шӯравӣ ҳамовозӣ пайдо накард. Хулоса, баъд аз чанд моҳи муҳокимаву баррасиҳо дар моҳи феврали соли 1940 конференсияи умуми-

[1] Комиссаров Д. С. К проекту нового таджикского алфавита // Коммунист Таджикистана, 22 июля 1939 года.

ҷумҳурӣ муҳокимаи лоиҳаи (проекти) алифбои нав ба кор оғоз кард. Пеш аз оғози конференсия лоиҳаи алифбои нав чоп шуд, ки он 39 ҳарф дошт ва ба ин лоиҳа ҳарфҳои хоси русии «щ», «ы» илова шуда буд. Вале дар ин конференсия лоиҳаи аввал, ки аз 37 ҳарф иборат буд, қабул гардид. Моҳи маи соли 1940 иҷлосияи IV Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қонуни гузаронидани алифбои лотинии тоҷикӣ ба алифбои русиасоси тоҷикиро баррасӣ ва қабул кард. Аз 33 ҳарфи алифбои русӣ 31 ҳарфи он ба ғайр аз ҳарфҳои «щ» ва «ы», ки онҳо ҳам дертар бо ба сари қудрат омадани Н. С. Хрущев қабул мешаванд, ба хотири нигоҳдории ягонагии алифбоҳои русӣ ва тоҷикӣ қабул гардид. Қонуни гузар ба алифбои нав аз панҷ модда иборат буда, се моддаи охирини он ба татбиқи ин алифбо бахшида шуда буд. Азбаски барои муҳокима ва баррасии лоиҳаи алифбои нав вақти на он қадар зиёд ҷудо шуда буд, барои дар амал пиёда намудани он ҳамагӣ се моҳ муайян гардид:

«… 3. Коргузорӣ дар тамоми ташкилотҳои советӣ, хоҷагӣ ва ҷамъиятӣ дар қаламрави РСС Тоҷикистон ва инчунин матбуоти даврӣ аз аввали моҳи июни соли 1940 ба алифбои нави тоҷикӣ гузаронида шавад.

4. Таълими дарсҳо дар тамоми мактабҳо ба алифбои нави тоҷикӣ гузаронида шавад. Синфҳои якум ва дуюми ҳамаи навъҳои мактабҳо, мактабҳои маҳви бесаводӣ ва камсаводӣ аз якуми сентябри соли 1940 ба алифбои нав гузаронида шавад.

5. Тамоми корҳо дар бобати гузаронидани алифбои лотинӣ ба алифбои нави тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ то якуми сентябри соли 1940 ба анҷом расонида шавад».[1]

Умуман, ин давраи инкишофи забони тоҷикӣ пажӯҳиш ва баррасиҳои амиқи илмиву таҳқиқотиро меҳоҳад ва дар сурати анҷом додани чунин пажӯҳишҳо шояд бисёр ҷиҳатҳои норавшани инкишофи забони тоҷикӣ кушода шавад. Мо ба хотири ба таври намуна нишон додани забони насри матбуоти он давра дар ин бора навиштаҳои худи ин таҳиягарони лоиҳаи нави алифборо, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» чоп шудааст, меорем: «Ҳанӯз порсол (яъне соли 1938 - С. Н.) дар совешчанияи республикавии оид ба масъалаи сохти забон, ки аз

[1] Проекти алифбои нави тоҷикӣ // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1940, №19 (3418).

тарафи Комитети Марказии Компартияи Тоҷикистон даъват карда шудааст, масъалаи ба алифбои нави дар асоси алифбои рус тартиб дода шудагӣ гузаронидани алифбои тоҷик пешакӣ масъала муҳокима карда шуда буд. Гуфтушуниди дар ҳамин совешчания барпо шудагӣ он роҳҳоеро, ки дар вақти тартиб додани проекти алифбои нав ба он рафтан лозим аст, ба таври умумӣ муайян карда буд. Бо супориши КМ ПК (б) Тоҷикистон Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои СССР дар шахси сектори таърихӣ – забоншиносиаш аз паи тартиб додани проекти алифбои нав ва қоидаҳои асосии имло шуд, ки вай ҳозир тартиб дода шудааст».[1] Мо фақат як мақоларо, ки аз тарафи таҳиягарони лоиҳаи нави алифбо ба номи «Алифбои нав» чоп шудааст, аз назари истифодаи истилоҳот ва услуби забон баррасӣ кардем. Маълум гардид, ки дар матни начандон калон 32 истилоҳи русӣ-интернатсионалӣ аз қабили союз, совет, политика, юбилей, прогрессивӣ, совещание, болшевик, пособие, агитатсия, элемент истифода шудаанд. Инчунин матн ва услуби навиштани он нишондиҳандаи равшану возеҳи махлут шудани забони тоҷикӣ бо вожаҳо ва ибораҳои русӣ мебошад: «Партия ва Ҳукумати Тоҷикистон роли бузурги политикӣ ва мадании забони русро ба назар гирифта, порсол дар мактабҳои тоҷикӣ ва дигар мактабҳои республика албатта таълим додани забони русиро ҷорӣ намуданд»; ё: «Алифбои лотинӣ ҳоло дар роҳи минбаъдаи афзоиш кардани маданияти сотсиалистии тоҷик монеа ва ғави ҳис карда мешудагӣ шуда мондааст»; ё: «Оммаи меҳнаткаши дигар республикаҳои бародаронаи союзӣ ҳам дар бораи гузаштан ба алифбои нав масъала бардоштанд»; ё ин ки: «Гуфтушуниди дар ҳамон совешчания барпо шудагӣ он роҳҳоеро, ки дар вақти тартиб додани проекти алифбои нав ба он рафтан лозим аст, ба таври умумӣ муайян карда буд».

Моҳи феврали соли 1954 ба алифбои тоҷикӣ ду ҳарфи нави русӣ «ы» ва «щ» илова гардид, ки ин иқдом раванди русикунонии алифбои тоҷикиро хотима дод. Баъд аз ин дар соли 1972 ба имлои забони тоҷикӣ баъзе тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки он дар алифбои тоҷикӣ таъсири зиёде надошт. Дар соли 1998 мувофиқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон комиссияи нави имлои забони тоҷикӣ таъсис шуд. Дар он ба

[1] Ниг. Алифбои нав // Тоҷикистони Сурх, 21 июни соли 1939, №141 (32-40).

имлои забони тоҷикӣ баъзе тағйироту иловаҳо дохил гардид. Дар алифбо низ тағйироте ворид гардид ва ҳарфҳои хоси русӣ - «ы», «ь» - аломати ҷудоӣ, «щ», «ц» аз алифбои тоҷикӣ бароварда шуд. Тағйироти охирин дар имло соли 2011 сурат гирифт, ки мо дар бораи онҳо баъдтар дар бандҳои алоҳида суҳбат хоҳем кард.

Хулоса, таърихи табдили алифбо дар забони тоҷикӣ се марҳилаи асосиро аз сар гузаронидааст:

а) алифбои арабиасоси тоҷикӣ;

б) алифбои лотинии тоҷикӣ;

в) алифбои русиасоси (кириллии) тоҷикӣ.

Дар охир суоле пайдо мешавад, ки оё табдили алифбои забони тоҷикӣ зарурат дошт? Пеш аз ҳама дар ибтидои қарни XX андешаи ба алифбои лотинӣ ё кириллӣ гузаштан дар байни маорифпарварон ва донишмандони кишварҳои Шарқ ба хотири пайвастан ба пешрафтҳои илмиву техникии кишварҳои пешрафтаи Ғарб хеле васеъ паҳн шуда буд. Аз нуқтаи назари пешрафтҳои илмӣ ва техникии замони муосир ва дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва фарҳангии кишварҳои дорои алифбои ғайрилотинӣ ва ғайрикириллӣ аз қабили Ҷопон, Чин ва ғайра табдили алифбо барои забонҳое, ки ба дигар алифбо адабиёти фаровон доранд, зарурат надошт. Вале барои халқҳое, ки акнун барои худ алифбо месохтанд, аз қабили баъзе халқҳои турказабони шӯравии собиқ, ин амал ба пешрафти илму фарҳанг мусоидат мекард. Вале як нуктаро бояд таъкид кард, ки аз лиҳози бартарият алифбоҳои овоӣ (лотинӣ ва кириллӣ) аз алифбоҳои ҳамсадоӣ (арабӣ) аз он ҷиҳат фарқ мекунанд, ки дар алифбои овоӣ овозҳо ва махсусан садонокҳо мушаххастар ифода мешаванд.

Фақат аз ин лиҳоз гузаштан ба алифбои лотинӣ барои забони тоҷикӣ аҳамияте дошт, вале таъсири манфии он дар ҳақиқат бамаротиб зиёд буд, ки мо бархе аз онҳоро дар бахши аввали ин мақола зикр намудем. Алифбои лотинии тоҷикӣ 32 ҳарф дошт ва он ба ақидаи мо, хусусиятҳои овозии забони тоҷикиро нисбат ба алифбои русиасос беҳтар ифода мекард. Бинобар ин баъди бештар аз даҳ сол табдил додани алифбоҳои лотинии халқҳои шӯравӣ, аз ҷумла алифбои забони тоҷикӣ ба алифбои нави русиасос бештар ҷанбаи сиёсӣ ва давлатӣ дошт ва ба манфиати забони тоҷикӣ набуд. Ин ақида бо мурури замон боз ҳам дар натиҷаи тағйири имлои забони тоҷикӣ ва кам

кардани ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ бо баровардани ҳарфҳои хоси русӣ собит шуда истодааст. Ҳоло ҳам алифбои русиасоси тоҷикӣ ба андозаи алифбои лотиниасос муъҷазу мувофиқ ба имлои забон нашудааст.

Аксарияти ислоҳгариву ислоҳсозии алифбо ва имлои забони тоҷикӣ то имрӯз хусусияти муҳофизакорона ва мусолиҳаомез дошт. Ин равиш боиси он гардид, ки аксарияти иштибоҳҳои дар солҳои 30-юм ва 40-ум суратгирифта дар алифбо ва имлои тоҷикӣ то ба ҳол боқӣ монанд. Ҳоло зарурати ислоҳи алифбо ва имлои забони тоҷикӣ, тавре ки аз хулосаи мақолаҳои дар матбуот чопшуда ва ақидаву фикрронихои донишмандон мебинем, пеш омадааст. Махсусан, имлои овозҳои садоноки забони тоҷикӣ у, ӯ, и, ӣ, э, ба истилоҳ, «ётбарсарҳо», (ин ҳам яке аз «ихтироъҳои» имлочиёни ҳамон солҳост – С. Н.) ё, ю, я, е, аломати сакта - «ъ» дар алифбо ва имлои забони мо аз масъалаҳои хеле ҷиддӣ ва ҳалталаби илми забоншиносӣ ва ҷомеаи мо гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз аҳли адабиёт ва забони моро ба баҳсу мунозира кашидааст, мавзӯи баргашт ба алифбои арабиасос ё алифбои ниёгон аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки бе донистани таърих ва хазинаи таърихии мардуми форсизабон, ки бо алифбои арабиасос навишта шудаанд, фарҳангу тамаддуни гузаштаи хешро аз худ кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин масъалаи омӯзишу аз худ кардани алифбои ниёгон аз масъалаҳои доғи рӯз на танҳо барои фарҳангиёни тоҷик, балки барои тамоми мардуми тоҷик мебошад. Бинобар ин барои омӯзиши алифбои арабиасос тамоми шароитро муҳайё кардан зарур аст. Вале имрӯз дар шароите, ки аз табдили алифбо тақрибан 80 сол гузаштааст, боз мардумро ба як озмоиши дигар фаро гирифтан саросемакорӣ хоҳад буд. Имкон дорад, ки оҳиста – оҳиста хати арабиасос аз тарафи тоҷикон аз рӯйи як барномаи таълимии давлатӣ омӯхта шавад ва ба тадриҷ дар амал ҷорӣ гардад.

**§ 5. «Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» ва хусусиятҳои он.** Баъд аз гузаштан ба алифбои русиасоси тоҷикӣ дар моҳи майи соли 1940 қоидаҳои имлои забони мо ҳам ба ин алифбо мувофиқ карда шуд ва ба қарори № 55 аз 21-ми январи соли 1941-и СКХ (Совети Комиссарони Халқ)-и Республикаи Совети Сотсиалистии Тоҷикистон «Қоидаҳои асосии

орфография забони тоҷикӣ» қабул гардид. Хусусиятҳои хоси ин дастур бештар дар Фармони №1-и Вазири маорифи вақт[1] инъикос ёфта буд, вале ин қоидаҳо нисбатан муфассалтар буда ба талаботи замон мувофиқ карда шудааст.

«Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» собит месозад, ки ҳанӯз забони адабӣ ба таври муайян шакл нагирифтааст ва дар он иштибоҳҳои дастурӣ дида мешавад. Матни ҷумлаи аввали он шоҳиди ин гуфтаҳост: «Дар тартиб додани орфография хусусиятҳои морфологӣ, фонетикӣ ва сохти синтаксисӣ **ҳам тенденцияи** муайяншудаи инкишофи забони адабии имрӯзаи тоҷик **асос дошта шудааст**».[2] Худи ҷумла бо истифодаи «ҳам» ва таркиби «асос дошта шудан» ноқис ва нодуруст аст. Аз тарафи дигар, истифодаи истилоҳҳои барои он замон нав воридшудаи русӣ - байналмилалии морфология, фонетика ва синтаксис баёнгари сиёсати замон оид ба авлавият додан ба истилоҳҳои русиву аврупоӣ аст.

Аз рӯи моҳият ва мазмуни ин ҷумла таҳиягарони «Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» хусусиятҳои савтиву дастурӣ ва «тенденция и» инкишофи забони адабии имрӯзаи тоҷик»-ро ба назаргирифта, аз меъёрҳои таърихии рушди забон дурӣ ҷустаанд. Мо ин равишро дар дохили матн зиёд мушоҳида мекунем. Масалан, дар банди 5 чунин нашр шудааст: «Калимаҳои ё-дори советӣ - интернатсионалӣ мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: самолёт, пулемёт, разведка, режиссёр, слёт, чертеж, актёр ва м. (монанди) ин». Таҳия гарон аз ин ҳам фаротар рафта, дар қоидаҳо бахши алоҳидае дар бораи «Орфографияи калимаҳои советӣ - интернационалӣ» ҷудо мекунанд, ки чунин аст: «Ҳамаи калимаҳои советӣ - инртернационалӣ, ки ба забони тоҷикӣ даромадаанд ва медароянд, мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: поэтика, поэма, аэродром, аэроплан, отряд, сентябрь, октябрь, коммунист, сессия, программа, комиссия, аппарат, грамматика, касса, телефон, делегат, интеллигент,

---

[1] Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ, Фармони № 1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз 2 январи соли 1939 // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1939.

[2] Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ // Газетаи муаллимон, 20 феврали соли 1941, №7 (698).

революция, конституция, социализм, республика, большевик, альбом, консультация, табель, роль ва м. ин».

Ҳарфҳои садонок бо ётбарсарҳо дар бахши садонокҳо, овози й дар бахши алоҳида бо номи «Орфографияи нимсадои й» ва аломатҳои сакта ва ҷудоӣ низ ба тариқи алоҳида дода шуданд. Барои баъзе ҳолатҳои истифодаи ҳарфҳои русӣ, аз ҷумла барои аломати ҷудоӣ, тарзи навиштани аломати ы, ц, ва ҳарфи щ –шч қоидаҳои сохтаи махсус сохта шудаанд. Масалан, барои овози ӯ пеш аз аломати сакта ва ҳарфи ҳ: «Агар ҳарфи ҳ ва ё аломати сакта бо у - и пеш аз худ омадагӣ як ҳиҷои бастаро ташкил кунанд, дар он вақт у не, балки ӯ навишта мешавад: сӯҳбат, мӯҳтарам, ӯҳда, мӯҳлат, шӯъба, мӯътадил, мамнӯъ, мӯътабар ва м. ин». Ё боби III таҳти номи «Орофографияи баъзе ҳамсадоҳо», ки аз бандхои 19 ва 20 иборат аст.

«Ҳарфи ц фақат дар калимаҳои советӣ - интернационалӣ кор фармуда мешавад: цирк, цикл, цимент, концерт, доцент, лекция , комсомолец, конституция , социализм ва м. ин.

Овози щ-и русӣ дар тоҷикӣ ҳар вақт бо ду ҳарф шч навишта мешавад: Шчорс, Шчедрин, Шчерба, мешчанин, помешчик, яшчик, шчётка ва м. ин».

Як хусусияти хоси ин «Қоидаҳои имлои асосии орфография забони тоҷикӣ» тарзи навиштани ихтисораҳои русӣ аст. Онҳо низ бе чуну чаро айнан дар шакли русӣ ва бе риояи қоидаҳои дастурии забони тоҷикӣ қабул мешаванд: «Ёдоварӣ: Исмҳои хоси мураккаби кутоҳ кардашудаи советӣ - интернационалӣ мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешавад: СССР, ВКП (б), ВЛКСМ, ТАСС, ГТО, Коминтерн ва м. ин».

Дар он баъзе унсурҳои паҳлавӣ иловатан роҳ ёфтааст, ки дар имлои пешин дида намешуд. Масалан, дар банди § 31 дар бахши Ёдоварӣ» ҳам шакли меъёрӣ «Шодӣ-тонро хондам» дода шудааст.

Ё дар банди «Орфографияи суффиксҳо ва префиксҳо боз ҳам дар бахши «Ёдоварӣ» зикр шудааст:

«Бандакҳои **-ам**, **-ат**, **-амон**, **-ашон** дар охири калимаҳои бо садонок тамомшудагӣ баъзан бе <u>а</u> низ кор фармуда мешавад:

бобоам – бобом
бобоат – бобо
бобоаш – бобо

шаклҳои гуфтугӯии «борин» дар баробари барин ва шумо қатӣ низ дар ин «Қоидаҳо» ба қатори меъёр даромадаанд.

Баъзе истилоҳоти забоншиносӣ, масалан, исми ғун ҳоло исми ҷомеъ низ вомехӯрад, ки аз такомули истилоҳоти забоншиносии тоҷикӣ дарак медиҳад.

Дар матни «Қоидаҳои имлои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» калимаҳои русии иқтибосии «кавичка» (кавичкадор), «норма», «Азия», «ударник» дида мешаванд. Ин қоидаҳо бо андак таҳрир асли қоидаҳои баъдии имлои забони тоҷикӣ гардид.

**§ 6. Хусусиятҳои хоси «Орфографияи забони тоҷикӣ».** Вале ин ҷараён дер давом накард. Дар зери таъсири нармиши сиёсии солҳои 50 - уми садаи XX ва махсусан ба нашр расидани мақолаи И. Сталин «Марксизм - ленинизм ва забоншиносӣ» дар Тоҷикистон мақолаи устод С. Айнӣ «Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик» (Шарқи Сурх, 1952, № 6) чоп шуд, ки дар ин мақола дар баробари зери тозиёнаи танқид гирифтани баъзе качравиҳо дар инкишофи илми забоншиносии тоҷик, ба масъалаҳои имло ҳам дахл кардааст.

Бояд гуфт, ки имлои забон ва ба шакли дуруст навиштани калимаҳо дар асарҳои оид ба забон ва забоншиносӣ навиштаи устод Айнӣ мавқеи асосӣ дорад. Ақида ва пешниҳодҳои устод имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накарда, он масъалагузориҳо дар забони адабии имрӯз вуҷуд доранд. Устод Айнӣ дар мақолаи хеш таҳти унвони «Забони тоҷикӣ» таъкид мекунад, ки «душвортарин масъалаи мо масъалаи имло аст».[1] Садриддин Айнӣ замоне ки президенти Академияи фанҳо - имрӯза Академияи илмҳо буд, дар бораи масъалаҳои забоншиносӣ ва махсусан имлои забони адабӣ чунин ибрози назар кардааст: …Ин забон дар муддати ин сайри таърихии кутоҳи баъдазреволютсия гии худ бисёр моҷароҳо ва мунозираҳоро аз сар гузаронид. Гурӯҳе ба майдон баромада кӯшиш мекарданд, ки забони адабии тоҷикро дар кӯчаи пешбастаи забони матбуоти Эрон даровардa фиристонанд; гурӯҳи дигар забони адабии ҳазорсолаи тоҷикро бо ҳамаи меросҳои адабиаш тамоман инкор карда мехостанд дар асоси забони кӯчагӣ забони «нави адабӣ» созанд ва ба он «забони нав» грамматикаи

---

[1] Айнӣ С. Забони тоҷикӣ // «Раҳбари дониш», 1928, № 11-12.

аҷибу ғарибе ҳам тартиб диҳанд. Яке аз ин ҳуҷумҳои «чап» ки вайро режими аракчеевӣ номидан мумкин аст, дар соли 1937, 1938, 1939 ташкил ёфта буд. Лоиҳанависони ин ҳуҷум дар зери пардаи «забонро ба халқ наздик кардан» мехостанд, ки бо грамматикаи қисман нав як «забони нави адабӣ» созанд. Онҳо нависандагон ва соҳибқаламонро маҷбур мекарданд, ки «ин Аҳмада китобаш» барин ҷумлаҳоро ҳам ҷумлаи тоҷикӣ дониста кор фармоянд ва дуруст шуморанд. Ва ҳол он ки ин ҷумла тарҷимаи ҳарф ба ҳарфи вайрони як ҷумлаи ӯзбекӣ буд.

Дар имло ҳам дар матбуоти тоҷикӣ ба асоси он лоиҳа вайронкориҳо ҳанӯз ҳукмрон аст. Дар ягон забони маданӣ ва аз ин ҷумла дар забони русӣ дар навиштан талаффуз асос гирифта нашуда бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ талаффузро асос гирифта масалан, ба ҷои калимаҳои «анбор, занбар, ҷунбидан» - «амбор, замбар, ҷумбидан» менависанд.

Имлочиёни мо, ки аз ин хусусияти забони тоҷикӣ хабар надоранд, дар навиштан ҳам ҳарфи «б» - и монанди калимаҳои мазкурро ба «м» табдил дода менавиштанд, бо ин корашон аз як тараф хусусияти забони тоҷикро поймол кунанд, аз тарафи дигар луғатҳои бисёреро вайрон карда ба халқ тақдим менамоянд.

Қатъи назар аз ин хусусияти забони тоҷик, агар дар имло талаффуз асос гирифта шавад, дар забон анархия пайдо мешавад, чунки талаффуз дар ҳар замон ва дар ҳар район дигаргуншаванда аст, ҳатто басо дида шудааст, ки талаффузи шахсҳои ҷудогона ҳам аз якдигар фарқ мекунад. Сабаб ҳамин аст, ки то ҳол дар имлои забони тоҷикӣ анархия ҳукмфармост».[1]

Дар натиҷа, масъалаи бознигарии имло ба вуҷуд омад ва лоиҳаи наве бо номи «Орфографияи забони тоҷикӣ» тартиб дода шуд. Аввал дар моҳи октябри соли 1952 дар матбуоти кишвар лоиҳаи «Орфографияи забони тоҷикӣ»[2] чоп шуд ва он барои ғавру баррасӣ ба мутахассисону коршиносон пешниҳод гардид. Он дар матбуот муҳокимаву баррасӣ гардид. Олимону донишмандон ба андозае ки дар он замон имкон дошт, доир ба масъалаҳои имло фикру андешаҳои худро баён доштанд.[3]

---

[1] Айнӣ С. Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик // Шарқи Сурх, 1952, № 6, саҳ. 3-8.

[2] Орфографияи забони тоҷикӣ // Мактаби Советӣ, №10, 1952. С. 22-33.

[3] Ниг.: Каримов А. Оид ба лоиҳаи орфографияи забони тоҷикӣ // Мактаби советӣ, №15, 1952, с. 35–37; Раҳмонов М., Баъзе мулоҳизаҳо оид ба

Масалан, О. Ҷалолов номзади илми филология ва Маҳвашев И. Н. устоди Институти хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи аграрӣ) дар мақолае бо номи «Фикру мулоҳизаҳои мо» (Газетаи муаллимон, 28 феврали соли 1953) бепояи илмӣ будани баъзе аз ин қоидаҳоро ошкор карданд. Ақидаҳои ин муаллифон дар бораи истифодаи ҳарфи ю баҷои йу дар вожаҳои Юлдош, юрға, «истеъмоли беҳудаи» дар калимаҳои дарё, гиря, афюн, бахтёр, даҳяк, истифодаи пасванди –ӣ ( - чӣ, - вӣ) ва ғайра собит месозад, ки равшанфикорони мо дар ҳамон давраҳои душвори яккасолорӣ фикру андешаҳои худро беибову равшан баён мекарданд: «Навишта шудани Юлдош, юрға, ки дар §10 пешниҳод карда шудааст, аз ҳар ҷиҳат нодуруст аст». [1] Дар мақолаи Шукуров М. «Баъзе қайдҳо дар бораи лоиҳаи нави орфографияи забони тоҷикӣ» ташаббуси ба алифбои тоҷикӣ дохил намудани ҳарфҳои русии **щ** ва **ы** дастгирӣ ёфтааст. Ӯ менависад: «Пеш аз ҳама аҳамияти калони ба алифбои тоҷикӣ дохил шудани ҳарфҳои щ ва ы-ро қайд кардан лозим аст».[2] Дар ҷои дигар ӯ пешниҳод мекунад, ки номҳои ҷуғрофии Тбилисӣ, Батумӣ, Чилӣ ба монанди Деҳлӣ, Урумчӣ бо ӣ-и заданок навишта шавад. Вале ин пешниҳод тавре ки аз матни аслӣ мушоҳида мекунем, қабул намегардад. Пешниҳоди дигари М. Шукуров вобаста ба навиштани вожаҳои монанди «пунба», «ҷунбиш», «танбал» аст, ки ӯ чунин менависад: «Вазифаи орфографияи нав аз ин иборат аст, ки ҳамин қонуни забониро бо қоидаи расман эълон намуда, ду хела нависиҳои дар ин соҳа мавҷудбударо хотима диҳад, то ки «танбӯр», «пунба», «ҷунбиш», «танбал» барин калимаҳои интип, ки ҳанӯз то як андоза, «н» - ро дар худ нигоҳ доштанд, низ «м» навишта шавад».[3] Тавре аз мақолаи устод С. Айнӣ бармеояд, маҳз ҳамин гуна иштибоҳҳои қоидаи имлои солҳои 1939 ва 1941 мавриди интиқоди шадиди устод қарор гирифта буд.

Лоиҳа дар муддати беш аз ҳафт моҳ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар муҳокимаҳо 30 нафар устоду донишманд

---

қоидаҳои Орфографияи забони тоҷикӣ // Мактаби Советӣ, №1, 1953, с. 30-32; Шукуров М. Баъзе қайдҳо доир ба орфографияи забони тоҷикӣ // Шарқи Сурх, №1, 1953, с. 124-130; Ҷалолов О., Маҳвашев И. Н., Фикру мулоҳизаҳои мо // Газетаи муаллимон, № 8 (1071). 28 феврали соли 1953.

[1]Ҷалолов О., Маҳвашев И. Н., Фикру мулоҳизаҳои мо // Газетаи муаллимон, №8 (1071) . 28 феврали соли 1953.

[2] Шукуров М. «Баъзе қайдҳо дар бораи лоиҳаи нави орфографияи забони тоҷикӣ» // Шарқи Сурх, № 1, 1953, с. 125.

[3]Ҳамон ҷо, с. 128.

иштирок намуд.[1] Бояд гуфт, ки таҳиягарони лоиҳаи нав дар муддати баррасии он аз тарафи донишмандон онро дар асоси пешниҳодҳои воридшуда хеле такмил дода, ба як низоми муайян даровარданд. Дар он пешниҳоди устод С. Айнӣ оид ба тарзи навиштани вожаҳои занбӯр, танбӯр, анбор дар шакли тоҷикии онҳо, яъне бо нб (набо мб, ки дар орфографияи соли 1941 вуҷуд дошт ва Шукуров М. ҳам онро дастгирӣ кардааст) дастгирӣ ёфт. И-и дароз «и-и заданок» номида шуд. Вале боз ҳам тарзи навиштани номвожаҳои ҷуғрофии Тбилисӣ, Барҷомӣ, Батумӣ ба қавли таҳиягарон «талаффузи грузинии худро нигоҳ дошта, «монанди орфографияи русӣ навишта мешаванд.[2] Як масъалаи муҳиме, ки сиёсати рӯз ҳал кардани онро талаб мекард, ба алифбои тоҷикӣ даровардани ҳарфҳои «щ» ва «ы»-и русӣ буд, ки он ҳам ба суди ҳарфҳои русӣ ҳал шуд ва шумораи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ аз 37 ҳарф ба 39 ҳарф расонида шуд. Тартиби ҳарфҳо ҳам, ҳарчанд барои ба забони тоҷикӣ мувофиқ кардани он пешниҳодҳои зиёд буд, ба тартиби алифбои забони русӣ мононда шуда, ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар охири алифбои забони тоҷикӣ ҷой дода шуд, ки баҳонаи он ҳам чунин буд: «Агар тартиби ҳарфҳои алфавит тағйир дода мешуд, он гоҳ дар вақти тарҷумаҳо (и) ҳуҷҷатҳои расмӣ – нишондодҳо ва қарорҳои партия ва ҳукумат, ки миқдори зиёди бандҳои алоҳида дошта бо ҳарфҳо аломат карда мешаванд, боз як душвории дигар ҳам ба миён меомад». Бинобар ин, «Тартиби ҳозираи алфавит – дар охир оварда шудани ҳарфҳои иловагӣ барои овозҳои хоси забони тоҷикӣ ҳам аз ҷиҳати методӣ ва ҳам (аз ҷиҳати) амалӣ беҳтар мебошад».[3] Барои ҳарфҳои ю ва ӯ қоидаҳои сохта, аз қабили тарзи навишти Юлдош – Йулдош . . . шӯъла, шӯъба, суҳбат (аз ҳиҷои бастаи ҳарфҳои ҳ ва ғ) тартиб дода шуд, ки баъзеи онҳо дар Қоидаҳои имлои соли 1941 вуҷуд дошт.

Хулоса, баъд аз баррасиҳои муҳокимавӣ моҳи августи соли 1953 он ба шакли китобча чоп гардид ва баъд аз таҳрири ниҳоӣ ва тасдиқи он аз тарафи « Совети Вазирони РСС Тоҷикистон» дар матбуоти даврӣ чоп шуд. [4]

---

[1] Бухоризода А. Л. Лившитс В. А. Таҳрири нави қоидаҳои орфография // Мактаби Советӣ, №1, 1954, с. 26-36.

[2]Ҳамон ҷо, с. 32.

[3]Ҳамон ҷо, с. 32.

[4]Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ// Мактаби Советӣ, №1, 1954, с. 37 – 46.

Моҳи феврали соли 1954 ба алифбои тоҷикӣ ду ҳарфи нави русӣ «ы» ва «щ» илова гардид, ки ин иқдом раванди русикунонии алифбои тоҷикиро хотима дод.[1]

**ТАРТИБИ**
**алифбои русиасос аз рӯи Лоиҳаи соли 1954**

| Чопӣ | Дастнавис | | Чопӣ | Дастнавис | |
|---|---|---|---|---|---|
| А а | А а | а | У у | У у | у |
| Б б | Б б | бэ | Ф ф | Ф ф | эф |
| В в | В в | вэ | Х х | Х х | ха |
| Г г | Г г | гэ | Ц ц | Ц ц | цэ |
| Д д | Д д | дэ | Ч ч | Ч ч | чэ |
| Е е | Е е | е | Ш ш | Ш ш | ша |
| Ё ё | Ё ё | ё | Щ щ | Щ щ | ща |
| Ж ж | Ж ж | жэ | Ъ ъ | Ъ ъ | аломати сакта |
| З з | З з | зэ | Ы ы | Ы ы | эры |
| И и | И и | и | Ь ь | Ь ь | аломати ҷудой |
| Й й | Й й | и-и кӯтоҳ | Э э | Э э | э |
| К к | К к | ка | Ю ю | Ю ю | ю |
| Л л | Л л | эл | Я я | Я я | я |
| М м | М м | эм | Ғ ғ | Ғ ғ | ғэ |
| Н н | Н н | эн | Ӣ ӣ | Ӣ ӣ | и-и задонок |
| О о | О о | о | Қ қ | Қ қ | қэ |
| П п | П п | пэ | Ӯ ӯ | Ӯ ӯ | ӯ |
| Р р | Р р | рэ | Ҳ ҳ | Ҳ ҳ | ҳэ |
| С с | С с | эс | Ҷ ҷ | Ҷ ҷ | ҷэ |
| Т т | Т т | тэ | | | |

Ҳамин тариқ, бо қабули алифбои нав ва санадҳои меъёрӣ доир ба инкишофи забон сиёсати забонии Иттиҳоди Шӯравӣ барои солҳои баъдӣ муайян гардид, ки он то охири солҳои 80-уми қарни XX идома ёфт. Агар ин сиёсат то охири солҳои панҷоҳум хеле бошиддат амалӣ мегардид, пас аз охири солҳои 60-ум он заифтар гардид ва забоншиносон имконият пайдо карданд, ки дар бораи баъзе масъалаҳои забон ва имлои он озодтар андеша намоянд.

[1] Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи даровардани иловаҳо ба алифбои тоҷикӣ» аз 5 феврали соли 1954 // Тоҷикистони Сурх, 1 марти соли 1954.

**§ 7. Вижагиҳои «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик».** Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар даврони Шӯравӣ барои охир дар соли 1972 мавриди таҷдиду бозбинӣ қарор гирифт. Ин имло аз тарафи Комитети терминологияи назди Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон таҳия гардида, дар соли 1967 дар шакли китобча ба баррасии умумӣ пешниҳод гардид.

Тавре дар сарсухани ин лоиҳа гуфта мешавад, баъд аз қабули қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар соли 1953 замони зиёде (18 сол) сипарӣ гардид ва дар ин муддат дар навишти калимаҳои забон баъзе тағйиротҳо ворид гардид ва «забони адабии тоҷик ҳам хеле тараққӣ кард». Агар аз як тараф тағйирот дар навишти таркибуибораҳо ва «хеле тараққӣ» кардани забони адабӣ боиси пайдошудани зарурати қабули «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» гардида бошад, аз тарафи дигар, таҳиягарони имло зарурати дигари тағйири имлоро дар «вайронӣ ва худсарӣ» дар навишти «калимаю таркиб ва ибораҳои зиёде» мебинанд. Вале ҳарду заруратро бо намунаҳо зикр намекунанд. Дар асоси ҳамин мулоҳизаҳо Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ (Совети Вазирони РСС Тоҷикистон) «дар хусуси такмили нормаҳои забони адабии тоҷик қарори махсус қабул кард, ки яке аз супоришҳои он аз сари нав муоина намудани қоидаҳои имлои соли 1953 буд».[1]

Дар асоси ҳамин қарори махсус дар «Комитети терминологияи назди Академияи фанҳои Республика» комиссияи махсуси имло ташкил гардид. Тавре таҳия гарони имло менависанд: «Комиссия дар ҳангоми муайян намудани қоидаҳои имло ба принципҳои анъанавию таърихӣ, морфологӣ ва фонетикӣ такя карда»[2] лоиҳаи имлоро таҳия карда, тавре болотар зикр намудам, дар шакли китобча барои баррасӣ ба мутахассисон пешниҳод намуд. Муддати панҷ сол лоиҳаи имло мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифт. Таҳиягарони лоиҳаи имло бар он қоиланд, ки «таҳрири ҳозира дар бобати ҳалли масъалаҳои имло сифатан хеле беҳтар шудааст», вале ҳанӯз масъалаҳои баҳсноки имлои забони тоҷикӣ вуҷуд дорад. Тавре худи тартибдиҳандагон менависанд: «Вале ҳанӯз ба таври қатъӣ ҳукм кардан душвор аст, ки гӯё дар таҳрири нав ҳамаи

---

[1] Дар ин бораи ниг.: «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик». - Душанбе, 1972.

[2] Ҳамон ҷо.

масъалаҳои баҳсноки имлои забони адабии тоҷик ҳаматарафа ҳалшуда бошанд».[1]

Масалан, бештар ба қоидаҳои русӣ мувофиқ кардани имлои забонро дар таҳияи баъзе қоидаҳои сунъии дигар мебинем. Дар зербанди в) банди 3 навишти ҳарфи и̱ чунин омадааст: «Дар охири калимаҳои тақлидии гурӯҳи зерин, ки зада бар ҳиҷои охири онҳо намеафтад: гурси, гуппи (афтидан), фарри (паридан), ғурри (гузаштан) ва ғ.

Ба ҳар ҳол бо пешниҳоди ҳайати комиссия Шӯрои Вазирони вақти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо қарори худ таҳти рақами III аз 20 апрели соли 1972 таҳрири нави «Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик»-ро қабул карда, онро ба таври қонунӣ мавриди истифодаи умум қарор дод.

Ин қоидаҳои имло дар тафовут бо «Орфографияи забони тоҷикӣ»-и солҳои 1941 ва 1953 дар Комитети терминологии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ таҳия гардид ва худи вожаи иқтибосии «орфография» ба вожаи иқтибосии куҳантари тоҷикишудаи «имло» иваз гардид. Боқӣ асосан такрори ҳамон «Қоидаҳои орфографияи забони тоҷикӣ»-и соли 1953 бо андаке ихтисору суфта кардани забони он мебошад. Масалан, агар ҳарфи «е» дар «Қоидаҳои орфографияи забони тоҷикӣ» аз ду параграф иборат бошад, пас дар «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» аз як параграф иборат шудааст. Номи он ҳам тағйир ёфта, ба шакли «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» даромадааст.

Ибораи «забони адабӣ» ба маънии забони меъёр дар ҳамин қоида барои бори аввал истифода шудааст. Дигар сохтори ҳар ду имло бетағйир монд, ҳар ду аз 16 бахш иборатанд.

[1]Ҳамон ҷо.

# БОБИ III. ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

**§ 1. Истиқлол ва забони давлатӣ**. Баъди ба Истиқлол расидани Тоҷикистон забони давлатии мо дар ҷомеа беш аз пеш нақши ҳалкунанда мебозад. Пеш аз ҳама, вақте ки як давлат ба Истиқлолият мерасад, бештар ба анъанаҳову сарчашмаҳои бунёдии давлатсозии худ мурочиат мекунад ва бинобар ҳамин беасос набуд, ки забони тоҷикии мо - забони модарии мо ҳам баъд аз ба истиқлолият расидани Тоҷикистон мавқеи бунёдӣ касб кард ва дар баробари забони русӣ, ки қаблан забони расмии мо буд ва дар даврони истиқлолият ҳам мувофиқи Қонуни асосӣ забони муоширати байни миллатҳо мебошад, нақши худро хеле боло бурда, ҷои ҳуқуқии худро дар ҷомеа пайдо кард. Тавре ки мову шумо медонем, имрӯз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар соли 2009 панҷуми октябр қабул гардид, мавриди амал қарор гирифтааст. Мувофиқи ин қонун мавқеи ҳуқуқии забони тоҷикӣ муайян карда шудааст. Ҳангоми тарҳрезӣ ва баррасии ин қонун меъёрҳои байналмилалии истифодаи забонҳои мухталифи ҷаҳон дар назар гирифта шудааст ва дар Тоҷикистон як сиёсати бисёр пайгиронаи забонӣ вобаста ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш бурда мешавад.

Таҳаввул ва тағйироте, ки дар даврони Истиқлол забони модарии мо ба он дучор шудааст, хеле бунёдӣ ва сарнавиштсоз буда, аз давраи охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ сарчашма мегирад. Биноан, марҳилабандии инкишофу густариши забони тоҷикиро дар даврони Истиқлол метавон шартан чунин тақсим кард.

1. Забони тоҷикӣ дар даврони бозсозӣ ва солҳои аввали Истиқлол (солҳои 1985-1992)
2. Забони тоҷикӣ дар даврони гузариш (солҳои 1993-2000)
3. Забони тоҷикӣ ва давраи созандагиву бунёдкорӣ (солҳои 2000-2015)

Талошу саъйу кӯшиши зиёиён ва фарҳангиёни тоҷик барои аз бунбасти сиёсиву иҷтимоӣ берун баровардани забони тоҷикӣ бо шурӯи давраи бозсозӣ ва фароҳам шудани имконияти ошкорбаёнӣ ва ба таври аланӣ рушд ёфтани бедории миллӣ оғоз гардид. Дар Тоҷикистон низ дар баробари дигар

ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракат ва наҳзати истиқлолхоҳӣ бештар аз ҳама хусусияти фарҳангӣ дошта, дар навбати аввал бозгашт ба анъанаҳои миллӣ ва дигар унсурҳои пешқадами миллиро тарғиб мекард. Ҳаракати дар баробари забони русӣ ба забони тоҷикӣ додани мақоми расмиву давлатӣ дар нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX аниқтараш дар соли 1987 бо чопи мақолаҳо дар ин мавзӯъ дар матбуоти кишвар сар зад.[1] Зери таъсири чунин иқдомҳо ва шояд барои паст кардани шиддати вазъият дар моҳи майи соли 1988 қарори якҷояи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва Шӯрои вазирони Тоҷикистон (№127 аз чоруми ноябри 1988) «Дар бораи чорабиниҳо дар мавриди такмили омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ» қабул карда шуд, ки он аввалин санади расмӣ дар баробари густариши забони миллӣ дар давраи бозсозӣ дар Тоҷикистон буд. Вале қабули ин санад дигар ба вазъи иҷтимоӣ таъсир расонида наметавонист ва таҳти таъсири боло рафтани худшиносии миллӣ ва муборизаи равшанфикрони тоҷик барои ба забони миллӣ додани мақоми давлатӣ 22 июли соли 1989 Иҷлосияи даҳумини Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қонуни забонро қабул кард. Баъд аз чанд рӯзи қабули қонун «Тадбирҳо…» оид ба иҷрои Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз тарафи Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ба се забон-тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ (№142, аз 11 августи соли 1989) қабул гардид. Ин «Тадбирҳо» барои гузаштани коргузории расмии идора ва муассисаҳои давлативу ғайридавлатӣ ба забони давлатӣ як давраи гузаришро муайян сохта буд: «Муқаррар карда шавад, ки дар органҳои ҳокимияти давлатӣ, дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо дар давраи гузариш аз соли 1990 то соли 1995 коргузорӣ ба забонҳои давлатӣ ва русӣ буда, аз якуми январи соли 1996 ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Дар ин муддат коргузории органҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳо, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба забони давлатӣ гузаронида мешавад».[2] Минбаъд то тағйиру дароз кардани иҷрои баъзе бандҳои ин

---

[1] Дузабонӣ талаби ҷомеа аст // Мақолаи дастаҷамъонаи устодони Институти педагогии шаҳри Хуҷанд, ҳоло Донишгоҳи давлатии ба номи Бобоҷон Ғафуров // Газетаи муаллимон, 19 майи соли 1987.

[2] Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони РСС Тоҷикистон. - Душанбе, 1989, саҳ. 13.

«Тадбирҳо...» он як ҳуҷҷати расмӣ барои таъмин намудани иҷрои Қонуни забон ва густариши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ буд. Дар ин тадбирҳо чораҳои ба зергурӯҳҳо тақсим кардани гурӯҳҳои таълимӣ, ки шумораи таълимгирандагони онҳо аз 25 нафар зиёд буданд, ҷорӣ намудани дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои ғайритоҷикӣ, тарбия кардани тарҷумонҳо, чопи дастуру фарҳангномаҳо ба забони тоҷикӣ ва як силсила тадбирҳои дигар пешбинӣ гардид. Бояд гуфт, ки дар муддати солҳои 1989 аввали соли 1992 барои татбиқи ин «Тадбирҳо...» корҳои зиёде амалӣ гардид, вале бо муташанниҷ гардидани вазъи ҷумҳурӣ ва сар задани ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандӣ иҷрои ин «Тадбирҳо...» ба таъхир афтод ва ҳатто дар солҳои баъдӣ пасравӣ аз иҷрои он, кам кардани соатҳои дарси забони тоҷикӣ, бастани маҳфилҳои забономӯзӣ, бештар шудани истифодаи забони русӣ дар коргузории расмӣ ва ғ. мушоҳида гардид. Бо оғоз шудани ҷангҳои шаҳрвандӣ ва муташанниҷ гардидани вазъияти ҷумҳурӣ марҳилаи аввали татбиқи Қонуни забон ва инкишофу густариши забони тоҷикӣ ба охир мерасад.

Вақте ки Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 июли соли 1989 қабул гардид, Тоҷикистон дар ҳайати як давлати абарқудрат вуҷуд дошт, ки сиёсати забонии ҳамаи ҷумҳуриҳои бародарӣ аз як марказ идора мешуд ва албатта қонуни забоне, ки дар Тоҷикистон қабул гардид, яке аз қонунҳои аввалин дар сатҳи Иттиҳоди Шуравӣ буд. Баъд аз Ҷумҳурии Эстония дувумин Қонуни забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва албатта, аз сабаби он ки ин аввалин қонуни забон буд, дувум он ки Тоҷикистон дар ҳайати як давлати абарқудрат қарор дошт ва ҳама вақт он сиёсати худро вобаста ба сиёсати марказӣ пиёда мекард, ин қонун як силсила нуқсону камбудиҳо дошт. Пеш аз ҳама дар асоси ин қонун ба таври саросарӣ истифодаи се забон дар Тоҷикистон расмӣ шуда буд, яъне ҳам забони тоҷикӣ, ҳам забони русӣ ва ҳам забони ӯзбекӣ. Аксарияти қонунҳои Тоҷикистон, аксарияти он қарору қонунҳое, ки Шӯрои Олии Тоҷикистон қабул мекард, бо ҳамин се забон нашр мешуданд.Аз тарафи дигар, дар ин қонун масъалаҳои бисёр муҳими нигаҳдорӣ ва ҳифзи забони тоҷикӣ, масъалаҳои риояи меъёрҳои он дар ҷомеа, яъне бисёре аз масъалаҳои муҳиму бунёдие, ки барои инкишофи забон роҳи васеъ мекушод, мутаассифона дарҷ нагардида буданд. Албатта, дар ҳамон давра, дар ҳамон замон

қабули Қонуни забон як қадам ба пеш барои ҷомеаи мо буд. Мардуми Тоҷикистон ба як шӯру шавқ ин қонунро ҷонибдорӣ кард, бо ташаббуси устоди зиндаёд Зафар Нозим Бунёди забон таъсис гардид, дар тамоми муассисаҳои Тоҷикистон курсҳои забономӯзӣ ташкил гардид. Баъди ба сари кор омадани ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон декабри соли 1992 ва нисбатан ором гарифтани вазъият дар Тоҷикистон ҳамоно ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пайи тақвияти масъалаҳои забон гардид ва ҳамасола ҷашни қонуни забон таҷлил мегардид, ҳамасола вобаста ба татбиқи қонуни забон чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал пиёда мегардид. Ба вазъи номусоид ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, дар соли 1994 қарори Шӯрои Олӣ дар бораи гузаронидани ҷашни забон дар шароити фавқулода ба имзо расид.[1]

Баъд аз ба андозае мусоид шудани вазъи сиёсӣ ва рушди иҷтимоӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи татбиқи Қонуни забон ва рушди густариши забони тоҷикӣ ба иқдому чорабиниҳои ҷиддӣ пардохт. Пеш аз ҳама бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, №142 муддати давраи гузаришро дар татбиқи қонуни забон, ки мувофиқи Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (№142 аз 11 январи соли 1989) якуми январи соли 1996 муқаррар шуда буд, то моҳи декабри соли 1999 тамдид намуд. Дар асоси ин қарори Шӯрои Олии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 23-юми феврали соли1996 ба Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 11 августи соли 1989 № 142 тағйироту иловаҳо ворид кард. Масъалаи густариши забони давлатӣ ва татбиқи Қонуни забон дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври махсус баррасӣ гардида, дар ин бора 2 июни соли 1997 №256 қарори махсус қабул гардид. Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳури Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон аз 21 октябри соли 1997 № 459 қабул гардид. Имлои нави забони тоҷикӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998 № 355 тасдиқ гардид.

---

[1]Ниг. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷашн гирифтани Рӯзи забон» // Ҷумҳурият, 16 июли соли 1994.

Дар охири солҳои 90-уми садаи гузашта забони тоҷикӣ ба як забони тавонои давлатӣ табдил ёфт ва аллакай дар соли 2000-ум тамоми муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии Тоҷикистон маҷбур шуданд, ки барои дар амал пиёда шудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ гузаранд. Яке аз муваффақияҳои бисёр бузурге, ки дар ин давра мо ба даст овардем, дар асоси сиёсати бисёр пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан пуштибонии Президенти кишвар дар коргузории расмии ҷумҳурӣ ба таври пурра ҷорӣ гардидани забони давлатӣ буд. Умуман соли 2000-умро гардиши куллӣ дар сиёсати забони Ҷумҳурии Тоҷикистон номидан мумкин аст. Аз соли 2000-ум шурӯъ карда ҷараёни гузариши муассиса ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ ба забони давлатӣ боз ҳам бештар қувват гирифт. Махсусан қабули оинномаҳо, амру фармонҳо ба забони тоҷикӣ ва тасдиқ шудани онҳо дар Маҷлиси Намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои густариши забони давлатӣ дар қувваҳои мусаллаҳ аҳамияти калоне доштанд. Инчунин сохторҳои иқтисодии Тоҷикистон (Вазорати молия, Вазорати савдо ва рушди иқтисод, бонкҳо) низ оҳиста-оҳиста рӯ ба забони тоҷикӣ оварданд ва санаду ҳуҷҷатҳои худро ба забони давлатӣ гузарониданд. Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар номаи табрикии хеш ба муносибати Рӯзи забон дар соли 2003 нақши забони давлатиро дар рушд ва инкишофи ҷомеа чунин арзёбӣ кард: «Дастоварди бузурги мо дар бахши сиёсати забон аз ин иборат аст, ки забони давлатӣ дар марҳилаи кӯтоҳ, вале ниҳоят ҳассоси таърихӣ нақши ваҳдатофариро адо намуд.»[1]

Нимаи дувуми солҳои 2000-2010 дар таърихи рушду густариши забони тоҷикӣ дар давраи Истиқлол шояд аз солҳои пурсамартарини инкишофи забони давлатӣ бошад. Агар ба таври мухтасар ба ин давра равшанӣ андозем метавон гуфт, ки ин солҳо солҳои таҳкими раванди густариши забони модарии мо дар маснади забони давлатӣ мебошад. Соли 2004 70-солагии Институти забон ва адабиёт дар сатҳи баланд таҷлил гардид ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар баробари арҷгузорӣ ба забони модарӣ дар назди зиёиён ва махсусан кормандони Институти забон ва адабиёт як силсила вазифаҳои мушаххас гузошта, ин муассисаи илмиро

---

[1] Номаи табрикии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон // Ҷумҳурият, 24 июли соли 2003.

ҳамаҷониба ҳам аз лиҳози маънавӣ ва ҳам аз лиҳози моддӣ мавриди пуштибонӣ қарор дод: «Яке аз вазифаҳои асосӣ ва пурифтихори Институти забон ва адабиёт дар давраи истиқлолият пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он, аз ҳисоби захираи забони классикӣ ва халқӣ суфтаву ғанитар намудани забони адабӣ, оммафаҳм сохтани забони нашрияҳо, пеш аз ҳама китобҳои дарсӣ, забони матбуот ва тоза нигоҳ доштани забони муошират мебошад. Ҳамчунин зарурати эҷод ва эҳёи забони илмии тоҷикӣ кайҳо расидааст, ки ин ҳам аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқон ва зиёиён, аз ҷумла Институти забон ва адабиёт аст».[1]

Минбаъд барои рушду такомули забони тоҷикӣ дар назди муҳаққиқон як силсила вазифаҳои ниҳоят муҳим, таҳияи «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» (дар ду ҷилд соли 2008 ва минбаъд солҳои 2010, 2011 бори дигар чоп шуд), таҳияи «Донишномаи Рӯдакӣ», ки ду китоби он соли 2008 чоп шуд, гузошта шуд. Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» дар шаш ҷилд оғоз гардид. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2007 соли 2008 Соли забони тоҷикӣ эълон гардид ва якҷо бо 1150 солагии устод Рӯдакӣ дар саросари кишвар таҷлил гардид. Татбиқи тамоми ин тадбиру чорабиниҳо ва рушду густариши бемайлони забони давлатӣ дар ҷомеа зарурати бозбинии ҷадиди куллиеро дар самти дурнамои инкишофи забон ва қабули қонуни нави забон ба вуҷуд овард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти таърихии ин қонунро барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қайд намуда, пешниҳоди лоиҳаи навро зарур дониста, ҳадаф ва мақсади қабули онро низ ба таври возеҳ нишон дод:«Ин санади ҳуқуқӣ, ки дар замони шӯравӣ бо дарназардошти воқеияти сиёсии он давра таҳия шуда буд, имрӯз ба ниёзҳои ҷомеаи мо пурра ҷавобгӯ нест ва

[1] Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. // Ҷумҳурият, 25 марти соли 2004.

кайҳост, ки зарурати пешниҳоди лоиҳаи нави он ба миён омадааст...».[1]

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули як силсила қарору тадбирҳои мушаххас бобати беҳтар кардани вазъи ҳуқуқии забони тоҷикӣ ва татбиқи марҳила ба марҳилаи қонуни забони тоҷикӣ дар Комиссияи татбиқи қонуни забони назди ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон барои таҷдиди қонун ва таҳияи қонуни нави забон комиссияи махсус таъсис дод, ки муддати солҳои 2007-2008 матни қонуни нави забонро бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

5-уми октябри соли 2009 қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид. Дар қонуни нав масъалаҳое, ки дар Қонуни забони пешин набуд, ҷойгоҳи худро пайдо кард ва ин қонун, ман фикр мекунам, яке аз қонунҳои хеле муосири сатҳи байналмилалӣ мебошад. Чунки ҳангоми таҳияи ин қонун мазмуну меъёрҳои бисёре аз қонунҳои забони кишварҳои дигар, ҳатто кишварҳои араб, кишварҳои Аврупо, то Лаҳистону то тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар назар гирифта шуда, дар таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифода шудаанд. Акнун, ки ин қонун мавриди амал қарор гирифтааст,роҳи васеъ барои инкишофи забони модарии мо ҳамчун забони давлатӣ боз хоҳад шуд.

Дар солҳои охир бо татбиқи як силсила тадбиру чорабиниҳои муҳими Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон дар бахши густариши иҷтимоии забон тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад ва забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ мақоми худро боз ҳам мустаҳкамтар кард. Ин тадбирҳо бо қабули қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5 октябри соли 2009) оғоз гардид. Таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон, қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (4-уми октябри соли 2011), «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-

[1] Ҷомеа ва рисолати зиёӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар // Ҷумҳурият, 21 марти соли 2009.

2016», таҳия ва чопи «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» (2013) мебошанд, ки барои рушду густариши забони давлатии мо марҳилаи наверо оғоз хоҳанд бахшид. Фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳот ҳам ҳар чи бештар самарабахш гардида, дар таҳаққуқи сиёсати забонии давлат нақши муҳимме бозида истодааст.

Хулоса, дар даврони истиқлол бо фаро расидани шароити мусоид барои инкишоф ва пешрафти забони миллӣ тамоми монеаҳои сунъии сиёсиву назариявӣ ва идеологӣ бардошта шуд. Дар ин давра бо дар амал пиёда шудани сиёсати воқеан миллии забонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нақши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ ба маротиб афзуд. Махсусан, асарҳои Президенти кишвар,[1] суханрониҳои ӯ дар маҳфилу чорабиниҳои гуногун дар пайрезии сиёсати забонии давлат, муайян кардани самтҳои асосии инкишофи забон ва забоншиносии тоҷик нақши бунёдӣ ва раҳнамоӣ доштанд.

Дастовардҳои асосии моро дар даврони Истиқлол метавон ба таври фишурда ба шакли зер гурӯҳбандӣ кард:

1. Ба таври комил дар коргузории расмӣ ҷорӣ шудани забони давлатӣ;
2. Таҳияи як силсила асарҳои муҳим дар бахши забоншиносии тоҷик. Махсусан, асарҳои оид ба таърихи забони тоҷикӣ,[2] забони муосири тоҷикӣ[3] фарҳангу луғатномаҳои гуногун «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Донишномаи Рӯдакӣ» ва ғайра.[4]

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2002; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2002; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, Ирфон, 2006; Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, Ирфон, 2006.

[2] Саймддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе, 2001; Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ. - Душанбе, Дониш, 1992; Саймиддинов Д. Фарҳанги ҳузворишҳои паҳлавӣ. Душанбе, 2008.

[3] Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. - Душанбе, 2007; Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. Душанбе, 2004; М.Ҳ. Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. Душанбе, 2000; Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Душанбе, 2003.

[4] Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, ч.1, зери таҳрири С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов.-Душанбе, 2004; Ҷ. 2, зери таҳрири Д. Саймиддинов,

3. Ба забони муоширати байни халқҳои сокинони кишвар табдил ёфтани забони давлатӣ.

Тавре ки Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳояшон мефармоянд: «Дар замони истиқлолият забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо карда, дар асоси меъёрҳои таърихӣ ва адабӣ ташаккул пайдо мекунад ва тадриҷан вазифаи забони муоширати байни намояндагони миллатҳои гуногуни сокини кишварро ба дӯш мегирад. Аз ин рӯ, истиқлоли давлатӣ ҳамчун омили воқеии эҳёи забони мо дониста мешавад»[1]. Дар ин гуфтаҳои Президенти кишвар ду нуктаи бисёр муҳим нуҳуфта аст. Аввалан, Истиқлолияти Тоҷикистон барои рушди забони давлатӣ тамоми шароитро фароҳам овардааст. Сониян, ин шароит имкон додааст, ки забони тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба забони муоширати байни халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал шавад.

Тамоми ин тадбирҳо барои боз ҳам густариш ёфтани забони модарии мо нигаронида шудааст ва тавре ки Президенти ҶумҳурииТоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми мулоқот бо зиёиёни кишвар дар моҳи марти соли 2009 фармуданд: «Итминони комил дорам, ки қабули қонуни нав «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тадбирҳои дигар дар иртибот ба забони миллӣ як силсила монеаҳои мавҷудаи сунъиро дар ин самт барканор сохта, марҳалаи воқеан навро дар таҳким ва рушди забони давлатӣ оғоз хоҳанд кард…» [2]

---

С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов. - Душанбе, 2005; нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов.-Душанбе, 2006; Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А. А., Каримов С., Султонов М. М, иборат аз ду ҷилд. Душанбе - Машҳад, 2008. Донишномаи Рӯдакӣ, иборат аз ду ҷилд. - Душанбе-Димишқ, 2008.

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Забон яке сарчашмаҳои асосии истиқлолияти миллӣ ва омили муҳимми ташаккули миллат мебошад. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати рӯзи Забон, 21 июли соли 2007.

[2] Ҷомеа ва рисолати зиёӣ.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар // Ҷумҳурият, 21 марти соли 2009

**§ 2. Имлои забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол.** Баъд аз ба истиқлол расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сиёсати забони ҳам тағйироти бунёдӣ ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама қабули қонуни забон, амалӣ шудани тадбирҳои Ҳукумати ҶТ барои рушди забони тоҷикӣ имкон дод, ки бисёр монеаҳои сунъии сиёсӣ рафъ гардад. Бинобар ин, дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ комиссияи имло таъсис ёфт, ки он дар солҳои 1990-1992 Лоиҳаи имлои забони тоҷикиро таҳия намуд. Месазад, ки дар бораи ин лоиҳа чанд сухан гӯем. Ин лоиҳаро дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ д.и.ф. Рустамов Ш. Р. ва донишманди хуби забон д.и.ф. Мирзоев А. омода намуда, он ҷанбаҳои гуногуни имлоро дар бар гирифта буд. Фарқияти он аз таҳияи қоидаҳои пешин аз он иборат буд, ки дар таҳияи он бештар хусусияти суннатӣ ва таърихии забон ба назар гирифта шуда буд. Ин лоиҳа «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» ном дошта, дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таҳия шудааст. Албатта, номи «забони адабии тоҷик», ки дар давраи Шӯравии рушди забони тоҷикӣ хеле маъмул буд, ба ин «Лоиҳа» ҳам гузаштааст ва он минбаъд ба шакли дурусти «забони адабии тоҷикӣ» ислоҳ шуд ва дар ин бора устод Д. Саймиддинов мақолаи муфассал навишта ба истилоҳ «қилро аз хамир» ҷудо кардааст. Хусусиятҳои хоси ин лоиҳа, ки минбаъд асоси «Имлои забони тоҷикӣ» (1998) мегардад, чунин аст:

1. Алифбои забони тоҷикӣ аз 31 ҳарф муқаррар шудааст, ки чунин аст:

**Алифбои забони тоҷикӣ**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | А а | а | 17. | Н н | Нэ |
| 2. | Б б | бэ | 18. | О о | О |
| 3. | В в | вэ | 19. | П п | пэ |
| 4. | Г г | гэ | 20. | Р р | рэ |
| 5. | Ғ ғ | ғэ | 21. | С с | сэ |
| 6. | Д д | дэ | 22. | Т т | тэ |
| 7. | Э э | э | 23. | У у | У |
| 8. | Ж ж | жэ | 24. | Ӯ ӯ | у - и дароз |
| 9. | З з | зэ | 25. | Ф ф | фэ |
| 10. | И и | и | 26. | Х х | хэ |
| 11. | Ӣ ӣ | и - и дароз | 27. | Ҳ ҳ | ҳэ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Й й | й (нимсадо) | 28. | Ч ч | чэ |
| 13. | К к | кэ | 29. | Ҷ ҷ | ҷэ |
| 14. | Қ қ | қэ | 30. | Ш ш | шэ |
| 15. | Л л | лэ | 31. | Ъ ъ | аломати сакта |
| 16. | М м | мэ | | | |

2. Ҳарфҳое, ки як овозро ифода мекунанд, ба ҳам муттаҳид карда шуда дар як банд оварда шудаанд. Масалан, дар алифбо онҳо дар шакли Е(э) дода шудаанд. Ё дар фасли «Имлои садонокҳо» дар банди як чунин омадааст: «Ҳарфи и ду шакл дорад: и ва ӣ».

3. Он аз рӯйи тартиб ва таҳлилу баррасии овозу ҳарфҳо аз «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» (соли 1972) фарқ мекунад. Агар «Қоидаҳои имло» - и соли 1972 бо ҳарфи «е» оғоз шуда бо ҳарфи «ё» идома ёбад, ин лоиҳа бо ҳарфи «и» оғоз мешавад ва ҳарфи дувум «о» мебошад.

4. Аз матни лоиҳаи «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» (1993) бахшҳои махсуси «Ёдоварӣ», ки дар қоидаҳои имлои пешин зиёд дида мешуд, умуман бардошта шудаанд.

5. Банди I «Қоидаҳои имло»-и соли 1972 бо «Имлои баъзе садонокҳо» оғоз шуда, вале дар он ҳам дар бораи овозҳои ётбарсари «ю, я, ё» ва ҳам дар бораи овози хоси русии «ы» маълумот дода шудааст, ки боиси омехтани садонокҳои одиву мураккаб гаштааст. Вале дар лоиҳаи соли 1993 садонокҳои мураккаби «е, ю, я, ё» ва ҳарфи хоси русии «ы» умуман бардошта шудааст.

6. Фасли III-и Лоиҳаи «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» «Имлои ҳамсадоҳо» номгузорӣ шуда, бо ҳарфи «ж» оғоз мешавад ва он аз фасли «Имлои баъзе ҳамсадоҳо»-и имлои соли 1972 васеътар аст.

7. Дар «Қоидаҳои имло»-и соли 1972 фасли «Имлои аломатҳо» вуҷуд дорад ва дар он дар бораи аломати сакта (ъ) ва аломати ҷудоӣ (ь) маълумот дода шудааст. Вале дар Лоиҳаи «Қоидаҳои имло»-и соли 1993 ин фасл низ бардошта шуда, аломати сакта (ъ) ҳамчун ҳарфи алоҳида дар бахши «Имлои ҳамсадоҳо» дода шудааст.

8. Дар «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик»-и соли 1972 фасли «Ташдиди ҳамсадои калима» умуман вуҷуд надорад, вале дар ин лоиҳа он фасли IV - ро ташкил дода, аз як банди калон, ки дорои ёздаҳ зербанд (аз «а» то «м») иборат мебошад.

9. Боқимонда фаслу бандҳои ҳар ду имло бо ҳам монанд мебошанд, вале дар Лоиҳаи «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» (1993) онҳо хеле муфассал дода шудаанд.

Баъд аз пешниҳоди лоиҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии он дар ҳайати донишмандон Т. Хаскашов (раис), М. Шукуров, М. Лутфуллоев ва Б. Камолиддинов (аъзо) гурӯҳи корӣ таъсис ёфт. Ин гурӯҳи корӣ матни таҳрирёфта ва таҳияшудаи Лоиҳаро ба баррасии умум пешниҳод кард ва он дар моҳи августи соли 1995 дар матбуоти ҷумҳурӣ чоп гардид. Сипас матни ниҳоии он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид ва ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми сентябри соли 1998 №335 тасдиқ гардид. Тавре дар «Сарсухан»-и он қайд шудааст: «Дар Қоидаҳои асосӣ (1972) мувофиқату овозу ҳарф дар чанд мавриди сарфи назар шуда буд: дар алифбо ҳарфҳое мавҷуд буданд, ки ягон овози забони тоҷикиро ифода намекарданд; ду овози комилан мустақил бо як ҳарф ифода мегардиданд; баъзе фонемаҳои забони тоҷикӣ ҳарф надоштанд; баъзе ҳарфҳо аз ҳарфҳои ҳамгуни худ дур афтода буданд; қоидаҳои навишти баъзе воҳидҳои забони адабии тоҷик дарҷ наёфта буданд ва ғайра. Ин нуқсону камбудиҳо дар таълими забони тоҷикӣ ва талаффузи адабӣ боиси таҳрифу нофаҳмиҳо мешуданд ва ҷараёни тадриси саводро дар мактаб душвор мекарданд. Дар лоиҳаи имло ин камбудиҳо то ҳадди имкон ислоҳ шуданд».

Тавре дида мешавад, ин «Имлои забони тоҷикӣ» аз қоидаҳои имлои соли 1972 нисбатан тафовуту фарқияти зиёде дорад. Аввалан, номи он суфта гардида, аз шакли «Қоидаҳои имлои забони адабии тоҷик» ба шакли дурусти «Имлои забони тоҷикӣ» ислоҳ гардидааст ва ибораи «забони адабии тоҷик» ба «забони тоҷикӣ» тағйир дода шудааст. Шумораи ҳарфҳои тоҷикӣ ҳам, ки дар давраи Шӯравӣ 32 ҳарфи лотинӣ, дар алифбои русиасос аввал ба 37 ҳарф дар соли 1940 ва баъд ба 39 ҳарф дар соли 1953 расонида шуда буд, ба 35 ҳарф кам гардид.

Чор ҳарфи хоси алифбои забони русӣ, ки дар асари сиёсати рӯз сари алифбои тоҷикӣ бе риояи қоидаҳои илмӣ бор шуда буд, аз алифбо хориҷ гардид. Ин ҳарфҳо чунинанд: ь – аломати ҷудоӣ, ки дар забони русӣ мулоиматиро ифода мекард ва дар алифбои забони тоҷикӣ барои он қоидаи хосу сохтае тартиб дода буданд, ц – тс овози хоси русӣ барои ифодаи калимаҳои навъи цех, цистерна, социум (ин ду ҳарф соли 1940 қабул гардид), ы – овози махсуси русӣ барои вожаҳои навъи выставка,

ки дар алифбои тоҷикӣ еры номгузорӣ шуда буд ва дар байни мардум аз сабаби мавҷуд набудани чунин овоз и-и 61 (шасту як) ном гирифта буд, - шча, ки барои овози хоси русӣ дар калимаҳои щука – навъи моҳӣ, щётка – чутка, Хрущев истифода мегардид. (ин ду ҳарф соли 1953 мо ворид гардида буданд). Номи ҳарфҳо ҳам ба тарзи талаффузи тоҷикӣ мувофиқ карда шуданд. Дар тартиби овардани ҳарфҳои садонок тағйирот ворид гардид. Мавқеи истифодаи ӣ (и-и заданок) низ васеъ гардид ва минбаъд дар калимаҳои иқтибосии навъи Батумӣ, Тбилисӣ, Ибаруррӣ, таксӣ он мавриди истифода қарор дода шуд. Ҳарфи ӯ (у-и дароз) «вови маҷҳул» ном гирифт. «Имлои забони тоҷикӣ» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми сентябри соли 1998 №335 тасдиқ гардида, мавриди истифода қарор гирифт. Бо ин қарори комиссия татбиқи қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2001 №2 «Дар бораи мавқеи истифодаи нохунак дар забони адабии ҳозираи тоҷик» илова гардид, ки истифодаи нохунакро дар мавқеи пешинааш расмӣ кард. Он чӣ қадар қонунӣ буд, танҳо ба комиссияи татбиқи қонуни забон маълум буд, чунки ин илова ҳам бояд бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардид.

## Алифбои тоҷикӣ

| Чопӣ | Дастнавис | | Чопӣ | Дастнавис | |
|---|---|---|---|---|---|
| А а | *А а* | а | У у | *У у* | у |
| Б б | *Б б* | бэ | Ф ф | *Ф ф* | эф |
| В в | *В в* | вэ | Х х | *Х х* | ха |
| Г г | *Г г* | гэ | Ч ч | *Ч ч* | чэ |
| Д д | *Д д* | дэ | Ш ш | *Ш ш* | ша |
| Е е | *Е е* | е | Ъ ъ | *Ъ ъ* | аломати сакта |
| Ё ё | *Ё ё* | ё | Э э | *Э э* | э |
| Ж ж | *Ж ж* | жэ | Ю ю | *Ю ю* | ю |
| З з | *З з* | зэ | Я я | *Я я* | я |
| И и | *И и* | и | Ғ ғ | *Ғ ғ* | ғэ |
| Й й | *Й й* | и-и кӯтоҳ | Ӣ ӣ | *Ӣ ӣ* | и-и задонок |
| К к | *К к* | ка | Қ қ | *Қ қ* | қэ |
| Л л | *Л л* | эл | Ӯ ӯ | *Ӯ ӯ* | ӯ |
| М м | *М м* | эм | Ҳ ҳ | *Ҳ ҳ* | ҳэ |
| Н н | *Н н* | эн | Ҷ ҷ | *Ҷ ҷ* | ҷэ |
| О о | *О о* | о | | | |
| П п | *П п* | пэ | | | |
| Р р | *Р р* | рэ | | | |
| С с | *С с* | эс | | | |
| Т т | *Т т* | тэ | | | |

Ин ҳуҷҷати давраи Истиқлол то соли 2011 амал кард. Дар ин муддат дар рушду густариши забони тоҷикӣ ва махсусан дар муносибати ҷомеа ба забон дигаргуниҳои зиёде ба амал омад. Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷумҳурии истилоҳоти назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам хӯрд ва дар асоси онҳо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 5 октябри соли 2009 қабул гардид. Ҳарчанд ки «Имлои забони тоҷикӣ» бо фаро гирифтани бахши бештари хусусиятҳои забони адабӣ таҳия гардида буд, вале зарурати аз нав баррасӣ намудани он ҳис мегардид. Ин зарурат ҳатто аз тарафи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид шуда буд: «Имрӯз мо ба услуби илмӣ, забони суфтаю шево ва оммафаҳми матбуот, забони коргузории устувор, истилоҳоти ягонаи соҳаҳо, луғатҳои тафсирии якзабона, дузабона, имлои нисбатан возеҳу ба меъёрҳои забонамон хос эҳтиёҷ дорем».

Тавре дар сарсухани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» омадааст, барои таҳияи қоидаҳои имлои «фарогири меъёрҳои забони адабӣ» «дар асоси фармоиши Кумита аз 8 январи соли 2010 таҳти №21 дар ҳайати забоншиносон Д. Саймиддинов (раис), С. Назарзода, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, М. Султонов, Ф. Зикриёев, О. Муҳаммадҷонов, Ш. Кабиров ва К. Донаева (котиб) комиссия таъсис ёфт. Асоси таҳияи имло «меъёрҳои илмӣ ва таърихӣ бо риояи талаботи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ» гардид. Лоиҳаи имло беш аз як сол мавриди такмилу таҷдид қарор гирифта, сипас барои баррасӣ ба кафедраҳои забони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ, аз ҷумла Институти забон, адабиёт шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ фиристода шуд. Пешниҳодҳои онҳо дар ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ баррасӣ ва дар асоси пешниҳодҳои қабулгардида лоиҳаи имло такмил дода шуд. Хусусиятҳои хоси ин қоидаҳои имло чунинанд:

1. Номи он аз «Имлои забони тоҷикӣ» ба шакли «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» тағйир дода шуд ва ба он вожаи «қоида» илова гардид.

2. Номи ҳарфҳо ба шакли талаффузи таърихии он дар алифбои кириллӣ оварда шуд, ки аз ин қоида ҳарфҳои хос барои овозҳои забони тоҷикӣ истисно шуданд. Бояд гуфт, ки

талаффузи ҳарфҳо ба шакли тоҷикӣ дар «Имлои забони тоҷикӣ» (1998) расмӣ шуда буд.

3. Имлои садонокҳо ҳам мавриди бозбинӣ қарор гирифта, «тартиб ва меъёри имлои садонокҳо дар тафовут аз имлои қаблӣ бар асоси равиши илмӣ ва таърихӣ таҳия ва тасниф гардида, қоидаҳои навиштани онҳо дар бандҳо ва зербандҳои ҷудогона танзим ва ҷойи истифодаи онҳо дар тартиби нав оварда шуд».[1]

4. Имлои вожаҳои иқтибосии (исмҳои хос) Гандӣ, Паганинӣ, Ибаррурӣ, Сочӣ, Тбилисӣ ва (исмҳои ҷинс) таксӣ, туфлӣ ва ғайраҳо ба шакли пешин, яъне дар талаффуз ва навишти русӣ барқарор карда шуд. Имлои ин вожаҳо дар се қоидаи имлои пешин (1941, 1954, 1972) чунин буд ва танҳо дар «Имлои забони тоҷикӣ» - исоли 1998 он ба тариқи талаффузи тоҷикӣ мувофиқ карда шуда буд.

5. Дар имлои ҳамсадоҳо низ, махсусан дар навишти ҳамсадоҳои ташдиддори арабӣ тағйирот ворид гардида, қолабҳои маъмулии вожасозии ин гуна калимаҳо нишон дода шудааст.

6. Имлои номи мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ, рамзҳои давлатӣ, номи муассисаҳо мувофиқи тартиботи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ислоҳу танзим ва бандҳо ва зербандҳои нав таҳия гардиданд.

7. Матни «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҳам аз лиҳози муҳтавиёт ва ҳам аз лиҳози сохтор ба таври муфассал мавриди таҳриру такмил қарор дода шуд. [2]

Ҳамин тариқ, баъд аз баррасии ниҳоӣ «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва 4 октябри соли 2011 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 458 тасдиқ гардид ва мавриди амал қарор гирифт. Бояд гуфт, ки ин имло аз тарафи мутахассисон мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар матбуот фикрҳои зидду нақиз пайдо шуданд. Баъзеҳо ҳатто онро ба хубӣ мутолиа накарда, афкори муғризонаи худро изҳор доштанд. Ҳарчанд аз қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011, № 458) он қадар муҳлати зиёд гузашта бошад ҳам, ҳамоно дар матбуот ва баъзе нишастҳои расмӣ баҳсу андешаҳо атрофи он идома дорад. Рӯзи 10-уми январи соли 2013 дар Раёсати Академияи илмҳои

[1]Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012, с. 10-12.

[2] Ниг.: Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ Душанбе. - 2012, с. 10-12.

Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи матбуотӣ доир гардид, ки дар он Акбари Турсон, директори Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ба масъалаи имло ва таҳияву қабули он ва чанде аз масъалаҳои муҳими пажӯҳишҳои илмӣ дахл намуда, фикру андешаҳои худро баён кард. То ба ҳол ӯ дар ин маврид фикру ақидаҳои худро чандин бори дигар бо тарзҳои гуногун баён карда буд. Вале ин бор ӯ ба таври расмӣ дар як конференсияи матбуотӣ ҳамчун шахси мансабдори давлатӣ фикри худро изҳор дошт. Дар ин суханронии худ ӯ бештар ба масъалаҳои тарзи таҳия ва омода сохтани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», вазъи забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон, шакли таҳияи фарҳангҳо, тарзи қабули вожаҳои нав аз «арабиву порсӣ» ва ғайра дахл карда, ҳам Комитети забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам таҳиягарони фарҳангҳоро зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Баҳсу мунозираҳо дар атрофии имлои забони тоҷикӣ асосан аз ибтидои солҳои сиюми садаи гузашта, баъд аз ҷорӣ шудани алифбои лотинӣ дар Тоҷикистон оғоз шуда буд. Оғози ин баҳсу мунозираҳо асоси воқеӣ дошт. То ибтидои солҳои 30 - юм дар Тоҷикистон алифбои арабӣ бо 28 ҳарфи хоси арабӣ ва 4 ҳарфи хоси тоҷикӣ ҷорӣ буд, ки он хусусияти консонантӣ, яъне ҳамсадоӣ дошт. Дар ин алифбо ҳамсадоҳо ва садонокҳои дароз бо ҳарфҳои алоҳида ва садонокҳои кутоҳ бо ишораҳо навишта мешуданд.

Алифбои лотинии тоҷикӣ хусусияти фонетикӣ, яъне овоӣ дошт ва дар он ҳамаи овозҳои тоҷикӣ бо ҳарфҳо ишора мегардиданд. Ин алифбо 32 ҳарф дошт. Дар ин давра ҳам баҳсу мунозираҳо дар атрофи садонокҳо дар авҷ буд ва дар аввал барои садонокҳои забони тоҷикӣ 8 овоз муқаррар гардид ва сипас боз сари садонокҳои шашсадоии дарозу кутоҳ баргаштанд. [1]

Дар соли 1940 забони тоҷикӣ ба алифбои русиасос гузашт ва дар асоси ин алифбо барои забони тоҷикӣ 37 ҳарф муқаррар гардид ва имлои нави забони тоҷикӣ дар асоси алифбои кириллӣ қабул гардид. Соли 1954 бо ба сари ҳокимият омадани Хрушев Н. С. ба алифбои тоҷикӣ боз ду ҳарфи русӣ (ы, щ) илова гардид ва алифбои забони мо 39 ҳарфро ташкил дод. Дар асоси ин алифбо қоидаҳои имлои тоҷикӣ ба таври мукаммал

---

[1] Муфассал нигаред: Назарзода С. Садонокҳои забони тоҷикӣ ва ташаккули онҳо // Забоншиносӣ, 2011. № 1, с. 14 - 32.

таҳия гардид ва ин имло то соли 1998 амал намуд. Дар соли 1998 имлои нави забон қабул гардид, ки дар асоси он аз алифбои тоҷикӣ чор ҳарфи хоси русӣ (Ц, Щ, Ы, Ь) бароварда шуд.

Пешниҳодҳо оид ба таҳрири нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҳадди ақал аз соли 2003 ибтидо мегиранд. Аввалин бор зарурати таҳрири «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар Паёми табрикии Президенти ҷумҳурӣ ба муносибати Рӯзи забон 22-юми июли соли 2003 қайд шуда буд. Бинобар ин бо таъсиси Комитети забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои аввале, ки ин муассиса барои худ муайян кард, таҳрири нави имлои забони тоҷикӣ буд. Моҳи январи соли 2010 бо пешниҳоди ин Комитет Комиссияи таҳрири имлои забони тоҷикӣ таъсис ёфт, ки ба ҳайати ин комиссия Д. Саймиддинов (раис), М. Шакурӣ, С. Назарзода, А. Ҷураев, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ф. Зикриёев, Ш. Исмоилов, Ш. Кабиров, О. Мамадҷонов, М. Султонов ва К. Донаева (котиб) дохил буданд. Бахши аввали ҷаласаҳо дар бинои Институти забон ва адабиёт доир мегардид, зеро Комитети навтаъсиси забон ва истилоҳот ҳанӯз ҷой надошт. Баъд аз таҳияи матни аввалия ё лоиҳаи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ он ба тамоми кафедраҳои забони тоҷикӣ ва ба шуъбаҳои Институти забон ва адабиёт барои назархоҳӣ фиристода шуд. [1]

Аз ҷумла, дар Институти забон ва адабиёт аввалан дар ҳар як шуъба баррасӣ гардид ва фикру мулоҳизаҳои донишмандон ба Котиби илмии Институт пешниҳод гардид. Сипас дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институт баррасӣ гардида, протоколи ҷаласа ба Комитети забон ва истилоҳот фиристода шудааст. Агар бо анҷом додани ҳамаи ин расмиёт боз ҳам фикру ақидаҳои донишмандон ва кормандони институтро нагирифта бошанд, дурустиву нодурустии ин гуфтаҳо фақат ба уҳдаи Акбар Турсон аст. Ё агар зери ин гуфтаҳо худи Акбар Турсон дар назар бошад, мутаассифона, даврае ки қоидаҳои имло дар кафедраҳову шуъбаҳо баррасӣ мегардид, ӯ дар Амрико қарор дошт.

Аз тарафи дигар, чунин ба назар мерасад, ки Акбар Турсон ба ҳамаи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба таври пурра ошно нест. Агар ин тавр намебуд, ӯ чунин намегуфт: «…имло ҷорӣ карда истодаанд, байни ду садонок «айн»-ро барқарор карданд».[2]

---

[1]Дар ин бора муфассал нигаред: Саймиддинов Д. Имлои фарогири меъёрҳои илмӣ ва таърихӣ // Ҷумҳурият, 18-уми октябри соли 2011.

[2] Миллат, 23-юми январи соли 2013.

Масъалаи бознигарӣ ба алифбо ва имлои тоҷикӣ бо мурури замон боз ҳам дар натиҷаи тағйири имлои забони тоҷикӣ ва кам кардани ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ бо баровардани ҳарфҳои хоси русӣ собит шуда истодааст. Ҳоло ҳам алифбои русиасоси тоҷикӣ ба андозаи алифбои лотиниасос муъҷазу мувофиқ ба имлои забон нашудааст. Аксарияти ислоҳгариву ислоҳсозии алифбо ва имлои забони тоҷикӣ то имрӯз хусусияти муҳофизакорона ва мусолиҳаомез дошт. Ин равиш боиси он гардид, ки аксарияти иштибоҳҳои дар солҳои 30-юм ва 40-ум суратгирифта дар алифбо ва имлои тоҷикӣ то ба ҳол боқӣ монанд. Ин масъала ва нобасомониҳо дар алифбо ва имлои забони тоҷикӣ аз тарафи устод Садриддин Айнӣ хеле дуруст ва борикбинона қайд шудааст. Дар мақолаи худ бо номи «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» (1952) устод дар ин бора чунин менависад: «Дар ягон забони маданӣ ва аз ин ҷумла дар забони русӣ дар навиштан талаффуз асос гирифта нашуда бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ талаффузро асос гирифта, масалан, ба ҷои калимаҳои «анбор, занбар, ҷунбидан» - «амбор, замбар, ҷумбидан» менависанд. Агар дар имло талаффуз асос гирифта шавад, дар забон анархия пайдо мешавад, чунки талаффуз дар ҳар замон ва дар ҳар район дигаргуншаванда аст, ҳатто басо дида шудааст, ки талаффузи шахсҳои ҷудогона ҳам аз якдигар фарқ мекунад. Сабаб ҳамин аст, ки то ҳол дар имлои забони тоҷикӣ анархия ҳукмфармост». [1]

Ҳоло зарурати ислоҳи алифбо ва имлои забони тоҷикӣ, тавре ки аз хулосаи мақолаҳои дар матбуот чопшуда ва ақидаву фикррониҳои донишмандон мебинем, пеш омадааст.

Таври маълум дар забони тоҷикии давраи классикӣ ҳашт садонок i, ī, ē, ā, a, u, ū, ō мавҷуд буд. Тартиби баҳамоии ин садонокҳо аз рӯйи хулосаи олимони даврони Шӯравӣ бо дар назар гирифтани вазъи имлои забони тоҷикӣ дар даврони Шӯравӣ дар забони дарии классикӣ ва забони муосири тоҷикӣ чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **тоҷикии классикӣ** | **i ī** | **ē** | **a** | **ā** | **uū** | **ō** |
| **тоҷикии имрӯз** | **i** | **e** | **a** | **ā** | **u** | **й** |

[1] Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик // Китоби «Мунтахаби асарҳои илмӣ». - Душанбе, 2008, ҷ. 1, с. 64 - 72.

Ин тартибро дар бахши ӣ - ӯ метавон ба шакли зерин тағйир дод, ки дурусташ ҳамин аст.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **тоҷикии классикӣ** | **i ī** | **ē** | **a** | **ā** | **u** | **Ōū** |
| **тоҷикии имрӯз** | **i** | **e** | **a** | **ā** | **u** | **Ӣ** |

Ин баҳамоии садонокҳо ба таври табиӣ аз ҳисоби ба ҳам наздикшавии овозҳо ба вуҷуд омада, онҳоро бо мисолҳои мушаххас ба тағйир ёфтани вазъи садонокҳо аз дарозу кутоҳ ба устувору (ё, ô, ŭ) ноустувор (i, a, и) дидан мумкин аст.

Аз рӯи ин намуна метавон таърихи баҳамоии овозҳои алоҳидаро муайян намуд, ки барои муайян кардани имлои садонокҳо хеле муҳим аст. Азбаски дар имлои забони имрӯзаи тоҷикӣ баҳс сари имлои садонокҳои дарозӣ ӣ - и классикӣ (дар забони тоҷикӣ бо у - кутоҳ ифода мешавад) ва ō (дар забони тоҷикӣ бо ӯ (у - и дароз) ва i - и, ӣ - и дароз хеле зиёд аст, онҳоро ба таври мухтасар баррасӣ менамоем. Имрӯз талаффузи ӯ – у - и дароз дар забони мо бештар ба меъёрҳои талаффузи он дар калимаҳои иқтибосӣ (фақат дар ҳолатҳои дар намунаҳои калимаҳои рӯз, гӯш, бӯй, рӯд, рӯй, хӯрдан, нӯшидан ва ғ. овози хоси тоҷикиро ифода мекунад) мувофиқ карда шудааст, ки ба ин калимаҳои туркии ӯймоқ, ӯзбек, арабии шуҳрат, муътабар, муҳтарам мисол шуда метавонанд.

Вале метавон калимаҳои дигарро аз хазинаи забон мисол овард, ки онҳоро низ бояд бо шакле ифода кунем, ки ҳадди ақал аз у – и – кутоҳ фарқ кунанд: дур, дастур, муздур, ранҷур, намуд, гуна, гун, (заргун), Фаридун, пур, ҳинду, Шопур (бахши дувуми он пур) ва ғ. Овози у дар ин гуна калимаҳо дароз талаффуз шавад ҳам, вале дар имлои имрӯза онҳо бо у - и кутоҳ навишта мешаванд. Ҳамин гуна мисолҳоеро дар бораи овози и - и дароз низ гуфтан мумкин аст. Биноан, барои и - и дарози калимаҳои зира, тира, шира, бино, дерин, зерин ва ғ. низ бояд тарзи ифодаи дуруст пайдо кард. [1]

Алифбои имрӯзаи тоҷикӣ аз 35 ҳарф (б, в, г, ғ, д, ж, з, к, қ, л, м, н, л, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ, - 23 ҳамсадо, а, и, ӣ, й, о, у, ӯ, э, - 8 садонок, ки яке аз онҳо й - нимсадо мебошад ва е, ё, ю, я - 4 ётбарсар) иборат аст. Тавре ки аз ин ҷадвал дида мешавад, дар

[1] Муф. ниг. : Основы иранского языкознания. Новоиранские языки. Кн. 1. - М., 1982, с. 20-44.

забони мо 8 садонок, се садоноки кутоҳ - а, и, у, се - садоноки дароз - о, ӣ, ӯ як садоноки таърихӣ - э ва як нимсадо - й мавҷуд аст, (ки дар алифбои имрӯза ба қисмати ҳамсадоҳо бурда мешавад), мавҷуд аст. Ин садонокҳо ба таври табиӣ имрӯз дар забони мо талаффуз мешаванд. Ҳарфи э барои ифодаи э - и таърихӣ, ки дар калимаи Эрон, аз давраи миёнаи рушди забон ба мо мерос мондааст, хеле мувофиқ аст. Талаффузи ин гуна калимаҳо дар форсии имрӯз ба овози «и» табдил ёфтааст. Ин ҳарф барои ифодаи овози «э» дар мобайни калима (дер - дэр, шер - шэр, хуршед - хуршэд. . . ) низ мувофиқ аст, зеро барои овози «э» навиштан ҳарфи й - йе (ётбарсар) ҳадди аксар хандаовар ва ҳадди ақалл берун аз меъёрҳои илмии имлои забон ба назар мерасад. Ин амал, ба ақидаи мо, фақат барои ҷо ёфтану истифодаи ҳарфи ётбарсари «е» - и русӣ дар алифбои тоҷикӣ аз тарафи «имлочиёни» мо мебошад, ки аз ин амал ҳамон бӯйи тақлид ва ба ҳар қимате ҷорӣ кардани сиёсати рӯз, яъне русикунонии алифбои забон меояд. Зеро ҳарфи «е» - йе дигар ҳолати истифода дар забони тоҷикӣ надорад.

Бинобар ин мутахассисони корогоҳи мо ҳанӯз дар солҳои 1990 - 1994 Лоиҳаи имлои нави забони моро дар Институти забон ва адабиёт таҳия намуда, онро ба мақомоти салоҳиятдор пешниҳод карда буданд. Дар ин Лоиҳа, ки замима мешавад, алифбои тоҷикӣ аз 31 ҳарф пешниҳод шудааст.

**Лоиҳаи Алифбои забони тоҷикӣ**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | А а | а | 17. | Н н | Нэ |
| 2 | Б б | бэ | 18. | О о | О |
| 3 | В в | вэ | 19. | П п | пэ |
| 4 | Г г | гэ | 20. | Р р | рэ |
| 5 | Ғ ғ | ғэ | 21. | С с | сэ |
| 6 | Д д | дэ | 22. | Т т | тэ |
| 7 | Э э | э | 23. | У у | У |
| 8 | Ж ж | жэ | 24. | Ӯ ӯ | у - и дароз |
| 9 | З з | зэ | 25. | Ф ф | фэ |
| 10. | И и | и | 26. | Х х | хэ |
| 11. | Ӣ ӣ | и - и дароз | 27. | Ҳ ҳ | ҳэ |
| 12. | Й й | й (нимсадо) | 28. | Ч ч | чэ |
| 13. | К к | кэ | 29. | Ҷ ҷ | ҷэ |
| 14. | Қ қ | қэ | 30. | Ш ш | шэ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 15. | Л л | лэ | 31. | Ъ ъ | аломати сакта |
| 16. | М м | мэ | | | |

<u>**Эзоҳ:**</u> *Оид ба ёфтани аломати комил барои ҳарфҳои Ҳ, Ҷ, Қ низ фикр бояд кард.*

Чор ҳарфи дигар е, ё, ю, я, ки бо номи

ётбарсарҳо дар алифбои мо вуҷуд доранд, бозмондаи ҳамон алифбои русӣ аст, ки зери таъсири сиёсати русисозии алифбоҳои халқҳои Шӯравӣ ба имло ва алифбои мо дохил шудааст. Тавре ки дар имлои соли 1939 дидем, ба ҷои ин чор ҳарф навиштани е - йе, ё - йо, ю - йу, я - йа-ро зарур дониста пешниҳод ҳам шудааст. Вале ба ақидаи мо ҳамон сиёсати русикунонии давр монеаи чунин амал шудааст. Имкон дорад, ки масъалаи ётбарсарҳо низ дар баробари дигар масъалаҳои имло дар оянда мавриди бозбинӣ қарор гирад.

**§ 3. Фарҳангҳои имло дар забони тоҷикӣ.** Яке аз масъалаҳои муҳим барои забони тоҷикӣ масъалаи таҳияи фарҳанги имло мебошад. Қабули қоидаҳои имло тамоми нозукиҳои истифодаи меъёрҳои забонро инъикос намекунад. Барои мушаххасан нишон додани хусусиятҳои хоси имло ва навишти вожаҳо баъд аз қабули қоидаҳои имло фарҳанги имло таҳия мешавад, ки дар он вожаву калимаҳо ва тарзи дурусти навишти онҳо аз нигоҳи меъёри забон нишон дода мешавад.Тавре ки медонем, гузаштан ба алифбои лотинӣ (1930) ва русӣ (1940) тақозо мекард, ки қоидаву қонунҳои муайян дар ин замина сохта шаванд. Барои алифбои лотинӣ, ба ғайр аз дастурамалҳо, фарҳанги махсуси имло сохта нашуд. Моҳи январи соли 1941 қоидаву қонуни имлои алифбои нави (кириллӣ) забони тоҷикӣ аз тарафи Институти илмӣ-тадқиқотии мактабҳо дар назди Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон ва Институти таърих, забон ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР таҳия ва танзим шуда ва бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон барои истифодаи умум муқаррар гардид. Ба «Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» ҳамчун замима ду ҳазор вожа илова гардид, ки он шояд аввалин фарҳанги мухтасари имло дар шакли пайваст ба қоидаҳои имло бошад. Аммо нахустин фарҳанги имло соли 1944 таҳия гардид (тартибдиҳандагон Я. И. Калонтаров ва Ш. Н. Ниёзӣ), ки он тарзи навишти 8000 калимаро фаро мегирифт.Ин фарҳанг бештар барои истифодаи омӯзгорон ва хонандагони мактабҳои миёна пешбинӣ гардида буд. Ин луғат (дар

асоси таҳрири нави имлои забони тоҷикӣ тартибдиҳанда Я. И. Калонтаров) (1952) такмил шуда (17000 калима) соли 1959 бори дигар аз чоп баромад. Ии фарҳанг низ барои мактабҳои ибтидоӣ, ҳафтсола ва миёна пешбинӣ шуда «Луғати орфографӣ» номгузорӣ шуда буд.

Тавре ки медонем соли 1972 қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ такмил ва тасҳеҳ шуд ва ҳамон сол луғати имлои нав дар ҳаҷми 40000 калима (тартибдиҳанда Я. И. Калонтаров, муҳаррир Н. Маъсумӣ) нашр шуд ва то поёни умри давлати шӯравӣ ба ҳамин шакл боқӣ монд. Дар ибтидои солҳои навадум дар зери таҳрири А. Маниёзов ва А. Мирзоев фарҳанги нави имло чоп гардид. Ин фарҳанг аз ҷониби кумитаи истилоҳот нашр шуда буд, ки дар асоси меъёрҳои имлои соли 1972 таҳия шуда буд. Пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон ва тағйири нақши забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ дар имлои забони тоҷикӣ таҷдиди назар сурат гирифт ва он соли 1998 тасдиқ шуд. Вале таҳрири нав ва ё китоби нави луғати имлои забони тоҷикӣ баъд аз қабули «Имлои забони тоҷикӣ» таҳия ва нашр нашуд.

Баъд аз қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» (4 октябри соли 2011) кори таҳияи «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Он дар асоси «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2005 , 2006) бо илова гардидани вожаҳои нав таҳия гардид. Ин фарҳанг соли 2013 бо фарогирии 65 ҳазор вожаву истилоҳот чоп шуд. Ба он «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» замима гардидааст. Ин фарҳанг тавре аз «Сарсухан»-и он пайдост, бар асли меъёрҳои таърихи имлобандӣ таҳия шудааст.

Ин фарҳанги имло беш аз 65 ҳазор вожа ва истилоҳотро фаро мегирад. Дар оғози фарҳанг пас аз пешгуфтори мухтасар «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ҳамчун роҳнамо замима гардидааст. Аз ҷумла дар «Сарсухан»-и он гуфта шудааст.

Дар фарҳанг навишти бархе аз вожаҳо бар пояи имлои таърихи онҳо дар асоси «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ислоҳ карда шуд. Ба таври мисол, навишти «у» дар охири вожаҳо ба риояи меёъри суннатии таърихӣ ва фарҳангномаи форсӣ - тоҷикӣ сурат мегирад, ки чунин бархурд бар пояи илмӣ қарор дорад. Дар анҷоми бештар вожаҳо, ки аз пасванди таърихии форси миёнаи – uk// - ok шакл гирифтаанд, ҳамин меъёри таърихӣ риоя мегардад. Ва ё дар мавридҳои дигар

меъёри фарҳангномаҳои куҳан дар назар дошта мешавад. Ба таври намуна гулу бар ивази гул ӯбар асоси шарҳи «Бурҳони қотеъ» гулу на ба вови маҷҳул, балки ба замми аввал сонӣ ба вови кашида маъруф будааст. Аз нигоҳи таърихӣ низ «у»-и анҷоми ин вожа ҳеҷ гоҳ ба садоноки дароз иртибот намегирад. Аз ин рӯ, дар фарҳанг ҳама асосҳои хатмшуда бо «у» бар пояи як меъёр ислоҳ гардидаанд. Дар вожаҳои арабии мисли аду низ меъёри савтиёти забони классик бидуни «у» риоя шудааст, яъне аду на ад ӯ ки чунин шакл махсуси савтиёти арабӣ ва забони классикӣ нест. Ба таври мисол дар забони арабӣ адув (в), яъне ба ташдиди «вов», ки баъдан дар суннати форсӣ дарӣ ба гунаи аду (عدو) мутадовил гардидааст.

Дар фарҳанг ду меъёри навишти вожаҳое чун қуфл (قفل) ва қулф (کتف), китф ва кифт, афв (عفو) ва авф, ки роҳи табаддулоти овоӣ дар забони тоҷикӣ дар муқобили ин шаклҳои нав ба кор мераванд, истифода шудааст.

Дар навишти вожаҳои иқтибосии туркӣ то ҷое аз имлои форсӣ-тоҷикии суннатии классикӣ, ки тӯли ин қарнҳо дар осори мо муқаррар шудааст, истифода мегардад. Ба таври намуна, кумак (کمك) на кӯмак (کومك) .

Дар фарҳанг ташдиди баъзе аз ҳамсадоҳо дар вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ, ки бо таъсири забонҳои туркии минтақа сурат гирифтааст, ислоҳ карда шуд. Ба таври мисол: сода бар ивази содда, пашша бар ивази паша (дар савтиёти туркӣ) ва ё мӯкӣ бар ивази муккӣ - пойафзори суннатӣ, ки аз пӯсти нимпухта дӯхта мешуд, дар забони ӯзбекӣ мӯкӣ (mo'kki) ва ғ. Муқоиса шавад: паҳлавӣ muk, арманӣ moik, суреёнӣ moqa, араби muq ( موق), (муарраби muk) . Ин вожа дар осор бидуни ташдиди «к» ба гунаи muky омадааст. Аммо дар забони тоҷикӣ бидуни дар назар гирифтани бунёди таърихии ин вожа имлои онро бар асоси меъёри савтиёти бегона дар шакли мукки муқаррар кардаанд, ки чунин бархурди ғалат иллати иштибоҳ дар савтиёти он гардидааст. Дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» иштибоҳоти ба ин монанд то ҷойе ислоҳ карда шуд, ки чунин бархурди илмӣ ва таърихӣ ба манфиати ҳифзи асолати забони миллӣ мебошад.

Баъд аз қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» аз тарафи мутахассисону соҳибзабонон якчанд тақриз чоп шуд, ки дар онҳо ҳусну қубҳи

«Фарҳанги имло» то ҷое нишон дода шуданд. Ин тақризҳо дар «Омӯзгор» (30-майи соли 2014) ва «Адабиёт» ва санъат» (6-уми феврали соли 2014) чоп шуданд. Агар бархе аз интиқодҳои боғаразро сарфи назар намоем, камбуду нуқсонҳои ислоҳшавандаи фарҳангро метавон дар нашрҳои оянда ислоҳ кард.

# БОБИ IV.
# ИНЪИКОСИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МАТБУОТ

**§1. Забони адабӣ ва матбуот.** Матбуот аз замони пайдоиши худ дар забони тоҷикӣ инъикосгари рушду густариш ва тағйироту дигаргуниҳои забони модарии мо будааст. Пайдо шудани матбуот ба даврае рост омад, ки Осиёи Миёна ва мардуму сокинони ин минтақа ба гирдоби таҳаввулоти бунёдии иқтисодиву иҷтимоӣ кашида шуданд. Таъсири ҷаҳони мутамаддини ғарб ба афкори сиёсиву иҷтимоии пасмонда ва ақибмондаи даврони нимфеодаливу нимақабилавии Аморати Бухоро ба андозае буд, ки баъд аз бист соли барҳам хӯрдани аморати Бухоро халқҳои ин сарзамин тамоман дигаргун гаштанд ва баъзе ҳатто тасаввур намекарданд, ки дар ин муддати кутоҳ чунин тағйиротҳои бунёдӣ рӯй медиҳанд. Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистон дар ин мубориза кӯҳна ва нав матбуотро васила ва силоҳи асосии худ қарор дода буд ва аз он ба таври самарабахш истифода мекард. Қарорҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳими сохтмони забонӣ пеш аз ҳама баъд аз тасвиб ва тасдиқи расмӣ дар матбуот чоп мегардид ва баъд аз мавриди чоп қарор гирифтан ҳукми қонунӣ пайдо мекард. Аз тарафи дигар, муборизаҳои ақидавӣ пеш аз ҳама дар матбуот шиддат мегирифт. Ин буд, ки баъд аз ба ном инқилоби Бухоро дар соли 1920 ва баъдан таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон аввалин рузномаҳо ва маҷаллаҳои расмӣ дар Тоҷикистон пайдо шуд. Баъд аз рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Шӯълаи инқилоб» дар Тоҷикистони мухтор рӯзномаи «Овози тоҷик» аз чоп баромад. Ин рӯзнома дар Самарқанд чоп шуда, органи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ ва Кумитаи инқилобии Тоҷикистон буд ва баъд бо номи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба нашр мерасид. Ин рӯзнома дар тарғиби идеяҳои давлати ҷавони Шӯравӣ нақши бузурге бозидааст.

Устод Садриддин Айнӣ, ки дар ин давраи пурошӯби таърихӣ дар рушди матбуоти тоҷик нақши бузург бозидааст, дар мақолаи худ бо номи «Қавми тоҷик ва рӯзнома» (Овози тоҷик, 25 августи соли 1924) дар бораи аҳамияти рӯзнома дар ҳаёти ҷомеа чунин менависад: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат

забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад. Яъне қавми берӯзнома мисли одами безабон аст». [1]

Аз чоп баромадани рӯзномаи «Овози тоҷик» - ро табрик гуфта менависад: «Ин рӯзнома мисли номаш албатта забони тоҷик хоҳад буд… Мо умедворем, ки қавми тоҷик, хусусан бечорагони эшон ба атрофи рӯзномаи худ ҷамъ мешаванд». [2]

Устод Айнӣ яке аз вазифаҳои матбуоти навбунёди тоҷикро дар ҷамъовариву нашри калимаву вожагони забон медонад. Ӯ дар мақолаи дигари худ бо номи «Матбуоти тоҷик» («Овози тоҷик» 6 сентябри соли 1926) оид ба нақши муҳаррирон ва мухбирон дар густариши забони меъёр, ба вуҷуд овардани забони илмӣ ва ҷамъоварии вожаву истилоҳоти забон чунин қайд мекунад: «Вазифаи бузург, ки ба гардани ходимони матбуот ва нашриёти тоҷик аз тарафи меҳнаткашони тоҷик бор шудааст, аз ҷиҳати забон наздик кардани матбуот аст ба оммаи мардуми тоҷик… Дар сурати давоми ин гуна кӯшиш имрӯз набошад фардо, забони соддаи ҳамафаҳми илмии тоҷик ба миён омаданаш муқаррар аст…». [3] Устод азноширону мухбирон талаб менамояд, ки ҳар шахс дар навиштаҳои худ дар баробари овардани калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ меъёрҳои забони адабиро ҳатман риоя намояд: «Ҳар муҳаррир ва мухбире, ки барои рӯзнома мақола ё хабар менависад, дар навиштаҳои худ луғоту забони ҷои бошиши худро мувофиқи қоидаи форсӣ ба кор бурдан гирад, дар натиҷа рӯзнома як сарчашмаи луғоти мардум хоҳад шуд.

Аз ин луғоту истилоҳҳо аз ҳама бештар нависандагони тоҷик фоида бурда ба сармояи адабии худ хазинаҳо хоҳанд афзуд». [4]

Рӯзномаи дигаре, ки дар сароғози матбуоти даврони шӯравии тоҷик меистад, «Тоҷикистони Сурх» мебошад, ки шумораи аввалини он 15 марти соли 1925 аз чоп баромад. Ин рӯзнома ҳамчун нашрияи расмии давлати навбунёди Тоҷикистон аз аввалин рӯзномаҳои расмие буд, ки дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе чоп шуда буд. Бинобар ин, устод

---

[1] Айнӣ С. «Қавми тоҷик ва рӯзнома» // Куллиёт - Душанбе, 1969, ҷилди 9. - С. 198.

[2] Ҳамон ҷо. - С. 199.

[3] Айнӣ С. «Матбуоти тоҷик» // Куллиёт. - Душанбе, 1969, ҷилди 9. - С. 222.

[4] Ҳамон ҷо. - С. 223.

Айнӣ ин рӯзномаро «… модари матбуоти Тоҷикистони советӣ, ҳатто модари матбуоти тоҷикии советӣ»[1] ва рӯзи таъсисёбии онро «иди ба вуҷуд омадани тамоми матбуоти тоҷик»[2] меномад. Ӯ дар ин мақолаи худ, ки бо номи «Муборизаи 15-солаи бошарафона» ба муносибати 15-солагии аз чоп баромадани рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» 15 марти соли 1940 дар ҳамин рӯзнома нашр шудааст, боз ба масъалаҳои рушду густариши забон, ҳифзи асолати он, сода ва оммафаҳм кардани он, истифодаи вожаву истилоҳоти ноби тоҷикӣ, риояи меъёрҳои забони адабӣ дахл менамояд ва иҷрои ин гуна вазифаҳоро барои матбуот воҷибтар медонад: «Ман орзу мекунам: газетаи «Тоҷикистони Сурх» чунон ки модари матбуоти тоҷикии советӣ шуда ба майдон омад, дар бобати содда ва ҳамафаҳм кардани забон, дар пеш бурдани забони адабии соддаи оммафаҳм ҳам ба матбуоти тоҷикии советӣ модарӣ ва тарбиятгарӣ кунад». [3]

Тавре аз ин сайри мухтасар ба давраи сароғози матбуоти тоҷик дидем, матбуот на танҳо силоҳи асосии татбиқи сиёсати рӯзи давлатҳо ва гурӯҳҳои мухталиф мебошад, балки азбаски ин сиёсатҳо аз тариқи матбуот ба воситаи забон амалӣ мешавад, воситаи асосӣ барои рушду густариши забони меъёр ва риояи меъёрҳои имлои он мебошад. Он ба воситаи истифодаи вожагону истилоҳот бештар зуҳур меёбад ва тарзи навишти онҳо дар имло яке аз асоситарин ва умдатарин роҳҳои татбиқи имло ва меъёрҳои он дар забони адабӣ мебошад.

**§ 2. Имло ва истилоҳот**. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ таърихи дуру дароз дорад ва ҳампояи давраҳои аввали пайдоиши забон аст. Ҳар вақте инсоният барои ифодаи мафҳумҳо ва ашёҳои хос калима ва ё ибораи махсусе истифода карда бошад, ҳамон дам ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳофаринӣ рӯ ба рӯ шудааст. Ин гурӯҳи вожагон аз ҳамон замоне, ки одам қодир шуд ҷойгоҳи худро дар олами ҳастӣ бишносад ва ба номгузории ашёи вохӯрдааш шурӯъ кунад, пайдо шудан гирифтанд. Ва ҳар андоза, ки илму басирати вай бар унсурҳои ташкилдиҳандаи муҳит ва ҷузъиёти он фузунӣ гирифт, вожаҳои нав ба наве барои ифодаи ҳар чизу ҳар падида пайдо карду истифода бурд.

---

[1] Айнӣ С. Муборизаи 15 - солаи бошарафона // Куллиёт. - Душанбе, ҷилди 9. - С. 254.

[2] Ҳамон ҷо. - С. 255.

[3] Ҳамон ҷо. - С. 255.

Бахусус, баъд аз пайдоиши хат ва тавоно гаштани башар бар навиштану хондан имконияти сабт ва ёдмон кардани вожагону истилоҳоти аввалияро бамаротиб афзоиш дод. Чунончи, агар ақаллан аз китоби муқаддаси «Авасто» ёд кунем, мебинем, ки дар он чӣ гуна истилоҳоти диниву нуҷумӣ ва ғайра хеле фаровон истифода шудааст.

Инкишофи забонамон ба давраи истиқлол ёфтани хонадонҳои шоҳии Тоҳириёну Саффориён ва махсусан Сомониён рост омад. Воқеан, солҳои ҳукмронии сулолаи Сомониён асри фарҳангофарӣ ва фарҳанггустарӣ гардида, олимону донишмандони он давр дар баробари навиштани асарҳои илмиву оммавӣ ба забони арабӣ бо кумаку дастгирӣ ва пуштибонии шоҳони Сомонӣ ва амирони маҳаллии он вақт ба забони тоҷикӣ низ асарҳои илмӣ таҳия намуданд. Бисёре аз истилоҳоти илмӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, ки имрӯз мо ба кор мебарем, ёдгори ҳамон давра мебошанд. Дар навиштаҳои илмиву адабии шахсиятҳои намоёни ин давра аз Рӯдакиву Фирдавсӣ то Абӯалӣ Синову Беруниву Носири Хисрав истилоҳоти илмии фаровоне ба забони тоҷикӣ пайдо шуданд, ки забони моро ҳам мақоми расмӣ ва ҳам мақоми илмӣ доданд. Забони мо баъд аз инқирози сулолаи Сомониён низ пешрафт намуда, ба забони байналмилалӣ табдил ёфт ва асрҳои аср дар Осиёи Миёнаву Қафқозу Эрону Туркия ва Ҳиндустону Покистон асарҳои илмии зиёде ба ин забон таълиф гардиданд.

Дар густаришу такомули истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ, хусусан асарҳои ба ин забон таълифнамудаи Ибни Синову Абӯрайҳони Берунӣ ва як зумра олимони он давра нақши муҳим бозиданд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки дар асрҳои IX - X мелодӣ истилоҳоти забони тоҷикӣ ба як роҳу равиши муайяне инкишоф ёфта ба мактабе табдил ёфт, ки дорои низоми мушаххаси меъёрҳо, усул ва равишҳои истилоҳофаринӣ буд. Ин меъёру усулҳои истилоҳсозии қарнҳои IX - X акнун ҳам аҳамияти илмии худро гум накардааст, балки яке аз рукнҳои асосӣ ва бунёдии истилоҳофаринӣ дар Эрону Тоҷикистон гардидааст.

Истилоҳот ва истилоҳсозӣ по ба пои забону миллат пайваста дар рушду такомул аст. Пешрафту пасрафтҳои фарҳангии миллатро метавон аз рӯи таркиби истилоҳот ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷомеа муайян намуд. Дар авохири қарни XIX ва ибтидои асри XX забони тоҷикӣ марҳилаи ниҳоят

душвор ва мураккаби инкишофи худро паси сар мекард. Истилоҳоти забони тоҷикӣ дар ин замон хеле омехта бо туркӣ гардид. Ҳарчанд дар шеър забон нисбатан беолоиш буд, вале корбурди он дар доираҳои расмӣ хеле душворфаҳм буд. Масалан, номи аксари мансабу вазифаҳои давлатии аморати Бухоро, аз қабили бек, бекӣ ва бекигарӣ, қӯшбегӣ, тӯпчибошӣ, оқсақол, мирзобошӣ - ҳисобдори хазина ва сарфу харҷи дарбор, каровулбегӣ - сардори посбонон, тӯқсабо - сардори лашкар, эшикбошӣ - сардори дарбонҳо, қӯлиқӯшбегӣ - мири шикор, атолиқ - вориси падар туркӣ буд.

Дар ин давраи такомули забон абармардоне чун Аҳмади Дониш ва устод Садриддин Айниву ҳамандешони онҳо ба майдон омаданд, ки эҷоду фаъолияташон забони тоҷикиро боз ҳам густаришу инкишоф дод. Воқеан, фарҳанги тоҷик ва забони тоҷикро дар садсолаи ахир бе устод Айнӣ ҳаргиз наметавон тасаввур кард. Дар ин давраи пурошӯб ӯ шаҳсутуни забони модарӣ гардид. Аввалин китобҳои луғати дузабонаи тоҷикӣ ба русӣ ва русӣ ба тоҷикӣ дар риштаҳои гуногуни илму фарҳанги тоҷик маҳз бо ширкату машваратҳои устод Айнӣ ба вуҷуд омаданд. Бинобар ин, садаи бист дар такомули истилоҳ ва истилоҳофаринии забони тоҷикӣ давраи буғранҷ ва мураккабест. Мо дар ин фасл наметавонем ба тамоми хусусиятҳо ва ҷанбаҳои гуногуни инкишофу такомули истилоҳот ва истилоҳофаринӣ равшанӣ андозем. Ҳар як марҳилаи такомули он на танҳо мақолаи алоҳида, балки пажӯҳиши амиқи илмиро талаб дорад.

Садаи XX давраи нав дар таърихи истилоҳоти илмӣ ва иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ мебошад. Истилоҳоти тоза бо дигаргуниҳои куллии замон, бо суръатафзоии рушди фарҳангӣ, сиёсӣ, пайдо шудани шаклҳои нави идорӣ ва тараққиёти илму техника ташаккул ёфта, бо хостҳову ниёзҳои замони муосир созгор мешуд. Дар ибтидои садаи бист бо инкишофи шуури иҷтимоӣ ва пайдо шудани аввалин рӯзнома ва китобҳои дарсӣ дар инкишофи забони адабӣ, аз ҷумла истилоҳҳои он равияҳои тоза падид омад. Бо инқилоби Октябри соли 1917 ва инқилоби Бухоро (сентябри соли 1920), бо барқарор шудани низоми нави сиёсӣ истилоҳоти тоза хеле зиёд пайдо шуда ва усули тозаи вожагузинӣ ривоҷ ёфт. Ин раванд аввал номуташаккил сурат мегирифт. Вале бо вуҷуди ин аз аввали Инқилоб як навъ идомакорӣ дар усули вожагузинӣ ва риояи анъанаҳои истилоҳ-

созии давраҳои гузашта ба назар мерасид ва истилоҳофаринӣ дар забони тоҷикӣ хусусияти табиӣ дошт. Марҳилаҳои такомули истилоҳоти забони тоҷикиро метавон чунин табақабандӣ намуд.

Давраи аввал аз лиҳози хронологӣ аз охири даҳаи аввали қарни бист оғоз меёбад. Дар ин давра зиёиён амалӣ кардани ғояҳои маорифпарвариро оғоз карданд ва мактабҳои усули ҷадид, рӯзномаҳои «Бухорои Шариф» (1912 - 1913), «Самарқанд», «Ойина» таъсис ёфтанд, рӯзномаҳои кишварҳои дигар мунтазам меомаданд, адабиёти маорифпарварӣ хусусияти миллӣ пайдо кардан гирифт. Андешаи иҷтимоии нав ба забон нақши назаррас гузошт, аз ҷумла равандҳои нави иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ боиси нав шудани истилоҳот гардид. Ин давраи такомул ва инкишофи истилоҳоти илмӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ бо таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон дар соли 1924 ва пешрафти илму фарҳанг, пайдо шудани рӯзномаву маҷаллаҳои нав, таъсиси макотибу муассисаҳои илмиву фарҳангӣ ва қабл аз ҳама ба роҳ мондани дафтардории идораҳо ва муассисаҳои Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ бо хусусиятҳои хоса равнақу ривоҷи бештаре пайдо кард. Ин марҳила то охири солҳои бист, яъне то иваз шудани алифбои арабӣ ба лотинӣ идома ёфт. Хусусиятҳои вежаи он чунинанд:

а) рафти ташаккулу такомули истилоҳоти илмӣ, идорӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ характери табиӣ дшт;

б) бо анъанаҳои истилоҳсозии солҳои пешин пайванди ногусастанӣ пайдо кард. Истилоҳҳои Шӯрои Нозирон, Нозир, ҷумҳурӣ, фирқаи иштирокиюн ва амсоли онҳо мувофиқи усули вожагузинии анъанавӣ сохта шудаанд;

в) дар ин давра калимаҳо ва вожаҳои ноби тоҷикӣ ва истилоҳоти иқтибосӣ аз забони арабӣ ба таври васеъ истеъмол мешуданд;

г) истилоҳоти ворида аз забонҳои русӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ бо меъёрҳои овоии забони тоҷикӣ мувофиқ гардида, қонунмандии табиии ворид шудани вожаҳои иқтибосӣ ба забони тоҷикӣ риоя мешуд.

Давраи дувуми такомули истилоҳот аз ибтидои солҳои сиюм оғоз гардида, тахминан то авохири солҳои ҳаштодум идома ёфтааст. Фаъолияти аввалин Кумитаи истилоҳот (1933), Комитети марказии алифбои нав ва терминология ва комиссияи луғат ва терминология дар ҳамин давра боис шуд, ки дар

сиёсати истилоҳсозӣ низ иштибоҳоти ҷиддӣ роҳ ёбад ва аз усулҳои илмии истилоҳгузинӣ сарфи назар шавад. Хусусиятҳои ин давра чунинанд:

а) аз назар дур афтидани меъёрҳои илмӣ дар истилоҳофаринӣ ва ба доми сиёсат кашидани илм ва ба ҳамин тариқ ҳазар кардан аз вожаҳои ноби тоҷикӣ таҳти ниқоби тоза кардани забон аз унсурҳои кӯҳнаи феодалӣ ва ба омма наздик кардани забон. Аз ҷумла дар «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» ки соли 1936 мураттаб шудааст, таъкид мешавад: «Бо даровардани калимаҳои бегонае, ки ба оммаи меҳнаткашон номафҳум буда, маънои сиёсии терминро гум мекунад ва мафкураи буржуазӣ - кулакиро ифода менамояд, муборизаи қатъӣ бурда мешавад»;

б) табдили алифбо аввал ба лотинӣ ва сипас ба кириллӣ ба такомули истилоҳоти забони тоҷикӣ бетаъсир намонд;

в) ҳамгунсозии истилоҳоти халқҳои Шӯравӣ ва русикунонии он. Ин протсес ҳам дар такомули истилоҳоти илмӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳам имлои забон таъсири сахт расонд. Дар андак муддат таркиби истилоҳоти забон аз сабаби лузуми онҳо барои ташвиқу тарғиби сохти Шӯравӣ ва дастовардҳои он саросар тағйир ёфта ва ба ҷои истилоҳоти хоси тоҷикӣ истилоҳоти русиву ғарбии дорои мафҳумҳои инқилобӣ ба истифода даромаданд. Истилоҳҳое аз қабили пролетариат, установка, совещание, термин, терминология , совет, партия, политика, экономика, союзи советӣ, кризис, револютсия, участка, счет, разнарядка, тройка паси ҳам ба забони тоҷикӣ ворид шуданд;

г) риоя нагардидани имло ва хусусиятҳои овозии забони тоҷикӣ дар истеъмоли вожаҳои русиву ғарбӣ. Ҳатто ин хилофкорӣ аз тарафи татбиқгарон русикунонии истилоҳот расмӣ қонунӣ карда шуд. Дар «Установка» омадааст: «ҳамаи терминҳои интернатсионалӣ ва советии и аз русӣ ва ба воситаи русӣ даромадагӣ ба шакли русиаш риоя карда қабул карда шавад».

Таҳаввулоти вожагони забон бо таъсири робитаҳои мутақобили забонҳо ва ба таркиби луғавии як забон ворид шудани калимаҳо ва вожагони бегона рӯйдоди маъмулист, ки дар ҳама замонҳо вуҷуд дошт. Вале вақте ки ин протсес бо роҳи зӯроварӣ ва таҳти фишори мақомоти болоӣ сурат мегирад, оқибатҳои ногуворе дорад. Натиҷа ҳамин шуд, ки доираи

истифодаи истилоҳоти тоҷикӣ маҳдуд гардид ва ҷараёни такомули истилоҳоти ҳамаи соҳаҳо ба таври сунъӣ тағйир ёфт ва ҳатто дар зери таъсири ин ҷараён баъзе қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ осеб дид. Таркиби истилоҳоти илмҳои дақиқ асосан аз истилоҳҳои русиву аврупоӣ пурра гардид ва вомгирии айнӣ қобилияти истилоҳсозиву иборабандии забони тоҷикиро маҳдуд кард.

Аз авохири солҳои панҷоҳум дар истилоҳсозӣ баъзе тағйирот рух дод, ки бо таъсири Кумитаи истилоҳот дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1960) фаъолтар ва босамартар гардид. Ин кумита, ки ба он академик М. Осимӣ роҳбарӣ мекард, кӯшиш кард, ки раванди истилоҳсозиро бо усулҳои илмӣ пайванд созад ва принсипҳои илмии истилоҳофариниро дар забони тоҷикӣ муайян намояд. «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ (1971) аз тарафи ин кумита таҳия ва чоп гардид. Кумитаи истилоҳот дар ҳайати худ 16 шуъбаи соҳавӣ дошт ва натиҷаи фаъолияти ин кумита ба табъ расидани якчанд луғату фарҳангҳои соҳавии истилоҳот гардид. Аз корҳое, ки дар ин давра чоп шудаанду ба раванди истилоҳсозӣ таъсир расондаанд, метавон аз «Луғати русӣ-тоҷикии терминологияи философия» (1966) ном бурд. «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ» то андозае фаъолияти ин кумитаро дар соҳаи истилоҳсозӣ муайян намуд. Агар аз баъзе нуқсонҳои ин китобча сарфи назар намоем, таҳия гарони он кӯшиш карданд, ки пеши роҳи равияи нодурусти истилоҳсозиро, ки дар муддати 30 - 40 сол идома дошт, бигиранд.

Аз охири солҳои 80 - ум давраи нав оғоз меёбад, ки он ба бозсозии давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991) сахт алоқаманд аст.

Зери таъсири бозсозиву ошкорбаёнӣ рӯ гардондан аз вомгирии айнӣ ва рӯ овардан ба баробарҷӯӣ, худ ба худ ва ба таври номуташаккил аввал аз тарафи рӯзноманигорон шурӯъ гардид. Дар матбуот ва радиову телевизион босуръат ҷои истилоҳҳои русиву интернатсионалиро вожаҳои ноби тоҷикӣ гирифтанд. Истилоҳҳои ҳизб - партия, Шӯравӣ - Советӣ, додгоҳ - суд, ҳакимият - арбитраж, додситон - прокурор, ихтисораҳои ҲКИШ - Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ - КПСС, ИҶШС - Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ - СССР, донишгоҳ - университет, ҷумҳурӣ - республика, Шӯрои Олӣ -

Совети Олӣ намунаи ин таҳаввулот буд. Ин самтгирии рӯзноманигорон ба мубоҳисаҳо ва баҳсҳои сари масъалаи инкишофи забон ва истилоҳот оварда расонд ва ниҳоят Қонуни забон (1989) қабул ва забони тоҷикӣ забони давлатӣ эълон гардид. Барои татбиқи Қонуни забон ва гузариш ба забони давлатӣ дар коргузории расмӣ зарурати таҳия ва такмили истилоҳот ба миён омад. Ҳамин тариқ 12 сентябри соли 1990 дар назди Академияи илмҳои Тоҷикистон бо фармоиши Шӯрои Вазирон Кумитаи ҷумҳурии истилоҳот таъсис ёфт. Баъдан дар соли 2009 дар асоси муттаҳид кардани ин Кумита бо Комиссияи татбиқи Қонуни забон Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Зарурати таҳияи истилоҳоти илмӣ барои тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ талаб мекунад, ки усулҳо ва принсипҳои истилоҳофаринӣ таҷдиди назар шавад. Бинобар ин, дар истилоҳофаринӣ бештар такя ба имконот ва захираҳои дохилии забон, мероси ғании давраи классикии забони тоҷикӣ ва истифодаи таҷрибаи вожагузинӣ дар кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон шавад. Ҳарчанд ки нуфузи истилоҳоти иқтибосӣ дар забон ва махсусан дар истилоҳоти бархе аз соҳаҳои илм, аз ҷумла илмҳои дақиқ, раванди табиӣ аст,бояд ҳарчи тамомтар аз истеъмоли калимаҳо ва истилоҳоти бегона канорагирӣ ва сарфи назар шавад. Лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, яъне забони зиндаи халқ як манбаи асосӣ барои комилтару расотар сохтани забони адабию меъёр ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки баҳраҷӯӣ аз ин сарчашмаи файёз ҳеҷ монеа надорад ва фақат сухан бар сари интихоби дурусти калимаҳо ва ибораҳо меравад.

**§ 3. Таъсири имлосозӣ ба забони матбуот**. Матбуот ба забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ надорад. Аввалин намунаҳои он ҳам бо вазидани насими дигаргуниҳои илмиву техникӣ дар нимаи дувуми асри XVIII дар Ҳиндустон пайдо шудааст. Аввалин рӯзномаҳо дар Ҳиндустон (рӯзномаҳои «Ҳигиз - газет» ва «Бангол-газет» соли 1780) бо сутунҳои алоҳида ба забони тоҷикӣ ва рӯзномаи тоҷикии «Ҷоми ҷаҳоннамо» дар соли 1822) дар Эрон (Нашрияи беном дар соли 1837) ва Афғонистон (рӯзнома бо номи «Шамсуннаҳор» дар соли 1873) буданд. Инчунин дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар Туркия, Гурҷистон, Миср, Англия рӯзномаҳое дар қарни XIX ба забони тоҷикӣ - форсӣ чоп мешуданд. Падид омадани рӯзномаву маҷаллаҳо ба забони

тоҷикӣ (форсӣ) дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX барои такомули истилоҳоти забони тоҷикӣ нақши муҳим дошт. Дар ибтидо онҳо рӯзнома ва маҷаллаҳое буданд, ба монанди «Ҳуб-ул-матин», «Тарҷумон», «Парвариш», «Вақт», «Мулло Насриддин», «Сироҷ-ул-ахбор», «Тӯрон», «Иршод», «Хуршед», «Туҷҷор», «Озод халқ» ва ғайра, ки ба забонҳои форсӣ, туркӣ, озарӣ, узбакӣ, тоторӣ дар Калкутта, Искандария, Кобул, Боку, Тифлис, Боғчасарой, Оренбург ва шаҳрҳои дигар нашр мешуданд ва гоҳ ошкору гаҳе пинҳонӣ ба Осиёи Миёна низ мерасид ва боиси густариши мафҳумҳо ва вожаву истилоҳоти нав дар забони мардумони ин сарзамин мегардиданд.

Вале рӯзнома ва рӯзноманигорӣ ва умуман ташкили матбуот ҳам дар сарзамини мо нисбат ба кишварҳои ҳамсояи ҳатто форсизабон дертар ба вуҷуд омад. Тавре ки аз таърихи матбуоти тоҷик медонем, соли 1913 дар Самарқанд маҷаллаи ҳафтаворе ба кор оғоз кард, бо номи «Оина», ки қисме аз матолиби он ба забони тоҷикӣ ва ё тавре ки дар муқовааш навишта шуда буд, ба «забони форсӣ», чоп мешуд. Аммо нахустин рӯзномае, ки комилан ба забони тоҷикӣ нашр шуд. «Бухорои шариф» буд, ки шумораи аввалини он 11-уми марти соли 1912 бо ҳиммати Мирзо Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷи Ҳаким чоп гардид. Дар рӯзномаи «Бухорои шариф», ки нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар Мовароуннаҳр аст ва имрӯз рӯзи чопи нахустин шумораи он ҳамчун Рӯзи матбуоти кишвар ҷашн гирифта мешавад, мубрамтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро ва ҷаҳон инъикос ёфтааст. Ин рӯзнома бо 153 шумораи худ ба бедории миллии тоҷикон, ҳамчунин бедории ҳисси ватанхоҳиву, озодихоҳӣ ва додхоҳии миллати мо нақши бузург бозид ва бо ҳамин сабаб бо пешниҳоди намояндаи сиёсии Россияи подшоҳӣ ва фармони амири Бухоро Олимхон нашри он 2 - юми январи соли 1913 боз манъ гардид.

Пеш аз ҳама бояд ёдовар шуд, ки бо зуҳури рӯзномаву маҷаллаҳо ва умуман матбуот, дар таърихи насри мо жанри нав - публисистика ва дар забони навишторамон шеваи тозае бо номи забони матбуот ва ё сабки рӯзноманигорӣ бо калимаҳову истилоҳоти хоси он пайдо шуд. Қоидаву қонуни ин жанри нав тақозо мекард, ки ахбору мақолот бо забони қобили дарки аксарият, бо вожагони балеғи меросӣ ва луғату истилоҳоти тозаворид, ки рӯз ба рӯз ба теъдод меафзуд ва аз корбурди онҳо

ҷойи гурез набуд, навишта шаванд. Аз ин ҷиҳат зуҳури рӯзномаву маҷаллаҳо дар инкишофу истиқрори истилоҳоти нав дар ин давра нақши муҳиме бозид.

Албатта дар ҳаҷми як мақола тамоми ҷанбаҳои инъикоси ҳаёти ҷомеаи он замонро дар «Бухорои шариф» наметавон баррасӣ намуд. Вале ба бархе масъалаҳо, мисли баҳсҳои забонӣ ва сабку услуби баъзе мақолаҳои он метавон назар андохт. Мирзо Сироҷи Ҳаким ҳамчун яке аз масъулон ва гардонандагони ин рӯзнома дар бедории фикрии миллат дар мақолаи хеш бо номи «Сухани гуфтанӣ» дар шумораи 19 чунин менависад: «...**ҷаридаи** ҳар миллате забони гӯёи ҳамон миллат аст, ҳоло **таклифи** забони гӯё чист? Бояд **ҳарф бизанад**... бояд **такаллум кунад**. Акнун ҳарф задан лозим аст, чи навъ ҳарф бизанад, ки шумо розӣ бошед ва рӯзнома ҳам масъул набошад. Агар қабоиҳи миллатро нагӯяд, абадан вазифаи миллӣ иҷро намешавад... Пас чӣ бояд кард ва чӣ кор кунем ҳам миллат хурсанд бошад, ҳам вазифаи мо адо шуда бошад? Агар пайи таърифу тамҷид рафтаву маддоҳӣ кунем, олам моро таън карда, соирин ба ҳоли мо хоҳанд хандид. ...Акнун таклифи мо чи бошад, олам мутаҳайир ва мо ҳам».

Ҳадаф аз овардани ин иқтибос, агар аз як тараф ошкор кардани ҳадафҳои сиёсиву иҷтимоии рӯзнома бошад, аз тарафи дигар, нишон додани сайри таърихии чанд ибораву калимаест, ки дар ин матн истифода шудаанд. Ин калимаву ибораҳо **ҷарида** ба маънои рӯзнома, **таклиф** ба маънои заҳмат, меҳнат, вазифа, **ҳарф задан** ва **такаллум кардан** ба маънои сухан гуфтан, гап задан, **қабоиҳ** - қабеҳҳо, **адо шудан** - тамом шудан, иҷро шудан, **тамҷид** - таъриф, таҳсин мебошанд. Имрӯз бархе аз фарҳангиён ва ҳатто забоншиносон аз нофаҳмо будани забони матбуот шикоят мекунанд ва сабаби онро дар душвор шудани забони рӯзномаҳо мебинанд. Ин калимаву ибораҳои «Сухани гуфтанӣ» ва намунаи бисёри дигар, ки дар матбуоти ибтидои садаи XX то солҳои сиюм фаровон истифода мешуданд, дар давоми солҳои 30 - 70 - уми садаи гузашта ба мо нофаҳмо гаштанд. Дар ин солҳо дар забони адабии мо чи ноҷӯрие падид омад, ки ҳатто калимаҳои асилу худиро соҳибзабонон имрӯз намефаҳманд? Посухи он суолро аз намунаи мисолҳои дигаре, бо истифода аз санадҳои меъёриии дар ин солҳо зери фишори сиёсати давр қабулшуда, ҷустем.

Масъалаи покизагии забон, риояи дастур (грамматика), номгузорӣ ва дигар масъалаҳои мавриди баҳсҳои забонӣ дар

саҳифаҳои ин рӯзнома ҷои асосиро ишғол менамояд. Масъулон дар чанд шумораи он қоидаҳои дастурии забонро чоп карда, дар ҳафт шумора таҳти унвони «Муҷмале дар хусуси забон» атрофи чигунагии забон домони баҳс мекушоянд. Аз ҷумла, дар шумораи сеюм дар мақолае менависанд: «Ҳанӯз шумораи аввали «Бухорои шариф» - ро нашр надода будем, ки баъзе оқоён ҳозир шуда, дар матбаа нигоҳ ба мақолаҳо карда ва фармуданд: Инҷо забони умумӣ забони тоҷикӣ аст. Рӯзнома ҳам ба забони тоҷикӣ бошад, беҳтар аст». Дар саҳифаҳои ин нашрия чандин номаи бетаҳрир ба қавли худи рӯзнома «айнан бидуни ислоҳ ва тағйир» оид ба номгузории забон, хусусиятҳои ҳамагонӣ ва маҳаллии он, сифати забонии мақолаҳо чоп ва дар ин бора ақидаву назарҳои гуногун пешниҳод мешавад. Вале натиҷагирии худи муҳаррирони рӯзнома хеле муҳим аст, ки аз ҷумла ваҳдати забонии моро дастгирӣ намуда менависанд: «… риштаи қавмият бо ҳам омехта шуда, яке ба исми дарӣ, дигаре ба исми форсӣ, дигаре бо номи тоҷикӣ ҷудо шудаанд… тараққии ҳар қавм бо ин мешавад, ки **ҳарф задану сухан гуфтани худашонро тобеи навиштану китобат намоянд, на ин ки навиштаҳои худро тобеи ҳарф задани авоми нос намоянд**».

Вале, тавре ки баъдан дар намунаи сиёсати забонии солҳои сиюм мебинем, коршиносону мутахассисони ба ном забондони мо маҳз ҳамин роҳи дувум, яъне роҳи тобеъ кардани навиштаҳои худро «**ба ҳарф задани авоми нос**» интихоб намудаанд.

Сабку услуби рӯзномаи «Бухорои шариф» дар рӯзномаҳои баъдии матбуоти тоҷикии солҳои бистуми садаи бист то охири солҳои бистум ва аниқтараш то иваз гардидани алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба алифбои лотинӣ идома ёфт ва дар ин давра истилоҳҳои инқилобие ба монанди **нозир** ба маънии вазир, **фирқа** ба маънои ҳизб, **иштирокиюн** ба маънои коммунистӣ, **аксариюн** ба маънои болшевикҳо пайдо шуданд, ки дар асоси меъёрҳои дастурии забони мо истифода мешуданд. Назари иҷмолӣ ба публисистикаи солҳои бист ин гуфтаҳои моро собит месозад. Дар ин замина нақши ниҳоят муҳимро маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва рӯзномаи «Бедории тоҷик» бозидаанд. Аввалин ахбори нави ҷаҳон аз забони туркӣ ва нахустин фармону санадҳои Ҷумҳурии Шӯравии Русия аз забони русӣ тарҷума шуда, дар ҳамин нашрияҳо интишор гардиданд ва аксарияти истилоҳоти нав ҳам аз тариқи ҳамин нашрияҳо дар байни мардум паҳн мегардид.

Шояд хато набошад агар гӯем, ки аввалин мутарҷимони марҳилаи нави забони тоҷикӣ муҳаррирону мухбирони ин нашриёҳо, чун Саид Ризо Ализода, устод Айнӣ ва чанде дигарон буданд, ки ҳодисаҳои ҷаҳонро аз матбуоти Туркия ва тоторию ӯзбекӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва манзури босаводони он давра мегардонданд. Пас аз инқилоб бо таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ, ки забони умумидавлатӣ ва илму фарҳанги нав забони русӣ буд, таъсири забони русӣ зиёд гардид. Албатта, таъсири забони русӣ ба забони модарии мо дар ин давра ногузир ва дар сурати ба таври табиӣ ворид шудани вожаҳои русӣ - аврупоӣ он ҳодисаи табиӣ ва одии доду гирифти забонӣ мегардид. Ин нуктаро ҳатто муҳаррирони ҳафтавори «Оина» дарк карда, дар шумораи ёздаҳи моҳи январи соли 1914 чунин қайд карданд. «Дар ин замон, баъд аз он низ… ҷиҳати равнақи тиҷорат ва маноату (устуворӣ - С. Н.) пойдорӣ ва беҳбуди умури зиндагонӣ ва маишатамон ба вай (забони русӣ - С. Н. ) муҳтоҷ ва маҷбурем. » Аз ин ҷиҳат матбуот ва тарҷума дар густариш ва интишори вожагони нав, хусусан воридшавии вожаҳои русӣ - аврупоӣ ва умуман шаклгирии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ нақши бағоят муҳимро бозиданд. Зеро луғот ва истилоҳоти хоси ҳукумати нав ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, сипас аз тариқи рӯзномаву маҷаллаҳо дастраси мардум мегаштанд. Матбуот дар он солҳо (имрӯз ҳам) озмоишгоҳе буд, ки луғоту истилоҳоти нав аввалан дар дастгоҳҳои он санҷида шуда, сипас вориди забони адабӣ мегардиданд. Гоҳо луғате ва ё истилоҳи наве ба чандин шаклу намуд: баробарӣ, иқтибосгирӣ, тарҷума ва ё худсохт дар матбуот озмуда мешуд ва пас аз писанди оммаву тавсияи вожашиносону луғатсанҷони камшумори ин давраҳо дар фарҳангу вожаномаҳои минбаъда сабт мегардид.

Забоншиносону муҳаққиқони риштаҳои рӯзноманигориву хабарнигорӣ хуб медонанд, ки фаъолияти рӯзноманигорӣ тақрибан дар заминаи холӣ оғоз шуд. Таҷрибаҳои пеш аз инқилобӣ дар ин замина дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошта, қонунмандиҳои хоси ин соҳаҳо ҳанӯз кор нашуда ва ношинохта буданд. Бинобар ин, сифати рӯзномаҳо ва тарҷумаҳо аз нигоҳи касбӣ дар ибтидо шогирдона ва бо норасоиҳои зиёд буд. Масалан, шиори маъруфи коммунистӣ «Пролетарии всех стран соединяйтесь!» дар солҳои аввали инқилоб, дақиқтараш то соли 1930, ба ин шакл аз русӣ тарҷума шудааст: «Ба ҳам бипайвандед,

ранҷбарони ҷаҳон!», «Ҳамаи ранҷбарони ҷаҳон, ба ҳам бипайвандед!», «Ранҷбарони рӯи замин, иттиҳод!», «Ҳамаи камбағалон, як шавед!», «Ҳамаи пролетарҳои дунё, як шавед!», «Пролетарҳои ҳамаи ҷаҳон, як шавед!», «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед»!

Албатта, чунин аҳвол дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи давлати Шӯравӣ дар ин соҳаҳо яксон намондааст. Хабарнигорони хуб ва тарҷумонҳои варзида сипас тарбия ва парварида шуданд. Вале эродҳо дар мавриди ин ду бахш - забони матбуот ва тарҷума вобаста ба тараққиёти ҷомеа ва проблемаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҳар давра гуногун буданд.

Назар ба аҳамияти фавқулодаи забони матбуот ва тарҷума барои ҳусну камоли забони адабӣ ва бахши истилоҳоти он ин масъалаҳо ҳамеша дар мадди назари донишмандон қарор доштааст ва имрӯзҳо ҳам андешаҳо перомуни аҳволи онҳо боз ҳам дар саҳифаҳои матбуот муҳокима ва таҳлил мешаванд. Барои намуна ба саҳифаҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш» соли 1929 назар меандозем. Дар шумораи аввали маҷаллаи «Раҳбари дониш» мақолае бо номи «Алифбои нав» чоп шудааст, ки дар бораи натиҷаҳои нахустин конференсияҳои лотинии тоҷикӣ хабар медиҳад. Бояд гуфт, ки тағйири алифбо ҳам дар он замон яке аз силоҳҳои сохтмони низоми нав ҳисоб мегардид. Аз ҷумла, дар аввал гуфта мешавад: «Ба сохтмони васеи маданӣ даромадан ва дар ин **фронти** муҳим ғалаба намудан фақат дар замоне мумкин аст, ки оммаи васеи меҳнаткашони Тоҷикистон бевосита ба сохтмон ҷалб шуда ва дар ин роҳ иштирок намоянд ва дар ин ҷо масъалаи **лотинонидани** алифбои кӯҳнаи араб **роли** калонро бозӣ менамояд». Дар ин матн корбурди чанд вожа аз дигаргун шудани вазъи сабку услуб ва забони навиштаҳо хабар медиҳад. Аввалан, истифодаи вожаҳои иқтибосии **фронт** ба ҷои ҷабҳа, **рол** ба ҷои нақш ё аҳамият нишон медиҳад, ки ба забони матбуоти кишвар оҳиста - оҳиста калимаҳои ба ном «советӣ - интернатсионалӣ» бештар ворид мешаванд, ки аз нуқтаи назари назариясозони замони Шӯравӣ яке аз роҳҳои асосии ғаномандии таркиби луғавии забон ҳисоб мешуд. Корбурди вожаи **меҳнаткаш** ҳам яке аз хусусиятҳои вожасозии ин давра мебошад. То ибтидои солҳои бисти садаи XX ва нисбатан баъдтар ҳам дар забони тоҷикӣ вожаи **ранҷбар** ба таври васеъ истифода мегардид, ки мо инро дар намунаи тарҷумаи истилоҳи русии **пролетарий** дар матбуоти ин

давра мебинем. Минбаъд ҷойи ин вожаи асили тоҷикиро дар забони матбуоти мо вожаҳои сохтаи **меҳнаткаш** (маънои аслиаш, азияткаш, заҷркаш) ва вожаи русӣ - аврупоии **пролетарий** ишғол мекунад. Дар ин матн боз як вожаи аҷиби дигар вомехӯрад, ки он **лотинонидан** мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ин тарзи калимасозӣ аз ҳамин давра ба қавле муд мешавад ва баъдан ин тарзи «сохта» - и калимасозӣ дар шаклҳои **электронидан, коллективонидан** ва ғайра аз тарафи бархе аз муҳаққиқони забоншинос ҳамчун хусусияти хоси имкониятҳои вожасозии забони мо қаламдод гардид.

Дар ҳамин матн истилоҳҳои навомади **раён – район - ноҳия**, **кружок –маҳфил**, **комиссариёт – комиссариат - вазорат**, **аппарат - дастгоҳ** дучор мешаванд, ки онҳо акнун оҳиста - оҳиста ба таркиби луғавии забони мо дохил шуда истодаанд. Ҳанӯз аз вожаҳои **партия, совет, коммунизм , коммунист, партком, экономика, политика** дарак нест. Ба ҷои онҳо вожаҳои **фирқа - партия**, (**ташкилотҳои фирқавӣ**) **шӯро - совет** (**шӯройи шаҳр ва қишлоқ**), **иҷтимоӣ - сотсиалистӣ** ва ғайра ҳанӯз корбурд доранд: «Гуфтан лозим аст, ки ин китоби луғат дар тоҷикӣ кардани **аппарати** давлатии **Ҷумҳурии Иҷтимоии Шӯроии Мухтори** Тоҷикистон ҳам роли қатъиро бозӣ менамояд».

Ибтидои солҳои сиюми садаи XX забони матбуот зери таъсири сиёсати навсозии забон, гузариш ба алифбои лотинӣ, зери фишори сиёсати давлатӣ қарор гирифтани меъёрҳои дастурии забон ва ғайра қарор гирифт. Ин навсозии забони адабӣ, ки то ибтидои солҳои 40 - уми садаи XX идома ёфт, аввал зери таъсири тағйири алифбои халқҳои туркзабон ба алифбои лотинӣ дар Тоҷикистон ҳам ба тағйири алифбо ва сипас аз соли 1938 зери таъсири сохтмони сотсиализм дар як кишвари ҷаҳон ва афзоиш ёфтани сиёсати марказгароӣ ба иваз шудани алифбои лотинӣ ба алифбои кириллӣ (май - сентябри соли 1940) овард. Дар ин давраи кутоҳ дар Тоҷикистон барои навсозии забони адабӣ ва мувофиқ кардани он ба шароити нави сиёсӣ - иҷтимоӣ якчанд комиссияву кенгошу анҷуманҳои забоншиносон ва фарҳангиён гузаронида шуда, ду санади меъёрӣ - «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» (1936) ва Фармони №1 комиссари халқии маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» (1939) қабул шуд. Ин ду санади меъёрӣ барои сарнавишти забони модарии мо

таъсири бунёдӣ дошта, ба тағйирот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар овошиносӣ, вожашиносӣ ва умуман сохтори дастурии забон асос гузошт ва бисёре аз фарқиятҳои сунъӣ ва сохтае, ки байни се гунаи забонии мо (Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрон) дида мешавад, бештари бештар аз ҳамин ду санади меъёрӣ сарчашма мегиранд. Санади меъёрии аввал бо номи «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» соли 1936 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» бори аввал чоп шудааст. Дар ин мақола ба таври комил оид ба хусусиятҳои ин санади меъёрӣ маълумот додан ғайриимкон аст, вале ба таври намуна чанд вожаеро, ки аз тарафи таҳия гарони ин санад, ҳамчун вожаҳое, ки хусусиятҳои «**миллатчигии маҳаллӣ**», «**мафкураи буржуазӣ - кулакӣ**» «**бо роҳи сунъӣ сохта шудааст**» - ро доранд ва ба ҳабси абад маҳкум шудаанд, меорем ва қазовату баҳогузориро ба худи хонандагон ҳавола мекунем. Ин вожаҳо **иштирокиюн** ба маънои «коммунист», **моддият** ба маънои «материализм », **худҷӯш** - »самовар», **пешоҳанг** – «пионер», **кимиё** - «химия», **ҷаҳонгирӣ** - «империализм», **сарнишин** - «пассажир», **сарборӣ** - «нагрузка», **маърака** - «компания» ва чандин калимаҳои дигар мебошанд. (Матни комили «Установкаи терминологояи забони тоҷикӣ» дар шумораи №2 соли 2010 маҷ. «Забоншиносӣ», ки баъди се шумора чопи минбаъдаи он ҳам ба таъхир афтодааст, чоп шудааст) .

Барои намуна дар матни кутоҳи «Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон» аз 15 - уми марти соли 1935 ки рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп кардааст, вожаҳои русӣ интернатсионалиро ба таври фаровон дидан мумкин аст. Дар ин матни кутоҳ истилоҳоти русӣ - интернатсионалии **терминология -** истилоҳот, **совет** - шӯро, **состав** - ҳайат, **функсия** - вазифа **смета** - харҷнома, баровард, **шахси юридикӣ** - шахси ҳуқуқӣ, **бланк -** сарбарг, истифода шудааст. Нуктаи ҷолиби дигар тағйир ёфтани тарзи талаффузи ин истилоҳот мебошад. Ҳарчанд дар ҳамин матн ҳоло **телегроф** ба ҷойи телеграф, **кумита** ба ҷои комитет (дар як ҷо комитет ҳам истифода шудааст) омадааст, баъд аз қабули «Установка» дигар аз меъёрҳои табиӣ ва дурусти илми овошиносӣ (ба меъёрҳои савтӣ ва талаффузи забон мувофиқ шудани калимаҳои иқтибосӣ) дар истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти иқтибосии русиву аврупоӣ сарфи назар мешавад ва мавофиқи талаботи нав онҳо бо тарзи талаффузи русӣ айнан оварда мешаванд. Як мисол аз ҳамин шумораи «Тоҷикистони

сурх» аз мақолаи кутоҳе бо номи «Алим Обидов ин гуна «тарбия» ёфтааст»: «Дар байни студентони Институти педагогии ш. Сталинобод прогулчигӣ ва беинтизомӣ давом мекунад… Талабаи институти педагогӣ ва талабаи курси III рабфак Алим Обидов бисёр вақтҳо вақти худро дар бозорҳо мегузаронад. Ӯ бисёр вақтҳо аз дарс прогул мекунад… Инчунин талабаи курси якуми педагогикаи Институт Соттӣ Бобидов ҳам дар байни 2 моҳи охир аз дарсҳо 120 соат прогул кардааст». Дар ин намунаи кутоҳ тавре мушоҳида мекунед, вожаҳои **студент -** донишҷӯ **институт -** донишкада **рабфак -** факултети коргарӣ **прогул -** ғайриҳозирӣ дар забони матбуоти мо мақоми расмӣ пайдо кардааст. Дар ин маврид як нуктаи асосиро, ки дар ҷараёни баҳсу мунозираҳо оид ба навсозии забони адабӣ ба гардиши куллӣ овардааст, хотирнишон менамоем. Бояд гуфт, ки то қабули «Установка» баҳсу мунозираҳо оид ба чигунагии навсозии забони адабӣ ба фоидаи сиёсати рӯз ҳал гардида буд ва гурӯҳҳои «**миллатчигии маҳаллӣ**» ва «**мафкураи буржуазӣ - кулакӣ**» ба шикаст рӯ ба рӯ шуд ва барои ба таври айнӣ ва бетағйир ворид гардидани вожаҳои иқтибосӣ роҳи васеъ кушода шуд. Аз тарафи дигар, дар минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон то ибтидои солҳои 30 - юми садаи XX ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва бахши бештари аҳолӣ, махсусан босаводону рӯҳониён, бар асари ин ҷанг ва таъқиби онҳо аз тарафи гурӯҳҳои ба ном «тройка», ки рӯйхати махсуси рӯҳониён ва муллобачаҳоро аз тарафи ҷадидони пантуркист дастрас карда буданд, аз кишвар муҳоҷир шуда буданд ва дар ин баҳсу мунозираҳо ширкат надоштанд ва фикру ақидаи онҳо дастрас нагардидааст.

Санади дувуме, ки дар сарнавишти забони модарии мо, аз ҷумла забони матбуот ҳам дар охири солҳои 30 - юм ва ибтидои солҳои 40 - ум нақши муҳим дошт ва минбаъд дар муддати мавҷудияти Ҳукумати Шӯравии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи забон ва махсусан бахши вожагонии он таъсири амиқ гузошт, фармони Комиссариати Халқии маорифи РСС Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 1939 «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» буд. Он аз се қисм-қисми «Масъалаҳои грамматика», қисми «Дар бораи масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ» ва қисми «Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ» иборат буда, дар матни фармон вазифаҳо чунин муайян шудааст. «Ин чорабиниҳо ба барҳам додани **архаизмҳо,**

**арабизмҳо ва эронизмҳо** дар забони тоҷикӣ ба барҳам додани ҷудоии сунъии байни забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯӣ, ба забони тоҷикӣ ҷорӣ кардани шаклҳои зиндаи забон ва **советизм ҳо** равона карда шудаанд». Дар ин санади меъёрӣ, ки иҷрои он барои ҳама ҳатмӣ буд, аз забон баровардани пасоянди - ро ва ба ҷои он истифода кардани шакли гуфтугӯии - а, - я (**Ин китоба хондан (амон) даркор (лозим, зарур)**, аз корбурди шакли пешоянди би - дар феълҳо даст кашидан («**Мо метавонем бигӯем» не, балки «Мо метавонем гӯем**»), расмӣ кардани шаклҳои туркии ҷумласозӣ (истеъмоли сохти – «**ман нарафтанба (нарафтани ман ба) ту хафа шудӣ? Ин Аҳмада китобаш» ҳам дуруст ҳисоб карда шавад**», ) ҷамъбандиҳои нодурусти моҳо, моён, шумоён, шумоҳо, (**Моҳо мехонем, моён мехонем**) бисёри дигар аз қоидаҳои сохтаву сунъӣ ва аз лиҳози меъёри дастурии забон нодурусту хато ба сари забони мо бор карда шуд. Муфассал ин санад дар боби дуюм баррасӣ шудааст.

Азбаски ин санад дар шакли фармон чоп шуда буд, дигар дар тамоми муддати ба баррасиву муҳокима гузоштани он ин сабк риоя гардид ва баъд аз қабули алифбои кириллӣ дар моҳҳои май - сентябри соли 1940 ин санад асоси меъёрии ҳам дастур ва ҳам имлои забони мо гардид. Баъзе аз хусусиятҳои он ба монанди тарзи ҷумлабандии «Аҳмада китобаш» ва истифодаи - а - я ба ҷои пасоянди -ро баъдан аз тарафи устод С. Айнӣ мавриди накӯҳиши сахт қарор гирифт. Инак як намуна аз мақолаи Бобоев М. И. «Доир ба масъалаҳои забони адабии тоҷик», ки дар шумораи 12 - уми майи соли 1939 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» чоп шудааст: «Бандаки» -ро як чизи сунъӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб ин бандак албатта партофта шуда, ба ҷойи вай бандаки зиндаи - а - я гирифта шуданаш лозим… Орфографияи мо бояд, ки тағйироти дар забони зинда содир шудагия ва тенденсияи тараққиёти забона акс кунонда истад…». Ин ҷараён дар забони матбуоти кишвар то нимаи аввали солҳои 50-уми садаи XX идома пайдо кард ва бо оғоз шудани ҷанги Бузурги Ватанӣ ба забони матбуот ҳазорон вожаву истилоҳоти ҳарбии русӣ низ ворид гардид. Баъди ба чоп расидани асари И. В. Сталин «Марксизм ва масъалаи забоншиносӣ» ва махсусан мақолаи устод С. Айнӣ «Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик» (маҷаллаи Шарқи Сурх, № 6, 1952, с. 3 - 8), ки дар он аз тарафи ӯ баъзе масъалаҳои имлои забон зери интиқоди шадид қарор гирифт, дар

забони матбуоти тоҷик низ оҳиста - оҳиста баъзе дигаргуниҳо ба вуҷуд омад. Вале ҳамоно матбуоти тоҷик зери фишори сохти сензураи давлатӣ ва идеологӣ қарор дошт. Як намуна аз рӯзномаи «Маориф ва маданият» аз 17-уми июли соли 1951 «Сессия маърӯзаи доктори илмҳои филологӣ, ноиби Президенти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон Б. Ниёзмуҳаммадовро дар бораи ҷамъбасти сессияи шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон бахшида ба яксолагии нашр шудани осори гениалии И. В. Сталин» «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ» муҳокима кард». Мисоли дигар аз рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», ки 24 августи соли 1959 чоп шудааст: «Онҳо дар саҳро фидокорона меҳнат карда, **нормаи** ҳаррӯзаро 200-250 **процент** ба ҷо меоранд. Вале дар колхоз **бригадаҳое** низ ҳастанд, ки кори сеюми байни қаторҳоро то ин муддат кашол дода меоянд».

Баъд аз марги И. В. Сталин ва ба сари қудрат омадани роҳбарияти нави Шӯравӣ сиёсати нисбатан нарми солҳои 50-ум ба забони матбуоти тоҷик таъсир расонд ва бархе аз вожагон аз матбуоти Эрон низ вориди забон гардид, ки намунаи барҷастаи онҳо вожаҳои «донишҷӯ» ва «донишгоҳ» буд. Вожаи «анҷуман» то ибтидои солҳои 30-юми садаи XX дар забони мо (анҷумани забоншиносон дар соли 1930) истифода мегардид, вале истилоҳ-ҳои «**донишгоҳ**» ва «**донишҷӯ**» наввожаҳое буданд, ки аз тарафи Фарҳангистони аввали Эрон расмӣ шуда буданд.

Вале ин ҷараён дер давом накард. Дар соли 1964 барои баррасии масъалаҳои рушду густариши забон ва махсусан барои ба танзим даровардани истилоҳоти забон конференсияи забоншиносӣ даъват гардид ва дар он забони матбуот зери тозиёнаи танқид гирифта шуд.

Месазад, ки дар бораи ин конференсия муфассалтар истода гузарем.

**§ 4. Конференсияи соли 1964 ва таъсири он ба имлои забони тоҷикӣ.** Моҳи октябри соли 1964 (6-уми октябр) дар шаҳри Душанбе конференсияи умумиҷумҳурии забоншиносӣ доир гардид, ки баъд аз Анҷумани забоншиносии соли 1930 дувумин рӯйдоди муҳим дар фаъолияти фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои Шуравӣ буд. Ҳарчанд ки баргузоркунандагони ин конференсия даъвати онро баъд аз «совешчания»-ҳои соли 1938 (ду совеш-

чания), ки асосан барои иваз кардани алифбои лотинӣ ба русӣ ва ба сиёсати рӯз мутобиқ гардонидани масъалаҳои граммати-ка, имло ва истилоҳоти тоҷикӣ даъват гардида буданд, идомаи мантиқии сиёсати забонии ҳамон давра медонистанд, вале сатҳи баргузорӣ, ширкати васеи кормандони риштаи филологияи ҷумҳурӣ, масъалагузории он ба сатҳи анҷумани забоншиносӣ баробар будани ин конференсия далолат мекард. Дар кори ин конференсия «ҷонишини Раиси Совети Вазирони» Тоҷикистон М. Каримова ва «мудири шӯъбаи илм ва маданияти Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон рафиқ Р. Додобоев», иштирок доштанд, ки аз муҳиммияти масъалаҳои баррасишаванда дарак медод. Маърӯзаи асосии конференсия таҳти унвони «Вазъияти забоншиносӣ ва вазифаҳои забоншиносони тоҷик» аз тарафи академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Ниёзмуҳаммадов пешниҳод гардид. Он аз бахшҳои «Шевашиносӣ», «Оид ба грамматикаи забони адабии тоҷикӣ», «Луғатшиносӣ», «Масъалаи терминология ва имло» иборат буда, як навъ ҳисоботи фаъолияти илмиву тадқиқотии Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакӣ дар солҳои охир буд. Ба ғайр аз маърӯзаи асосӣ чанд маърӯзаи иловагии дигар пешниҳод гардид, ки дар байни онҳо маърӯзаҳои устоди зиндаёд Ҳилол Каримов таҳти унвони «Дар бораи роли забони русӣ дар тараққиёти забони ҳозираи тоҷикӣ» ва устоди фақид Муҳаммадҷон Шакурӣ бо номи «Оид ба масъалаҳои терминологияи забони ҳозираи тоҷикӣ» ба сиёсати рӯз ҳамнаво ва хотирмон буданд. Дар ҷараёни ин конференсия нависандаи маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода, олимону донишмандон Ҳусейнзода Ш., Табаров С., Фозилов, Ҷалолов, Бухоризода ва дигарон суханронӣ намуда, фикру мулоҳизаҳои худро оид ба масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ баён доштанд. Албатта, дар ин мақола ба тамоми масъалаҳои мавриди баҳси ин конференсия равшанӣ андохтан аз имкон берун аст. Бинобар ин кӯшиш мешавад, ки бештар оид ба сабабҳои даъвати ин конференсия ва муносибати баргузоркунандагони конференсияи мазкур ба масъалаҳои истилоҳоти забони тоҷикӣ ва роҳҳои ташаккулу ҳамгунсозии онҳо равшанӣ андозем.

Бояд гуфт, ки аз охири солҳои 50-уми садаи гузашта дар рушду такомули забони тоҷикӣ, аз ҷумла шохаи истилоҳсозии он як нав ҷунбу ҷӯши эҳтиёткорона дар шакли руҷӯъ ба манбаи

миллӣ ва ислоҳи баъзе истилоҳоти нодуруст ва ҳамчунин кӯшиши камҷуръатонаи истифодаи луғоту истилоҳоти навсохти иҷтимоӣ ва сиёсии ҳамзабонон пайдо мешавад. Омилҳои барангезонда ва сабабҳои асосии ин ҷараён ба назари мо чунин буданд:

- «Нармиш»-и нисбие, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар (пас аз анҷумани XX Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ, 1956) падид омад;
- Нашри як силсила осори барҷастаи илмӣ ва фарҳангии адабиёти классикӣ ба алифбои нави тоҷикӣ (кирилӣ);
- Баланд шудани сатҳи саводнокии аҳолӣ ва ошноии амиқтар ба таъриху фарҳанги худ;
- Густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ бо мамолики Шарқ, аз ҷумла Эрону Афғонистон, рафту омади ҳайатҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, ҳамкориҳои адибону олимон, чопи намунаҳои назму насри адибони муосири кишварҳои ҳамзабон ва монанди он;
- Боз шудани шӯъбаҳои форсӣ ва арабӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, таъсиси Шӯъбаи мустақили шарқшиносӣ дар Академияи илмҳо ва оғози мутолиа ва таҳқиқи таърих, адабиёт ва иқтисоди муосири кишварҳои ҳамзабон;
- Оғози рафту омади як қатор кормандони илмӣ ва маорифу матбуот ба Эрону Афғонистон ба сифати тарҷумон ва монанди он.

Зери таъсири ин авомил дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллот кам-кам суханон фаромӯшшуда ва истилоҳоти нав пайдо шуд, ки дар муқобили луғату истилоҳоти русӣ истифода гардиданд, аз қабили «анҷуман» ба ҷои «съезд», «донишгоҳ» ба ҷои «университет», «донишҷӯ» ба ҷои «студент» ва ғайра. Ин кор ҳанӯз ҷанбаи расмӣ надошта, балки ташаббуси ашхоси алоҳида буд.

Ана ҳамин ташаббуси шахсони алоҳида ва истифодаи васеи калимаву вожаҳои навомад дар байни омма ва аз ҳама муҳимтар зери таъсири омилҳои нармиши сиёсии солҳои панҷоҳуми садаи XX пайдо шудани равия ва ақидаҳои асосноки илмӣ оид ба роҳҳои рушди табиии забони тоҷикӣ, истифодаи бештар аз захираҳои дохилии забон дар истилоҳсозӣ, ба асолати таърихии густариши забон рӯй овардани шумораи бештари адибону донишмандони ҷавон боис шуд, ки дастгоҳи идеологии вақт ба даъвати чунин конференсия иқдом кунад. Инро мо дар худи матни маърӯзаҳои асосӣ ва иловагии конфе-

ренсия низ дида метавонем. Қисмати бештари маърӯзаи асоси ба ҳисоботи фаъолияти илмиву тадқиқотӣ бахшида шуда, фақат дар бахши «Масъалаи терминология ва имло» мо равиш ва ақидаи сиёсии сухангӯйиро (Ниёзмуҳаммадов Б) эҳсос мекунем. Ӯ дар ин бахш мегӯяд: «Дар кор фармудани термину калимаҳо солҳои охир як камбудии ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Ҳоло терминҳои донишкада, донишгоҳ, донишҷӯй ва ғайраҳо дар матбуот, нашриёт ва радиою телевизиони республикаамон фаровон ба кор бурда мешаванд. Аз ин терминҳо донишкада ва донишгоҳ ба ҷои мактабҳои олӣ, донишҷӯй ба ҷои студент ба кор бурда мешавад.

Терминҳои мавҷудаи советӣ ва интернатсионалӣ ба ҳама мафҳум буда, худсарона ба терминҳои номафҳум ва бегона иваз кардани онҳо ғалат аст ва хеҷ кас ҳақ надорад, ки онҳоро бо ихтиёри худ иваз намояд ва ё тағъир диҳад». Тавре ки аз ин иқтибос бармеояд, Б. Ниёзмуҳаммадов истилоҳҳои «донишкада», «донишгоҳ» ва «донишҷӯй» -ро истилоҳҳои «номафҳум» ва «бегона» ҳисобида, истилоҳҳои советиву интернатсионалии «студент» «университет» «институт» ба қавли ӯ истилоҳҳои «ба ҳама мафҳум» мебошанд. Ӯ истифодаи истилоҳҳои ноби тоҷикиро дар матбуоти кишвар «як камбудии ҷиддӣ» ҳисоб мекунад. Сухангӯи дигар номзади илми филологӣ Муҳаммадҷон Шукуров «Оид ба масъалаҳои терминологияи забони ҳозираи тоҷик суханронӣ карда, эҳтиёткорона амал намуда, доир ба ин мавзӯъ аз ҷумла чунин мегӯяд: «Баъзан дар забони тоҷикӣ мактаби олиро донишкада, программаро барнома, самолётро ҳавопаймо низ мегӯянд. Ба фикри мо, бо мақсади таъмини якхелагии истилоҳот истеъмоли ин калимаҳоро манъ кардан лозим нест. Мо чун истилоҳ калимаҳои «институт», «университет», «программа», «самолёт»-ро қабул кардаем. Агар номи институтеро гуфтанӣ бошем, масалан мегӯем: Институти педагогии давлатии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко. Лекин дар дигар мавридҳо бо мақсадҳои услубӣ калимаи «донишкада»-ро низ кор фармудан мумкин аст. Ё ки «Программаи КПСС»-ро барномаи КПСС гуфтан ҳаргиз мумкин нест, вале дар радио ибораи «барномаи кӯдакон», «барномаи занон» ва ғайра ҷоиз аст». Масъалаи ҳамгунсозии истилоҳот низ яке аз масъалаҳои асосии бахши истилоҳшиносии ин конференсия буд. Ба қавли устод Шакурӣ «яке аз вазифаҳои муҳими мо таъмини якхелагии истилоҳот аст.... дар таъмини якхелагии он

эҳтиёт шудан лозим аст». Ӯ дар ҳамгунсозии истилоҳот дугонагиро роҳ дода пешниҳод менамояд, ки дар ҳолатҳои расмӣ, масалан, дар навишти номи идораҳо ва номгӯи истилоҳҳои муҳим ҳамон шакли қабулшудаи иқтибосии русиро нигоҳ дорем ва фақат дар ҳолатҳои ғайрирасмӣ ва навишти озоди мафҳумҳо истилоҳҳои навомадро истифода кунем. Дар ин бахш ӯ ба забони русӣ ва истифодаи таҷрубаҳои он дар истилоҳшиносӣ бартарӣ медиҳад. Ӯ менависад: «Истилоҳоти тамоми халқҳои СССР ба он истилоҳоте, ки дар забони русӣ қабул шудаанд, бояд то ҳадди имкон наздик бошад, то ки аз комёбиҳои илми советӣ баҳраманд гардидани фарзандони халқҳои гуногуни Ватани мо осон шавад». Дар маърӯзаи устод Шакурӣ пешниҳодҳои ҷолиби илмӣ барои таҳияи истилоҳоти илмӣ, муайян кардани принсипҳо ва усулҳои асосии истилоҳоти забони тоҷикӣ, иштироки мутахассисони забоншинос дар таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ дида мешавад, ки мутаассифона, то ба ҳол бархе аз онҳо амалӣ нашудаанд.

Дар ҳамин мақола устод чанд нуктаи муҳими илмиро ироа доштааст, ки дар он замона гуфтан ва чоп кардани онҳо хеле ҷасуриву қаҳрамониро талаб мекард. Аз ҷумла, устод доир ба истифодаи ҳарчи бештар аз захираҳои дохилии забонамон сухан гуфта ин масъаларо ӯ асоси густариши истилоҳоти забон медонад. Дар намунаи истилоҳоти ситорашиносӣ устод Шакурӣ исбот мекунад, ки рӯ овардан ба омӯзиш ва пажӯҳиши осори адабиёти классикӣ ва дар асоси онҳо омӯхтан ва интихоб кардани истилоҳоти забон яке аз василаҳои асосии мустаҳкам кардани пояҳои илмии истилоҳсозии забони тоҷикӣ мебошад. Ӯ менависад: «Яке аз шартҳои принсипи илмии терминология ин аст, ки аввал роҳҳои асосии истилоҳсозии халқӣ ва классикиро муайян кардан лозим аст. Мо аввал бояд донем, ки халқи тоҷик бо кадом роҳҳо истилоҳ месохт, чунончи истилоҳоти деҳқонӣ, бинокорӣ, заргарӣ, мисгарӣ ва ғайра ба чӣ тариқ сохта шудаанд. Албатта истилоҳсозии мисгарони пештараро ба истилоҳоти илму техникаи имрӯза айнан татбиқ кардан мумкин нест. Вале бо камоли боварӣ бояд гуфт, ки дар истилоҳоти ҳунармандони пештара бисёр ганҷинаҳо пинҳон аст, онҳоро ошкор кардан лозим аст».

Тарҷумазадагӣ ё истифодаи бемавриди тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар матбуот ва идораҳои расмӣ низ устод Муҳаммадҷон Шакуриро ба ташвиш овардааст. Ӯ менависад:

«Бисёр истилоҳоти нодуруст аз нӯги қалами шикастаи баъзе тарҷумонҳо мебароянд. Баъзе тарҷумонҳои мо мутахассиси хуби ягон соҳаи илм ҳастанд, вале дар забон салоҳият надоранд. Онҳо тарҷумаҳое мекунанд ва истилоҳоте месозанд, ки ба қоидаи забон мувофиқ намеоянд».

Баъзе аз пешниҳодҳои устоди равоншод Муҳаммадҷон Шакурӣ, аз қабили бартарӣ додан ба истилоҳҳои худӣ дар бахши ситорашиносӣ  дар «Принсипҳои терминологияи забони тоҷикӣ» (соли 1972) ба назар гирифта шудааст.

Бояд тазаккур дид, ки солҳои шастум  давраи авҷи ба ҳам наздикшавии  халқҳои Шуравӣ ва пайдо шудани умумияти нави ҷомеаи  Шӯравӣ ба ном «Халқи советӣ» буд. Конференсияи забоншиносии соли 1964 низ ҳадафи мустаҳкам  кардани ин сиёсатро дошт ва ҳамин буд, ки истифодаи истилоҳҳои навбаромади тоҷикиро манъ намуд.

Тамаркузи шадиди қудрати давлатӣ ва сиёсӣ баъди солҳои 30-юм, афзоиши нақши забони русӣ дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шиорҳои «Ба ҳам наздикшавии халқҳо ва забонҳои СССР» дар охири солҳои 60-ум, назарияи «дузабонӣ дар СССР» дар солҳои 70 ва аввали 80-уми ва амсоли он заминаи муносиб ва равишу бархӯрди солими сиёсии солҳои аввали 20-умро тахриб карда, боиси таҳриф ва дурӯғбофиҳои ғайри илмӣ дар чунин масъалаи ҳассос ва нозук мисли забон гардиданд, ки имрӯз таъсир ва оқибатҳои сиёсатҳои болоро дар вазъи истилоҳоти  забони хеш мушоҳида мекунем

Инқилоби Октябр, сохти сотсиалистӣ ва нуфӯзи тамаддуни нав аз тариқи забони русӣ боиси таҳаввул ва дигаргунии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии мо гардид. Дар натиҷа ҳазорон вожаи нав вориди ҳавзаи зиндагонии мо шуда миқдори зиёди луғат ва истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии даврони гузашта ба дасти фаромӯшӣ супурда шуд. Татбиқи ин дигаргуниҳо бисёр масъалаҳои нави таърихӣ, фарҳангӣ, равонӣ, аз ҷумла забониро падид оварда ва таркиби луғавии забони моро то ҳудуде тағйир дод.

Бояд гуфт, ки дар даврони шӯравӣ забони русӣ дар дастгоҳҳои бунёдии забон – овоӣ сарфӣ ва наҳвии забони тоҷикӣ низ то андозае мудохила карда ва таъсир ҳам гузоштааст. Масалан, дар системаи овоӣ талаффузи истилоҳоти байналмилалӣ ва русӣ:

- ба ҷои кумунист – коммунист, империёлизм- империализм, прулетор – пролетар, фобрик – фабрика;

- қабули ҳарфҳои овозҳои «ц», «щ» ва талаффузи онҳо ба шакли русӣ: цирк, цемент;

- қабули ҳарфҳои «ы», ки тоҷикон бедуни машқу тамрини махсус онро талаффуз карда наметавонанд: выставка ва ё аломати ҷудоӣ «ь», ки дар таркиби калимаҳои тоҷикӣ хеҷгуна нақш ва таъсире надошт: бисьёр дарё.

Зимнан бояд гуфт, ки дар китобҳои дастури забони тоҷикӣ қоидаҳое барои онҳо сохта шуда ва дар «Установка» ва «Принсипҳои терминологияи забони тоҷикӣ» ҳам тарзи навишт ва талаффузи онҳо муайян гардида буд.

Дар дастгоҳи наҳвии забон ҳам ба тақлиди қолабҳо ва стандартҳои забони русӣ ва аз тариқи русӣ ибораҳои нодуруст, аз қабили «ванна қабул кардан» (дар тоҷикӣ «ҳамом кардан» мавҷуд аст), ё «дарс гирифтан» ба ҷои «дарс хондан». Ва ё сохтани шаклҳои нави ҷумлабандӣ чун: «Ӯ гуфт: Ман фардо омада наметавонам», «Имсол барои мо соли хубе набуд - навишта буд ӯ» ва ғайра ворид гардид. Аз ҳамин гурӯҳанд ибора ва таркибҳое, ки дар форсӣ ба тақлиди забонҳои ғарбӣ ва дар тоҷикӣ мутобиқи қолабҳои русӣ сохта шудаанд: Чаро на?, нуқтаи назар, (дар ашъори Мавлавӣ гоҳе ба шакли «назаргоҳ» омадааст. Дар форсӣ баъдтар онро ба «дидгоҳ» табдил кардаанд), «дар робита», «дар иртибот» (дурусташ «дар бораи», дар қадим ба сурати «андар» ва «сипас дар» маъмул будааст), «бар алайҳи» (дар замони Машрутияти Эрон пайдо шуда аст ва имрӯзҳо дар радиову телевизион ва матбуоти Тоҷикистон ҷорӣ шуда истодааст).

Раванди мулоҳизакорона ва муҳофизакоронаи рушду такомули забони тоҷикӣ ва истилоҳсозӣ, ки аз солҳои 60-ум оғоз гардида буд, пас аз тағйири хати сиёсии давлати шӯравӣ ба номи «бозсозӣ» бебоктар ба сӯи асли худ ва раҳоӣ аз меъёрҳои маснӯӣ гом мебардошт. Дар ин раванд илова бар авомили фарҳангӣ нақши касоне, ки дар ин солҳо барои кор ба Афғонистон рафта буданд, ба назари мо қобили мулоҳиза мебошад.

Тавре ки медонем, солҳо 1980-1989 теъдоди зиёди кормандони илмӣ, маорифу маданият, матбуот, вазоратҳои дохилаву бехатарӣ ва ҳизбиву давлатӣ (аз рӯи баъзе маълумотҳо 15 ҳазор нафар) барои иҷрои «қарзи интернатсионалӣ» ба Афғонистон

фиристода шуданд. Дар бозгашт ин ашхос як силсила луғатҳои мураввач ва истилоҳоти он диёрро бо худ оварданд ва дар гуфтору навиштори худ гоҳо ба маврид ва гоҳо бе маврид онҳоро ба кор бурданд. Як қисми ин луғоту истилоҳот чун дар забони тоҷикӣ собиқаи таърихӣ дошта ва ё ба табиати он созгор буданд имрӯз ҳам дар китобҳо ва матбуоту васоити иттилооти умум истифода бурда мешаванд.

Баъди ба истиқлол расидани Тоҷикистон, махсусан дар солҳои аввал дар инкишофи забони тоҷикӣ ва истилоҳсозии он давра растохези аҷибе падид омад.

Маҳдудияту мамониатҳо ва «сензура» аз байн рафт ва истилоҳоти фаровони навсохт аз форсии Эрон ва дарии Афғонистон дар забони гуфтор ва навиштор иқтибос гардид. Ба таври куллӣ дар ин ҷунбиш ду шеваи бархӯрд баръало намоён шуд. Як гурӯҳ фарҳангиёну аҳли матбуот истилоҳоти сиёсиву иҷтимоиеро, ки солҳои сиюм барканор гардида буданд, монанди анҷуман, рӯзнома, шӯро, инқилоб ва ғайраро дубора зинда карда, худ низ луғоти наве аз қабили «чархбол», «сарқонун», «чипта» ва амсоли он сохтанд. Гурӯҳи дигари нисбатан радикал гузашта аз ин истилоҳоти сиёсиву иҷтимоии навсохти форсиро меъёри асосӣ ва намунаи олии вожагузинӣ пазируфта, онҳоро ба ҳамон шакл истифода карданд. Кор ба ҷое расида буд, ки дар баъзе мавридҳо бидуни риояти системаи овоии таърихии забони тоҷикӣ «Эрон»-ро ба «Ирон» ва «Эмом»-ро ба «Имом» ва амсоли он табдил карда, ҳатто дар гуфтор ва суханрониҳои худ оҳанги ҷумлаҳоро ҳам ба шакли мураввачи форсии кунунӣ талаффуз мекарданд, ки имрӯз ҳам баъди гузашти солҳо дар матбуоти кишвар ба таври фаровон дида мешавад.

Ҷои шубҳа нест, ки масъалаҳои истилоҳот, махсусан системаи истилоҳсозии забони тоҷики ниёз ба бознигарӣ ва такмил дорад. Вале ин раванд бояд бидуни таассуб ва тақлидкориҳои хилофӣ табиати хоси забони тоҷикӣ сурат гирад, то он ки чеҳраи зебо ва вижагиҳои таърихии онро, ки аз гузаштагон ба мо расидааст, бо ҳамон рангорангӣ ба ояндагон мерос гузорем.Дар он калимаҳову истилоҳоти навомада чун «донишгоҳ» ва «донишҷӯ», ки дар он замон ба ҷои истилоҳоти «университет» ва «студент» зери таъсири забони форсии Эрон дар рӯзномаҳои Тоҷикистон истифода мешуданд, мамнӯъ эълон гардиданд ва тақрибан ду даҳсолаи дигар то даврони бозсозӣ вазъи матбуоти тоҷик ба таври пешин боқӣ монд. Инак чанд

намуна аз матбуоти ин давра. Дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» аз якуми марти соли 1984 мақолаи «Модельсозӣ» ё «моделиронӣ» чоп шудааст, ки муаллифи он тарафдори қабули истилоҳи «моделиронӣ» дар вазни «коллективонӣ», «электриконӣ», «интегронӣ» ва ҳатто «дифференсиронӣ» мебошад, чоп шудааст. «Мафҳумҳои моделиронӣ, ки дар марҳилаи ҳозираи револютсияи илмию техникӣ ба вуҷуд омад, … бояд ба таркибии луғавии забони тоҷикӣ дохил шавад». Як намунаи дигар аз мақолаи «Сиёсати партия - некӯаҳволии халқ» аз ҳамин шумора: «Намояндагони коллективҳои меҳнатӣ ва интеллигенсияи округи интихоботии Қурғонтеппа №729 дар мулоқот бо номзадашон ба депутатии Совети Олии СССР, сармуҳаррири журнали «Коммунист», доктори илми фалсафа Ричард Иванович Косолапов изҳор намуданд, ки…». Чунин мисолу намунаҳо аз рӯзномаҳои дигари ҷумҳурӣ низ овардан мумкин аст, вале «мушт намунаи хирвор» аст.

Тамоми монеаҳои сунъии сиёсиву идеологӣ баъд аз эъломи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар соли 1991 бардошта шуд ва забони матбуот ҳам зуд аз насими форами истиқлол истифода намуд ва рӯ ба асолати забон овард. Инак чанд намуна аз матбуоти ибтидои солҳои 90-уми садаи гузашта. Аз рӯзномаи «Садои мардум» аз таърихи 5-уми феврали соли 1991: «Аҳли пленум барномаи муътадил гардонидани вазъи мамлакатро дастгирӣ мекунад, ки Анҷумани IX депутатҳои халқи ИҶШС тартиб дод». Дар ин намунаи кутоҳ истифодаи вожаҳои <u>**пленум**</u> ба маънои иҷлосия, ҷаласа, <u>**депутат**</u> - ба маънои намоянда, вакил нишон медиҳад, ки ҳанӯз матбуот зери нуфузи сиёсати давр қарор дорад. Вале корбурди вожаи «Анҷуман» ба маънои «съезд» дигарбора барқарор шудани истифодаи калимаи ноби тоҷикиро бар асари фароҳам омадани фазои мусоид барои густариши забон ва баргашт ба асолати миллӣ нишон медиҳад.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 30-юми июни соли 1992: «Воқеаҳои рӯзҳои охир нишон доданд, ки ҷумҳурияти тозаистиқлоли мо воқеан ҳам дар партгоҳи хавфноки парокандашавии қавмӣ қарор дорад», «Раиси Девони Вазирон Акбар Мирзоев бо ҳайати давлатӣ аз Қурғонтеппа ба Душанбе баргашт». Дар ин ду мисол истифодаи истилоҳҳои «ҷумҳурият» ба маънии ҷумҳурӣ ё республика ва ибораи «Девони Вазирон» ба маънои Кабинети Вазирон бо сифати намуна аз истилоҳҳои тозаворид ҷалби

тавачҷуҳ менамоянд. Тавре хонандагон огоҳӣ доранд, сари ифодаи вожаҳои «ҷумҳурӣ» ва «ҷумҳурият» ба маънои «республика» дар он солҳо дар матбуоту давраҳои расмӣ баҳсу мунозираҳои зиёде сурат гирифта буд ва охири охирон шакли дурусти он, яъне вожаи «ҷумҳурӣ» қабул гардид.

Баъд аз қабули Қонуни забон 22-юми июли соли 1989 ва махсусан дар солҳои истиқлолият бо сиёсати пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати татбиқи Конуни забон ва инкишофи забони тоҷикӣ забони мо ҳамчун забони давлатӣ ҳам аз лиҳози мақоми ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози тағйироти вожагонию лексикӣ хеле густариш ёфт. Махсусан, солҳои охир бар асари таҳаққуқи сиёсати забонии давлати Тоҷикистон забони тоҷикӣ дар тамоми қишрҳои ҷомеа ва аксари сохторҳои давлатию ғайридавлатии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт. Имрӯз ба таври умум забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо кардааст. Албатта, камбудиву норасоиҳо низ хеле зиёданд. Бештари онҳо хусусияти амалӣ доранд. Ин хусусиятҳо бештар ба тарзи дуруст навиштани матнҳои гуногун, лавҳаву овезаҳо, навишти дурусти номи корхонаву муассисаҳо ва ғайра иртибот дорад, ки барои рафъи онҳо пеш аз ҳама сатҳи забондонии мардумро баланд бардоштан лозим аст. Имрӯз забони матбуот ҳамон хусусиятҳои имрӯзии забони тоҷикиро инъикос менамояд ва сабки навишти онҳо низ гуногун аст. Он даъвоҳое, ки гӯё забони тоҷикӣ бо истифодаи калимаҳои душворфаҳм дар ҳоли харобӣ қарор дорад, пояи мантиқӣ надорад. Дар воқеъ, забони мо дар Тоҷикистон тӯли бист соли охир бисёр тағйир кардааст. Дар ҳақиқат, агар як касе аз насли солҳои 60-ум ва 70-ум рӯзнома ва китобҳои моро бихонад, шояд дар дарки он ҷое ба мушкилӣ рӯ ба рӯ шавад. Аммо дар ин маврид калимаҳои бегона ва зиёдатӣ ба нудрат ва бисёр кам ба забон дохил шудаанд. Аксари ин калимаҳо дар собиқ ҳам истифода мешуданд ва моли ин забон ҳастанд. Ва имрӯз, ки маҳдудаҳо бардошта шудааст, дубора калима ва вожаҳое, ки дар замони Шӯравӣ истифодаи онҳо мамнӯъ буд, мисли **пешоҳанг, сарнишин, сарборӣ**, **шоҳроҳ**, **анҷуман** ва ғайра дубора истифода мешаванд. Бинобар ин, имрӯз барои ҷомеаи мо масъалаҳои омӯзиши забони тоҷикӣ, хатти ниёгон, таърихи забони мо ва таҳқиқи ҷиҳатҳои гуногуни услубӣ ва сабкҳои гуногуни навишт аҳамият пайдо мекунад. Соли 2009 дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

забони давлатӣ» қабул шуд ва забони тоҷикӣ бо марҳилаи нави рушду густариши худ дохил гардид, ки ба забони матбуот низ бетаъсир нахоҳад монд ва он ҳам ҳамчун яке аз бахшҳои таркибии забони модарии мо ба асолату покизагии худ бармегардад ва яке аз шаҳсутунҳои густариши бесобиқаи забони модарии мо дар садаи XXI хоҳад шуд. Барои ин тамоми шароит фароҳам аст. Тавре ки Эмомалӣ Раҳмон - Президенти мамлакат, дар мулоқот бо зиёиёни кишвар 20 - уми марти соли 2009 таъкид кард: «Итминони комил дорам, ки қабули қонуни нав «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тадбирҳои дигар дар иртибот ба забони миллӣ як силсила монеаҳои мавҷудаи сунъиро дар ин самт барканор сохта, марҳалаи воқеан навро дар таҳким ва рушди забони давлатӣ оғоз хоҳанд кард».

Матбуот ҳам бо тамоми рангорангии худ барои густариши забони меъёр ё забони адабӣ нақши боризи худро иҷро карда истодааст. Он майдони таҷрибаҳои муфид барои сайқал ёфтани забони адабии мо гардида, як рукни асоситарини ба забони воқеан давлатӣ табдил ёфтани забони тоҷикӣ мебошад.

## ЗАМИМАҲО:

1. Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон.
2. Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ.
3. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ (Фармони № 1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 1939).
4. Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ (Қарори №55 Совети Комиссариати Халқии РСС Тоҷикистон аз 21 январи соли 1941).
5. «Орфографияи забони тоҷикӣ» (Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз   соли 1953).
6. Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик (Қарори Совети Вазирони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон № 111 аз 20-уми апрели соли 1972).
7. Лоиҳаи «Қоидаҳои асосии имлои забони тоҷикӣ (таҳияи Институти  забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ).
8. Имлои забони тоҷикӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми сентябри соли 1998).
9. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикстон № 458 аз 4 октябри соли 2011).

## 1. Ҷамъбаст ва қарорҳои анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон

Дар охирҳои моҳи август соли 1941 дар шаҳри Сталинобод анҷумани нахустини илмӣ - забоншиносии Тоҷикистон барпо гардид. Дар анҷуман аз бисёрии районҳои Тоҷикистон ва аз яҳудиёни маҳаллӣ низ намояндагон мавҷуд буда, ҳатто аз ҷумҳуриятҳои ҳамсояи ғайри тоҷикзабон монанди Туркманистон вакилҳо иштирок доштанд.

Пеш аз анҷуман қувваҳои илмӣ аз профессорон ва олимон дар Сталинобод гум шуда, ба анҷуман тайёрии нағз дида материал ва маърӯзаҳо тайёр карда буданд.

Барои ин ки мартабаи якум дар маркази чумҳурияти сотсиалистии Тоҷикистон олимони шӯроӣ ҷамъ шудаанд, ин анҷуман бо шукӯҳ ва тантанаи тамом давом карда, ба ҳам кардани чанде аз масълаҳои илмӣ ва корҳои маданияти пролетарӣ аҳамият ва қиммати худро дар саҳифаи таърих ёдгор гузошт ва таҳкурсии маданияти пролетариро барпо намуд.

Масъалаҳое, ки дар ин анҷуман гузошта шуда буд, ҳақиқатан таҳкурсии маданияти пролетарӣ буданашро аз номи худ нишон медод, ки вай масъалаҳои забони адабӣ алифбо ва имлои тоҷикӣ буд. Ҳал нашудани ин масъалаҳо буд, ки то алъон бо пешрафти маориф ва маданияти тоҷикзабонон сактаҳо оварда бо алифбои арабӣ, шеваҳои мадрасагӣ ва имлоҳои гуногуни худаш корро душвор мекард. Ҳарчанд баъд аз ташкил ёфтани Ҳукумати Шӯравӣ дар ҳаққи Тоҷикистон дар шаҳрҳои Тошкент ва Самарқанд маҷлисҳо ва конференсияҳои илмӣ барпо гардида, ин масъалаҳоро дида бошад ҳам, аммо ин қарор соҳиби материал ва қувваи зиёде набуд ва чун ин конференсия қарорҳои қатъӣ дода натавониста буд, ин анҷумани якуме буд, ки аз профессорони ғарб сар карда, то қувваҳои илмии кӯҳи Бадахшон дар канори худ гирифт ва масъалаҳоро ба шакли миллӣ ва мазмуни пролетарӣ мувофиқи лаҳҷа ва шеваи худи тоҷикон ҳал кард. Барои ин ки як чанд қувваҳои илмӣ то анҷуман масъалаҳои дар анҷуман гузашта мешудагиро аз тарафи илмӣ ва материалҳои ғуншуда дида бароамада буданд ва боз ин масъалаҳо ба анҷуман аз тарафи намояндагон чуқур дида шуд, мумкин аст, гӯем ки қарорҳои ин анҷуман ба забон ва лаҳҷаи тоҷикон мутобиқ афтода, пойдор ва тағйирнопазир мемонад.

Дар анҷуман чаҳор масъалаи асосӣ буд.

1. Забони адабии тоҷик
2. Алифбо
3. Имло
4. Масъалаи алифбои шуғнонӣ

Ба масъалаи забони адабии тоҷик рафиқон Бектош ва профессор Семёнов, ба алифбо Раҳим Ҳошим ва Климчитский , ба имло Бектош, ба алифбои шуғнонӣ рафиқ Дяков маърӯза карданд.

Масъалаи охирин, ки алифбои шуғнонӣ буд, ин масъалае аст, ки алъон касе дар бораи он фикр накарда, ҳатто агар ин масъала дар замони амирӣ ё подшоҳии рус касе мебардошт, боиси ханда ва мазоҳ мешуд. Имрӯз диктатураи пролетарӣ замина ҳозир кард, ки барои якчанд миллати майда, ки ба забони алоҳида гап мезаданд, алифбои махсус тайёр карда шавад ва онҳо маданияти худашонро ба забон ва алифбои худ баранд. Ин масъалаи тозаро ҳамаи намояндагон бо чапакзанӣ қабул карда бо шавқузавқ музокираҳо менамуданд ва барои шуғнониён алифбои алоҳида карданро яке аз роҳҳои пешрафти маданияти анҷуман дониста ба тӯғригии ҳал шудани масъалаи миллӣ дар замони диктатураи пролетарӣ офарин ва таҳниятҳо мекарданд. Ҳақиқатан ин масъала масъалае аст, ки танҳо дар замони диктатураи пролетариат ҳал мешавад ва шуд. Ва барои дигар миллатҳои майдаи Тоҷикистон будагӣ монанди яғнобӣ, вахонӣ ва дигарон бо ин ки шумораи онҳо бисёр кам ва қариб ба ҳазор аст, низ ба кори алифбои нави алоҳида сар карданро анҷуман ишорат карда гузашт ва барои роҳ ва чорабинӣ тайёр карданро лозим дид.

Умуман анҷуман дар давоми шашрӯзаи худаш ҳамаи масъалаҳоро ба таври чуқур ҳал карда, қарорҳои қатъии худро баровард, ки аз нишондодҳои поён аст:

## Қарор дар масъалаи забони адабӣ

Анҷумани илмии забоншиносии умумии Тоҷикистон масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ ва истилоҳотро музокира намуда ба ин қарор омад:

1. Масъалаи муайян кардани забони адабии ба омма наздик ва оммафаҳм ба муносибати сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон, ба муносибати зарурияти боло бардоштани дараҷаи оммаи меҳнаткашони тоҷик ва ҷорӣ кардани таълими маҷбурӣ ва дигарҳо аҳамияти бисёр бузурге пайдо мекунад.

Забони мавҷуди адаби, ки бисёртар мероси муносибатҳои иҷтимоии давраи феодалӣ мебошад, моҳиятан баъд аз инқилоб ба тарафи забони зиндаи омма нигоҳ карда дигаргун бошад ҳам, бо ҳамаи ин хоҳ аз чиҳати таркиби наҳвии худ ва хоҳ аз ҷиҳати сарфи худ ба дараҷае ки лозим аст, ба наздикӣ наомадааст ва ин тараққӣ кунонидани дараҷаи маданӣи оммаро душвор мекунад, кори тайёр намудани кадрҳо аз забон барои ҳама навъҳои хоҷагӣ ва маданӣ ба ақиб меандозад.

2. Яке аз яроқҳои муҳимми зиндагонии маданӣ ва силоҳи мубориза синфӣ будани забонро ба назар гирифта анҷуман чунин мешуморад: забони адабии тоҷикон барои боло бардоштани савияи меҳнаткашони тоҷик ва барои кашидани оммаи ранҷбарон ба тарафи сохтмони сотсиалистӣ ҳанӯз яроқи мукаммал нашудааст. Бинобар ин барои оммаи васеъро як намудан, забони адабӣ як қатор чорабиниҳои ташкилотӣ дидан лозим аст.

Анҷуман инро ба назар мегирад, ки ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ хоҳ аз ҷиҳати луғат ва хоҳ аз чиҳати сарфӣ як қатор хосиятҳои муштарак доранд, ки аз забони адабӣ фарқдор мебошанд ва ин хусусиятҳоро дар забони адабӣ кор фармудан лозим аст.

3. Анҷуман дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани шеваҳои гуногунро қайд намуда, чунин мешуморад, ки фарқ миёни онҳо чандон калон нест, ки барои ба вуҷуд овардани забони адабии ягонагӣ, ки бояд забони муассисаҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ, матбуот ва ғайра шаванд, мумониатӣ карда натавонанд. Аммо дар хусуси асарҳои адабиёти нафиса анҷуман лозим намедонад, забони онҳоро маҳдуд намояд ва ба нависандагон имкон медиҳад ки аз ҳар шеваҳое, ки мехоҳанд истифода намоянд.

4. Доир ба масъалаи истилоҳҳои илмӣ: инчунин нигоҳ доштани истилоҳҳое, ки хоҳ аз забони худи форсӣ, тоҷикӣ ва хоҳ аз забонҳои дигар (масалан: арабӣ, юнонӣ ва ғайра) ба забони мо даромада ҳозир дар забони адабӣ кор фармуда мешавад, даркор мешуморад. Масалан: калимаҳои нестӣ, ҳастӣ, кимиё, фалсафа, ҷуғрофия, мусиқӣ ва ғайра бояд ки дар забони адабӣ нигоҳ дошта шаванд.

Аз тарафи дигар дар илмҳои табиӣ (монанди ҳайвонот, наботот) ва ҳамчунин дар хоҷагӣ ва дар луғат ва кор, ном ва истилоҳҳое ҳастанд, ки ҳанӯз ба забони адабии тоҷик надаромада бошанд ҳам дар забони зиндаи халқ мавҷуд мебошанд. Инҳоро

ба зудӣ ғундошта ба майдон бароварда аз ҳозир сар карда баъд ба имкон ва зарурат дар эҳтиёҷҳои илмӣ ва адабӣ кор фармудан лозим аст.

5. Ба муносибати азнавсозии хоҷагӣ ва саноатӣ кунонидани мамлакат ба забони ҳозираи тоҷик як тӯда истилоҳҳои европоӣ даромад ва даромада истодааст. Дар ин забонҳо таъсири забони адабӣ (хусусан истилоҳҳои динӣ ва схоластикӣ) торафт кам шудааст.

Анҷуман лозим медонад, ки баъд аз ин ба забони адабӣ аз забони арабӣ истилоҳҳои нав гирифта нашавад. Дар вақти эҳтиёҷ ба гирифтани истилоҳҳои хориҷӣ истилоҳҳои европоӣ - байналхалқӣ ба назар дошта шавад. Вале онҳоро дар шакле, ки забонзади мардум аст, қабул кардан лозим аст. Аммо дар аснои қабул кардани истилоҳҳои нави европоӣ решаи онҳоро мувофиқи аслаш нигоҳ доштан сиға ва тасарруфҳояшро ба қонун ва оҳанги забони тоҷикӣ тобеъ кардан лозим аст, масалан: электрик, электрикӣ, электронидан. Номҳои кутоҳкардашуда, ки дар миқёси иттифоқ ҷорӣ аст, низ ба қатори истилоҳҳо ҳисоб карда шавад. Дар гирифтан, ё ки нагирифта шудани онҳо моддаҳои боло риоя карда шавад. Он чи аз русӣ гузаштааст, мемонад ва дар оянда аз ҳад ва имкон набаромада калимаҳои мухтасари тоҷикӣ сохтан мумкин аст. Бо мақсади муайян кардани истилоҳҳои илмӣ, дарсӣ ва сиёсӣ анҷуман лозим медонад, ки дар назди комиссарияти маорифи Тоҷикистон кумитаи луғат ва истилоҳ ташкил карда шавад ва ин кумита ба зудӣ ба кор сар кунад ва вазифаи ба зудӣ нашр кардани китобҳои луғат ва истилоҳро назди худ бигзорад.

Азбаски масъалаи ба майдон баровардани қоида ва шаклҳои забони адабӣ «халқӣ» Тоҷикистон (муайян кардани шева ва калимаҳои вай) умуман барои забон ва хусусан барои забони адабии тоҷикӣ зарур мешуморад. Бинобар ин аз ҳозир сар карда кори ин бо як плани муайян омӯхтани шеваҳои халқӣ ҷамъ кардани материалҳо, гирд овардани луғати забони тоҷик (хоҳишӣ, хоҳ. . . ) тартиб додани луғати забони зинда (забони гуфтугӯ) ва омӯхтани асарҳои адабӣ аз ҷиҳати адабиёт сар кардан лозим аст.

### Қарор дар масъалаи алифбо

Анҷумани якуми забоншиносии умумии Тоҷикистон қайд карда мегузарад, ки дар даврае, ки баъд аз конференсияи

Тошкент гузаштааст, дар пахн намудани мафкураи алифбои нав дар байни оммаи васеъ ва ҳамчунин дар ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷикӣ муваффақиятҳои бузург дида мешавад.

Анҷуман бо қаноати зиёде қайд мекунад, ки ба монеияти унсурони муҳофизакор нигоҳ накарда, мафкураи лотинонидан аз тарафи оммаи меҳнаткашон ва ҷамоатчигии Шӯрои Тоҷикистон нағз қабул карда мешавад. Анҷуман қайд мекунад, ки лоиҳаи алифбое, ки аз тарафи конференсияи Тошкент қабул карда шуда буд, аз ҷиҳати мувофиқ буданаш ба савтиёти забони тоҷикӣ асосан ҳаётӣ будани худро исбот намуд.

Анҷуман ба алифбои якшудаи халқҳои иттифоқи шӯроҳо тамоман ҳамроҳ шуда дар бораи ин орзу мекунад, ки КМ АН иттифоқ дар оянда дар аснои муайян кардани алифбои якшуда хосиятҳои забонҳои эронии СССР-ро ҳам дар назар гирад.

2. Анҷуман тамоман масъалаҳои мубоҳисадори алифбои нави тоҷикро ҳаматарафа музокира карда, ба ин қарор меояд, ки дар қисми муҳимми шеваҳои тоҷикӣ овози (ӯ) вов-и маҷҳул мавҷуд нест ва ин вов бо (ӯ) вови маъруф мувофиқ мебошад, барои ҳамин дар аснои таълим хондан ва навиштан душвориҳо ба миён меояд. Барои аз миён бардоштани ин душвориҳо минбаъд овозҳои (ӯ) ва (ӯ) бо як шакл (ӯ) нишон дода шавад ва ин шаклро бо хосиятҳои шеваҳо мувофиқ карда кор фармудан мумкин хоҳад шуд. Ин ҳол дар шеваҳое, ки ин се овоз (яъне у, ӯ, ý) фарқ доранд, дуруст хондан ва навиштанро осонтар карда, дар шеваҳое, ки фақат дутоии ин овозҳо ҳаст, душвории мавҷударо аз миён мебардоранд.

3. Шаклҳои (і) ва (і) алифбои нави тоҷикӣ нигоҳ дошта шаванд, ҷои навиштани (і) дароз дар вақти дуруст кардани қоидаҳои имло таъин карда шавад.

4. Барои нишон додани овози () мисли шакли () қабул карда шавад. Ин шакл аз як тараф моро ба алифбои якшудаи иттифоқ ҳамроҳ мекунад ва аз тарафи дигар ҳозир дар алифбои нав кор фармуда мешавад.

5. Шакли () дар алифбои нави тоҷикӣ нигоҳ дошта шавад, чаро ки ин овоз ҳарчанд кам бошад ҳам дар калимаҳои тоҷикӣ дида мешавад ва барои навиштани калимаҳои хориҷӣ ҳам даркор мешавад.

6. Ҳарфҳои калон ба таври қатъӣ қабул карда шаванд.

7. Шаклҳои (О) ва (А) мувофиқи конференсияи Тошкент кор фармуда шавад.

## Қарор дар бораи имлои нави тоҷикӣ

Анҷуман баъд аз кор карда баромадани материалҳои илмӣ ба қарори зер меояд:

1) Анҷуман қайд мекунад, ки дар муайян кардани қоидаҳои имлоӣ танҳо як лаҳҷаро асос гирифтан аз хусусиятҳои лаҳҷа (ё ки шева) - ҳои дигар чашм пӯшидан мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин ҳамаи лаҳҷаҳоро дар назар дошта истода қоидаҳои имлогии сарфии муштарак муайян кардан лозим аст.

Қайд: азбаски забони адабии тоҷик то як дараҷа ҳамаи хусусиятҳои лаҳҷаҳоро ба худ акс кунонидааст, бинобар ин дар тартиби қоидаҳои имлогӣ дар ваҳлаи аввал ба забони адабии мавҷуда муроҷиат кардан зарур аст.

2) Азбаски забони тоҷик ду лаҳҷаи асосӣ ва як қатор шеваҳои дарунӣ дорад, бинобар ин имлои тоҷикиро дар асоси соф савтӣ ниҳодан мумкин нест. Бинобар ин имлои нави тоҷик дар принципи шаклӣ ниҳода мешавад.

Қайд: дар лаҳҷаҳои ҷудогона аз принципи савтӣ ҳам истифода кардан мумкин аст.

3) Азбаски забони адабии тоҷик аз лаҳҷа ва шеваҳои гуногун истифода мекунад, қонуни таҳаввулотӣ, савтӣ дар он собит нест, балки дар ҳар ранг намоён аст, бинобар ин дар навиштани ин дигаргуниҳо ба дараҷае, ки қонунҳои савтӣ имконият медиҳад, иринсипи шаклиро риоя кардан лозим меояд.

4) Таҳаввулоти савтӣ дар забони адабӣ (дар овоздорҳо) мисли зер аст:

Овоздорҳо:

а) Дар баъзе аз калимаҳое ки бо (а) пеш аз сомит) сар мешавад, бисёр вақт ҳамин сомит (а) афтода мешинад. Масалан: <u>агар - гар</u> (<u>ар</u>)

б) Инчунин сомитҳое, ки дар сари калима пеш аз ду сомит меоянд, низ афтода метавонанд. Танҳо аз чиҳате, ки ҳеч кадом калимаи тоҷикӣ (форсӣ) бо ду сомит сар шуда наметавонанд бинобар ин сомити аввал ба худ як сомити дигар қабул мекунад. Масалан:

Афредун - Фаредун, уштур - шутур, акнун - кунун.

Баъзан сомитҳо ҷои худро дигар ҳам мекунанд:

Гулистон - гулситон.

в) Ҳар гоҳ агар дар пеши калимаҳое, ки (зиёди феълҳо) бо сомити кутоҳ сар мешаванд, ҳиссаҳои «би», «ма» оварда шавад, он вақт ҳамон сомитҳои кутоҳ гум шуда метавонанд:

Гузор - магзор

Фиган - бифиган

г) Агар ба баъзе аз феълҳое, ки дар сиғаи амрашон (сомит+соит+сомит) воқеъ шудааст, (махсусан соитҳои «А» ва «Ӣ» ҷузъе, ки аввалаш сомит аст, ҳамроҳ карда шавад, онвақт (а, о ва ӣ) ба (у) бадал шуда метавонанд:

Бар - бурдан

Шумор - шумурдан

Озар - озурдан

Мир - мурдан

ғ) Соитҳои дарози дар миёнаи калима пеш аз (х) ба соитии кутоҳ бадал шуда метавонад.

Моҳ - маҳ

Коҳ - каҳ

д) «а» ва «у»-ҳои охир ба худ «й» илова қабул карда метавонанд:

По - пой

Пот - поят

Поҳо - пойҳо

Рӯ - рӯй

Ҷӯ - ҷӯй

Ҷо - ҷой ва ҳоказо. . .

е) и й (ӣ) - ҳои охирин пеш аз дунболачаспакҳое, ки ба соит сар мешаванд, бо (и и) ва (i j) бадал хоҳанд шуд.

Абрӯ – абрӯвон, Моҳӣ - моҳиён

Инчунин калимаҳое, ки дар аввалашон калимаҳои: би, ки, чи, на, ма ҳамроҳ карда шудааст, баъд аз ҳамин калимаҳо як «j» илова қабул мекунанд:

Био - Биё

Ки ам - киям

Наомадан - наёмадан

Мао - маё

ё) Аз тарафи дигар феъли (аст), ки дар охири шахси сейуми муфрад меояд, сомити аввали худашро ва калимаҳои: «на, би, ки, чи, зи, ма» сомитҳои охирини худашонро напартофта метавонанд.

Абрӯ аст - абрӯст.

Муҳаё аст - муҳайёст
Наомад – н-омад
Ки омад – к-омад
Зи ин – з-ин
Маандеш – м-андеш
Не аст - нест
Ки аст - кист
Чи аст - чист ва ҳоказо. . . .

5. а) Дар забони зиндаи тоҷик ҳар як ҳичо дар калима як соит дорад, бинобар он дар хат ҳам ин соитҳо партофта намешавад;

б) Дар охири ҳиҷоҳо ду сомити пайдарҳам омада метавонад, лекин дар аввали ҳичо пайдарҳам омадани ду сомит имло мумкин нест.

Қайд: дар калимаҳои хориҷӣ пайдарҳам омадани ду сомит мумкин аст, монанди: профессор, пролетар

6. Ҳар як калимаи мустақил дар хат аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешавад.

7. Ҳамаи часпакҳо (хоҳ сарчаспак бошад ва хоҳ дунболачаспак) як ҷузъи калима ба ҳисоб гирифта шуда бо калимаҳои аслӣ дар як ҷой навишта мешаванд.

8. Ҳамаи бандакҳо (бандакҳои наҳвӣ ҳам) калимаҳои мустақил ба ҳисоб гирифта шуда ҷудогона навишта мешаванд.

Қайд: бандакҳои «ву, йу, у» - ро ба калимаҳое, ки пеш аз онҳо меоянд, як навиштан лозим аст.

9. Калимаҳои мураккаб аз гурӯҳи «сарпӯш, мурдашӯй», ки аз ду калимаи мустақил пайдо шуда, ба як чиз ном шудаанд, баҳам навишта мешаванд.

10. Калимаҳои мураккаб аз гурӯҳи: «хонаи кӯдакон», ки номи як чиз бошанд ҳам тамоман як шуда нарафтаанд, аз ҳамдигар ҷудо (дар дохили худ) навишта мешаванд.

11. Баъзе аз калимаҳои мураккаб, ки ҷузъи онҳо ҳоло мустақилии худро гум накардаанд, аз гурӯҳи:
Майда - чуйда
Коса - табақ

Инчунин баъзе аз хелҳо ва калимаҳои нидо, ки аз ду бор такрор шудани айни калима пайдо шудаанд ва ададҳои тавзеҳӣ:
Тахта - тахта
Раҳ - раҳ
Як - як ва ҳоказо...
бо нимтире аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд.

12. Исми феълҳои пайваста аз қабили:

Кушокушӣ

Занозанӣ як навишта мешаванд.

13. Ҳамаи феълҳои мураккаб (аз гурӯҳи «хоҳам хонд, бояд мехондам» ва ҳоказо. . . . ) дар дохили худ аз ҳамдигар чудо навишта мешаванд.

14. Дар сифатҳои таъкидӣ сарчаспакҳои такроршаванда бо нимтире ҷудо карда мешаванд.

Сап - сафед

Суп - сурх

15. Таркибҳои сифатдори роста (аз қабили гули сурх) ҷудо ва таркибҳои сифатдори чаппа аз қабили (иавбог) ва ҳоказо як чо ба ҳам навишта мешаванд.

16. Шумораҳои мураккаб, ки муносибат ва байни унсурҳои ҷудогона изофӣ аст:

бисту - як

сию - се ва ҳоказо. . .

ҷудогона навишта мешаванд.

17. Шумораҳои касрӣ агар адоти «аз» дошта бошанд, чудо.

Аз сад - як

ва агар надошта бошанд

даҳяк

садяк

ба ҳам навишта мешаванд.

18. Ҳамаи адотҳои мафъул ба ғайр аз (ро) адоти мафъул ба ҷудогона навишта мешаванд. Танҳо (-ро) дар охири калима ба ҳам навишта мешаванд.

19. Адоти нафй дар сари феълҳо чудогона навишта мешаванд:

«На омад»

Қайд: дар сари исм ва сифатҳо агар вазифаи часпакиро ифо кунад, ба ҳам навишта мешавад.

20. Лафзчаҳои «чи, ку, дия ва да» ба воситаи як нимтире ба калимаи пеш аз худашон баста мешаванд.

21. Ҳарфи думазмунаи (ӣ) танҳо дар ҷои аввал маҷҳул (пеши ғавс) истеъмол карда мешаванд.

Қайд: Калимаҳое, ки нисбат ба лаҳҷаҳо дар талаффузи вови маҷҳул ва вови маъруф ихтилоф доранд, ба воситаи луғатчаи имло муайян карда мешаванд.

22. «і»„, танҳо:

ба ҷои «ё» - и нисбат, 2 - дар сифатҳои исм гардида, ба ҷои ёи исмӣ, 3 - дар охири сифатҳои феълӣ ва дар баъзе аз калимаҳои ҷудогона, ки (ӣ) дар ҳама лаҳҷаҳо собит аст, истеъмол карда мешавад ва онҳо ба воситаи луғатчаи имло нишон дода мешаванд.

23. Апостроф ду вазифа дорад:

1) Дар дохили калимаҳо барои аз сари нав талаффуз кардани як ҳиҷо ва овози ҳамон ҳиҷо.

2) Дар охири калимаҳо ба ҷои овози ҳамза ва айн.

24. Имлои калимаҳои бегона:

а) Инҳое, ки моли худи тоҷик шуда аз тарафи омма ба қонунҳои забони тоҷик тобеъ карда шудаанд, албатта ба қоидаи имлои умумии тоҷикӣ итоат мекунанд.

б) Онҳое, ки дуруст аз худ карда нашуда, танҳо дар доираи фан монда ё ин ки умуман кам истеъмол карда шудаанд, ба имлои аслашон мемонанд.

Қайд: барои осон кардани талаффуз ва аз худ кардани омма танҳо ҷидиҳои эшон дар имлои аслашон монда ҳамаи часпак ва «окончанияҳои эшон ба дараҷае, ки мумкин аст, ба забони тоҷик татбиқ карда мешаванд. »

25. Анҷуман ба хотири муассисаҳои дахлдор мерасонад, ки ба тезӣ луғати имло ва китобчаҳои худомӯзиш нашр кунад.

**Қарор дар бораи забони таълим ва адабиёти оммагӣ барои миллатҳои тоҷики кӯҳистон**

Барои ба тезӣ тараққӣ додани маданияти аҳолии пасмондаи кӯҳистон, ки забони махсусе доранд ва кашидани онҳо ба маданияти пролетарӣ ва инчунин барои ҷалб кардани онҳо ба сохтмони социалистӣ анҷумани илмии забоншиносони умумии Тоҷикистон лозим медонад ва ба сиёсати миллии пролетариат мувофиқ мешуморад, ки дар мактабҳои миллатҳо таълим ва тарбия дар забони модарии худашон бурда шавад ва адабиёти онҳо дар забони модарии онҳо чоп ва нашр шавад.

## 2. УСТАНОВКАИ ТЕРМИНОЛОГИЯИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

1. Инкишофи пурмавҷи сохтмони сотсиалистӣ ва тараққиёти бо суръати маданӣ дар Тоҷикистон бо вуҷуди боигарии захираҳои кӯҳнаи забони адабии тоҷик талаб намуд, ки бо он терминҳои наве, ки то имрӯз дар забони тоҷикӣ набуда ва бо ёд гирифтани техника шаклҳои нави меҳнат алоқадор мебошад, дарояд. Ин терминҳои нав ҳам ба забони зиндаи халқӣ ва ҳам ба забони адабии тоҷик дохил мешаванд. Лекин барқарор кардани терминҳо дар забони адабии тоҷик бемулоҳизаи пурраи таҷрибае, ки ҷумҳуриятҳои дигар дар ин қисмат доранд, бе системаи мукаммал, агар ба тарзи дигар гӯем, ба тарзи хом мегузарад. Дар натиҷаи ин аҳвол миқдори зиёди вайрониҳо ба амал омада, терминологияи як қатор шохаҳои илм бо **арабизм** ифлос мешавад, ки дар натиҷаи онҳо забони адабӣ барои оммаи васеи меҳнаткашон номафҳум шуда ва дар сохти терминологияи забони тоҷикӣ майл ва ниятҳои **миллатчигии маҳаллӣ** ҷой мегирад.

2. Кор карда баромадани терминологияи забони тоҷикӣ бояд бо мулоҳизаи манфиатҳои сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон, тарбияи пролетарии интернатсионалии оммаи васеи меҳнаткашон ва ба роҳбарӣ гирифта шудани нишондоди Сталин дар бораи сохта шудани маданияти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ бино ёбад.

Дар баробари он, ки ба асоси кор чунин установка гирифта мешавад, лозим аст ба муқобили ҳар гуна рафторе, ки бар зидди чунин установка буда ва ба пешрафти ин кор монеӣ мекунад, масалан: бо даровардани калимаҳои бегонае, ки ба оммаи меҳнаткашон номафҳум буда, маънои сиёсии терминро гум мекунад ва мафкураи буржуазӣ кулакиро ифода менамояд, **муборизаи қатъӣ бурда мешавад**, (чунончи: ба ҷои «коммунист» «иштирокиюн» ба ҷои «материализм» «моддият» кор фармудан ва ҳоказо…).

Ин чунин бояд ба муқобили ба забон дароварда шудани архаизмҳо (суханҳои қадими аз истеъмол баромада) ва бо роҳи сунъӣ дар забони тоҷикӣ дуруст карда шудани терминҳоеро, ки маънои ҳақиқии мафҳумро намедиҳанд ва бар муқобили ташаббуси иваз кардани термини оммафаҳм аз забонҳои дигар гирифташуда, ба калимаҳо бо роҳи сунъӣ ва сохта дар

терминологияи тоҷикӣ даровარда шудагӣ мебошад, (чунончи: **ба ҷои «самовар» «худҷӯш», ба ҷои «пионер» «пешоҳанг»**) ва ҳоказоро ба кор бурдан мубориза бурда шавад.

3. Дар вақти кор карда баромадани терминологияи забони тоҷикӣ лозим аст, ки перспективаҳои сохтмони забонии тамоми халқҳои СССР, ба ҳам наздикшавӣ ва мубодилаи таҷрибаҳои онҳо дар масъалаҳои терминология ба назар гирифта шуда ва дар баробари ҳамин бар зидди **майл ва қасдҳои миллатчигии маҳаллӣ**, буржуазӣ, ки эҷодкорӣ терминологияро дар доираи танги миллии забон маҳдуд кардан мехоҳанд ва майлу қасдҳои шовинизми олимақомӣ, ки терминҳои мавҷудаи забони тоҷикиро ба терминҳои забони русӣ ва ё дигар забон иваз кардан мехоҳад, муборизаи қатъӣ бурда шавад (Масалан: **дар ҷои «адабиёт» «литература» ва ҷои «кимиё» «химиё»**). Бояд забони тоҷикӣ аз захираи луғати интернатсионалӣ, ки дар забони тоҷикӣ норасоӣ мекунад, бой карда шуда ва дар айни ҳол тамоми алоқаҳои рӯзафзуни пролетариати тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба назар гирифта шавад.

Кор карда баромадани терминологияи забони тоҷикӣ асосан аз 2 момент иборат аст:

1. Муқарар кардани терминҳои наве, ки дар забони тоҷикӣ набуда, бо инкишофи маданияти сотсиалистӣ ба забони тоҷикӣ медароянд. (Монанди коллектив, бригада, театр ва ҳоказо) .

2. Бо роҳи танқидӣ аз худ карда шудани терминологияи дар забони тоҷикӣ будагӣ:

а) **бехта тозакунии** терминҳое, ки мафҳумро вайрон карда ба зиндагонии ҳозираи советӣ мувофиқат надошта ва инчунин ивазкуниҳои беҳуда, ки ҷои лозимӣ надоранд. Монанди: (**«ҷаҳонгирӣ» ба ҷои «империализм»**, **«сарнишин» ба ҷои «пассажир» ё худ «ликбез» ба ҷои «маҳви бесаводӣ»**).

б) терминҳое, ки дар забон дохил шуда, барқарор гардидаанд ва ба ҳаёти ҳозираи советӣ мувофиқат дошта, ба талабҳои он ҷавоб медиҳанд ва маънои ягон мафҳумро айнан медиҳанд, бояд бо терминҳои дигар иваз карда нашаванд. Монанди: **«синф» ба «класс», «адабиёт» ба «литература»** ва дигарҳо.

Агар барои маъно додан ба ягон **термини тоҷикие, ки дар байни омма устувор ва барқарор мегардидааст, термини советӣ - интернатсионалӣ мавҷуд бошад, дар он ҳолат бояд аз ҷиҳати афзалӣ термини советӣ ва интернатсионалӣ ба кор бурда шавад.**

**Монанди «монополия», «компания», «нагрузка» дар ҷои «инҳисор», «маъракa», «сарборӣ».**

3. Манбаъҳои муқаррар шудани терминологияи нав дар забони тоҷикӣ асосан шуда метаваонад:

а) Захираи хоҳ забони гуфтугӯӣ ва хоҳ забони адабии ҳозира;

б) Терминологияи советӣ ва интернатсионалӣ, ки ба забонҳои халқҳои СССР даромаданд ва медароянд.

4. То мумкин аст, бояд забони ҳозираи адабӣ ва гуфтугӯӣ тоҷикӣ комилан истифода карда шуда, дар айни замон ба даромадани терминҳое, ки аз ҷиҳати бегона мебошанд, инчунин ба даромадани терминҳое, ки идеологияи акси Советиро кашола карда медароранд, роҳ дода нашавад. Масалан: **(«шохроҳ» барои додани мафҳуми «генеральная линия», «шайтонароба» ба ҷои «велосипед»)**.

Инкишофи терминологияи нав дар асоси забони тоҷикӣ бояд бо роҳҳои зерин бигузарад:

а) эҷод карда шудани терминҳои нав бо роҳи қабул кардани решаҳои калимаҳои интернатсионалӣ ва советӣ ва мувофиқи онҳо истифода кардани системаи часпакҳои калимасози забони тоҷикӣ, ки ба характери ҳар як термини маълум мувофиқат доранд.

(чунончи: часпакҳои: - дон, - зор, - дор, - иш, - она, - нок, - гар, - ӣ, - онӣ, - дан, - ият ва дигарҳо) .

Масалан: коллективонидан - болшевикона

- Ноқилиёт… (Нақлиёт)

б) Агар часпаки забони тоҷикӣ ба термини интернатсионалӣ мувофиқ наояд, он вақт часпаки худи калима ба ҷояш мемонад.

Ҳамчун индустриализатсия, реконструксия, методист, коммунизм , конфренсия, биология .

Тавзеҳ: агар часпаки интернатсионалиро чигуна, ки ҳаст ба забони тоҷикӣ қабул кардан мумкин нашавад, он вақт часпакро ба шакле, ки ба забони тоҷикӣ мувофиқат кунад, гирифта шавад. Монанди:

Правление - Правления.

Дар вақти гирифта қабул кардани терминологияи байналхалқӣ башубҳа решаи термин бетағйир мемонад. Лекин калимаҳои аз ҳамин термин соҳта шуда (исмҳои сифатгардида, исмҳои феълӣ ва ғайра) албатта бояд мувофиқи қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ сохта шаванд. Масалан, ба ҳамин тартиб:

Сотсиализм - сотсиалистӣ, коммунистӣ ва ғайра…

в) Дар вақти сохта ва эҷод кардани терминҳои нав истифода карда шудани калимаҳои мураккаб ва сохта, хоҳ аз калимаҳои забони бошад ва ҳеҷ калимаҳои аз забонҳои дигар гирифта шудагӣ, мумкин шумурда шавад. Монанди : мошинсозӣ ва ғайра…

г) Дар вақти истифода кардани часпакҳо бояд хусусиятҳои асосӣ ва маънои ҳар як часпаки маълум ба диққат гирифта дар назар гирифта шавад, то ки замкуниҳои сунъӣ ва нодуруст ба амал наояд;

д) Дар вақти эҷод кардани терминҳои нав бояд тарҷумаи маъногии терминҳои забони дигар, ки ба забони тоҷикӣ гардонда мешавад, истифода карда шудани қонунҳои калимасозии забони тоҷикӣ роҳ дода нашавад.

Масалан, дождемер «боронсанҷ», делопроизводитель «коргузор».

Дар вақти кор карда баромадани тарҷумаҳои маъногӣ дар баъзе ҳолатҳо барои ба забон дохил кардани тарҷумаи айнан (калька) терминҳои саветӣ ва интернатсионалӣ роҳ додан мумкин аст. Вале ба дараҷае, ки суистеъмол карда нашавад. Монанди: «хунсард» ба ҷои «хладнокровие», «худамалиёт» ба ҷои «самодеятельность» дар ҷои тарҷумаи маъногӣ, ҳеҷ вакт бояд тарҷумаи механики терминҳо (аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ) кор фармуда нашавад. Монанди: Методология - усулдонӣ, биология - ҳаётшиносӣ ва дигарҳо.

е) Дар вақти кор карда баромадани терминҳои нав; терминҳои дар забони тоҷикӣ будагӣ мумкин аст, ки ба маънои нав дода шудан ба онҳо истифода карда шавад. Ин қоида барои мисол гирем, дар вақти дуруст карда шудани терминологияи баъзе истеҳсолот, ба таври васеъ истифода карда шуда метавонад (дар он ҷо мумкин аст, ки ҳиссаҳои монанди мошинаҳо, станокҳо, протсесҳои кор, терминҳое, ки дар истеҳсолоти майдаҳунармандӣ мавҷуд буда ва бо истеҳсолоти фабрик - заводӣ танг карда аз майдон бароварда шудааст, чунончи дар пахтатозакунӣ, бофандагӣ, равғанкашӣ чармгарӣ, чӯббурӣ ва ҳоказо, кор фармуда шуда метавонад), масалан: челнок - мокӯ (дар истеҳсолоти бофандагии ҳозира) пофшор, шона ва дигарҳо. Маънии нав дода шудан ба терминҳое, ки дар забони тоҷикӣ буда ва таҳлили шудаанд, ёд гирифтани протсесҳои кор карданро дар

ягон истеҳсолот, барои коргарони халқҳои маҳаллӣ низ осонтар мекунад.

Терминологияи илмӣ, техникӣ, номи мошинҳо, ҳиссаҳои (деталҳои) мошинҳо, протсесҳои кор, ки дар забони тоҷикӣ набуда ва бо индустрализатсия ва мошинонидани сотсиалистии хоҷагии қишлоқ ба зиндагонии Тоҷикистон даровarda мешавад, аксаран ба ҳамон тартибе, ки дар бисёртарин қисмати забонҳои халқҳои СССР қабул карда шудааст ва дар баробари ҳамин бо маънои байналхалқии он, қабул карда мешавад. Масалан: култиватор, трактор, мотор, формул ва дигарҳо.

Маънои нав додан ба терминҳои будагӣ дар соҳаҳои дигар низ мумкин аст, қабул карда шавад;

ж) Дар вақти муқаррар кардани терминологияи баъзе шохаҳо бояд захираҳои луғатии шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ба забони адабӣ надаромадааст, истифода карда шавад.

Чунончи: Ягон терминологияи махсус, ки бо маҳалли кӯҳӣ алоқадор аст, аз шеваҳои районҳои кӯҳӣ гирифта шуда метавонад, инчунин дар вақти кор карда баромадани терминологияи систематикии растаниҳо, минералҳо ва дигарҳо, боигариҳои луғатии шеваҳои ҷудогона (номҳои маҳаллӣ)-ро истифода кардан мумкин аст.

Дар вақти истифода кардани терминҳои шеваҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ дар ҳолате, ки барои ягон мафҳум чандин ифодаҳо бошад, ҳамон терминро қабул кардан лозим аст, ки паҳн шуда ва дар забони тоҷикӣ аз тарафи аксарият қабул карда шудааст. Мисол: … амоч (ба ҷои испор, поза) .

5. Дар забони тоҷикӣ муқаррар кардани терминологияе, ки дар шароити сохтмони сотсиалистӣ инкишоф карда мафҳумҳои шаклҳои нави меҳнат, моментҳои муборизаи синфӣ, ҳаракати инқилобӣ, сохтмони сотсиалистӣ ва ҳоказоро ифода кунад, умуман терминологияи илмҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ бояд асосан бо роҳи қабул карда шудани терминологияи интернатсионалӣ ва советӣ пеш равад. Масалан: пролетариат, капитал, сотсиализм, шовинизм , комиссариат, нота, конститутсия, конгресс, бюро, колхоз, бригада ва дигарҳо.

Ҳамин соҳаи терминология дар вақти дуруст карда шуданаш дар забони тоҷикӣ ҳушёрии махсусеро талаб мекунад ва ягон термини интернатсионалӣ ва советӣ ба ягон термини тарҷумагии тоҷикӣ дар вақте карда шуда метаваонад, ки вай эквиваленти айнӣ буда, мазмуни синфии ягон мафҳумро айнан ифода кунад ва

ба зиндагонӣ ва маишати ҳаррӯзаи сммаи васеи меҳнаткашон даромада бошад.

6. Терминологияи байналхалқии илмӣ-техникӣ дар забони тоҷикӣ асосан ба воситаи забони русӣ қабул карда гирифта мешавад ва ба ҳамин сабаб барои бо шакли ягона навишта шудани терминҳои байналхалқӣ дар забонҳои СССР транскрипсияи онҳо, ки дар забони русӣ қабул карда шудааст, мумкин аст, ки дар забони тоҷикӣ низ қабул карда шавад. (вале албатта дар доираи имкониятҳои фонетикии забони тоҷикӣ) . Дар айни замон ҳамон моментҳо ба диққати назар гирифта шавад, ки забони тоҷикӣ бино ба овозҳое, ки дар алифбои он ҳаст, метавонад, баъзе терминҳо ва исмҳои хоси интернатсионалиро, ки дар забони русӣ бо «г» талаффуз карда мешавад, айнан мувофиқи аслаш бо ҳарфи «Ҳ» ифода намояд.

Монанди: ҳамбург, ҳидрография… ва дигарҳо (ингуна калимаҳо дар луғатҳо нишон дода мещавад) .

7. Дар вақти кор карда баромадани терминологияи ягон шохаи илм дар вақти ба забони тоҷикӣ тарҷима карда гардонидани терминҳои маълуми ягон забон, набояд фаромӯш кард, ки ҳолатҳое ҳам шуда метавонад, ки як термини маълум дар як замон маънои луғавии муқаррариро низ ифода карда метавонад, ки онҳоро ҳамчун термин тарҷума кардан нодуруст аст.

Масалан: Дар забони русӣ калимаҳои предложения, коса, ключ, масса, протсес, совет. Аз тарафи дигар терминҳои худи забони тоҷикӣ, ки ба иловаи маънои луғавии дигар ҳам доранд, бояд ба ҳамин маъноҳое, ки онҳо мефаҳмонанд, муҳофизат карда шаванд. Масалан:

Санг… гиря, камень, мера длины, модда, пункт, материя.

8. «а» - и охирӣ, ки дар забони русӣ барои як қатор терминҳои байналхалқӣ қабул карда шудааст, ба забони тоҷикӣ низ асосан гирифта шавад. (чунончи: техника, физика) .

Масъалаи кор карда баромадани терминологияи забони тоҷикӣ яке аз моментҳои бисёр муҳимми сохтмонм маданӣ дар Тоҷикистон мебошанд. Дар масъалаҳои сохтмони терминологӣ сиёсати миллии лениниро ба роҳбарӣ гирифта, ба муқобили ҳамагуна качравиҳо ва уклонҳо дар масъалаи миллӣ ҳам ба муқобили **шовинизми олимақомӣ** ва ҳам бар зидди **миллатчигии маҳаллӣ** мубориза қатъӣ бурдан лозим аст.

Дар бораи имлои калимаҳои советӣ ва интернатсионалӣ

1. Калимаҳои интернатсионалӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шуда ва истеъмол карда мешавад, асосан ба воситаи забони русӣ гирифта шуда, дар вақти навиштан ба принсипҳои имлои забони тоҷикӣ итоат кунонида шавад.

2. Калимаҳои русӣ ва интернатсионалӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил шуда ба таври гуногун талаффуз карда мешавад, ба мақсади нигоҳ доштани ягонагӣ дар имло, дар таҳти қоидаҳое, ки дар поён нишон дода шудааст, мувофиқи имлои аслии худ навишта шаванд ва он қоидаҳо ба тариқи зерин аст: калимаҳои русӣ ва интернатсионалӣ, ки дар асл бо «о» навишта мешаванд, дар тоҷикӣ низ бо «о» навишта шаванд.

Монанди:

Коммунист, комсомол, колхоз, коллектив, трактор, совет, кино.

Инчунин калимаҳое, ки дар асл бо «а» навишта мешаванд, дар тоҷикӣ низ бо «а» навишта шаванд.

Ҳамчун:

Журнал, материал, пролетар, радио, сотсиализм, комиссариат.

«Ё»-и русӣ дар тоҷикӣ умуман бо «е» навишта шавад.

Мисли: Театр, Фрунзе.

Аммо агар «е» - и русӣ дар аввали калима, ҳиҷо ва баъд аз апостроф ояд, ба тоҷикӣ ба «йе» навишта шавад, Чунончи: Йевгений , Обйект.

«Э»-и русӣ ба забони тоҷикӣ ҳар вақт бо «е» навишта шавад.

Мисли: Аероплан, Екватор.

«Е»-и русӣ дар тоҷикӣ дар аввал ва охири ҳиҷои калима бо «йо» ва дар мобайни ҳиҷои калима бо «о « навишта шавад.

Монанди: йолка, счот, режиссор, суфлор.

Ҳарфи «Я»-и русӣ дар имлои тоҷикӣ агар дар аввал ва охири ҳиҷо ояд бо «йа» ва агар дар мобайни ҳиҷо ояд бо «а» навишта шавад.

Мисли: Йарославский, нойабр, валйа, сентабр, октабр, нарад.

«Ю»-и русӣ низ дар аввал ва дар охири ҳиҷои калима ба шакли «йу», вале дар мобайни ҳиҷо ба тарзи «у» ба кор бурда шавад.

Чунончи: Йурист, бйуро, буджет, еволутсия, булетен.

Ҳарфи «Ц» пас аз ҳарфи овозадор ба шакли «тс» ва пас аз ҳарфи беовоз ба шакли «с» навишта шавад.

Мисли: сотсиализм , конференсия, сексия.

Дар сари калима фақат дар исми хос ва баъзе калимаҳое, ки агар бадал шудани «ц» ба «с» маъниро вайрон кунад «тс» монда шавад.

Чунонси: тсезар, тсаризм , сирк, сех.

Калимаҳое, ки дар русӣ бо «щ» навишта мешавад, дар тоҷикӣ бо «шч» навишта шавад.

Мисли: Помешчик, шчи (шӯрбо) .

Қайд: Калимаҳои (шӯтка, йашчик) аз ин берун аст.

Ҳарфи «в» дар ҳамаи калимаҳои русӣ ва интарнатсионалӣ, ки ба забони тоҷикӣ даромадаанд, бо «в» дода шавад.

Мисли: кооператив, коолектив, актив, справка, активист.

Часпаки ( - ов, - ев, - ова, - ева), ки дар фамиляҳо меояд, ба тоҷикӣ мувофиқи аслаш нигоҳ дошта шавад.

Монанди: Шокиров, Петров, Хоҷаев, Шокирова, Петрова, Хоҷаева.

Ҳамчунин: профессор, кооператив, касса, прогресс.

Калимаҳои русӣ ва интернатсионалӣ, ки дар аввали онҳо ду ҳарфи беовоз (сомит) дар якҷо омадааст, мувофиқи аслаш навишта шавад.

Монанди: Пролетар, план, кружок, клуб.

Он калимаҳое, ки дар асл бо (ҳ) навишта шуда, вале дар русӣ бо (г) навишта мешавад, дар тоҷикӣ низ бо (ҳ) навишта шавад.

Монанди: Ҳидро, Ҳегемония.

Калимаҳое, ки дар русӣ бо (дж) истеъмол карда мешавад, ба тоҷикӣ бо (ҷ) навишта шавад. Мисли: Ҷорҷ, Орҷоникидзе.

Вале калимаҳое, ки дар русӣ бо (ж) ба кор бурда мешавад, дар тоҷикӣ низ бо (ж) навишта шавад.

Масалан: Журнал, Париж.

Исмҳои русӣ, ки дар охир (-ий, -ый ) дорад, дар тоҷикӣ бо (ий) навишта шавад.

Чунончи: М. Горкий, Грозний.

Тарҷумаи калимаҳое, ки ба забони тоҷикӣ муқаррар карда шудаанд.

1. Совет - Совет, дар ҷои «Шӯро» (ба ғайр аз номҳои кӯҳна)
2. Партия - Партия, Ударник - зарбдор.
3. Револютсия - инқилоб, Интернатсионал, Союз - Иттифоқ, Республика - Ҷумҳурият,

Съезд - Анҷуман, Секретарь - котиб.

4. Кандидат - кандидат (номзад) бо мафҳуми худаш монда мешавад.

5. Документ - Ҳуҷҷат. Президиум.

6. Термин - Термин (Дар вақтҳои зарурӣ истилоҳ низ ба кор бурда мешавад.

7. Проект - лоиҳа, Сеялка - сейалка.

8. МТС - МТС.

9. Политбюро - политбйуро.

10. ЦК - КМ ЦИК - К. И. М. Календарь - календар,

11. Конкурс - конкурс.

12. Соревнования - мусобиқа, Контроль - контрол, Следствие - Тафтиш.

13. Наблюдение - назорат, Орден - орден, Знак - нишон, Праздник - нишона.

14. Резолюция - резолйутсия, постановление, решение - қарор.

15. Протокол - Протокол, Автор - муаллиф, Поэма - поема, Эпос - достон.

16. День - отдыха - Рӯзи истироҳат, Декада - декада, Десятидневка - даҳрӯза, Редактор - муҳаррир.

17. Редакция - редаксия, Состав - ҳайат, Коллегия - маърӯза.

18. План - план, фронт - фронт

19. Журнал - журнал, элемент - унсур, станция - стансия, Аптека - дорухона

20. Библотека - китобхона, Актив - актив, Активный - фаъол, Пропаганда - пропаганда, Агитация - ташвиқот, договор - шартнома, Партиздат - Нашриёти партиявӣ, Анализ - таҳлил, Роснет - фоиз, делегат - вакил, представитель - намоянда, Уполномоченный - уполномочен, депутат - депутат, Начальник - сардор, Представитель - Садр, заведующий - мудир, Управляющий - мудир, Композитор - композитор, бастакор, Парторг - парторг, Ячейка - ячейка, Монополия - монополийа, Идеология - мафкура, Идея - ғоя, Трудящийся - меҳнаткаш, Наука - Илм, Фан, Знание - Дониш, Красный полумесяц - Ҳилоли Аҳмар, Путевка - путовка, Типография - матбаа, чопхона, Инженер - инженер, Красная доска - тахтаи сурх, Рента - рента, Наём, аренда - иҷора, Компания - компаний а, Склад - амбар, анбор, транспорт - транспорт, Конюх - саис, Интеллигент - зиёӣ, Мобилизация - сафарбарӣ, Великодержавный - олимақом, Участок - қитъа, Пауза - таваққуф, павза, Пожар - сӯхтор, Дежурный - навбатчӣ.

## 3. ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(Фармони №1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз 2- юми январи соли 1939)**

1 . Совешчанияҳое, ки дар бобати масъалаҳои сохти забон дар моҳи феврал ва дар моҳи ноябри соли 1938 аз тарафи КМ ПК (б) Тоҷикистон ҷеғ зада шуда буданд, дар соҳаи ба тартиб даровардани масъалаҳои грамматика, терминология ва орфографияи забони тоҷикӣ як қатор чорабиниҳои конкретӣ муайян карданд. Ин чорабиниҳо ба барҳам додани **архаизмҳо** ва **эронизмҳо** дар забони тоҷикӣ, ба барҳам додани ҷудоии сунъии байни забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯӣ, ба наздик кардани забони адабӣ ба забони гуфтугӯӣ, ба дар забони тоҷикӣ ҷорӣ кардани шаклҳои зиндаи забон ва **Советизмҳо** равона карда шудаанд.

2. Қарорҳои ҳардуи совешчанияро ҳамчун проект тасдиқ мекунам, ки ин қарорҳо дар давоми моҳҳои январ ва феврал ба воситаи органҳои Комиссариата Халқии Маориф музокира карда шаванд, то ки дар асоси ин музокираҳо дар соҳаи грамматика, терминология ва орфографияи тоҷикӣ қоидаҳои катъӣ тайёр карда баровардa шаванд.

3. Газетаи муаллимон, газетаи «Васияти Ленин» ва журнали «Мактаби Советӣ» ҳамин фармон ва иловаҳои ба он ҳамроҳ карда шудагиро нашр кунанд ва дар саҳифаҳои матбуот музокира кардани қарорҳои совешчанияҳои оид ба забонро ташкил кунанд.

4. Органҳои Комиссариати халқии Маориф дар вақти ҳал кардани масъалҳои баҳсноки оид ба забон қарорҳои тасдиқшудагӣ совешчанияҳои доир ба забон будагиро ба роҳбарӣ гирифта амал кунанд.

**Комиссари Халқии**
**маорифи РСС Тоҷикистон**
**Тоҷикистони Сурх 25.01.1939**
**№19 (3118)** **Пӯлотов**

**Дар бораи баъзе масъалахои забони тоҷикӣ**
**Қисми 1**

## Масъалаҳои грамматика
### Ҳиссаи 1

### Сохти ҷумлаҳо

#### 1. Ҷумлаи тобеи пуркунанда

а) Сохти ҷумлаи тобеи пуркунанда, ки хабари феълии сарҷумлааш баъд аз ҷумлаи тобеъ шудагӣ омадааст, агар ҷумлаи пайваста он қадар мураккаб набошад, бештар кор фармуда шавад.

Мисол:

1. Партия аз аъзоёни худ(аш) фидокорона кор кардан(шона) талаб мекунад.
2. «. . . Аммо чи гуна ва ба чи роҳ аз дасти Арбоб халосӣ ёфтанро намедонист» (С. Айнӣ, «Одина», саҳифаи 24)

б) Дар қатори ин тарзе, ки хабари феълии сарҷумлааш пеш аз ҷумлаи тобеъ шудагӣ омада, ба воситаи «ки» пайваста шудааст (махсусан дар мавридҳои печ дар печ шуда омадани ҷумла), ҳам кор фармуда шавад.

Мисол:

Партия аз аъзоёни худ(аш) талаб мекунад, ки фидокорона кор кунанд.

#### 2. Ҷумлаҳои тобеи муайянкунанда

а) Сохти бо ибороти сифати феълӣ таркиб ёфтагии ин хел ҷумлаҳо (шакли кӯтоҳи ҷумлаҳои тобеъ) бисёртар кор фармуда шавад.

Мисол: Дар байни мо талабагони забони русиро намедонистагӣ, нестанд;

б) Инчунин сохти пурраи ҷумлаҳои тобеъҳое, ки ба воситаи «ки» пайваста мешавад, хусусан дар сурати печ дар печ шуда омадани чумла, кор фармуда шавад.

Мисол: Дар байни мо талабагоне, ки забони русиро намедонанд, нестанд;

в) Дар мавридҳои муайян кардани замон ва макон дар қатори шаклҳои дигар, истеъмоли абароти сифати феълии суффикси «ангӣ» катӣ сохта шудагӣ ҳам дуруст ҳисоб карда шавад.

Мисол:

1. Одами шабангия (шабангиро) имрӯз боз дидам - одами шаб дидагема имрӯз боз дидам - одамеро, ки шаб дида будам (ки ба вай вохӯрда будам. . . ) имрӯз боз дидам.

2. Магазини бозорангӣ бисёр калон аст - магазине, ки дар бозор ҳаст, бисёр калон ҳаст.

г) Поёнангӣ барин ҷумлабандиҳо ҳам дуруст ҳисоб карда шаванд:

**1.** Номи шаҳри Горький зоида шудагӣ Нижный Новгород аст - номи шаҳре, ки Горький дар он ҷо зоида шудааст, Нижный Новгород мебошад.

**2.** Нижный Новгород шаҳрест, ки Горький дар он ҷо зоида шудааст.

### 3. Ҷумлаҳои тобеи хилофӣ

а) Сохти «бошад ҳам» кати сохта шудагии ин гуна ҷумлаҳо бештар кор фармуда шавад.

Мисол:

1. Вай, мутахассис бошад ҳам, дар ин кор ҳеҷ чиза намефаҳмад.

2. Ҳарчанд мутахассис бошад хам, вай дар ин кор ҳеҷ чиза намефахмад.

3. Дарахтони мевадори ин чорбоғ кам бошад ҳам мева доштанд. («Ғуломон», саҳифаи 282) .

б) Тарзҳои дигари ин хел ҷумлаҳо ҳам ба кор бурда шаванд.

Мисол:

1. Гарчанде ки (агарчанде ки) вай мутахассис аст, бо вуҷуди ин дар ин кор ҳеҷ чиза намефаҳмад.

2. Бо вуҷуди ин ки вай мутахассис аст, аммо (лекин) дар ин кор **ҳеҷ чиза** намефаҳмад.

3. Бо вуҷуди мутахассис буданаш, вай дар ин кор **ҳеҷ чиза** намефаҳмад.

### 4. Ҷумлаҳои тобеи сабабӣ дар қатори сохтҳои:

1) Бинобар он ки (барон ин ки, аз барон ин ки, азбаски, ба сабаби он ки) ман нарафтам, ту хафа шудӣ.

2) Бинобар (бо сабаби, аз сабаби) нарафтанам (нарафтани ман), ту хафа шудӣ, - истеъмоли сохти - «ман норафтанба (норафтани ман ба) ту хафа шудӣ» ҳам дуруст ҳисоб карда шавад.

### 5. Ҷумлаҳои ғайри тобеи муқобили якдигар гузошта шудагӣ

Ба истеъмоли сохти бо «. . . не, балки . . . » таркиб ёфтагии ин хел ҷумлаҳо роҳи васеъ до да шуда, дар баъзе ҷойҳо сохти «. . . не, балки» кати сохта шудагиаш ҳам кор фармуда шавад.

Мисол:

1. Муросочиён ба фоидаи халқ не, балки ба фоидаи душманони халқ кор мекунанд.

2. Муросочиён на ба фоидаи халқ, балки ба фоидаи душманони халқ кор мекунанд.

### 6. Ҷумлаҳои зарурията ифода мекардагӣ

Ин хел ҷумлаҳо ду хел шакл кати сохта шаванд:

а) дар охири ҷумла бо гузоштани «даркор» («лозим, зарур»), баъд аз шакли инфинитив (бе бандакҷонишин ва инчунин бо бандакҷонишин).

Мисол:

Ин китоба хондан(амон) даркор (лозим, зарур).

б) Бо гузоштани «бояд (ки)» дар аввали ҷумла ва шакли шартии феъл дар охири ҷумла. Чунончи:

1. Бояд (ки, ин ки) ин китоба хонем.
2. Бояд (ки, ин, ки) ин китоб хонда шавад

### 7. Ҷумлаҳое, ки имконият ва тавоногиро ифода мекунанд

а) Сохти феъли тавоногии дар охири чумла омадагии ин хел ҷумлаҳо бештар кор фармуда шавад.

Мисол:

Мо ин нишондодҳоя иҷро карда метавонем.

б) Истеъмоли сохти ин гуна ҷумлаҳо ки «тавонистан» дар шакли ҳикоягӣ (бе «ки» ва бо «ки») дар аввал ва феъли дигар дар шакли шартӣ баъд аз он гузошта шудааст, ҳам дуруст ҳисоб карда шавад. Аммо, феъли баъд аз тавонистан омадагӣ бо префикси «би» азбаски шакли архаистӣ буда, ба забони зиндаи имрӯзаи тоҷик бегонааст, кор фармуда нашавад.

Мисол:

1. «Мо метавонем (ки) ин вазифаҳоя иҷро бикунем» не, балки мо метавонем (ки) ин вазифаҳоя иҷро кунем».
2. «Мо метавонем бигӯем» не, балки «мо метавонем гӯем».

в) Ба истеъмоли шаклҳои «метавон гуфт, метавон кард» роҳ дода нашавад. Ба ҷои ин шакли архаистӣ шаклҳои зиндаи дар поён нишон дода шудагӣ ба кор бурда шаванд:

1. Мо гуфта метавонем, ки Аҳмад аз ӯҳдаи ин кор мебарояд.
2. Ахмад аз ӯҳдаи ин кор мебарояд, гуфта метавонем.
3. Гуфтан мумкин(аст ки) Ахмад аз ӯҳдаи ин кор мебарояд.

## Ҳиссаи 2
## Категорияҳои калима (ҳиссаҳои нутқ)
### 8. Исм

( а) Исмҳое, ки бо суффикси «от» сохта шудаанд ва онҳое, ки овозҳои I решаашон дигаргун шуда, дар забони арабӣ бояд, бисёриро (ҷамъро) мефахмонанд, лекин дар забони тоҷикӣ танҳоро (муфрада) ифода мекунанд, бинобарин ин гуна исмҳо хамчун шакли танҳо кор фармуда шуда, дар ҷойҳое, ки ҷамъсозӣ мумкин аст, ҷамъ аз рӯи қоидаҳои забони тоҷикӣ, яъне ба воситаи суффиксҳои «ҳо, он, ён» сохта шавад.

Мисол: Ташкилот - ташкилотҳо, аъзо - аъзоён - аъзоҳо, хуқуқ - хуқуқҳо.

б) Дар ҳангоми таърих нишондиҳӣ номи моҳ бо сол таркиби изофӣ кати баста шавад.

Мисол:

Ноябри соли 1938.

в) Номуайянӣ ва танҳоӣ дар қатори суффикси «е - йе» шумораи «як» кати ҳам ифода карда шавад.

Мисол:

Дар маҷлис як колхозчӣ баромада бисер нагз гапзад - дар маҷлис колхозчие баромада бисёр нагз гапзад.

г) Барои таъйин кардани соҳибӣ дар баробари таркиби изофӣ шакли «Аҳмада китобаш» ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: Ин китоби Аҳмад - ин Ахмада китобаш.

д) Ҳолати пуркунандагии интиҳо шаклҳои поёнангӣ кати ифода карда шавад.

а) Бо пешояндҳои «то», хам «ба»

Мисол: Ту то ба куҷо меравӣ? То ба мактаб меравам.

б) Бо пешоянди «то» хам суффикси «а - я». Мисол: То куҷоя рафтӣ? То Фарғоная рафтам.

в) Танҳо пешоянди «то» ӯати.

Мисол: Аз ин ҷо то Ҳисор, метозад қатор-қатор.

### 9. Шумора

а) Дар охири шумораҳо ба ҷои суффикси архаистии «то» шакли зинда ва ба тамоми шеваҳои тоҷикӣ умумӣ будагӣ «та» кор фармуда шавад. Мисол: Сета, чорта.

б) Ба ҷои шумораи тартибии «дуввум» ва «севвум» доимо «дуйум» ва «саййум» кор фармуда шавад.

в) Шаклхои «чаҳор», «чаҳордаҳ», «чиҳил» кор фармуда нашаванд, ба ҷои ин шаклҳои «чор, чорда, чил» кор фармуда шаванд.

## 10. Ҷонишин

а) Шакли махсуси ҷонишинхои шахсй, ки ба суффиксҳои «ҳо, ён» сохта шуда, ҷамъро ифода мекунанд, қабул карда шавад.

Мисол: Моҳо мехонем - моён мехонем.

б) Шаклҳои «мо, шумо» хам барои ҳурмат, ҳам барои ҷамъ кор фармуда шавад.

Ба ҳамин тариқ ҷонишинҳои шахсӣ дар забони тоҷикӣ ҳаминҳо

| содда, танҳо | эҳтиром | ҷамъ |
|---|---|---|
| 1. ман. 2 ту. 3 Вай, ӯ, он | Мо, шумо, вай кас, он кас, ин кас | Мо - моҳо - моён, шумо - шумохо - шумоён, вайҳо, онҳо |

в) Истеъмоли шаклҳои «худаша, худашона» дуруст ҳисоб карда шавад.

г) Шакли «кадоме ки» тамоман кор фармуда нашавад.

д) Ба вазифаи ҷонишине, ки соҳибй ва мансубията мефаҳмонад, шакли «азони» кор фармуда шуда, шакли «айни» истеъмол карда нашавад.

е) Ҷонишинҳо бандак катй дар чунин шаклҳо кор фармуда шаванд:

1. Ман - маро, мо - моро, моҳо - моҳоя, моёна.
2. Ту - туро, шумо - шумоя - шуморо, шумоҳоя, шумоёна.
3. Вай - вая, ӯ - ӯро, вайҳо - вайҳоя, онҳо - онҳоя - онҳоро.

## 11. Зарф, пешоянд, ҳиссачаҳо

а) Ёридиҳандаи тасдиқӣ ба шакли умуман «ҳа» кор фармуда шуда, дар ҷойҳои махсус истеъмоли «бале, оре, дуруст, тугрй» дуруст ҳисоб карда шавад. Еридиҳандаи манфй ба шакли «не» кор фармуда шавад.

б) Ба вазифаи нишон додани ҳолати пуркунандагии сӯй пешоянди «ба» ҳамчун пасоянд хам кор фармуда шавад.

Мисол:

УС - Ман бозорба меравам, ман ба бозор меравам. Ин пешоянд ва пасоянд барои нишон додани макон, ҷои ҳаракат ҳеҷ гоҳ кор фармуда нашавад.

Мисол:

1. «Ба ман китоб ҳаст» не, балки «дар ман китоб ҳаст».

2. Ту кучҷоба будӣ не, балки «ту дар кучо будӣ».

в) Дар қатори пасоянди «бо» барои нишон додани ҳолати пуркунандагии восита ва ҳамроҳи пасоянди «кати» (қати) ҳам (ки чудо навишта мешавад), кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Бо сиёҳӣ нависед - сиёҳӣ катӣ нависед.

3. Май ҳам шумо кати меравам.

г) Дар ҳолати пуркунандагии бевосита баъд аз бесадоҳо бандаки «а» ва баъд аз садонокҳо «я, ро» кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Китоба чанд пулба харидед?

3. Рафиқ Ленин бачаҳоя дӯст медошт - Рафиқ Ленин бачаҳоро дӯст медошт.

Дар баъзе ҷойҳо агар маъно дигар мешудагӣ бошад, баъд аз бесадоҳо «ро» кор фармуда мешавад.

Мисол: «Рафиқ Ленин бачагона дӯст медошт не, балки «Рафик Ленин бачагонро дӯст медошт».

д) Дар баробари шаклҳои дигар (барои чӣ, аз барои чӣ, ба чӣ сабаб, аз чӣ сабаб) шаклҳои «чаро» ва «чиба» ҳам кор фармуда шавад. Мисол:

Ту чаро дарсба дер омадӣ? - Ту чиба ба даре дер омадӣ?

е) Ҳиссаҳои «мӣ, ку, чӣ, а, я, дия, оя, канӣ (канӣ), наход ки, нахо, магар ва калимаҳои «мӯл (бисёр), бутун, камакак, андак, пичӣ, аник, тӯгрӣ, туппатӯгрй, андак - мундак, топторик, якка ба якка, ябала ва монанди инҳо васеътар кор фармуда шаванд.

1. Ту ба маҷлис рафтимӣ?

2. Оё ин корат хубаст?

3. Қанӣ, ба ман нишон диҳед-чӣ!

4. Якдам сабр карда наистодаӣ-дия.

5. Андак истем гуфтам-а!

6. Наход ки надонӣ?

7. «Якто гап гӯям, намеранҷӣ-ку?» (Лоҳутӣ)

8. Магар гапи мана нашунидӣ?

(г ж) Суффикси «ино», ки ҷамъи ҳамроҳӣ - шарикиро ифода мекунад, кор фармуда шавад.

Мисол:

1. Акамино омада истодаянд - акам бо онҳое, ки ҳамроҳи вай ҳастанд, омада истодаянд.

2. Хонаи Қосиминоба рафта омадем.

## 12. Феъл

а) Ҳаргоҳ «ҳаст, аст» ба кор бурда шавад, «ҳай, ай» кор фармуда нашавад.

б) Баъд аз хабарҳои номӣ (предикатҳои номӣ) дар баробари бандакҳо кор фармудани феъли «ҳаст» ҳамроҳи бандакҳо дуруст ҳисоб карда шавад. Инчунин бе ҳеҷгуна бандакҳо кор фармудани хабарҳои номӣ мумкин аст.

Мисол: 1. Шумо кй - шумо кистед - шумо кӣ ҳастед?

2. Ман муаллим - ман муаллимам - ман муаллим ҳастам.

5) Дар феълҳои нақлӣ (ба ғайр аз шакли танҳои шахси сейум) пеш аз бандакҷонишинҳо дар байни ду садонок «е» илова карда хам кор фармудан мумкин аст.

Гӯё, ман рафта будаям - гӯё, ман рафта будаам.

3. Вайҳо рафта будаянд - вайҳо рафта будаанд.

г) Дар шакли танҳоӣ шахси сейум аз аввали бандаки «аст» овози «а» - ро партофта кор фармудан хам дуруст ҳисоб карда шавад.

Мисол: Аҳмад омадааст - Аҳмад омадаст.

д) Шаклҳои эҳтимолии поёнангӣ ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Аҳмад омадагист.

2. Вай ҳам мерафтагист.

е) Ба вазифаи гузаштаи мутлақ ин шаклҳои феълӣ ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Ман ин китоба хондагӣ.

2. Ман то ҳол хондагим не.

ж) Шаклҳои фармоиш бо префикси «би - бу» ҳам кор фармуда шавад.

Мисол: 1. Ту хон – ту бихон

2. Ина бин – ина бубин

з) Дар шахси дуйум дар баробари «ед» ҷамъ бо «етон» ҳам сохта шавад. Шакли «ёд» кати сохта шудагӣ барои эҳтиром ҳам кор фармуда шавад:

Мисол: 1. Бачаҳо тозетон – бачаҳо тозед.

2. Рафиқҷон, қаламатона диҳед.

и) Феъли «намудан» ба вазифае, ки феъли «кардан» адо мекунад, кор фармуда нашавад.

Мисол: 1. «Колхози мо рлани пахтасупория аз мӯҳлат пеш иҷро намуд» не, балки «колхози мо плани пахтасупория аз мӯҳлат пеш иҷро кард».

2. «Имзои маро тасдиқ намоед» не, балки «имзои маро тасдиқ кунед».

к) Чунин шаклҳои пайвастаи феълӣ васеътар кор фармуда шаванд:

1. Кашида гирифтан.
2. Гирифта оварданд.
3. Бурда расонданд.
4. Гуфта додан.
5. Шикаста мондан.
6. Гирифта партофтан.
7. Рафтан гирифтан ва дигарҳо.

л) Феълҳо боҳодисаҳои афтидан ва ихтисорёбӣ кор фармуда нашаванд.

Мисол: 1. «Хонсос» не «Хонда истодааст - хонда истодаст».

2. Кората каран гир не, балки «кората кардан гир».

н) Шакли «<u>бояд кард</u>» ҳамчун шакли архаистӣ кор фармуда нашавад.

Маънои ин бо шакли «бояд карда шавад» ё ки бо шакли автив ифода карда шавад.

м) Феъли оянда ба шакли «хоҳад кард» ҳамчун шакли архаистй кор фармуда нашавад.

Мисол: «Мо корамонро хоҳем кард» не, балки «мо корамонро мекунем».

н) Ба ҷои шаклҳои «нишастан, шустан, коб, ёб» шаклҳои «шиштан», «шуштан», ков, ёв кор фармуда шавад.

## Қисми 2

## Дар бораи масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ

### 1. Забони тоҷикӣ бояд бо чунин роҳҳо аз терминҳои нав пур карда шавад.

Якум:

Ба ҳисоби аз калимаэҷодкуниҳои оммаи меҳнаткаши тоҷик ва аз захираҳои ғун шудагии калимагӣ, ба таври васеъ фонда бурдан. Мисол:

а) Терминҳои политикӣ-экономикӣ.

Ҳукумат. Ҳокимият. Меҳнат. Кор. Коргар. Деҳқон. Халқ. Пешво. Пойтахт.

б) Терминҳои философӣ: Ҳақиқат. Фикр. Инкор. Ҳастӣ.

в) Терминҳои физикӣ ва химия гӣ: Об. Оҳан. Рӯшноӣ. Ҳаво.

Дуйум:

- Ба ҳисоби терминҳои интерналионалӣ ва Советизмҳои маънои илмӣ-техникадор дар асоси сохтмони социалистӣ ба вуҷуд омадагӣ.

Терминҳои русӣ ва интерналионалия фақат ба шарте ки дар забони тоҷикӣ мувофиқи мазмуни онҳо айнан эквивалентташон бошад, тарҷума кардан мумкин аст.

Мисол:

а) Терминҳои политикӣ - экономикӣ:

Большевик, колхоз, конституция, конъюнктура, кризис, эксплуатация , фронт, монополия, план, капитал, конкуренция, партия, республика, революция, Советӣ, Союз, ударник, указ ва ғайраҳо.

б) Терминҳои философӣ:

Материализм, идеализм, агностика, анализ, синтез, диалектика, метафизика, формализм, материя, объект, субъект, механизм ва ғайра.

в) Терминҳои химиягӣ:

Азот, водород, кислород, гидрат, графит, аммиак, спирт, хлор, бром, электролиз ва гайра.

г) Терминҳои физикӣ:

Ампер, аппарат, арматура, амплитура, изоляция, ричаг, инерция, киловатт, газометр, диффузия ва ғайраҳо.

д) Терминҳои илмӣ - техникӣ:

Трактор, комбайн, аэроплан, автомобиль, аллюмин, конвейер, элеватор, автомашина, электротехника, конструкция ва ғайраҳо.

Ҳамаи терминҳои интерналионалӣ ва советӣ, аз русӣ ва ё ба воситаи русӣ даромадагӣ ба шакли русиаш риоя карда қабул карда мешаванд. Охир ва аввали терминҳо фақат дар мавриде, ки мувофиқи грамматикаи забони тоҷикӣ, тарҷумаи онҳо мумкин ва дуруст бошад, ба воситаи суффикс ва префиксҳо тағйир дода мешаванд.

Мисолҳо барои терминҳои бе ҳеҷ гуна тағйиркунӣ қабул карда мешудагӣ:

Партия, техника, техник, энергия , марксист, дарвинизм, большевик, мобилизация, комсомолец, комсомолка, радистка, машинистка, телефон, республика, революция, план, союз ва ғайраҳо.

Мисолҳо барои терминҳои бо баъзе тағйиркунӣ (ба воситаи суффикс ва префиксҳои ӣ, гӣ, вй, чӣ, чигӣ, она, бо, бе ва ғайра) қабул карда мешудагӣ:

Колхочӣ. Социалистӣ. Социалӣ. Деҳқонзан. Партиягӣ, партиявӣ. Революционӣ. Большевикӣ. Большевикона. Ударникона. Автономиягӣ. Принципиалӣ, бо принцип. Колониалӣ, колония гӣ. Обломовчигӣ. Бепартия гӣ ва ғайраҳо.

Эзоҳ: исмҳои макони охирашон «щина» дор бе ҳеҷ тағйиркунӣ қабул карда мешаванд: киевщина.

Сайӯм:

Ба ҳисоби бо роҳи калка (айнан тарҷумакунӣ) сохтани калимаҳои нав, ба шарте, ки терминҳои бо ҳамин тарз сохта шудагӣ мазмуни термини тарҷума карда мешудагиро дуруст ва пурра ифода карда тавонанд. Мисол:

Нишондод. Худтанқидкунӣ. Худомӯзӣ. Галаситора. Ҳамсаф. Мошинасозӣ. Нонпазӣ.

Дар вақти аз терминҳои диалектҳои гуногуни як фаҳм якчанд ном дошта бошад, термини дар бисёртарин лаҳҷаҳо машҳури онҳоро қабул кардан лозим аст.

Мисол:

Амоҷ, на ин ки испор, сипор, поза.

Обмӯрӣ, на ин ки обчин.

2. Барои ба каҷфаҳмиҳо роҳ надодан, қайд карда мешавад, ки як калима ба ягон фаҳми илм, техника, адабиёт ва ғайра термин шуда, айни ҳамон калима дар дигар мавқеъҳо бо маъноҳои гуногун, бо маъноҳои луғатиаш ҳам истеъмол карда мешавад.

Мисол: кор, ҷонишин, асар.

3. Терминҳои архаистӣ ва терминҳои аз дигар забонҳо (арабӣ, форсӣ), ки дар забони тоҷикии ҳозира мустаҳкам ҷой нагирифтаанд, бояд аз истеъмол бароварда шаванд.

4. Калимаҳои арабии тоҷикӣ шуда рафтагӣ тамоман ба қонунҳои калимасозии забони тоҷикӣ итоат мекунанд.

Мисол:

Акс, акскунӣ, аксшавӣ ва акскунондан на ин ки инъикос, инъикоскунӣ, инъикосшавӣ ва инъикос кардан: аъзо (дар тоҷикӣ танҳо), на ин ки узв, аъзоҳо(ён), на ин ки аъзо (ҷамъаш)

Сир ҷамъаш сирҳо, на ин ки асрор.

Ҷамъи шахс шахсҳо, на ин ки ашхос.

Қатл, қатлшуда, на ин ки мақтул, мақтула.

## Қисми 3
## Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ

### Ҳиссаи 1. Имлои калимаҳои интернационалӣ ва советизмҳо

**1. Калимаҳои интернационалӣ ва советизмҳои ба забони тоҷикӣ аз русӣ ва ё ба воситаи забони русӣ даромадагӣ айнан бо ҳарфҳои тоҷикӣ навишта мешаванд:**

Мисол: Колхоз, комсомол, коллектив, план, банк, аэроплан, кооперация ва монанди инҳо.

2. «Я» - и русӣ дар тоҷикӣ бо «йа», «ю»-и русӣ бо «йу», «ё» - и русӣ бо «йо» навишат мешавад. Мисол:

|Октйабр, революйутсия, зайом.

3. «ы»и русӣ дар тоҷикӣ бо «и» «э» ва «е» - и русӣ бо «е» навишта мешавад («е» агар дар аввали ҳиҷо омада бошад, дар тоҷикӣ бо «йе» навишта мешавад) .

Мисол: Лижа, електрик, Йефимов, Вересайев.

4. Дар баъзе калимаҳои хориҷии ба воситаи забони русӣ мегирифтагиамон будагӣ овози «х» агар дар русӣ бо «г» навишта шаванд, дар тоҷикӣҳам бо «г» навишта мешаванд.

Мисол: Гидростансий а, гектар, Гегел.

А дж» - и русӣ дар тоҷики бо «ҷ» навишта мешавад.

Мисол: Орҷоникидзе.

5. «Ц» - и русӣ дар тоҷикӣ бо «тс», «щ» бо «шч» навишта мешавад. Мисол: Сотсиализм , комсомолец, шчорс, помешчик, баршчина.

6. «ов», «ов», «ев», «ев» - и русии охири фамилия гӣ дар тоҷикӣ бо «ов», «ова», «ев», «ев», «ева», «йев», «йева» навишта мешавад.

Мисол: Каримов, Қобилова, Куйбишев, Куйбишева, Алий ев, Алий ева.

7. «йе» ва «ия»-и русӣ дар тоҷикӣ бо «ийа» навишта мешавад. Мисол:

Правленийа, демократийа.

8. «ь» - и дар баъзе калимаҳои русӣ меомадагӣ, агар пеш аз овози садонок биёяд, дар тоҷикӣ бо «й» навишта мешавад. Мисол:

Илйин, Булйон.

Ю. Калимаҳои русии ба забони тоҷикӣ даромада, тоҷикӣ шуда рафтагӣ мувофиқи талаффузи тоҷикиашон навишта

мешаванд. Мисол: чойник, самовар, мошина, киросин, чутка, минут.

## Ҳиссаи 2
## Имлои калима ва шаклҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ

1. Овози бесадои «м», ки пеш аз овози бесадои «б» бо «н» навишта мешавад, минбаъд бо «м» навишта шавад.

Мисол: Амбор, амбӯр, шамбе, тамбӯр, думба.

2. Агар «й й» баъд аз садоноки «и» биёяд, мувофиқи талаффузаш доим бо «й» навишта шавад. Мисол:

Адабийот, нашрийот, ҳокимийат.

3. Сифати таъкидӣ бе ҳеҷ гуна аломат баҳам пайваста навишта мешавад.

Мисол: сапсафед, супсурх, забзард, типторик, кабкабуд.

4. Калимаҳои мураккаби бо бандаки «у» сохта мешудагӣ бе хеҷ аломат пайваста навишта мешавад. Мисол:

Омадурафт, гуфтугӯ, хуфтухоб, хӯрдухӯрок, давуғеҷ, нархунаво, асбобуанҷом.

5. Калимаҳои «қуфл», «китф» мувофиқи талаффузи ҳақиқиашон «қулф», «китф» навишта шаванд.

6. Шакли «аст» факат бо феъл ҳамроҳ навишта мешавад (дар дигар мавридҳо ҷудо навишта мешавад) . Мисол:

Рафтааст, хӯрдааст, будааст, гирифтааст; Ин Аҳмад аст, нағз аст, китоб аст.

Эзоҳ: «аст» - а баъд аз овозҳои садонок бо шакли «аст» кӯутоҳ карда навиштан ҳам мумкин аст. Дар ин маврид «ст» доим, албатта ба калимаи пешангӣ пайваста навишта мешавад.

Мисол:

Кист, чист, ин кори калонест, дар ихтиёри онҳост, китоби туст, роҳи мо инсӯст.

«на» - и нафъи бо феълҳо якҷоя навишта мешавад, бандаки нафъии «на», «не» аз калима ҷудо навишта мешавад.

Мисол: накард, нагуфт, на кор мекунад ва на мехонад.

Суффикси «мӣ», «ку», «чӣ», «дия», «а» бо дефис ( - ) навишта мешавад.

7. Апостроф дар чунин ҷойҳо кор фармуда мешавад:

а) Барой чудо кардани ҳиҷоҳои калима. Мисол: мас - ул, мас - ала, ҷам - ият.

б) Дар охири он ҳиҷоҳое, ки овози ҳақиқии чуқури ҷарангнокро доранд.

Мисол: ма - лум, а - зо, ман - , шам - , ҷам - .

8. Ҳама калимаҳои монанди «мубориза» бо «и» (бо «а» не) навишта шаванд.

Музокира, муомила, муносибат, мунозира.

9. Ҳамаи калимаҳои монанди «пайдарпай» пайваста навишта шавад.

Мисол: Рӯзторӯз, солбасол, думбадум.

10. «Ба ин восита», «дар ин бора», «дар ин хусус» ҷудо - ҷудо навишта мешавад.

11. «Ҷудо» на ин ки «ҷидо», «супориш» на ин ки «сипориш» навишта шавад.

12. Ба ҷои гурусна, нишастан, нақора, болқа, қоз ва ғайра ба имлои онҳо шакли умумӣ дода, мувофиқи талаффузашон навишта шавад.

Мисол: Бекасам, тасп, сабат, ғунҷидан, ғеҷидан, гушна, шиштан, нағора, болқа, ғоз.

13. Калимаҳои мураккаби зерин доим пайваста навишта шаванд:

а) Дарҳақиқат, азбаски, дарбораи, бавоситаи, бевосита, чунонки, чунончи, инчунин, ҳамчунин, чихел, ингуна, интавр, ҳаминхел, ҳамингуна, ҳаминтавр, дарқаҳр, дарғазаб, баракс, бархилоф, 20 солбоз, ҳарсол, бинобарин, интараф, онтараф.

б) Пешрафт, пешкаш, пешрав, пешқадам, пасафтод, пасмонда, бадгап, бадрафтор, бадахлоқ, бадбин, бадҳайбат, хушнамуд, хушманзара, хушхулқ, некном, нодаркор, нокас, ночиз, ночор.

в) Коркунанда, пулгиранда, нонхӯрда, калоншаванда, ҷойраванда, кордароранда, додашуда, навишташуда, пухташуда.

г) Худомӯзӣ, азхудкунӣ, пахтатозакунӣ, интихобшавӣ, интихобкунӣ, заёмнависонӣ.

д) Панҷбор, даҳбор.

«Тоҷикистони Сурх» 25. 01. 1939 №19
«Тоҷикистони Сурх» 26. 01. 1939 № 20

**Аз тарафи СКХ РСС Тоҷикистон 21-уми январи соли 1941 бо қарори № 55 тасдиқ карда шудааст**

# ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ОРФОГРАФИЯИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар тартиб додани орфография хусусиятҳои морфологӣ, фонетикӣ ва сохти синтаксисӣ ҳам тенденцияи муайяншудаи инкишофи забони адабии имрӯзаи тоҷик асос дошта шудааст.

## I. ОРФОГРАФИЯИ САДОНОКҲО

§ 1. Ҳарфи **ё** дар миёна ва дар охири калимаҳо кор фармуда мешавад: бед, мех, теғ, тема, мева, китобе, дафтаре, ҷамъе, шамъе ва м. ин.

§ 2. Ҳарфи **ё** дар сари ҳиҷоҳо (ҳам дар аввал, ҳам дар миёна, ҳам дар охири калима) ва инчунин дар миёнаи калима баъд аз аломатҳои сакта ҳам ҷудоӣ ва дар охири калима танҳо баъд аз аломати ҷудоӣ овози **э** (ё й - ётбарсар), яъне овозҳои **ё** ва **э**-ро, ки якҷоя талаффуз карда мешаванд, ифода мекунад: етак, елим, Ефим, объект, Приморье, съезд, пьеса, проект, хонае, кӯчае ва м. ин.

§ 3. Дар ҳиҷои баста пеш аз **ҳ** ва аломати сакта **и** не, балки **е** навишта мешавад: меҳр, меҳмон, меҳнат, зеҳн, беҳ, Деҳнав, фотеҳ, меъда, шеър, толеъ ва м. ин.

§ 4. Ҳарфи **ё** дар сари ҳиҷоҳо ҳам дар аввал ҳам дар миёна ҳам дар охири калима ва баъд аз аломатҳои сакта ва ҷудоӣ овози йо (ё-и ётбарсар), яъне овозҳои **й** ва **о**-ро, ки якҷоя талаффуз карда мешавад, ифода мекунад: Ёдгор, Яҳё, сайёҳ, сайёра, муҳайё, ихтиёр, иштиёқ, ёлка, съёмка ва м. ин.

§ 5. Калимаҳои **ё**-дорӣ советӣ–интернационалӣ мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: самолёт, пулемёт, развёрстка, режиссёр, слёт, чертёж, актёр ва монанди ин.

§ 6. а) Дар ҳиҷои сеюми калимаҳои сохти зерин ҳарфи **а** не, балки ҳама вақт ҳарфи **и** навишта мешавад: мубориза, мунозира, муҳокима, музокира, мусоҳиба, мухобира, мубоҳиса, мудофиа, муболиға, мусобиқа, муносибат, мушоҳида, мутолиа, муҳосира, муомила муҳодиса ва м. ин;

б) дар ҳиҷои дуюми калимаҳои рахти зерин, ки дар навиштанашон мешавад: альпо, карпатҳо ва монанди ин.

§ 7. Ҳарфи ж дар оғоз ва охири калима навишта мешавад: жола, жарф, жулида, аждар, нажод, пажуҳиш, аждаҳор, лағжидан, каждум, бож, диж, жанр, жаргон ва амсоли инҳо.

§ 8. Ҳарфи й дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар аввал, мобайн ва охири калима: йигит, йурга, кайҳон, майдон, айвон, айём, айёр, чой, вай, ҷой, кай, рой;

б) ҳарфи **й** пеш аз садонокҳои а, у, о, е, ояд дар якҷоягӣ бо ин садонокҳо бо як ҳарф (ётбарсар) навишта мешавад: й+а=яй+у=ю, й+о=ё, й+е=е якҷоя Юсуф, дарё, поя, чою нон, ёру бародар, рӯе дилкаш ва ғайра.

в) дар мобайн ва охири калима дар байни садонокҳо дар талаффуз ҳамсадои й афзоиш ёбад хам, навишта намешавад барои, хонаи нав, чораи бечорагон, моҳии тилло, шураи деҳа, орзуи дерина ва ғайра. Вале калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ хамсадои й доранд аз ин қоида истисно мебошанд. чой (чойи кабуд) пой (пойи рост) мӯй (мӯйи сафед) рӯй (рӯйи зебо) ва ғайра.

§ 9. Ҳамсадо ин пеш аз ҳамсадои **бм** талаффуз шавад ҳам, ҳарфи н навишта мешавад: шанбе, анбар, анбор, занбар, санбӯса, занбӯр, анбӯр, пунба, сунба, сунбул, танбал, танбӯр, дунба ва ғайра.

§ 10. Дар сари калимаҳое, ки овози **э** шунида шавад **э** навишта мешавад : **Эрон, экипаж, экономика** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ :** Дар сари калима дар ҳиҷои баста пеш аз **ҳ** ва аломати сакта **е** не, балки э (**е – и чаппа**) навишта мешавад: **эҳсон, эҳтимол, эҳтиёт, эълон, эътибор, эътироф, эътироз** ва м. ин.

§ 11**.** Ҳарфи **э** дар калимасозиҳо дар ҷои худаш муҳофиза карда мешавад : **бо эътибор, симэлак** ва м. ин.

§ 12. Ҳарфи **ю** дар сари ҳиҷоҳо ҳам дар аввал, ҳам дар миёна, ҳам дар охири калима ва баъд аз аломати сакта ва ҷудоӣ овози **йу** ( **ю–и** ётбарсар), яъне овозҳои **й** ва **у-** ро, ки якҷоя талаффуз карда мешавад, ифода мекунад: **юнучқа, юрист, союз, июнь, июль, Ньютон, Нью – Йорк** ва м. ин.

§13. Садоноки **ю** ва **йу,** яъне овозҳои **й** ва **ӯ**–ро, ки яклухт гуфта мешаванд, низ ифода мекунад : **юрға, Юлдош, юрма** ва м. ин.

§14. Ҳарфи **я** дар сари ҳиҷоҳо ҳам дар аввал, ҳам дар миёна, ҳам дар охири калима ва баъд аз аломати сакта ва ҷудоӣ овози **йа** (**я** –и ётбарсар), яъне овозҳои **й** ва **а-**ро, ки якҷоя талаффуз карда

мешаванд, ифода мекунад : **Яҳъё, як, ях, аҳамият, тарбия, суян, январь, фаъолият, гирья, ҳадья** ва м. ин.

§ 15. Дар охири калимаҳо, дар он ҷое, ки изофа нест, доимо **ӣ** навишта мешавад: **моҳӣ, Ғанӣ, олӣ, оддӣ, қайчӣ, тӯтӣ, биҳӣ, аҳолӣ, хонагӣ, деворӣ, хондӣ, мехонӣ, туӣ, ту студентӣ.**

**ЁДОВАРӢ :** 1) Пайвандакҳои, **ки** ва **чи** барои фарқ кардан аз пурсишҷонишинҳои, **кӣ** ва **чӣ** бо **и** (**ки, чи**) навишта мешавад.

2) Дар **тараққӣ**, **ялаққӣ** барин калимаҳо, дар охирашон зада наафтад ҳам, **ӣ** навишта мешавад.

3) Дар мавриди калимасозӣ ва калимабандӣ **ӣ** дар миёна монад, ба **и** табдил меёбад : **аҳолӣ** – **аҳолии шаҳр, моҳӣ - моҳигир** ва м. ин.

4) Баъзе калимаҳои советӣ – интернационалӣ, ки бо **и** тамом шудаанд, мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: **Тбилиси, Боржоми, Батуми** ва м. ин.

§ 16. Ҳарфи **ӯ** дар **рӯда**, **мӯза**, **сӯян**, **ғӯза**, **кӯза**, **сӯз**, **нӯш**, **пӯш**, **ҷӯй** барин калимаҳо навишта мешавад.

§ 17. Агар ҳарфи **ҳ** ва ё аломати сакта бо **у**-и пеш аз худ омадагӣ як ҳиҷои бастаро ташкил кунад, дар он вақт **у** не, балки **ӯ** навишта мешавад : **сӯҳбат, мӯҳтарам, ӯҳда, шӯъба, мӯътадил, мамнӯъ, мӯътабар** ва м. ин.

## II. ҲАМСАДОҲОИ ТАКРОРШУДА

§ 18. Дар баъзе калимаҳо як ҳамсадои дар байни ду садонок меомадагӣ шиддатнок, дарозтар талаффуз кардашуда, дар навишт бо ду ҳарф навишта мешавад: **муддат, тилло, баққол, аввал, арра, қувват, муваффақият** ва м . ин.

**ЁДОВАРӢ:** Гоҳо пеш аз бандак ва ё суффикс ҳамсадои охирини баъзе калимаҳо такрор меёбанд ва дар ин сурат бо ду ҳарф навишта мешаванд: **зид – бар зидди …. маҳал - - маҳаллӣ, ҳал – ҳалли масъала, фан - масъалаи фаннӣ** ва м. ин.

## III. ОРФОГРАФИЯИ БАЪЗЕ ҲАМСАДОҲО

§ 19. Ҳарфи **ц** фақат дар калимаҳои советӣ – интернационалӣ кор фармуда мешавад: **цирк, цикл, цемент, концерт, доцент, лекция, комсомолец, конституция, социализм** ва м. ин.

§ 20. Овози **щ-** и русӣ дар тоҷикӣ ҳар вақт бо ду ҳарф – **шч** навишта мешавад: **Шчорс, Шедрин, Шчебра, мешчанин, помешчик, яшчик, шчётка** ва м. ин.

## IV. ОРФОГРАФИЯИ НИМСАДОИ Й

§ 21**.** Ҳарфи **й** дар аввал, дар байн ва дар охири калимаҳо меояд: **йигит, йиғ, байт, хайр, майда, най, пой, чой** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Ҳар гоҳ дар охири **чой, най, пой** барин калимаҳо суффикс ва ё бандаки бо ҳарфи садоноки ётбарсар сар мешудагӣ (**и, ю, ям, ят** ва м. ин.) ояд, харфи **й** меафтад: **чою қанд, чоятро нӯш, чои кабуд, лою гил, Музеи Революция, чое, нае.**

## V. АЛОМАТИ ҶУДОӢ ( Ь ) ВА АЛОМАТИ САКТА ( Ъ )

§ 22. Дар калима яке аз ҳарфҳои ётбарсар (**е, ё, и, я, ю)** пас аз овози ҳамсадо омада бошад, дар байни онҳо аломмати ҷудоӣ ( **ь** ) монда мешавад: **дуньё, гирья, пьеса, фельетон, афьюн, Лурье, Ильич. Ильин, тазьик, тағьир** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** 1) Дар мавриди калимасозӣ ва калимабандӣ аломати ҷудоӣ ( **ь**) пеш аз садонок бардошта шуда, аммо пеш аз ҳамсадо бардошта намешавад: **автомобилаттон**, **автомобильсозӣ, табелам, табельчӣ, роли бузург, рольбаранда, автомобильҳо, рольҳо** ва м. ин.

2) Калимаҳои сохти зерин дар ду шакл ( ҳам бо аломати ҷудоӣ ҳам бе он ) навишта мешаванд: **такья – такия, насья – насия**, **ҳадья – ҳадия.**

§ 23. Аломати сакта дар байн ва дар охири калимаҳо меояд:

а) барои ҷудо карда талаффуз кардани ҳиҷоҳо: **суръат**, **ҷуръат**, **масъул**, **масъала**, **анъана** ва м. ин.

б) Дар калимаҳои сактадор: **таъна**, **аъзо**, **маъно**, **маълум**, **раъй**, **баъд**, **таъм**, **шамъ**, **манъ** ва м. ин

**ЁДОВАРӢ:** 1) Дар калимасозӣ ва калимабандӣ аломати сакта дар миёни ду садонок омада монад, бардошта мешавад: **маҷмӯъ – маҷмӯи ҳосилот**, **манбаъ – манбаи об**, **манбае**, **маҷмӯе** ва м. ин.

2) Калимаҳои советӣ– интернационалии аломати сактадор мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: **съезд, объект, разъезд, субъект** ва м. ин.

## VI. ҚОИДАИ КӮЧОНИДАНИ ҚИСМИ КАЛИМА

§ 24. Дар вақти аз сатр ба сатр гузаронидани қисми калима ба қоидаҳои зерин риоя кардан лозим аст:

1) Бутунии ҳиҷо нигоҳ дошта шавад: **та – ла – ба**, **ки – тоб**, **маш – ғу – ли – ят** ва м. ин.

2) Аломати сакта (**ъ**) ва аломати ҷудоӣ (**ь**) бо ҳиҷои кӯчанда не, балки бо ҳиҷои дар сатри боло мондагӣ меистанд: **маъ – лум**, **шашь – як**, **масъ – ул** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** 1) Як ҳарфи калима як ҳиҷоро ташкил кунад ҳам, онро дар охири сатр мондан ва ё ба сатри дигар гузаронидан дуруст нест: **а – роба, хими – я,** не, балки, **аро – ба, хи - мия.**

2) Овози **щ** – и русӣ, ки дар тоҷикӣ бо ду ҳарф, **шч** навишта мешавад, дар вақти кӯчонидани қисми калима ҳарфҳои **ш** ва **ч** –ро аз якдигар ҷудо кардан лозим нест: **ме – шча – нин, по – ме – шчик** ва м. ин.

## VII. ОРФОГРАФИЯИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲО

§ 25. Дар талаффуз ва навишти баъзе калимаҳо тафовут дида мешавад:

| **Талаффуз** | **Навишт** |
|---|---|
| **вахт** | **вақт** |
| **девол** | **девор** |
| **бохча** | **боғча** |
| **ҳамшера** | **ҳамшира** |
| **авҳол** | **аҳвол** |
| **шерин** | **ширин** |
| **бӯйро** | **бӯрьё** |
| **унҷоӣ** | **онҷоӣ** |
| **дайро** | **дарьё** |
| **дуз** | **дузд** |
| **мамбаъ** | **манбаъ** |
| **мимбаъд** | **минбаъд** |

Барои хато накардан дар вақти навиштани чунин калимаҳо ба луғати орфографӣ муроҷиат кардан даркор аст.

## VIII. ОРФОГРАФИЯИ КАЛИМАҲОИ СОВЕТӢ–ИНТЕРНАЦИОНАЛӢ

§ 26. Ҳамаи калимаҳои советӣ – интернационалӣ, ки бо забони тоҷикӣ даромадаанд ва медароянд мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: **поэтика, поэма, аэродром, аэроплан, отряд, сентябрь, октябрь, коммунист, сессия, программа, комиссия, аппарат, грамматика, касса, телефон, делегат, интеллигент, революция**, **конституция**, **социализм**, **республика**, **большевик**, **альбом**, **консультация**, **табель, роль** ва м. ин.

## IX. ОРФОГРАФИЯИ ҲАРФҲҲОИ КАЛОН ВА ХУРД

§ 27. Ҳарфҳои калон дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:

1) Дар аввали калимаи дар сари текст ё баъд аз нуқта, аломатҳои савол ва хитоб омадагӣ.

2) Дар шеърҳо, дар аввали калимаи сари ҳар мисраъ.

3) Дар сари калимаи аввали цитатаҳо, дар сари калимаи аввали ҷумлаҳое, ки дар кавичка гирифташуда, баъд аз дунуқта омадаанд.

4) Дар сари исмҳои хос, дар тахаллусҳои адабӣ ва дар номҳои географӣ (қитъаҳои дунё, мамлакат, республика, кишвар, вилоят, шаҳр, район, қишлоқ, кӯча, маҳалла, гузар, кӯҳ, дарьё) . Мисол : **Владимир Ильич Ленин, Садриддин Айнӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абӯалӣ Сино, Камоли Хуҷандӣ, Москва, Аму-Дарьё, Помир, Боботоғ, Варзоб, Қурғонтеппа, Каттақӯрғон, кӯчаи Киров, боғи Ленин** ва м. ин.

5) Дар сари ҳар як калимаи номҳои идора ва ташкилотҳои марказӣ: **Комитети Марказии Партияи Коммунистии (большевикони) Умумисоюзӣ, Совети Олӣ, Совети Комиссарони Халқӣ, Комиссариати Халқии Маориф, Филиали Тоҷикии Академияи Илмҳои СССР.**

6) Дар сари ҳар як калимаи номҳои ташкилоти умуми ҷаҳонӣ, воқеа ва документҳои таърихи: **Интернационали Коммунистӣ, Коммунаи Париж, Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, Конституцияи Сталинӣ, Армияи Сурх, Флоти Сурх** ва м. ин.

7) Дар сари номҳое, ки ба ҳаргуна ҷамъият, ташкилот, муассиса, газета, журнал ва ғайраҳо дода шудаанд: ҷамъияти спортивии «**Динамо»**, газетаи «**Правда»**, газетаи «**Тоҷикистони**

**Сурх»**, «**Коммунист Таджикистана»,** журнали «**Большевик**», колхози «**Коммунист**», артели «**Дос ва Болға»** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** Дар мавриди бо таркиби «**ба номи**» кор фармудани номҳои колхоз, завод, фабрика ва ғайра кавичка кор фармуда намешавад: **Колхози «Куйбишев» -** колхози **ба номи Куйбишев, заводи «Ленин**» **–** заводи **ба номи Ленин.**

8) Номҳои мураккаби географӣ, ки аз муайянкунанда ва муайяншаванда таркиб ёфтаанд, ҳар ду қисми таркиб ҳам бо ҳарфи калон сар мешавад : **станцияи «Қутби Шимоли», Азияи Миёна, Сибири Шарқӣ, Шарқи Дур, Украинаи Ғарбӣ, Буковинаи Шимолӣ** ва м. ин.

9) Дар мавридҳои дигари бо номи хос омадани муайянкунанда танҳо исми хос бо ҳарфи калон сар мешавад : **теорияи Маркс, райони Молотов, меҳнаткашони Тоҷикистон, баҳри Сиёҳ** ва м. ин.

10) Дар сари калимаҳои хоси мураккаб, ки бо роҳи гирифтани ҳиҷои аввали калимаҳои мухтасар карда мешудагӣ ва дар тамоми калимаҳои мураккаб – мухтасар, ки бо роҳи гирифтани овоз – ҳарфҳои аввалини калимаҳои мухтасар карда мешудагӣ сохта шудаанд: **КМ** (Комитети Марказӣ), **КХМ** (Комиссариати Халқии Маориф ), **СКХ** Совети Комиссарони Халқӣ) ва м. ин. .

**ЁДОВАРӢ:** 1) Агар охири калимаи мураккаби мухтасар, ки бо гирифтани ҳарфи аввали ин калима сохта шудааст, суффикс ва бандак меояд, калима аз он бо дефис ҷудо карда мешавад : **МТС-и райони мо, ман нормаи ГТО-ро додам** ва м. ин.

2) Агар калимаи мураккаби мухтасар бо гирифтани ҳиҷоҳои аввали исмҳои ҷинс сохта шуда бошад, бо ҳарфҳои хурд навишта мешавад мешавад: **савхоз, местком, райком, комсомол** ва м. ин.

11) Дар сари ҷонишини шахсии дуюми ҷамъ - шумо дар сурате ки ин ҷонишин дар муроҷиаткунӣ ба як шахс барои эҳтиром кор фармуда шуда бошад: **мактуби Шумо, дӯсти Шумо, Шумо кай меоед?**

**ЁДОВАРӢ :** Исмҳои хоси мураккаби кӯтоҳ кардашудаи советӣ– интернационалӣ мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешавад: **СССР, ВКП (б), ВЛКСМ, ТАСС, ГТО, Коминтерн** ва м. ин.

§ 28. Ҳарфҳои хурд дар мавридҳои зерин кор фармуда мешаванд:

1) Дар исмҳои ҷинс, дар сифат, феъл ва ҳиссаҳои дигари нутқ, ки онҳо дар аввали текст ва баъд аз нуқта наомада бошанд: **шаҳр, завод, одам, хуб, хушбахт, марксист, марксистӣ, ленинизм, дарвинизм , пушкиншинос** ва м. ин.

2) Дар калимаҳои ғайри исми хос, ки онҳо пеш ва ё пас аз вергул, нуқта, вергул, дар қавс, пеш ва ё пас аз қавс омада бошанд.

3) Дар номҳои унвонӣ, ки бо фамилияҳо ҳамроҳ шуда меоянд, инчунин дар номҳои халқ, қабила, авлод, дар номҳои моҳ, рӯз ва м. ин.

Масалан : **академик Павлов, профессор Ушаков, лейтенант Каримов, доцент Мирзоев, майор Рябов, халқи тоҷик, моҳи август, рӯзи якшанбе.**

4) Дар исмҳои хос, дар сурате, ки онҳо дар шакли ҷамъ ба маънои исми ғун омада бошанд: **чкалов ва громовҳои мо, стахановҳои мо рӯз ба рӯз зиёд шуда истодаанд.**

## X. ЯКҶОЯ, ҶУДО ВА БО ДЕФИС НАВИШТА ШУДАНИ КАЛИМАҲО

§ 29. Якҷоя навишта мешаванд :

1) Ҳамаи калимаҳои мураккаб, ки аз ду ва зиёда исмҳо, аз феълу исм, феълу сифат, исму сифат ташкил ёфтаанд: **китобхона, гулмонанд, шермонанд, оташзабон, токбур, тезрав, хушмуомила, шабонарӯз, писарбача, тракторчидухтар, коркун, рӯҳафзо, сартарош, сартарошхона** ва м. ин.

2) Тамоми исмҳои мураккккаб, ки ба воситаи суффикси **ӣ** аз исмҳо, аз исму феъл ва сифат феъл сохта шудаанд : **азнавсозӣ, азназаргузаронӣ, баҳисобгирӣ, заёмарорӣ, бавуҷудбарорӣ, дарозшаклӣ, муқобилиятнишондиҳӣ, хушмуомилагӣ, сартарошӣ** ва м. ин.

3) Калимаҳои **ҷон, бибӣ, бой, нисо** агар як ҳиссаи иловагии ном бошанд: **Мамадҷон, Оишабибӣ, Зебунисо, Орифбой** ва м. ин.

4) Ҳама сифатҳое, ки аз як чанд асос бо суффикси **а – я** сохта шудаанд: **ҳартарафа, ҳафтмоҳа, ҳазорпоя, дурӯя, бистудусола** ва м. ин.

5) Ҳама калимаҳои мураккаб, ки бо пайвандаки **о** ташкил ёфтаанд: **саросар, занозанӣ, кушокушӣ, даводавӣ, пешопеш** ва м. . ин.

6) Ҳама калимаҳое, ки аз ду асоси феълӣ ба воситаи пайвандаки **у** сохта шудаанд : **печутоб, задухӯрд, рафтуомад, монугир, гуфтушунид, шикастурехт, хариду фурӯш, ҷустуҷӯ, хуфтухоб** ва м. ин.

7) Таркиби изофӣ, ки бо суффикси **чӣ** ва ё бо асоси феъли омадааст: **роҳи оҳанчиён, моли мардумхӯр** ва м. ин.

8) Зарфҳои мураккаб: **пасфардо, дучандон, дукарратӣ, пагоҳирӯзӣ, бегоҳирӯзӣ, дутагӣ, сетагӣ, биступанҷсӯмӣ, барвақт** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Зарфҳои мураккаби аз шумора сохта шудагӣ (**чорта-чорта, дутагӣ, сетагӣ** ва м. ин. ) бо рақам навишта шаванд, қисми **та** ва **тагӣ** аз рақам бо дефис ҷудо карда навишта мешаванд: **4-та-4-та, 2-тагӣ, 3-тагӣ** ва м. ин.

9) Шумораҳои мураккаб то ҳазор : **ёздаҳ, дувоздаҳ, сездаҳ, чордаҳ, понздаҳ, шонздаҳ, ҳафдаҳ, ҳаждаҳ, нуздаҳ, панҷоҳ, ҳафтод, ҳаштод, сесад, чорсад, панҷсад, шашсад, ҳафтсад, ҳаштсад, нӯҳсад.**

10) Шумораҳои касрӣ: **сеяк, чорьяк, панҷьяк** ва м. ин

**ЁДОВАРӢ :** Пешояндҳои касрӣ бо пешоянди **аз** сохта шуда бошанд, ҷудо навишта мешаванд: **аз се як, аз чор як** ва м. ин.

11) Ҷонишинҳои мураккаб, ки аз ду ҷонишин ташкил ёфтаанд : **ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ҳамчун, ҳамчунон, ончунон, инчунин** ва м. ин.

12) Сифатҳои феълии замони гузашта аз ду калима иборат бошанд, якҷоя, вале зиёда аз ду калима сохта шуда бошанд, қисми аз феъл иборатбудаи онҳо якҷоя ва қисмҳои дигари онҳо ҷудо навишта мешаванд: **корҳои иҷрошуда (иҷрошудагӣ), корҳои иҷрокардашуда, ғунчаи навшукуфта** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** Сифатҳои феълии мураккаби замонҳо зираи давомдор ва замони ҳозира – оянда ҳама вақт ҷудо навишта мешаванд: **корҳои иҷро шуда истодагӣ, корҳои иҷро мешудагӣ** ва м. ин.

13) Исми фоил ва феъли ҳол, ки бо суффиксҳои **анда** ва **он** сохта шуданд : **аризадиҳанда, беҳушкунанда, ёрирасон, хотиррасон** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ :** Исми фоили бо пешоянд сохташудагӣ ҷудо навишта мешавад : **аз даст диҳанда, ба ёд оваранда** ва м. ин.

§30. Ҷудо навишта мешаванд:

1) Ҳамаи калимаҳое, ки бо такрори калимаҳои зидмаъно ва ё исм ва сифатҳои синонимӣ ифодашуда бо пайвандаки **у** пайваста

шудаанд: **падару модар, шавқу завқ, гарму хунук, афту андом, шабурӯз, доду бедод** ва м. ин.

2) Исмҳои мураккаби бо изофа таркибёфтагӣ: **Қалъаи Лаби Об, Қалъаи Хум, Дашти Ҷум, Лаби Оби Элак, гули тоҷи хурӯс** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ** : **Конибодом, Шаҳринав** ва **мардикор** барин якчанд калимаҳо, ки дар луғати орфографӣ нишон дода мешаванд, аз ин қоида мустасно мебошанд.

3) Шумораҳои таркибӣ ки бо пайвандаки **у** – **ю** пайванд шудаанд: **бисту як, ҳаштоду панҷ, дусаду сию шаш** ва м. ин.

4) Нумеративҳо: **чор нафар, ду дона, се адад** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** 1) Нумеративҳои **та, то** ҳамроҳ навишта мешаванд : **чорта, панҷта** ва м. ин.

2) Нумеративи **та** ва суффикси **ӯм– юм** бо рақам оянд. Ба воситаи дефис навишта мешаванд : **2-та, 4-та, 5-ӯм, 3-юм (5- м, 3-м)** ва м. ин.

5) Зарфҳои **барин, борин: гул барин, гул борин, пӯлод борин** ва м. ин.

6) Ҷонишинҳо: **ман омадам, ту омадӣ, вай омад, шумо омадед, шумоён омадетон, онҳо омаданд, ин чист? аз ҳамин кас, кӣ омад? чӣ овардӣ? чӣ навъ? чӣ ранг?** ва м. ин.

7) Ҷонишинҳои **ҳеҷ, ҳар : ҳеҷ кадом, ҳеҷ як, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳар як, ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар куҷо, ҳар кадом, ҳар вақт, ҳар ранг, ҳар шаб, ҳар ду, ҳар се** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** ҳеҷ ва **ҳар** бо **гуна** ва **гоҳ** якҷоя навишта мешавад: **ҳеҷ гуна, ҳеҷгоҳ, ҳаргуна, ҳаргоҳ.**

8) Феълҳои мураккаб: **кор кардан, нишон додан, ба ҷо овард, ба кор бурд, вохӯрд, фурӯ рафт** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ :** Дар феълҳои мураккаби тапи зерин префиксҳо якҷоя навишта мешаванд: **даргирифт, дарнагирифт, дармегирад, баркашидан, бармекашад, азхуд кардан, барангехтан, дарёфтан, дарафтидан, дарнамеафтад, азёд кардан, дарбар гирифтан, дар ғазаб шуд, барбод рафт, дар қаҳр шуд.**

9) Зарфҳои мураккаб : **ба наздикӣ, ба оҳистагӣ, ба куллӣ, ба дурустӣ, ба хубӣ, ба тезӣ, рӯ ба рӯ, рӯз то рӯз, сол то сол, ҷо ба ҷо, даст ба даст** ва м. ин.

10) Пешояндҳо ва пасояндҳо: **дар хона, аз мактаб, дар бораи китоб, аз барои ӯ, ба кор, ба қалам, шумо қатӣ** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ :** 1) пасоянди **ро** ҳама вақт ҳамроҳ навишта мешавад.

2) Пешояндҳои **ба, дар (да), андар (анда)** дар забони персонали асари бадеӣ пасоянд шуда оянд, бо калима якҷоя навишта мешшаванд.

11) Пайвандакҳо: **чи, ки, ва, ҳам** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** Пайвандакҳои **у – ю – ву** бо калимаи пешомадагӣ якҷоя навишта мешаванд : **коргару деҳқон, шодию хурсандӣ, жолаву борон** ва м. ин.

12) Пайвандакҳои мураккаб : **гарчанде ки, ё ки, ва ё, ва лекин, зеро ки, барои ин ки, бинобар ин, ё ин ки, чаро ки, бо вуҷуди он ки, то ки, то он ки, то ин ки, вақте ки, то ҳоло** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ :** Пайвандакҳои мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд : **азбаски, гарчи, агарчи, бинобар, балки, ҳарчанд, чунончи, чунки.**

13) Ҳиссачаҳои **магар, не, ҳа, бале, охир, ҳатто, фақат, наход.**

14) Ҳиссачаи **на** ғайр аз шаклҳои феъли манфӣ **(нахондам, надидам)**, дигар дар тамоми мавридҳо (ба сифати пайвандак): **на хат мефиристонад, на меояд, на ман меравам, на ту** ва м. ин.

15) Нидоҳо: «**ура! Эй бозувони панҷаи меҳнат**» **[Пайрав], воҳ, во аҷабо, эҳе, афсӯс, ҳай дареғ, уфф** ва м. . ин.

**§ 31. Бо дефис навиишта мешаванд**:

1) Калимаҳои типи зерин, ки аксар қисме аз онҳо маънои мустақил надорад : **нон- пон, чой- пой, сап- сафед, заб- зард** ва м. ин.

2) Сифатҳои мураккаби типи зерин : **илмӣ-тадқиқотӣ, полтитикӣ–экономикӣ, оммавӣ–маданӣ, флоти ҳарбӣ–баҳрӣ** ва м. ин.

3) Шумораҳои тахминӣ : **чор- панҷ, даҳ-понздаҳ** ва м. ин.

4) Феъли ҳоли мураккаб, ки аз такрори як калима иборат аст: **давида-давида, давон-давон, гап зада-гап зада, пок карда-пок карда** ва м. ин.

5) Зарфҳои мураккаб, ки аз такрори як калима иборатанд : **рафта-рафта, оҳиста-оҳиста, кам-кам, тез-тез, ду-ду, се-се** ва м. ин.

6) Пешоянд ва пайвандакҳои кӯтоҳшуда бо калимаҳои баъд аз онҳо омадагӣ : **з-он [зи он, аз он], в-аз [ва аз], к-аз [ки аз], з –ӯ [зи ӯ, аз ӯ], з-ин [зи ин, аз ин]** ва м.ин.

7) Ҳиссачаҳои **- мӣ, - ку, - чӣ, - а, - я, - дия: омадед–мӣ, омадед - ку, равам - чӣ ?**

8) Калимаҳои советӣ интернационалии дефиснок айнан бо дефис навишта мешаванд: **де-юре, Нью-Йорк, Ла-Манш, Йошкор-**Ола**, Нарьян-Мар** ва м. ин.

9) Нидоҳои такрорӣ: **тап-туп, гум-гум** ва м. ин.

10) Таркибҳои типи зерин:

а) **85-солагии рӯзи таввалуд шудани И. В. Мичурин.**

б) **27-ми октябри соли ҷорӣ.**

в) **Ба рӯзи XXIII-солагии Октябри Кабир**

**ЁДОВАРӢ :** Бандакҷонишинҳо ва пасоянди **ро** бо калимаи кавичкадор оянд, аз кавичка берун, бо дефис навишта мешаванд : **колхози " Социализм " – ро мукофотониданд, "Шодӣ" – атонро хондам (ёки Шодӣ–тонро хондам).**

## XI. ОРФОГРАФИЯИ СУФФИКСҲО ВА ПРЕФИКСҲО

§ 32. Суффиксҳо ҳама вақт бо калима якҷоя навишта мешаванд: **гулзор, кӯҳистон, кӯҳҳо, бачагон, тракторист, машинистка, пионерка, марксизм , гуфтор, оммавӣ, хонагӣ, мардона, ақлнок, якӯм, дуюм, Одинаев, Шарифова, Раҳматзода** ва м. ин.

§33. Префиксҳо, хоҳ аслан префикс бошанд, ва хоҳ пешояндҳои ба вазифаи префикс омадагӣ бошанд, доимо бо калимаҳо якҷоя навишта мешаванд: **баақл, боҳуш, дарахти бемева, боинсоф, бохабар, бадавлат, боқувват, бесавод, бепарво, нобоб, ноёб, бошуурона, босаброна** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** 1) Суффикси **ак** пас аз садонок ба таври **як** навишта мешавад: **ҳамшираяк** ва м. ин.

2) Дар мавридҳое, ки пешоянди **бе, бо, ба** сифат насохта, дар ҷумла пешоянд шуда омадаанд, ҷудо навишта мешаванд: **бо сиёҳӣ нависед, бе об зистан мумкин нест, ба мактаб рафтам** ва м. ин.

3) Префикси **но** ҳама вақт якҷоя навишта мешавад: **нодон, номаълум, ноҳақ, нобакор** ва м. ин.

4) Бандак ҷонишинҳои **ам, ем, амон, ӣ, ат, ед, атон, аш, ашон, анд** дар ҳама ҷо якҷоя навишта мешаванд: **китобам, китобат, китобаш, хондаам, хондаӣ** ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ:** Бандакҳои **ам, ат, амон, атон, ашон** дар охири калимаҳои бо садонок тамомшудагӣ баъзан бе **а** низ кор фармуда мешаванд:

**бобоам – бобом**

**бобоат – бобот**

**бобоаш–бобош** ва м. ин.

5) бандакҷонишини **аст** фақат бо шаклҳои феълие, ки аз феъли ҳол сохта шудаанд, якҷоя навишта мешавад**.** Масалан: **Колхоз плани худро иҷро кардааст. Плани колхоз дар вақташ иҷро карда шудааст. Раиси колхоз ба шаҳр рафта будааст. Раиси колхоз ба шаҳр мерафтааст. Муаллим дарс дода истодааст.**

Дар тамоми мавридҳои дигар бандакҷонишини **аст** ҷудо навишта мешавад. Масалан:

**Ин китоб аст. Ин китоби хуб аст. Китоб дар хона аст. Раиси колхоз ба шаҳр рафтанӣ аст. Шарифбобо Москваро дидагӣ аст. Гап дар кор кардан аст. «Вазифаи наздиктарини мо ҳамаи колхозчиёнро осудаҳол кардан аст»** (аз нутқи рафиқ Сталин дар съезди 1-уми колхозчиёни ударник).

**Бо Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз соли 1955 тасдиқ шудааст**

# ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ОРФОГРАФИЯИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(дар таҳрири нав)**

«Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ», ки дар соли 1941 қабул гардида, то ҳол ҷорӣ мебошанд, дар соҳаи барқарор намудани ягонагӣ дар имло ва пухтагии саводи аҳолии республика роли бузург бозида омадаанд. Аз тарафи дигар, дар амал як қатор камбудиҳои имло маълум шудан гирифтанд.

Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон соли 1952 таҳрири нави қоидаҳои орфографияро тартиб дод. Дар муҳокимаи ин варианти нав, ки дар матбуоти республика ҳафт моҳ давом кард, коркунони илм, муаллимони мактабҳои олӣ ва миёна, нависандагон, коркунони матбуот иштирок намудаанд.

Дар вақти таҳрири қоидаҳои нави орфография муносибати байни якдигарии ҳарфҳо ва овозҳо ба назар гирифта, орфографияи ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ пурра ва аниқтар ифода карда шуд.

Дар асоси матералҳои муҳокима қоидаҳои орфография аз нав таҳрир карда шуда, ба дида баромадани комиссияи алоҳида пешниҳот карда шуд. Ин комиссия кори таҳрири қоидаҳоро ба анҷом расонид.

Совети Вазирони РСС Тоҷикистон лоҳияи таҳрири нави «Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ»-ро тасдиқ намуд.

# АЛИФБО ВА НОМИ ҲАРФҲО

| Чопӣ | Дастнавис | | Чопӣ | Дастнавис | |
|---|---|---|---|---|---|
| А а | А а | а | У у | У у | у |
| Б б | Б б | бэ | Ф ф | Ф ф | эф |
| В в | В в | вэ | Х х | Х х | ха |
| Г г | Г г | гэ | Ц ц | Ц ц | цэ |
| Д д | Д д | дэ | Ч ч | Ч ч | чэ |
| Е е | Е е | е | Ш ш | Ш ш | ша |
| Ё ё | Ё ё | ё | Щ щ | Щ щ | ща |
| Ж ж | Ж ж | жэ | Ъ ъ | Ъ ъ | аломати сакта |
| З з | З з | зэ | Ы ы | Ы ы | эры |
| И и | И и | и | Ь ь | Ь ь | аломати ҷудоӣ |
| Й й | Й й | и-и кӯтоҳ | Э э | Э э | э |
| К к | К к | ка | Ю ю | Ю ю | ю |
| Л л | Л л | эл | Я я | Я я | я |
| М м | М м | эм | Ғ ғ | Ғ ғ | ғэ |
| Н н | Н н | эн | Ӣ ӣ | Ӣ ӣ | и-и задонок |
| О о | О о | о | Қ қ | Қ қ | қэ |
| П п | П п | пэ | Ӯ ӯ | Ӯ ӯ | ӯ |
| Р р | Р р | рэ | Ҳ ҳ | Ҳ ҳ | ҳэ |
| С с | С с | эс | Ҷ ҷ | Ҷ ҷ | ҷэ |
| Т т | Т т | тэ | | | |

# I. ОРФОГРАФИЯИ БАЪЗЕ САДОНОКҲО

§ 1. Ҳарфи **Е**: а) пас аз ҳамсадоҳо **Э** талаффуз шуда, **Е** навишта мешавад: **бед, мех, себ, дареғ, мехонем, китобе**;

б) дар охири калимаи пас аз аломати сакта ояд, **Э** талаффуз шуда, **Е** навишта мешавад: **шамъе, ҷамъе;**

в) дар аввали калима (**елим, ем**), баъд аз садонокҳо (**оед, хонае**), инчунин дар миёнаи калима пас аз аломатҳои сакта ва ҷудоӣ (пьеса, фельетон, разъезд) **ЙЭ** талаффуз шуда, **Е** навишта мешавад.

§ 2. Дар ҳиҷои баста, пеш аз ҳамсадои Ҳ ва аломати сакта е навишта мешавад: **меҳнат**, **меҳр**, **меъёр**, **воқеъ**, **шеър**, **феъл**.

Дар чунин калимаҳо ҳиҷои баста ба ҳиҷои кушода баргардад ҳам, **Е** навишта мешавад: **воқеъ - воқеа, мамонеъ - мамонеат, мавқеъ - мавқеи хуб, бадеъ - бадеӣ, деҳ - деҳот.**

**ЁДОВАРӢ**: Дар баъзе асосҳои замониҳо зираи феъл (чунончи, деҳ, неҳ) Е навишта шавад, дар шаклҳои тасрифии онҳо **И** меояд: **медиҳад, мениҳад, ниҳод.**

§ 3. Ҳарфи **Ё** ду овоз (й+о) - ро ифода намуда, дар аввали калима, дар аввали ҳиҷо, инчунин пас аз аломатҳои сакта ва ҷудо навишта мешавад: **ёд, ёбон, заём, баён, сайёҳ, фарьёд, меъёр**.

§ 4. Ҳарфи **И** пас аз садонок ва баъд аз аломати сакта миёнаи калима гоҳо ий ва гоҳои талаффуз карда шавад ҳам, дар ҳар ду сурат **И** навишта мешавад: **Ёдгор, Яҳё, сайёҳ, сайёра, муҳайё, ихтиёр, иштиёқ, ёлка, съёмка** ва м. ин.

Дар ҳиҷои сейӯми калимаҳои типи зерин **И** навишта мешавад: **мубориза, мунозира, мусобиқа, муҳокима** ва м. ин.

Дар ҳиҷои дуйӯми калимаҳои типи зерин **И** навишта мешавад: **аслиҳа, тарҷима** ва м. ин.

§ 5. Орфографияи **ӣ** (и-изаданок): **И** дар охири калима зада дошта бошад, **Ӣ** навишта мешавад: **тӯтӣ, сӣ, бародарӣ, некӣ, пахтакорӣ, азназаргузаронӣ, Рӯдакӣ, колхозӣ, илмӣ, ҷиддӣ, умумиҷаҳон дутагӣ, рафтагӣ, катӣ, қатӣ, - мӣ (омадем-мӣ?); чӣ, (хонед-чӣ),** пурсишҷонишинҳо: **кӣ?**, **чӣ?**

Агар **И**-и охири калима зада дошта бошад, **И** навишта мешавад: **липпи (липпи даргирифт) . Тбилиси, Батуми, ясли, туфли** ва м. ин;

**ЁДОВАРӢ**: бандаки феълӣ ва хабарии шахси дуйӯми танҳо бо **Ӣ** навишта мешавад: **хондӣ, хондаӣ, ту муаллимӣ**.

§ 6. Ҳарфи **Э** дар аввали калима (элак, Эргаш), пеш аз аломати сакта (эълон, эътибор) ва ҳамсадои **Ҳ** (эҳтимол, эҳтиром), инчунин дар байни калимаҳои сохта ва мураккаб (боэътибор, симэлак) навишта мешавад.

§ 7. Ҳарфи **Ю** дуовоз (й - +у)-ро ифода намуда, дар аввали калима, дар аввали ҳиҷо, инчунин пас аз аломатҳои сакта ва ҷудо навишта мешавад: юнонӣ, июнь, маъюс, Ньютон.

§ 8. Таркиби овозҳои й+у бо ю не, балки йӯ навишта мешавад: Йӯлдош, йӯрма, йӯрға, дуйӯм, сейӯм, сийӯм.

§ 9. Ҳарфи **Я** ду овоз (й+а) ро ифода намуда, дар аввали калима, дар аввали ҳиҷо, инчунин пас аз аломати ҷудо навишта мешавад: як, ҳаяҷон, гирья, қобилият, пирьях.

§ 10. Дар ҳиҷои баста пеш аз ҳамсадои **Ҳ** ва аломати сакта **У** не, балки **Ӯ** навишта мешавад: шӯъба, шӯъла, мӯътабар, ӯҳда, сӯҳбат, мӯҳлат, мӯҳтарам.

Мавридҳои дигар кор фармуда шудани **Ӯ** дар луғати орфографӣ дода мешавад.

§ 11. Ҳарфи **Ы** дар калимаҳои русӣ ва советӣ - интернационалӣ навишта мешавад: выставка, вывеска ва м. ин. (ниг. ба § 30) .

## II. ОРФОГРАФИЯИ БАЪЗЕ ҲАМСАДОҲО

§ 12. Ҳарфи **Й** дар аввал, миёна ва охири калимаҳо меояд: йӯрға, майдон, ҷой, най.

Дар аввали калимаҳои зерин **ЙИ** навишта мешаванд: йигит, йилдир, йилт-йилт.

Дар калимаҳое, ки бо **Й** тамом шудаанд: пас аз **Й** садоноки **А** ояд, **Я** навишта мешаванд: пой – поя.

Пас аз **Й** садоноки **О** ояд, **Ё** навишта мешаванд: хубрӯй - хубрӯён; пас аз **Й** садоноки **У** ояд, **Ю** навишта мешавад: **най** - наю дутор; пас аз **Й** садоноки **И** ояд, **И** навишта мешаванд: чой - чои кабуд.

**ЁДОВАРӢ**: Агар ин калимаҳо ҷузъи якӯми калимаи мураккаб бошанд, **ЙА**, **ЙО** навишта мешаванд: пойафзол, лойолуд, пойандоз ва м. ин.

Дар баъзе калимаҳои ду **Й** талаффуз шавад ҳам, як **Й** навишта мешаванд: Сайидо, мутаҳайир, муайид ва м. ин.

§ 13. Ҳарфҳои **Ц** ва **Щ** дар калимаҳои русӣ ва советӣ-интернационалӣ навишта мешаванд: цирк, концерт, цемент, лекция , революция , Щедрин ва м. ин (ниг. ба § 30) .

14. Дар калимаҳои анбор, шанбе, танбӯр, анбар, анбоштан, манбаъ, танбеҳ ва м. ин. МБ талаффуз шавад ҳам, НБ навишта мешавад.

15. Дар мавридҳое, ки як овоз ду карат талаффуз меёбад, калима мувофиқи талаффуз навишта мешавад: арра, тилло, муддат, аввал, муваффақият, тааҷҷуб, таассуф ва м. ин.

16. Дар калимабандӣ ва калимасозӣ ҳамсадои охири баъзе калимаҳо пеш аз садонок такрор меёбад: дур - дурру гавҳар, зар - заррин, фан - фанни забон, ҳал - ҳалли масъала, син - синни мактабӣ, сир - сирри ошкоршуда, ҳақ - ҳаққи меҳнат, маҳал - маҳаллӣ, ҳис - ҳиссиёт, хат – кори хаттӣ ва м. ин.

Дар калимабандӣ баъзе аз ин калимаҳо бо як ҳамсадо низ навишта мешаванд: хати хуб, қади баланд ва м. ин.

## III. ОРФОГРАФИЯИ АЛОМАТҲО

§ 17. Аломати сакта (**Ъ**) ду вазифа дорад:

а) ҳамсадои ҳалқиро ифода мекунад: аъзо, маъно, баъд, раъд, маълум, шамъ, фаъол, таъин ва м. ин.;

б) барои ҷудо талаффуз кардани ҳиҷоҳо кор фармуда мешавад: суръат, масъул, анъана, баръакс ва м. ин.

Дар калимабандӣ аломати сакта дар байни ду садонок омада монад, навишта намешавад: манбаъ - манбаи об, мавзӯъ - мавзӯи дарс ва м. ин.

§ 18. Аломати ҷудоӣ (**Ь**) .

Агар пас аз ҳиҷои баста ётбарсар (ё, я, ю, е, и) ояд, пеш аз он аломати ҷудоӣ навишта мешавад, то ки ётбарсар бо ҳамсадои пеш омадагӣ ҳамроҳ хонда нашавад: дарьё, бӯрьё, гирья, афьюн, тағьир, такья, насья, ҳадья, дастьёр, бахтьёр, азьёдкунӣ, тағирьёбӣ ва м. ин.

Аломати ҷудоӣ дар охири калима танҳо дар калимаҳои русӣ ва советӣ - интернационалӣ меояд: автомобиль, табель, портфель, июнь ва м. ин. Дар чунин мавридҳо дар калимасозӣ ва калима бандӣ аломати ҷудоӣ пеш аз садонок навишта намешавад: автомобили боркаш, табели кор. Аммо пеш аз ҳамсадо навишта мешавад: табельчӣ, автомобильҳо.

## IV. ҚОИДАИ КӮЧОНДАНИ ҚИСМИ КАЛИМА

§ 19. Дар вақти аз сатр ба сатр кӯчонидани қисми калима:

а) яклухтии ҳиҷо нигоҳ дошта мешавад: та - ла - ба, нур - аф - шон (ва ё ну - раф - шон), шид - дат, му - ал - лим ва м. ин.;

б) аломати сакта (**Ъ**) ва аломати ҷудоӣ (**Ь**) дар таркиби ҳиҷои пеш мемонанд: маъ - лум, масъ - ул, шашь - як ва м. ин.;

в) як ҳарф ҳиҷо шуда омада бошад ҳам, аз сатр ба сатр кӯчонида намешавад: а - роба, хими – я не, балки ба шакли: аро - ба, хи - мия навишта мешавад;

г) дар кӯчонидани калима ҳарфи **Й** аз ҳарфҳои пеш ҷудо карда намешавад: рай - он, май - ор, тай - ёр;

## V. ОРФОГРАФИЯИ ИСМ

§ 20. Баъзе исмҳои бо ҳамсадои **Ҳ** тамомшуда дар ду шакл навишта мешаванд: роҳ - раҳ, (роҳ - бар - раҳбар), моҳ - маҳ (маҳтоб - моҳтоб), гоҳ - гаҳ, гуноҳ - гунаҳ, коҳ - каҳва м. ин.

§ 21. а) Фамилияҳои бо калимаи зода сохта шуда якҷоя навишта мешаванд: Шарифзода, Исмоилзода ва м. ин.

б) суффиксҳои фамилиясози ов, ова дар охири исмҳо бо ҳамсадо тамом шудагӣ меоянд: Каримов, Олимова, Собиров, Собирова.

Суффиксҳои **ев**, **ева** дар охири исмҳо бо садонок, бо вломатисакта, инчунин боҳамсадои **Ш** ва **Ч** тамом шудагӣ меоянд: Ғанӣ - Ғаниев, Ғаниева, Мирзо - Мирзоев, Мирзоева, Самеъ - Самеев, Самеева, Эргаш - Эргашев, Эргашева, **Тошев**, **Қиличев**.

§ 22. Исмҳои мураккабе, ки аз бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳо таркибё фтаанд, якҷоя навишта мешаванд: китобхона, мактаббача, коргарзан, шартнома, сарфармондеҳ, шоҳибоф, адабиётшинос, сардор, коркард, Муҳаммадамин, Ниёзмуҳаммад ва м. ин.

§ 23. Исмҳои мураккабе, ки суффикс доранд, якҷоя навишта мешаванд: пахтакорӣ, айбдоркунӣ, бадалшавӣ, хушмуомилагӣ, пахтатайёркунӣ, номзаднишондиҳӣ, роҳиоҳанӣ, занбӯри асалпарварӣ, санги осиётарошӣ ва м. ин.

§ 24. Исмҳои мураккабе, ки ба воситаи суффикси **Ӣ** аз феълҳои таркибии номӣ (ба ҷо овардан, ба ҳисоб гирифтан, аз назар гузаронидан, аз худ кардан, аз нав барқарор кардан ва м. ин) сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: баҷооварӣ, аз назаргузаронӣ, баҳисобгирӣ, азхудкунӣ, аз навсозӣ, аз нав барқароркунӣ, аз навтартибдиҳӣ ва м. ин.

§ 25. Исмҳои мураккабе, ки ба воситаи садоноки пайвандкунандаи у, о аз асосҳои феълӣ сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: гуфтугӯ, гуфтушунид, задухӯрд, хириду фурӯхт, рафту омад, даводав, кашо каш ва м. ин.

§ 26. Иборaҳои синонимӣ ва антонимӣ, ки бо пайвандаки у меоянд, ҷудо навишта мешаванд: афту андом, тобу тоқат, обу ҳаво, саъю ғайрат, ишқу ҳавас, обу оташ ва м. ин.

§ 27. Иборaҳои номӣ, ки бо бандаки изофӣ меоянд, ҷудо навишта мешаванд: зардолуи рухи ҷонон, гули тоҷи хурӯс, ангури дили кафтар м. ин.

§ 28. Баёнияҳои унвонӣ, ки ба таркиби исми хос дохиланд, бо исм якҷоя навишта мешаванд: Салимбек, Тамарахоним, Миралӣ, Хосиятой, Саидаҳмадхон, Мирзобобо, Норбой ва м. ин.

Агар ин баёнияҳо маънои мустаъқили худро нигоҳ дошта бошанд, ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Шайх Саъдӣ, Амир Хисрав, Хоҷа Ҳофиз, Мир Алишер, Мавлоно Румӣ.

Баёнияҳои хешутаборӣ ҷудо навишта мешаванд: Соҳиб амак, ака Рустам, Рустам ака, Зебӣ хола.

§ 29. Бо дефис навишта мешаванд:

а) лақабе, ки бо исми хос омадааст: Аҳмад-Паҳлавон, Ҳамроҳ-Говбоз, Палвон-Араб, Азиз-Мерган, Ҳошим-Корвон, Қорӣ-Ишкамба ва м. ин.

Агар дар байни исми хос ва лақаб бандаки изофа бошад, ҳар кадоме ҷудо навишта мешаванд: Аҳмади Калла, Рустами Достон;

б) номҳои таркибии асарҳои таърихӣ: Бадоеъ-ул-Вақоеъ, Ҳабиб-ус-Сияр, Мантиқ-ут-Тайр ва м. ин;

в) ҳиссаи ал (ат, ад. . . ) дар аввали номҳои шахсҳои таърихӣ: Ал-Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Ат-Табарӣ ва м. ин;

г) номҳои таркибии географии типи зерин: Йошкар-Ола, Порт-Артур, Волга-Дон, Рио-де-Жанейро ва м. ин;

д) исмҳои такрории типи зерин: нон - пон, чой – пой ва м. ин;

е) исмҳое, ки бо такрори калимаи тақлиди овозӣ сохта шудаанд: гум-гуми дар, шилдир-шилдири об, фаш-фаши паровоз, шар-шари об ва м. ин.

Агар ин хел калимаҳо бо суффикс омада бошанд, якҷоя навишта мешаванд: чирчирак, фирфирак, пирпирак, шаршара ва м. ин.

§ 30. Калимаҳои русӣ ва советӣ-интернационалӣ мувофиқи орфографияи русӣ навишта мешаванд: коммунист, революция , радиофикация, роль, январь, съезд, пьеса, самолёт, выставка, вице - адмирал, генерал - майор, взвод, интеллигент, йод, район, октябр, бюджет, фельетон, разъезд ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: а) управление, отделение, участок, посёлок, гербарий , лекторий барин калимаҳо, ки дар охирашон е, й, ок доранд, ба тарзи зерин навишта мешаванд: управления, правления, отделения, участка, посёлка, гербария, лектория, санатория ва м. ин;

б) баъзе калимаҳои русӣ, ки ба забони тоҷикӣ кайҳо дохил шуда, талаффузи хос гирифтаанд, мувофиқи он навишта мешаванд: чойник, самавор, батинка, чӯт.

§ 31. Ҳарфи калон навишта мешавад:

а) дар аввали ном, номи падар, фамилия, тахаллуси адабӣ ва нисбаҳои таркибӣ номи одамони таърихӣ: Лев Николаевич Толстой, Аҳмади Дониш, Камоли Хуҷандӣ, Хисрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ ва м. ин;

б) номҳои таркибии шахсони таърихӣ: Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Ҳалим бинни Абдураҳмони Рӯдакӣ ва м. ин;

Агар пеш аз чунин номҳо бевосита **ибн** ва ё **ал** ояд, **ибн** ва **ал** (**ат** ва м. ин. ) бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Ибни Сино, Ал-Берунӣ, Ал-Хоразмӣ.

в) Дар номи хонадонҳои таърихӣ: Темуриён, Сомониён, Романовҳо ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Агар исмҳои хос ба маънои исми ҷомеъ кор фармуда шаванд, одатан бо суффикси ҷамъбандӣ меоянд ва бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: чкаловҳо, одинаҳо ва м. ин.

г) Дар номи мансабҳои олии давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ, ки характери индивидуалӣ доранд: Раиси Совети Вазирон, Раиси Президиуми Совети Олӣ, Маршали Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ.

**ЁДОВАРӢ**: номи мансабҳо, унвонҳо ва рутбаҳои илмӣ бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: генерал-майор, президенти Академияи фанҳо, раиси комиҷроияи районӣ, вазири маориф, ходими хизм атнишондодаи илм, артисти хизматнишондодаи республика, доцент Аҳмедов, доктори илмҳои таърих Иванов, академик Павлов ва м. ин.

д) Дар калимаҳои ифодакунандаи рутбаҳои таърихӣ: Мирзо Улуғбек, Мавлоно Румӣ ва м. ин.

Агар ин рутбаҳо пас аз ном оянд, бо дефис навишта мешаванд: Улуғ-бек-Мирзо.

е) Исмҳои хоси географӣ (номи мамлакат, республика, кишвар, вилоят, шаҳр, район, дарьё, кӯҳ, бахр ва м. ин): Иттифоқи Советӣ, Республикаи Халқии Хитой, Москва, Аму, баҳри Каспий , кӯли Искандар (Искандаркӯл), Батуми, Тбилиси, Роҳатӣ, Зиддӣ, Кривой Рог, Ясная Поляна ва м. ин;

ж) Номҳои географии таркиби изофӣ ва ё бо пайвандаки у омадагӣ: Ростови Дон, Нахичевани Аракс, Осиёи Миёна, Шарқи Дур, Варзоби Боло, Дараи Ниҳон, Ҳинду Хитой, Карелу Фин, Буряту Муғул, Дашти Ҷум, Қалъаи Хум, Кони Бодом, Шаҳри Нав, Лаби Оби Элак, Сари Осиё ва м. ин;

з) Дар номҳои таркибии органҳои олии давлатӣ ва партиявӣ ҳама калимаҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Совети Олии Иттифоқи Советӣ, Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ, Совети Олии РСС Тоҷикистон, Президиуми Совети Олии Иттифоқи Советӣ, Совети Вазирон, Армияи Советӣ ва дигарҳо;

и) Дар номҳои таркибии идораҳои давлатӣ ва органҳои партиявӣ аз қабили Вазорати корҳои хориҷии Иттифоқи Советӣ, Вазорати маориф, Комитети шаҳрии сталинободии ПК

Тоҷикистон, Совети меҳнаткашони шаҳри Сталинобод ва дигарҳо калимаҳои якӯм ва исмҳои хоси дохили онҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд;

к) Дар номҳои таркибии идораҳои илмӣ, мактабҳои олӣ, театрҳо, музей, парк калимаи якӯм ва исми хоси дохили онҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Институти забон ва адабиёт, Институти педагогӣ, Университети давлатии Тоҷикистон, Театри опера ва балет, Музеи кишваршиносӣ, Парки маданият ва истироҳат;

л) исмҳои кӯтоҳкардашудаи типи зерин: СССР, КПСС, КМ, ТАСС, ВЛКСМ, МТС ва м. ин;

м) Ҳар кадом номҳои таркибии воқеаҳои таърихӣ: Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Якӯми Май, Коммунаи Париж ва м. ин;

н) Дар номҳои таркибии асарҳо калимаи якӯм ва исми хоси дохили онҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд: «Универистетҳои ман», «Диёри навообод», «Марги судхӯр», «Қаҳрамони даврони мо», «Ҷаллодони Бухоро», «Ҳафтпайкар» ва м. ин;

о) Номҳои иштироккунадагони асар, гарчи ин номҳо аслан исми хос набошанд ҳам: достони «Мушу Гурба», масали «Қу, Харчанг ва Моҳӣ» ва м. ин.

## VI. ОРФОГРАФИЯИ СИФАТ

§32. Пешояндҳои ба, бо, бар, бе, то, ҳиссачаи но, ки дар калимасозии сифат префикс шуда меоянд, якҷоя навишта мешаванд: бачаи боғайрат, боақл, писари баркамол, кори безарар, давраи тоалифбо, бачаи нотарс ва м. ин.

§33. Сифатҳои мураккабе, ки аз бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳо ташкил ёфтаанд, якҷоя навишта мешаванд: қадбаланд, хушгап, хушовоз, серҳосил, пешқадам, миёнсол, сангдил, некирода, қаноатбахш, ғайриқаноатбахш, тезгард, сухандон, солхӯрда ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Дар назм гоҳо барои нигоҳ доштани вазн ва оҳанг ҷузъҳои калимаи мураккаб бо дефис навишта мешаванд, чунончи:

Зи бад - асл чашми беҳӣ доштан

Бувад хок дар дида анбоштан. (Фирдавсӣ)

§ 34. Сифатҳои мураккаб, ки дар таркиби худ суффикси калимасоз доранд, якҷоя навишта мешаванд: бачаи даҳсола, бинои сеошьёна, кори ҳаррӯза, пирамарди ҳафтодупанҷсола (75-

сола), тафтиши ҳаматарафа, хӯроки нимрӯзӣ, дӯсти якумрӣ ва м. ин.

§ 35. Сифатҳои мураккабе, ки дар таркиби изофӣ бо суффукси ӣ омадаанд, якҷоя навишта мешаванд: хонаи хиштипухтагӣ, конгресси умумиҷаҳонӣ, иди умумихалқӣ, телпаки пӯсти баррагӣ, кафши сарипоӣ ва м. ин.

§ 36. Сифатҳои мураккабе, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо пешоянд ба воситаи суффикси **Ӣ** сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: мусобиқаи пешазоктябрӣ, кампанияи пешазинтихоботӣ ва м. ин.

Агар ин таркиби калимаҳо бе суффикси сифатсоз омада бошанд, ҷудо навишта мешаванд: мусобиқаи пеш аз Октябрь, тайёрии пеш аз интихобот ва м. ин.

§ 37. Сифатҳои синонимӣ, антонимӣ, ки бо пайвандаки **У** омадаанд, ҷудо навишта мешаванд: чаппакзаниҳои дуру дароз, сӯҳбати гарму ҷӯшон, роҳҳои пасту баланд ва м. ин.

§ 38. Сифатҳои таркибии типи зерин ҷудо навишта мешаванд: ҷоҳои серобу дарахт, одами хушқаду қомат, бачаи саъю ғайратнок, одами бохату савод, дашти беҳадду канор ва м. ин.

§ 39. Сифатҳои таркиби изофии пай дар пай ҷудо навишта мешаванд: заводи ордени Ленииндор, колхози Байрақи Сурхдор, Театри драмавии ордени Байрақи Сурхи Меҳнатдор ва м. ин.

§ 40. Иборaҳои сифатии типи зерин ҷудо навишта мешаванд: ҷанги тан ба тан, ҳуҷуми пай дар пай ва м. ин.

Баъзе аз ин калимаҳо исм шуда меоянд, ки дар ин ҳол якҷоя навишта мешаванд: дарбадарон.

§ 41. Бо дефис навишта мешаванд:

а) Сифатҳои таъкидӣ: суп-сурх, сап-сафед, заб-зард, буд-бутун ва м. ин;

б) Сифати таркибии нисбӣ: корҳои оммавӣ-сиёсӣ, кори ташкилӣ-партиявӣ ва м. ин№;

в) Сифатҳое, ки бо такрори калима сохта шудаанд: коғази рах-рах, риши тор-тор ва м. ин;

г) Дар такрори сифатҳо: себҳои калон-калон, ҷӯякҳои хурд-хурд ва м. ин.

## VII. ОРФОГРАФИЯИ ШУМОРАҲО

§ 42. Дар охири шумораҳои микдории нӯҳ, даҳ ва ғайра (то нуздаҳ) ва панҷоҳ “Ҳ” навишта мешавад.

§ 43. а) Шумораҳои мураккаб аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсад якҷоя навишта мешаванд: сездаҳ, нуздаҳ, ҳафсад ва м. ин.

б) Шумораҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: шасту як, чилу ҳафт, саду ҳаждаҳ, дусаду ҳафдаҳ, ҳазору нӯҳсад, ду ҳазор, панҷ миллион ва м. ин.

§ 44. а) Шумораи касрӣ аз шумораҳои том ҷудо навишта мешавад: яку ним, дую ним аммо дуним), сею ним, дую чорьяк, чору сечорьяк ва м. ин;

б) Шумораҳои мураккаби касрӣ якҷоя навишта мешаванд: сеяк, панҷьяк, чорьяк;

в) Шумораҳои касрӣ бо пешоянди **аз** омада бошанд, ҷудо навишта мешаванд: аз сеяк, аз панҷяк, аз чоряк;

§ 45. Аз нумеративҳо танҳо ҳисачаи нумеративии та, то бо калимаи пешомадагӣ якҷоя навишта мешавад: сета, панҷто.

§ 46. Бо дефис навишта мешаванд:

а) ҳиссачаҳои нумеративии та, то, агар пас аз рақамҳо омада бошанд: 10-та, 5-то;

б) суффикси шумораи тартибӣ, агар пас аз рақамҳо омада бошад: 10-ӯм, 3-йӯм ва м. ин.

в) шумораҳои тахминӣ ва тақсимӣ: понздаҳ-бист нафар 915 - 20 нафар), ду - ду, чорта - чорта (4 - та - 4 - та) .

§ 47. Шумораи миқдорӣ бо садоноке тамом шуда бошад, дар шакли тартибии он суффикси йӯм навишта мешавад: дуйӯм, сейӯм, сийӯм, дуйӯм ва м. ин.

## VIII. ОРФОГРАФИЯИ ҶОНИШИНҲО

§ 48. Пурсиш ҷонишинҳои кӣ? ва чӣ? бо ӣ (ӣ-изаданок) навишта мешаванд: кӣ гуфт? чӣ дидӣ? чӣ хел китоб? чӣ тавр омадед?

§ 49. Ҷонишинҳои сохта ва мураккаби зерин якҷо навишта мешаванд: ҳамин, ҳамон, чунон, ҳамчунин, ҳамчунон,ончунон, инчунин, чандин, чандон.

50. Ҷонишинҳои номуайнии ким-кӣ, ким-кадом, ким-чӣ хел бо дефис навишта мешаванд.

51. Ҷонишинҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ як, ҳар як, ҳар хел, ҳар кадом, ҳар гуна, ҳама гуна, ҳеҷ гоҳ, ҳар гоҳ ва м. ин.

## IX. ОРФОГРАФИЯИ ФЕЪЛ

§ 52. Префиксҳои феълии **дар, бар, фур** бо асос якҷоя навишта мешаванд: даргирифт, дарнамегирифт, баргашт, барнагашт, бархост, фуромад ва м. ин.

§ 53. Префиксҳои **ме, би, на, ма** бо феъл якҷоя навишта мешаванд: мерафт, мехонд, бирафт, наомад, магир.

§ 54. Бандакҳои хабарӣ **ам, ӣ, ем, ед, анд** бо калимаҳо якҷоя навишта мешаванд: хондаам, хонда будаанд, ту муаллимӣ, мо хонандагонем, шумо стахановчиед.

Бандаки хабарии шахси сейӯми танҳо аст бо феълҳои тасрифии нақлӣ якҷоя ва дар мавридҳои дигар ҷудо навишта мешаванд: омадааст, меомадааст, коргараст, пешқадамаст, Раиси артельаст, майдон васеъаст, хондагӣ аст ва м. ин.

55. Ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ аз як дигар ҷудо навишта мешаванд: кор кардан, гуфтугӯ кардан, бекор шудан, пешрафтан, тақ-тақ кардан ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Калимаи **во** дар маънои «кушода» аз феъл ҷудо (чунончи, во кардан, во шудан, во гузоштан) ва дар ҳолатҳои дигар якҷоя навишта мешавад: вохӯрдан, ворастан ва м. ин.

Калимаи **боз** чун зарф аз феъл ҷудо (ӯ боз истод, боз дар ҷояш истод, боз гуфт, боз рафт), чун префикс якҷоя навишта мешавад: бозгаштан, боздодан, бозистодан ва м. ин.

56. Феълҳои таркибии номӣ, ки пешоянд доранд, ҷудо навишта мешаванд: ба анҷом расондан, ба кор бурдан, ба амал овардан, дар бар гирифтан, ба воя расидан, умр ба сар бурдан, аз худ кардан, даст ба гиребон шудан, ба ҷо овардан ва м. ин.

57. Шаклҳои таркибии феълӣ, ки барои ифодаи категорияҳои гуногун (замон, тарз, намуд, ва маъноҳои дигар) сохта шудаанд, ҷудо навишта мешаванд: роҳ рафта истода буд, хонда шуд, бозӣ карда гашт, хонда метавонад, хондан гирифт ва м. ин.

## X. ОРФОГРАФИЯИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

§ 58. Ҷузъҳои феъли ҳоли мураккаб, ки бо суффикси **он** сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: навозишкунон, бозикунон, гумбур-гумбуркунон, гулдурросзанон, сурудхонон ва м. ин.

§ 59. Феъли ҳоли такроршуда бо дефис навишта мешавад: давон-давон, хандида-хандида ва м. ин.

§ 60. Ҷузъҳои феъли ҳоли таркибӣ аз як дигар ҷудо навишта мешаванд: сӯҳбат карда меомаданд, гапзанон карда мерафтанд, ба хона даромада истода ҷавоб дод.

## XI. ОРФОГРАФИЯИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

§ 61. Сифати феълии мураккаби номӣ (бо анда) якҷоя навишта мешавад: зинатдиҳанда, ҳалкунанда, тамомкунанда, мағлубшаванда, ородиҳанда ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: а) Калимаҳои аз нав, аз дигар ва м. ин, ки тарзи амалро нишон медиҳанд, аз сифати феълӣ ҷудо навишта мешаванд: аз нав тартибдиҳанда, аз нав таҳриркунанда;

б) Агар дар таркиби сифатҳои феълӣ пешоянд бошад, ҷузъҳои сифати феълӣ аз якдигар ҷудо навишта мешаванд: аз худ кунанда, ба ёд оваранда, ба иҷро расонда, дар бар гиранда, ба амал оваранда ва м. ин.

§ 62. Сифатҳои феълии замони гузашта, ки бо суффикси **а** сохта шудаанд, аз ду калима иборат бошанд, якҷоя, агар аз ду калима зиёд бошанд, қисми аз феъл иборатбудаи онҳо якҷоя ва қисмҳои дигари онҳо ҷудо навишта мешаванд, чунончи: корҳои иҷрошуда, корҳои иҷро кардашуда, корҳои камфоида, вазифаҳои супоридашуда ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: сифатҳои феълӣ, ки дар таркиби худ пешоянд доранд, ҷудо навишта мешаванд: корҳои ба анҷом расида, бемори аз ҳуш рафта, пири бар ҷо монда ва м. ин.

§ 63. Ҷузъҳои сифатҳои феълии мураккаби замони гузашта (бо суффикси гӣ), ҳозираи давомдор, замони ҳозира оянда ва замони оянда аз якдигар ҷудо навишта мешаванд: корҳои иҷро шудагӣ, корҳои шудаистода (истодагӣ), корҳои иҷро мешудагӣ, молҳои сарф шуданӣ, воқеаҳои фаромӯш нашуданӣ ва м. ин.

§ 64. Сифатҳои феълии таркибие, ки барои ифодаи категорияҳои феъл (замон, тарз, намуд ва маъноҳои дигар) сифатҳои феълии ёридиҳанда гирифтаанд, ҷудо навишта мешаванд: одами хонда истодагӣ, лекцияҳои навишта гирифта, офтоби тулӯъ кардаистода, марди каландзада гаштагӣ, бачаи оббозӣ кардашудагӣ, одами кор карда нишастагӣ, молҳои фиристода шаванда ва м. ин.

## XII. ОРФОГРАФИЯИ ЗАРФ

§ 65. Ҷузъҳои калимаҳои даррав, дарҳол, дартоз, аздусар, торафт, бешубҳа, беҳол ҳам чун зарф якҷоя навишта мешаванд:

Пешоянд бо исм дар таркиби ҳол ҷудо навишта мешавад: бо диққат (хонд), бо муваффақият (кор кард), ба тезӣ, ба зудӣ, бе маврид, бе мулоҳиза, бе мавқеъ, дар воқеъ, дар ҳақиқат ва м. ин.

§ 66. Зарфҳои мураккаб якҷоя навишта мешаванд: пасфардо, парерӯз, парешаб, порсол, перорсол, якзайл, дучанд ва м. ин.

§ 67. Зарфҳои мураккабе, ки бо садоноки пайвандкунандаи о ташкил ёфтаанд, якҷоя навишта мешаванд: саросар, гирдогирд, дамодам ва м. ин.

§ 68. Зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд, бо дефис навишта мешаванд: доман-доман, оҳиста - оҳиста, кам - кам ва м. ин.

## XIII.. ОРФОГРАФИЯИ ПЕШОЯНДҲО ВА ПАСОЯНДҲО

§ 69. Пешояндҳои таркибии изофадор ҷудо навишта мешаванд: дар бораи китоб, аз барои ӯ, дар ҳаққи вай, дар хусуси плани кор ва м. ин.

§ 70. Дар назм пешоянд ва пайвандакҳои кӯтоҳшуда, инчунин шакли қадими пешоянди ба (бад) бо дефис навишта мешаванд: з-ин (аз ин), з-он (аз он), в-аз (ва аз), к-аз (ки аз), з-ӯ (аз ӯ), бад-ин (ба ин), бад-он (ба он), бад-ӯ (ба ӯ) ва м. ин.

71. Пасоянди **–ро** ва бандаки изофӣ (**и**) бевосита пас аз нохунак ё қавс оянд, бо дефис навишта мешаванд: романи «Дохунда»-ро хондам, «Дохунда»-и С. Айнӣ ва м. ин.

Калимаи **қатӣ**, **катӣ** ҳам пешоянд, ҳам пасоянд шуда меоянд ва ҷудо навишта мешавад: қатии шумо, шумокатӣ омадам.

## XIV. ОРФОГРАФИЯИ ПАЙВАНДАКҲО

§ 72. Пайвандакҳои **ки** ва **чи** бо и навишта мешаванд: чи дар шаҳр, чи дар қишлоқ; омадам, ки шуморо бинам. Ин пайвандакҳо дар дохили пайвандаки таркибӣ низ бо **и** навишта мешаванд: чи тарзе ки, гарчи ва м. ин.

73. Пайвандаки **у** (**ю - ву**) бо калимаи пеш омадагӣ якҷоя навишта мешавад: дафтару қалам, мою (мову) шумо, ман омадаму шумо рафтед.

74. Пайвандакҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: ва ё, ё ки, чӣ тарзе ки, баъд аз он ки, монанди он ки, чунон ки, бино барин, бино барон, барои он ки, бо вуҷуди он, бо вуҷуди он ки, гарчанде ки, то ки, то ин ки, бе он ки, зеро ки ва м. ин.

**ЁДОВАРӢ**: Пайвандакҳои мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд: гарчанд, агарчи, (гарчи), чунки, азбаски, чунончи.

## XV. ОРФОГРАФИЯИ ҲИССАЧАҲО

§ 75. Ҳиссачаи натанҳо бо феълҳои тасрифӣ якҷоя навишта мешавад: нагирифт, намегирифт, нагуфт ва м. ин.

Ҳиссачаи **на чун** пайвандак ҷудо навишта мешаванд: намеояд ва на хабареро мефиристонад.

76. Ҳиссачаҳои –мӣ, –чӣ, –кӯ, -а, -дия ва м. ин бо дефис навишта мешаванд: омадед-мӣ?, омадед-ку, хонам-чӣ, наомадед-а, омадед-дия.

## XVI. ОРФОГРАФИЯИ БАЪЗЕ НИДОҲО

§ 77. Нидоҳои такрорӣ бо дефис навишта мешаванд: беҳ-беҳ, қаҳ-қаҳ, ҳай-ҳай ва м. ин.

**Бо Қарори Совети Вазирони Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон № 111, аз 20 апрели соли 1972 тасдиқ шудааст**

## ҚОИДАИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар охири соли 1953 таҳрири нави “Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик» қабул шуда буд. Аз он вақт 18 сол гузашт. Дар ин муддат вобаста ба тараққиёту инкишофи босуръати илму техника, маданият, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ,инчунин пайваста бо ривоҷу равнақи нашри осори классики тоҷик, рус ва дигар халқҳои СССР забони адабии тоҷик ҳам хеле тараққӣ кард,таркиби луғавии он беш аз пеш такмил ёфт. Алоқамандона ба ин,тарзи навишти гурӯҳҳои ҷудогонаи калимаю таркиб ва ибораҳо, ки дар «Қоидаҳои асосӣ…» инъикос наёфтаанд,ба миён омад. Ғайр аз ин,баробари риоя шудани «Қоидаҳои асосӣ…» дар навишти калимаю таркиб ва ибораҳои зиёде вайронӣ ва худсарӣ рӯй дод. Ба ин муносибат Совети Вазирони РСС Тоҷикистон дар хусуси такмили нормаҳои забони адабии тоҷик қарори махсус қабул кард, ки яке аз супоришҳои он аз сари нав муоина намудани қоидаҳои имлои соли 1953 буд.

Дар асоси ҳамин қарор Комитети терминологияи Президиуми Академияи фанҳои республика комиссияи имло ташкил кард. Комиссия дар ҳангоми муайян намудани қоидаҳои имло ба принципҳои анъанавию таърихӣ,морфологӣ ва фонетикӣ такя карда,тамоми матни «Қоидаҳои асосӣ…»-ро ба таври танқидӣ ва ҷиддӣ аз назари таҳрир гузаронид,баъзе қоидаҳои мавҷударо тағйир дода,баъзе қоидаҳои тоза илова намуд; кӯшиш кард, ки имлои калимаю таркиб ва ибораҳои маъмулу машҳури забони тоҷикӣ пурратар фаро гирифта шавад.

Сипас лоиҳаи таҳририӣ нави имлои забони адабии тоҷикро тартиб дода, онро дар шакли китобчае (соли 1967) ба муҳокимаи умумӣ гузошт. Дар асоси материалҳои муҳокима қоидаҳои имлоро гаштаю баргашта аз назар гузаронида, таҳрири онро ба анҷом расонид ва лоиҳаро ба Ҳукумати республика пешниҳод намуд.

Вале ҳанӯз ба таври қатъӣ ҳукм кардан душвор аст, ки гӯё дар таҳрири нав ҳамаи масъалаҳои баҳсноки имлои забони

адабии тоҷик ҳаматарафа ҳал шуда бошанд. Албатта чунин масъалаҳо бо мурури замон дар ҷараёни таълими забони модарӣ ва кори минбаъдаи нашриёту матбуот равшану аниқ гардида, аз назари диққат гузаронида хоҳанд шуд. Ба ҳар ҳол, таҳрири ҳозира дар бобати масъалаҳои имло сифатан хеле беҳтар шудааст.

Совети Вазирони Республикаи Совети и Социалистии Тоҷикистон таҳрири нави» Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷикӣ» - ро бо қарори №111, аз 20 - уми апрели соли1972 тасдиқ кард.

## I. ИМЛОИ БАЪЗЕ САДОНОКҲО

§ 1. Ҳарфи **е** дар мавридҳои зерин **э** талаффуз шуда **е** навишта мешавад:

а) дар миёна ва охири калима пас аз ҳамсадо: **себ, бед, рег, дареғ, меравем**, **шанбе**, **се** ва ғ.;

б) дар ҳиҷои баста пеш аз ҳарфи **ҳ**: **беҳ**, **деҳ**, **зеҳн**, **меҳвар**, **меҳнат**, **меҳр** ва ғ.;

в) дар охири калима пас аз аломати сакта (ъ): **навъе**, **нафъе**, **табъе**, **шамъе**, **ҷамъе** ва ғ.;

г) дар ҳиҷои баста пеш аз аломати сакта **(ъ)**: **бадеъ**, **воқеъ**, **мавқеъ**, **монеъ**, **феъл**, **шеър** ва ғ.;

Дар чунин калимаҳо ҳиҷои баста ба ҳиҷои кушода баргардад ҳам, ҳарфи **е** навишта мешавад: **бадеъ – бадеӣ**, **воқеъ – воқеа**, **мавқеъ - мавқеи мувофиқ**, **монеъ - монеа** ва ғ.;

**ЁДОВАРӢ**: дар баъзе асосҳои замони ҳозираи феъл (чунончи: **деҳ**, **неҳ**) **е** талаффуз шавад ҳам, дар тасриф **и** навишта мешавад: **диҳед**, **ниҳ – ниҳед**, **медиҳад**, **мениҳад**.

д) дар аввали калима, инчунин пас аз садонок, ётбарсар ва ҳарфи **й йэ** талаффуз шуда, **е** навишта мешавад: **елим**, **ем**, **бӯе**, **кардем**, **нае**, **оед**, **олуе**, **дарьёе**, **дояе**, **пояе**, **колхозчие**, **моҳие** ва ғ.;

е) калимаҳои русиву интернационалӣ мувофиқи имлои русиашон навишта мешаванд: **адъектив**, **диереза**, **егерь**, **Егоров**, **Ереван**, **Енисей**, **гигиена**, **иерархия**, **Киев**, **объект**, **субъект** ва ғ.

§ 2. Ҳарфи **ё** ду овоз **(й+о)**-ро ифода намуда, дар аввалу миёна ва охири калима,инчунин пас аз аломати сакта ва ҷудо навишта мешавад: **ёд**, **ёл**, **ёр**, **баён**, **сайёҳ**, **меъёр**, **монтёр**, **бӯрьё**, **дарьё** ва ғ.

Аммо дар баъзе калимаҳои русиву интернационалӣ дар аввали калима ва баъд аз садонокҳо ба ҷои ҳарфи ё таркиби овозхои йо навишта мешавад: **йод**, **йот**, **район**, **майор** ва ғайра.

§ 3. Ҳарфи **и** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар аввали калима пеш аз ҳамсадо: **ибрат**, **изофа**, **изтироб**, **инқилб**, **ирода**, **искана**, **истеъдод**, **ихтиёр**, **ихтироъ**, **ишва**, **иҷозат** ва ғ.;

б) дар байни калима: **бино** (иморат), **биринҷ**, **воҳима**, **гила**, **гиреҳ**, **килк**, **китоб**, **мавсим**, сиришк, тилло ва ғ.;

в) дар охири калимаҳои тақлидии гурӯҳи зерин, ки зада бар ҳиҷои охири онҳо намеафтад: **гурси**, **гуппи** (афтидан), **фарри** (паридан), **ғурри** (гузаштан) ва ғ.;

г) дар мавридҳои зерин ҳамчун ётбарсар **йи** талаффуз шавад ҳам, **и** навишта мешавад:

1) дар байни калима пас аз садонок: **афзоиш**, **доим**, **моил**, **намоиш**, **поидан**, **наистон**, **раис**, **саис**, **суиқасд** ва ғ.;

Аммо дар калимасозӣ пас аз префиксҳои **бе-**, **бо-**, **на-**, **но-** ва ғ. ҳарфи **и** на бо таркиби овозҳои **йи**, балки бо **и**-и соф талаффуз мешавад: **беинтиҳо, беихлос, беихтиёр, беирода, боишва, наистодан, ноилоҷ, ноинсоф** ва ғ.;

пас аз садоноки баъзе калимаҳои арабӣ низ **и**-и соф талаффуз мешавад: **воиз, наим, раият, Соиб, соиқа, фоил** ва ғ.;

2) дар калимабандии изофӣ пас аз ётбарсарҳои **ё,ю,я** ва ҳарфи **й**: **бӯрьёи** нав, **дарьёи** калон, **дояи** меҳрубон,**сояи** дарахт, **ҳадьяи** бародар, **доҳии** бузург, **колхозчии** пешқадам,**Саъдии** ширинсухан,**шоҳии** зебо ва ғ. ;

Вале дар калимаҳои **зебой**, **хушбӯй** ва монанди инҳо фақат бандаки изофӣ чун ётбарсар (**йи**), аммо **и**-и пеш аз изофӣ соф талаффуз мешавад: **зебоии** ҳаёт, **Навоии** бузург, **ошноии** дерин, **накӯии** кор, **пешгӯии** олим, **хушбӯии** гул ва ғ.

§ 4. Ҳарфи **ӣ** (**и**-и заданок) дар охири калима навишта мешавад:

а) баъд аз ҳамсадо: **деҳқонӣ, доҳӣ, зорӣ, колхозӣ, моҳӣ, олӣ, рафтагӣ, Рӯдакӣ, серӣ, тӯтӣ, холӣ, хонагӣ, умумиҷаҳонӣ, шолӣ, шикорӣ, ҳавлӣ** ва ғ.;

б) пас аз садонок **й ӣ** талаффуз шавад ҳам, **ӣ** навишта мешавад: **аврупоӣ, болоӣ, зебоӣ, камнамоӣ, латифагӯӣ, мирзоӣ, хушбӯӣ, шиносоӣ** ва ғ.;

Аммо дар чунин калимаҳо дар калимабандии изофӣ ҳарфи **ӣ** соф талаффуз мешавад: **камнамоии** касе, **латифагӯии** мо, **мирзоии** ман, **накӯгӯии** шоир ва ғ.;

в) бандаки феъливу хабарии шахси дуюми танҳо низ бо **ӣ** навишта мешавад: **хондӣ, хондаӣ, муаллимӣ, нависандаӣ** ва ғ.;

г) калимаҳои шарқие, ки кайҳо дар забони тоҷикӣ маъмуланд,мувофиқи анъана бо **ӣ** навишта мешаванд: **Деҳлӣ, Сафароғлӣ, Чироқчӣ** ва ғ.;

д) калимаҳои русиву интернационалии зерин низ мувофиқи талаффузи тоҷикиашон бо **ӣ** навишта мешаванд: **ботӣ, таксӣ, туфлӣ, яслӣ** ва ғ.

§ 5. Ҳарфи **у** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар аввали калима: **узв, узр, улфат, умед, умр, унвон, унсур, устувор, устухон** ва ғ.;

б) дар миёнаи калима: **анҷуман, ангуштарин, бузург, гург, гумошта, дурахшон, дуруст, душвор, муаллим, пуроб, сутун, тугма,тунука** ва ғ.;

Дар калимаҳои зерин низ ҳарфи **у** навишта мешавад: **якум, чорум, панҷум, шастум, садум, ҳазорум** ва ғ.;

в) дар охири калима: **бону, ду, зону, каду, моку, олу, тарозу, ҷоду** ва ғ.;

г) дар аввал, миёна ва охири ҳамаи калимаҳои русиву интернационалӣ: **углерод удмурт, указ, Украина, Урал, уран, устав, утопия , аббревиатура, август, аудитория, Будапешт, гарнитура, Дунай, Дублин, индуктор, президиум, Тарту** ва ғ.

§ 6. Ҳарфи **ӯ** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар аввал, миёна ва охири калима: **ӯбада, ӯгай, ӯзбек, ӯлча, ӯмоч, ӯрда, ӯсма, ӯғурча, ӯҳдадорӣ, анбӯр, ашӯла, бӯса, дӯхтан, занбӯр, пӯшок, рӯз, чӯб, ғуза, бӯ(й), гулӯ, мӯ(й), рӯ(й), шӯ(й), ҷӯ(й)** ва ғ.;

б) дар ҳиҷои баста пеш аз ҳарфи **ҳ** ва аломати сакта (**ъ**) : **анбӯҳ, бӯҳтон, Зӯҳра, мӯҳлат, сӯҳбат, шӯҳрат, мӯътабар, мӯътадил, мӯъҷиза** ва ғ.

§ 7. Ҳарфи **э** дар аввали калима, пеш аз аломати сакта ва ҳамсадои **ҳ**, инчунин дар байни калимаҳои сохта ва мураккаб навишта мешавад: **эзоҳ, элак, эмин, Эргаш, эълон, эътибор, эътидол, эҳсон, эҳтимол, беэзоҳ, беэътибор, симэлак** ва ғайра.

§ 8. Ҳарфи **ю** ду овоз (**й+у**)-ро ифода намуда, дар аввалу миёнаи калима, инчунин пас аз аломати сакта навишта мешавад: **юнонӣ, юндӣ, брошюра, июль, июнь, маъюб, маъюс** ва ғ.

Дар калимаҳои навъи зерин низ ҳарфи **ю** навишта мешавад: **дуюм, сеюм, сиюм** ва ғ.

Аммо калимаҳои зерин бо таркиби овозҳои **йӯ** навишта мешаванд: **Йӯлдош, йӯрма, йӯрға** ва ғ.

§ 9. Ҳарфи **я** ду овоз (**й+а**) - ро ифода карда, дар аввал, миёна ва охири калима навишта мешавад: **явшон, ягона, ядро, якдилӣ, Яман, мӯайян, мӯяк, мӯяссар, ният, пирьях, гиря, доя, ҳадья** ва ғ.

§ 10. Ҳарфи **ы** дар калимаҳои русиву интернационалӣ навишта мешавад: **выставка, вожатый , вымпел, Быковский , Куйбышев** ва ғ.

## II. ИМЛОИ БАЪЗЕ ҲАМСАДОҲО

§ 11. Ҳарфи **й** дар аввал, миёна ва охири калимаҳо меояд: **йигит, йилдир, йилт-йилт, майдон, най, чой, той** ва ғ.

Аммо дар калимаҳое, ки бо **й** тамом мешаванд:

а) пас аз **й** садоноки **а** ояд, ётбарсари **я** навишта мешавад: **пой - поя, ой - ояд, гӯй - гӯяд** ва ғ.;

б) пас аз **й** садоноки **о** ояд,ётбарсари **ё** навишта мешавад: **хубрӯй - хубрӯён, ростгӯй - ростгӯён, тӯй - тӯёна** ва ғайра.;

в) пас аз **й** садоноки **у** ояд, ётбарсари **ю** навишта мешавад: **най - наю дутор, чой - чою** қанд ва ғ.;

г) пас аз **й** садоноки **э** ояд,ётбарсари **е** навишта мешавад: **той - тое,тӯй - тӯе,чой - чое, ҷӯй - ҷӯе** ва ғ.;

д) пас аз **й** садоноки **и** ояд,ётбарсари **и** навишта мешавад: **най - наи** хушовоз,**тӯй - тӯи** арӯсӣ, **чой - чойи** кабуд, **лой - лоин, мӯй - мӯин** ва ғ.

Вале дар калимаҳои мураккаб садонокҳо вазъияти худро нигоҳ медоранд: **лойолуд, пойандоз, пойафзол, чойандозӣ** ва ғ.

Дар баъзе калимаҳо, ки ҳарфи **й** ташдиднок аст, як **й** дар таркибӣ ётбарсар медарояд: **муайян, муҳайё, мумайиз, мутаҳайир, Сайидо** ва ғ.

§ 12. Ҳарфҳои **ц** ва **щ** дар калимаҳои русӣ ва интернационалӣ навишта мешаванд: **цирк, концерт, цемент, лекция , революция , мещан, помещик, Щорс** ва ғ.

§ 13. Дар калимаҳои навъи **анбар**, **шанбе**, **танбӯр**, **анбор**, **занбӯр**, **занбар**, **танбеҳ** таркиби овозҳои **мб** талаффуз шавад ҳам,таркиби овозҳои **нб** навишта мешавад.

Аммо дар калимаҳои навъи **камбар, камбор, камбин** таркиби овозҳои **мб** навишта мешавад.

§ 14. Дар мавридҳои ташдиди овоз калима мувофиқи нормаи талаффузи забони адабӣ навишта мешавад: **арра, тилло, муддат, аввал, муваффақият, тааҷҷуб, таассуф** ва ғ.

Дар калимабандӣ ва калимасозӣ ҳам садои охири баъзе калимаҳо пеш аз садонок низ ташдиднок мешавад: **дур - дурру** гавҳар, **зар - заррин**, **фан - фанни** забон, **ҳал - ҳалли** масъала, **син - синну** сол, **сир - сирри** ниҳон, **ҳақ - ҳаққи** меҳнат, **маҳал - маҳаллӣ, ҳис - ҳиссиёт, хат** - кори **хаттӣ** ва ғ.

Аммо дар ибораҳои изофӣ баъзе аз ин калимаҳо бо як ҳамсадо низ навишта мешаванд: **хати** хуб, **қади** баланд ва ғайра.

## III. ИМЛОИ АЛОМАТҲО

§ 15. **Аломати сакта (Ъ)**

а) дар калимаҳои тоҷикӣ ҳамсадои ҳалқиро ифода мекунад: **аъзо, баъд, манъ, феъл, маълум, шамъ** ва ғ.;

б) дар калимаҳои навъи зерин инчунин барои ҷудо кардани ҳиҷо низ хизмат мекунад: **анъана, масъала, масъул, Масъуд, машъал, суръат** ва ғ.;

в) дар калимаҳои Совети **ю** интернационалӣ пеш аз ҳарфҳо **йе,ю** навишта мешавад: **съезд,объект, адъютант** ва ғ.;

г) дар ибораҳои изофӣ аломати сакта дар байни ду садонок ояд,навишта намешавад: **мавзӯъ - мавзӯи** дарс, **манбаъ - манбаи** об, **тулӯъ - тулӯи** офтоб ва ғ.;

§ 16. **Аломати ҷудоӣ (Ь)**

а) дар калимаҳои тоҷикӣ ва русиву интернационалӣ пас аз ҳамсадо ва пеш аз ҳарфҳои **ё, ю, я, е, и** навишта мешавад: **бисьёр, бӯрьё, дарьё, гирья, такья, афьюн, тағьйир, чорьяк, садьяк, пульёбӣ, гальюн, Нью-Йорк, пеньюар, судья, тимьян, фельяни, пьеса, премьера, фельетон, Ильин, Ильич** ва ғайра;

б) аломати ҷудоӣ ҳамчун аломати нарм фақат дар калимаҳои русиву интернационалӣ навишта мешавад, автомобиль, Астрахань, июнь, рояль, Рязань, туннель, альбом, бульдозер, Вильнюс, вольт, Горький , Харьков ва ғайра;

в) дар калимабандӣ ва калимасозӣ пеш аз садонок навишта намешавад: **автомобили** боркаш, **рояли** зебо, **табели** кор, **Рязану Тула**, **суръати** автомобилона. Аммо пеш аз ҳамсадо навишта мешавад: **автомобильҳо, табельчӣ, туннельсоз** ва ғ.

## IV. ҚОИДАИ КӮЧОНИДАНИ ҚИСМИ КАЛИМА

§ 17. Дар вақти аз сатр ба сатр кӯчонидани қисми калима:

а) яклухтии ҳиҷо нигоҳ дошта мешавад: **та - ла - ба, нур - аф - шон (ва ё ну - раф - шон), шид - дат, му - ал - лим** ва ғ.;

б) аломати сакта **(ъ)** ва ҷудоӣ **(ь)** дар таркиби ҳиҷои пеш мемонад: маъ - лум, масъ - ул, Демьян,Иль - ич ва ғ.;

в) як ҳарфҳи ҷошуда бошад ҳам, аз сатр ба сатр кӯчонида намешавад: **а - роба, хи - мия,** кӯчонида мешавад.

## V. ИМЛОИ ИСМ

§ 18. Исмҳои навъи зерин ду шакли навишт доранд:

а) исмҳои бо ҳамсадои **ҳ** тамомшуда: **гоҳ - гаҳ, гуноҳ - гунаҳ, коҳ - каҳ, моҳ - маҳ, роҳ - раҳ, сиёҳ - сияҳ** ва ғ.;

б) як гурӯҳ исмҳои бо **й** анҷомёфта: **кӯй - кӯ, мӯй - мӯ, пой - по, рӯй - рӯ, шӯй - шӯ, ҷӯй - ҷӯ** ва ғ.

§ 19. Дар ҳиҷои дуюми охири калимаҳои навъи **мубориза, мунозира, муҳокима, мутолиа** ҳарфи **и** навишта мешавад.

Аммо калимаҳои зерин на бо ҳарфи **и**, балки бо **у** навишта мешаванд: **тарҷума, тарҷумон** (аммо **мутарҷим**).

§ 20. а) суффикси -**зода** бо ном якҷоя навишта мешавад: **Каримзода, Раҳимзода, Турсунзода** ва ғ.;

б) суффикси -**ӣ** ҳам фамилия ва ҳам тахаллус месозад: **Ансорӣ, Деҳотӣ, Икромӣ, Назирӣ, Раҳимӣ** ва ғ.;

в) суффиксҳои -**ов**, -**ова**, -**ович**, -**овна** дар охири исмҳое меоянд, ки бо ҳамсадо тамом шудаанд: **Каримов, Сабуров, Аҳмадова,Олимова,Халилович,Тоировна** ва ғ.;

г) суффиксҳои –**ев, -ева, -евич, -евна** дар охири исмҳое меоянд, ки бо садонок,инчунин бо ҳамсадои **ш** ва **ч** тамом шудаанд: **Ғанӣ - Ғаниев – Ғаниева - Ғаниевич - Ғаниевна, Мирзо – Мирзоев – Мирзоева - Мирзоевич - Мирзоевна, Эргаш - Эргашева, - Эргашев, - Эргашевич - Эргашевна, Қилич – Қиличева – Қиличев - Қиличевич - Қиличевна** ва ғ.

Аммо баъзе фамилияҳо бе суффикс низ ифода мешаванд: **Раҳим Ҷалил, Раҳим Ҳошим, Ғафур Ғулом, Ҳаким Карим.**

§ 21. Якҷоя навишта мешаванд:

1) исмҳои мураккабе, ки аз бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳо сохта шудаанд: **китобхона, мактаббача, шоҳибоф, коргарзан, шартнома, сардор, сарфармондеҳ, Муҳаммадниёз, адабиётшинос** ва ғ.

2) исмҳои мураккабе, ки дар охир суффикси -**ӣ** (**гӣ** доранд; **пахтакорӣ, бадалшавӣ, дудилагӣ, хушмуомилагӣ,**

**пахтатаёркунӣ, номзаднишондиҳӣ, занбӯриасалпарварӣ, санги осиётарошӣ, панҷоҳсолагӣ, садсолагӣ** ва ғ.

3) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи суффикси –**ӣ** аз феълҳои таркибии номӣ сохта шудаанд: **баҷооварӣ, азназаргузаронӣ, баҳисобгирӣ, азхудкунӣ, азнавтартибдиҳӣ** ва ғ.

Аммо ин калимаҳои мураккаб дар шакли масдар ва ё ибораи масдарӣ низ навишта мешаванд: **ба ҷо овардан, аз назар гузаронидан, ба ҳисоб гирифтан, аз худ кардан, аз нав тартиб додан** ва ғ.

4) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи садонокҳои пайвандкунандаи – **у -** , **– о -** аз асосҳои феълӣ сохта шудаанд: **гуфтугӯ, гуфтушунид, задухӯрд, харидуфурӯш, рафтуомад, гирудор, даводав, кашокаш, гирогир** ва ғ.

§ 22. Бо дефис навишта мешаванд:

а) исмҳои мураккаби типи зерин, ки ҷузъи дуюмашон барои шарҳу эзоҳ ва пурра кардани ҷузъи якум омадааст: **марксизм-ленинизм, вагон - клуб, мактаб-интернат, совхоз-техникум, хона-музей** ва ғ.;

б) дар сурати бо адад ифода кардани ҷузъи шуморавии исмҳои мураккаби навъи зерин: **50- солагии** Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, **100-солагии** рӯзи таваллуди В. И. Ленин ва ғ.;

в) исмҳое, ки ҷузъи дуюмашон маънои мустақил надорад: **бозор - мозор, нон - пон, пӯшок - мӯшок, чой - пой, қанд - панд** ва ғ.;

Ин калимаҳо бо суффикс омада бошанд, якҷоя навишта мешаванд: **пирпирак, фирфирак, чирчирак, шаршара**.

§ 23. Ҷудо навишта мешаванд:

1) таркибҳои синонимӣ ва антонимӣ, ки бо пайвандаки **у** меоянд: **афту андом, тобу тоқат, обу ҳаво, саъю ғайрат, ишқу ҳавас** ва ғ.

Аммо таркибҳое, ки маънои луғавии ҷузъҳояшон тағьир ёфтааст, якҷоя навишта мешаванд: **сарутан, сарулибос, сарупо, сарукор, обутоб** ва ғ.

2) исмҳои ҷинс ва хоси таркибии типи зерин: зардолуи **рухи ҷонон,** гули **тоҷи хурӯс,** ангури **дили кафтар, мири мушон, марги муш,** болишти **пари қу,** конфети **оби дандон, Варзоби Поён, Дараи Ниҳон, Маҳаллаи Боло** ва ғ

Аммо исмҳои хоси номи маҳал, инчунин номи шахс, ки маънои ҷузъҳояшон суст шудааст ва бо як задаи асосии калимагӣ

талаффуз меёбанд, якҷоя навишта мешаванд: **Даштиҷум, Конибодом, Обигарм, Сарихосор, Шаҳринав, Шаҳрисабз; Баргигул, Боғигул, Мавҷигул, Моҳихубон, Ҳуснигул** ва ғ.

§ 24. 1) Баёнияҳои унвонӣ, ки ба таркибӣ исми хос дохиланд,бо ном якҷоя навишта мешаванд: **Каримбегим, Миралӣ, Салимбек, Хосиятой, Саидаҳмадхон, Мирзобобо, Норбой, Бобокалон, Ҳайдаршоҳ** ва ғ.

2) Баёнияҳое, ки дар таркиби номҳои хоси таърихӣ омада, лақаб, мансаб ва унвонро мефаҳмонанд, ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешаванд: **Шайх Саъдӣ, Амир Хусрав, Хоҷа Ҳофиз, Мир Алишер, Мавлоно Румӣ, Мулло Тӯйчӣ, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Мирзо Улуғбек, Қорӣ Раҳматулло, Арбоб Рӯзӣ** ва ғ.

Аммо ин гуна баёнияҳо ба маънои аслии худ омада бошанд,бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **Аҳмад - махдум, Шариф - мирохур, Қорӣ - ишкамба** ва ғ.

3) Баёнияҳои хешу таборӣ пеш аз исми хос бо ҳарфи калон ва пас аз исми хос боҳарфи хурд ва бо дефис навишта мешаванд: **Ака - Рустам**, **Рустам-ака (Ако - Рустам, Рустам-ако), Бобо-Ҳошим, Ҳошим-бобо, Ота-Шариф, Шариф-ота, Шарифа-хола** ва ғ.

Аммо дар ибораи изофӣ бо харфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **амаки Барот, холаи Фотима, бобои Карим, момои Шарофат** ва ғ.

Ин баёнияҳо бо номҳои хоси таркибӣ ва лақаб якҷоя ва бо ҳарфи калон навишта мешаванд: **Бобоназар, Бибихадиҷа, Бободӯст** ва ғ.

4) Дар байни исми хосу баёнияи лақаб бандаки изофӣ бошад, ҳар кадом ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Баҳроми Чӯбина, Рустами Достон, Ҳайити Гург,Оймуллои Танбӯр, Муҳаррами Ғарч** ва ғ.

§ 25. 1) Номҳои таркибии асарҳое, ки артикли арабии **ул** (ва вариантҳои он **ус, ут** ва ғ. ) доранд, бо ду дефис навишта мешаванд: **Бадоеъ-ул-вақоеъ, Мантиқ-ут-тайр, Ҳабиб-ус- сияр** ва ғ.;

2) Артикли **ал** - ва ғайра дар аввали номҳои хоси арабӣ бо ҳарфи калон ва бо дефис навишта мешавад: **Ал-Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Ат-Табарӣ, ал-Баётӣ** ва ғ.;

3) Исмҳои хоси номи шахс, ки дар таркибашон артикли арабӣ доранд, якҷоя навишта мешаванд: **Абдулмаҷид,**

**Абдулфаттоҳ, Амонулло, Насрулло, Асомиддин, Камолиддин, Шарофиддин** ва ғ.

§ 26. Ҷузъҳои номҳои таркибии географии типи зерин бо ҳарфи калон ва бо дефис навишта мешаванд: **Йошкар-Ола, Порт-Артур, Волга-Дон, Рио-де-Жанейро, Нью-Йорк** ва ғайра.

§ 27. 1) Калимаҳои русӣ ва интерналионалии навъи зерин мувофиқи имлои забони русӣ навишта мешаванд: **коммунист, революция , радиофикация , съезд, пьеса, самолёт, генерал - майор, взвод, интеллигент, йод, район, отряд, режисёр шахтёр, фельетон, цирк, цилиндр** ва ғ.

2) Аммо **управление, правление, отделение, участок, посёлок, гербарий , лекторий** барин исмҳо, ки дар охирашон **–е, –ий , –ок,** доранд, ба тарзи зерин навишта мешаванд: **управления, правления, участка, посёлка, гербария, лектория, сценария, санатория** ва ғ.

3) Баъзе калимаҳои русӣ, ки ба забони тоҷикӣ кайҳо дохил шудаанд, мувофиқи талаффузи тоҷикӣ навишта мешаванд: **чойник, самовор, патинка, чӯт, туфлӣ, яслӣ, мошини сабукрав, мошини дарздӯзӣ, таксӣ, фойтун, калӯш, карасин, каргас** ва ғ.

4) Инчунин калимаҳои русию интернационалие, ки таркиби овозҳои **дж** доранд, мувофиқи талаффузи тоҷикӣ бо ҳарфи **ҷ** навишта мешаванд: **бюҷет, ҷаз, ҷемпер** ва ғ.

§ 28. Дар мавриди бо таркиби «ба номи» кор фармудани номҳои колхоз, завод,фабрика ва ғ. нохунак кор фармуда намешавад: **колхози ба номи Маркс, заводи ба номи Ленин, театри ба номи Айнӣ, Институти давлатии ба номи Т. Г. Шевченко** ва ғ.

§ 29. Бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

1) Ном,номи падар, фамилия, тахаллус, лақаб ва насаби одамони таърихӣ: **Аҳмади калла, Лев Николаевич Толстой, Шамсиддини Шоҳин, Камоли Хуҷандӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Адиб Собирӣ Тирмизӣ** ва ғ.;

2) калимаҳои «ибн», «бин» (бинт), «валад» дар дохили номҳои таркибии таърихӣ бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммад Ҳаким бинни Абдурраҳмони Рӯдакӣ, Ёдгор валади Бозор** ва ғ.

Аммо калимаи «ибн» пеш аз чунин номҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Ибни Сино, Ибни Мансур, Ибни Ямин** ва ғ.;

3) ном хонадонҳои таърихӣ: **Темуриён, Сомониён, Романовҳо** ва ғ.

**ЁДОВАРӢ**: номҳои хос бо суффикси ҷамъ оянд,бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **айниҳо, иброҳимҳо, чкаловҳо, одинаҳо, шарифҳо** ва ғ.

4) ҳар калимаи номи мансабҳои олии давлатӣ,ва унвонҳои фахрӣ, ки характери индивидуалӣ доранд: **Раиси Совети Вазирон, Раиси Президиуми Совети Олӣ, Маршалли Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, Лётчики Кайҳоннаварди СССР, Артисти Хизматнишондодаи Республика** ва ғ.

Аммо номи мансабҳо,унвонҳо,рутбаҳои ҳарбӣ ва илмӣ, ки характери умумӣ доранд,бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **генерал - майор, раиси комиҷроияи район, вазири маориф, номзади илми филология , доцент Аҳмадов, доктори илми таърих Ғаниев, академик Павлов** ва ғ.

5) номҳои хоси географӣ (номи мамлакат, республика, кишвар, вилоят, шаҳр, район, дарьё, кӯҳ, баҳр ва ғ.): **Иттифоқи Советӣ, Республикаи Халқии Муғулистон, Москва, Аму, баҳри Каспий , кӯли Искандар (Искандаркӯл), Батуми, Тбилиси, Роҳатӣ, Зиддӣ, Кривой Рог, Ясная Поляна** ва ғ.;

6) номҳои географии таркиби изофӣ ва **ё** бо пайвандаки **у** омада: **Варзоби Поён, Даҳанаи Боло, Осиёи Миёна, Ростови Дон, ШарқиДур, Ҳинду Хитой** ва ғ.;

7) ҳар як калимаи номҳои таркибии органҳои олии давлатӣ ва партиявӣ: **Совети Олии ИттифоқиСоветӣ, Комитети марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ, Президиуми Совети Олии СССР, Совети Олии РСС Тоҷикистон, Совети Вазирон** ва ғ.;

8) калимаи якум ва исмҳои хоси дохили номҳои таркибии идораҳои давлатӣ ва органҳои партиявӣ, аз қабили **Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати маориф, Комитети партиявии шаҳри Душанбе, Совети депутатҳои меҳнаткашонии шаҳри Кулоб** ва ғ.;

9) калимаи якум ва исми хоси дохили номҳои таркибии идораҳои илмӣ, мактабҳои олӣ, театрҳо, боғ ва ғ. **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Тоҷикистон, Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко, Университети давлатии Тоҷикистон, Театри опера ва балети ба номи Айнӣ, Боғи маданият ва истироҳати ба номи В. И. Ленин, Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ** ва ғ.;

10) исмҳои мураккаби ихтисори (абревиатураи) типи зерин: **СССР, КПСС, КМ, ТАСС, ВЛКСМ, ИТИМ (Институти такмили ихтисосӣ муаллимон)**;

11) ҳар калимаи исмҳои таркибии воқеаҳои таърихӣ: **Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Якуми Май, Коммунаи Париж, Шӯриши Восеъ, Исьёни Муқаннаъ**; инчунин номҳои таркибии типи зерин ҳам: **Конституцияи Советӣ, Армияи Советӣ** ва ғ.;

12) калимаи якум ва номи хоси дохили номҳои таркибии асарҳо: **«Университетҳои ман», «Марги судхӯр», «Қаҳрамони даврони мо», «Ҷаллодони Бухоро», «Ҳафт пайкар»** ва ғ.

13) номҳои газета ва журналҳо: **«Правда», «Известия», «Пионер», «Хорпуштак»** ва ғ.;

14) агар ин номҳо таркибӣ бошанд,танҳо калимаи аввалашон: **«Тоҷикистони Советӣ», «Хоҷагии қишлоқ», «Мактаби Советӣ»** ва ғ.;

15) калимаи якум ва исми хоси дохили он: **«Ҳақиқати Ленинобод», «Коммунисти Тоҷикистон», Садои Шарқ»** ва ғ.;

16) номи персонажҳои асарҳои бадеӣ, ки аслан номи хос нестанд: **Муш, Гурба, Қу, Харчанг, Моҳӣ** ва ғ.

## VI. ИМЛОИ СИФАТ

§ 30. Префиксҳои **бо-, ба-, бе-, то-, но-** бо калима якҷоя навишта мешавад: **бачаи боғайрат, боақл, писари баркамол, кори безарар, давраи тоалиффбо, ҷавони нотарс, одами номард** ва ғ.

§ 31. Якҷоя навишта мешаванд:

1) сифатҳои мураккабе, ки аз бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳо ташкил ёфтаанд: **қадбаланд, хушгап, хушовоз, серҳосил, пешқадам, миёнсол, сангдил, некирода, қаноатбахш, тезгард, сухандон, солхӯрда** ва ғ.

2) сифатҳои мураккаби типи зерин: **бачаи даҳсола, кори ҳаррӯза, пирамарди ҳафтоду панҷсола, тафтиши ҳаматарафа, хӯроки нисфирӯзӣ, дӯсти якумрӣ, хизмати панҷрӯза, кори сесоата** ва ғ. ;

3) сифатҳои мураккаби зерин, ки аз ибораҳои исмии изофӣ ба воситаи суффикси **–ӣ (гӣ)** сохта шудаанд: **нисфирӯзӣ, умумиҷаҳонӣ, умумихалқӣ, пӯстибаррагӣ, саридастӣ, хиштипухтагӣ** ва ғ.;

4) сифатҳои мураккабе, ки аз таркибҳои пешоянду исм ба воситаи суффикси **-ӣ** сохта шудаанд: мусобиқаи **пешазоктябрӣ**, маъракаи **пешазинтихоботӣ** ва ғ.

Таркиби ин калимаҳо бе суффикс омада бошад, ҷудо навишта мешавад: **мусобиқаи пеш аз Октябрь, тайёрии пеш аз интихобот** ва ғ.

§ 32. Ҷудо навишта мешаванд:

1) сифатҳои синонимӣ ва антонимӣ, ки бо пайвандаки **у** омадаанд: чапакзаниҳои **дурудароз,** сӯҳбати **гарму ҷӯшон,** роҳҳои **пасту баланд,** хешовандони **дуру наздик** ва ғ.;

2) сифатҳои таркибии типи зерин: ҷойҳои **серобу дарахт,** одами **хушқаду қомат (хушқаду паст),** одами **бохату савод (хату саводнок),** дашти **беҳаддуканор,** маҳалҳои **бедолударахт,** чӯлҳои **бебугиёҳ,** дараи **хушобу ҳаво** ва ғ.;

3) сифатҳои таркибии изофии пайдарпай, ки ба воситаи морфемаи - **дор** сохта шудаанд: заводи **ордени Лениндор,** колхози **Байрақи Сурхдор,** театри **драмавии ордени Байрақи Сурхи меҳнатдор** ва ғ.

Ин сифатҳои таркибӣ дар шакли зерин низ навишта мешаванд: заводи **дорои ордени Ленин,** колхози **дорои Байрақи Сурх,** театри **драмавии дорои ордени Байрақи Сурхи Меҳнат.**

4) сифатҳои таркибие, ки аз ибораҳои изофӣ ба воситаи морфемаҳои **-пӯш** ва **-хӯр** сохта шудаанд: (духтари) **куртаи шоҳипӯш,** (марди) **мӯзаи сурхпӯш,** (писари) **тоқии бахмалпӯш,** (одами) **моли мардумхӯр, ҳаққи сағирхӯр,** ва ғ. ;

5) таркибҳои сифатии типи зерин: ҷанги **тан ба тан,** ҳуҷуми **пай дар пай,** масъалаи **печ дар печ,** муваффақиятҳои **нав ба нав** ва ғ.

§ 33. Бо дефис навишта мешаванд:

а) сифатҳои таъкидӣ: **суп-сурх, сап-сафед, заб-зард, сап-сиёҳ, каб-кабуд, лӯб-лӯнда, топ-торик**;

б) сифатҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: қоғази **рах-рах,** риши **тор-тор,** себҳои **калон-калон, ҷӯякҳои хурд-хурд**;

в) сифатҳои мураккаби навъи зерин, ки ҷузъҳояшон барои пурра кардан ва эзоҳ додани якдигар омадаанд: **марксистӣ-ленинӣ, идеявӣ-назариявӣ, моддӣ-материалӣ, русӣ-тоҷикӣ**;

г) сифатҳое, ки аз шумораи миқдорию исм сохта шудаанд (дар сурати бо адади ифода кардани ҷузъи шумравиашон): **125-сола, 35-моҳа, 65-рӯза, 10-ҳафтаина** ва ғайра.

§ 34. 1) сифатҳои таркибие, ки ҷузъҳояшон мафҳумҳои ҷудогонаро ифода мекунанд, бо пайвандаки **–у (-ю)** навишта мешаванд: **илмию техникӣ, иҷтимоию сиёсӣ, ҳисоботию интихоботӣ** ва ғ.;

2) агар қисми дуюми ин гуна таркибҳои сифатӣ хусусияти муайянкунандагӣ дошта бошад, бо бандаки изофӣ ( - **ӣ**) навишта мешаванд: **шимоли ғарбӣ, ҷануби шарқӣ, миллии озодихоҳӣ, илмии педагогӣ** ва ғ.

## VII. ИМЛОИ ШУМОРАҲО

§ 35. Дар охири шумораҳои миқдории аз **нӯҳ, даҳ** то **нуздаҳ** ва **панҷоҳ** ҳарфи **ҳ** навишта мешавад.

§ 36. Якҷоя навишта мешаванд:

1) шумораҳои мураккаб аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсад: **сездаҳ, нуздаҳ, чорсад, ҳаштсад** ва ғ.;

2) шумораҳои мураккаби касрӣ: **сеяк, чорьяк, панҷьяк** ва ғайра.

Аммо ин шумораҳо бо пешоянди **аз** ҷудо навишта мешаванд: **аз се як, аз чор як, аз панҷ як.**

§ 37. Ҷудо навишта мешаванд:

1) шумораи таркибӣ: **шасту як, чилу ҳафт, саду ҳаждаҳ, дусаду ҳабдаҳ, ҳазору нӯҳсад, ду ҳазор, панҷ миллион** ва ғ.;

2) шумораи касрӣ аз шумораи том: **яку ним, дую ним (аммо дуним), сею ним, дую чорьяк,чору сечорьяк** ва ғ.

§ 38. Суффикси шумораи тартибӣ пас аз ҳамсадо бо **-ум** ва пас аз садонок бо **–юм** навишта мешавад: **якум, чорум, бистум, дуюм, сеюм, сиюм.**

§ 39. Бо дефис навишта мешаванд:

а) нумеративи **–то** (**-та**) бо шумора: **се-то (се-та), панҷ-то, (панҷ-та), даҳ-то (даҳ-та); 5-то (5-та), 10-то (10-та)** ва ғ.;

б) суффикси шумораи тартибӣ **–ум** (**-юм**) пас аз рақамҳо омада бошад: **2-юм, 3-юм, 10-ум, 20-ум** ва ғ.;

в) шумораҳои тахминӣ ва тақсимӣ: **понздаҳ-бист нафар (15-20 нафар), ду-ду, чорта-чорта (4-та - 4-та).**

§ 40. Дар дохили таркибҳои типи зерин шумораи як ҷудо навишта мешавад: **як бор, як қатор, як дафъа, як вақт, як ҷо, як гала, як умр, як хел, як навъ**; аммо ҷузъҳои калимаҳои зерин ҳамчун қисми калимаи мураккаб якҷоя навишта мешаванд: **якрав, яклухт, якранг, якрӯ, якҷинс, якдигар** ва ғ.

## VIII. ИМЛОИ ҶОНИШИНҲО

§ 41. Пурсишҷонишинҳои **кӣ**? ва **чӣ**? бо **ӣ** навишта мешаванд: **кӣ гуфт? чӣ дидӣ? чӣ хел китоб? чӣ тавр омадед?**

§ 42. Ҷонишинҳои сохта ва мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд: **ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ҳамчунин, ҳамчунон, ончунин, инчунин, чандин, чандон** ва ғ.

§ 43. Ҷонишинҳои номуайянии **ким-кӣ, ким-кадом, ким-чӣ, ким-чӣхел** бо дефис навишта мешаванд.

§ 44. Ҷонишинҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **ҳеҷ-кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ як, ҳар як, ҳар хел, ҳар кадом, ҳар гуна, ҳама гуна, ин гуна, ҳеҷ гоҳ, ҳар гоҳ, ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар чӣ қадар, он кӣ,он чӣ, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ тавр.**

**ЁДОВАРӢ**: а) калимаи модалии **ҳарчи** якҷоя ва бо **и** навишта мешавад: **ҳарчи омадед. Корро ҳарчи зудтар анҷом диҳем**;

б) ҷонишинҳои мураккаби **ҳарчанд**, **якчанд** ва **якдигар** якҷоя навишта мешаванд.

§ 45. Дар назм бандакҷонишин бо калима баъди ҳамсадо дар шакли кӯтоҳ омада бошад,бо дефис навишта мешавад: **гуфтам-ш, гирифтем-шон, китоб-т** ва ғ.

## IX. ИМЛОИ ФЕЪЛ

§ 46. Якҷоя навишт амешаванд:

1) Префиксҳои феълии **дар-, бар-, фур -** бо асос: **даргирифт, дарнамегирифт, баргашт, барнагашт, бархост, фуромад** ва ғ.

2) префиксҳои **ме-, би-, на- (ма)** бо феъл: **мерафт, мехонад, бирафт, наомад, магир** ва ғ.

Префикси **на -** ихтисор шуда бошад,бо дефис навишта мешавад: **н - омад,н - овард** ва ғ.

Префикси архаистии **ҳаме** пеш аз феъл ояд, якҷоя, дар мавридҳои дигар ҷудо навишта мешавад: **ҳамегӯяд, гӯяд ҳаме,** писарро гирифт ба канор **ҳаме** ва ғ.;

3) бандакҳои хабарӣ ва феълии **- ам, - ӣ, - ем, - ед, - анд** бо калимаҳо: **хондаам, хонда будаанд, ту муаллимӣ, мо хонандагонем.**

Аммо бандаки шахси сеюми танҳо аст бо феълҳои тасрифии нақлӣ ва давомдор якҷоя; дар мавридҳои дигар ҷудо навишта мешавад: **омадааст, меомадааст, омада истодааст; коргар аст, пешқадамаст, раиси артель аст, васеъ аст, вобаста аст**.

Дар сурати ихтисор шудани садоноки **а** ин бандак бо калима якҷоя навишта мешавад: **рафтанист, зебост, шоирест** ва ғ.

§ 47. 1) Калимаи **во** аз феълҳо ҷудо навишта мешавад: **во кардан, во шудан, во гузоштан, аммо во хӯрдан** (**во намехӯрад**) ва ғ.;

2) Калимаи **боз** чун аз феъл ҷудо (**ӯ бозхонд, бозрафт, дар ҷояш бозистод, бозгуфт),** чун префикс якҷоя навишта мешавад: **бозгаштан, боздодан, бозистодан, бознагашт** ва ғ.

§ 48. Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҷузъҳои феълҳои таркибии номӣ: **кор кардан, гуфтугӯ кардан, бекор шудан, пеш гирифтан,тақ-тақ кардан** ва ғ.;

б) феълҳои таркибии номӣ, ки пешоянд доранд: **ба анҷом расондан, ба кор бурдан, ба амал овардан, ба бар гирифтан, ба воя расондан, умр ба сар бурдан, аз худ кардан, аз бар кардан, даст ба гиребон шудан, ба ҷо овардан, дар бар гирифтан, аз ёд кардан** ва ғ.;

в) шаклҳои таркибии феълӣ, ки барои ифодаи категорияҳои гуногун (замон,тарз,намуд ва маъноҳои дигар) сохта шудаанд: **роҳ рафта истода буд, хонда шуд, бозӣ карда мегардад, хонда метавонад, хондан гирифт** ва ғ.

## X. ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

§ 49. Ҷузъҳои феъли ҳоли мураккабе, ки бо суффикси **-он** сохта шудааст, якҷоя навишта мешаванд: **навозишкунон, бозикунон, гулдурросзанон, сурудхонон** ва ғ.

Ҳиссаи номии ин феълҳои ҳол такрор ёбад,бо дефис навишта мешавад: **гумбур-гумбуркунон, ҷаҳ-ҷаҳзанон, ҳай-ҳайгӯён** ва ғ.

§ 50. Ҷузъҳои феъли ҳоли таркибӣ аз якдигар ҷудо навишта мешаванд: **сӯҳбат карда меомаданд, гапзанон карда мерафтанд, хандида истода ҷавоб дод**.

§ 51. Феъли ҳоли такроршуда бо дефис навишта мешавад: **хонда-хонда, хандида-хандида, лангида-лангида (лангон-лангон)**.

## XI. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

§ 52. Сифати феълии мураккаби номӣ (бо **-анда**) якҷоя навишта мешавад: **зинатдиҳанда, ҳалкунанда, тамомкунанда, мағлубнашаванда, ородиҳанда** ва ғ.

Таркибҳои **аз сари нав, аз нав, аз дигар** ва ғ., ки тарзи амалро нишон медиҳанд, аз ин сифатҳои феълӣ ҷудо навишта мешаванд: **аз нав тартибдиҳанда, аз нав таҳриркунанда** ва ғ.

§ 53. Сифатҳои феълии замони гузашта, ки бо суффикси **–а** сохта шудаанд, аз ду калима иборат бошанд, ҳамчун сифат якҷоя, агар аз ду калима зиёд бошанд, ҳамчун шакли ҷудо навишта мешаванд: корҳои **иҷро шуда,** корҳои **қафо монда,** ҳавлии **иҷора монда,** корҳои **иҷро шуда истода,** корҳои **иҷро карда шуда,** офтоби **тулӯъ карда истода** ва ғайра.

§ 54. Сифатҳои феълие, ки аз феълҳои мураккаби номии пешояндор сохташуда, дар таркиби худ як ҳиссаи феълӣ доранд, чун сифат якҷоя навишта мешаванд: корҳои **баанҷомрасида,** одами **азхудрафта,** пири **барҷомонда** ва ғ.

Ин гуна сифатҳои феълӣ ду ҳиссаи феълӣ дошта бошанд ҳам, ҳисссаҳои номиашон ва ҳам ҳиссаҳои феълиашон ҷудо навишта мешаванд: чизи ба гарав **монда шуда,** корхонаи ба истифода **дода шуда,** кори ба анҷом **расонда шуда** ва ғ.

§ 55. Ҷузъҳои сифати феълии мураккаби бо суффикси **-гӣ** ва **-ӣ** сохташуда аз якдигар ҷудо навишта мешаванд: корҳои **иҷро шудагӣ,** корҳои **иҷро шуда истодагӣ,** одами **хонда истодагӣ,** корҳои **иҷро мешудагӣ,**одами **кор карда нишастагӣ,** марди **каланд зада гаштагӣ,** баччаи **оббозӣ карда шудагӣ,** молҳои **сарф шуданӣ,** воқеаҳои **фаромӯш нашуданӣ** ва ғ.

## XII. ИМЛОИ ЗАРФ

§ 56. Якҷоя навишта мешаванд:

1) зарфҳои типи зерин, ки ба воситаи префикс сохта шудаанд: **даррав, дартоз, дарҳол, аздусар, торафт, баногоҳ** ва ғ.;

2) зарфҳои мураккаб: **пасфардо, парерӯз, парешаб (парерӯз, парершаб, парерсол), порсол, перорсол, якзайл (ба маънои муттасил) якчанд**, **дучанд, сечанд** ва ғ.;

3) зарфҳои мураккабе, ки бо садоноки пайвандкунандаи – **о** - ташкил ёфтаанд: **саросар, дамодам, саропо, сарозер** ва ғ.;

§ 57. Зарфҳое, ки бо роҳи такрори калима сохта шудаанд, бо дефис навишта мешаванд: **доман-доман, оҳиста-оҳиста, кам-кам, тез-тез** ва ғ.;

§ 58. Таркибҳои зарфии типи зерин ҷудо навишта мешаванд: **рӯз то рӯз, рӯз ба рӯз; сол то сол, худ ба худ, дам ба дам** ва ғ.

§ 59. Дар таркибҳои зарфии типи зерин префикси **бе-** бо ҷузъи якум якҷоя навишта мешавад: **бечуну чаро, бешакку шубҳа, бекаму кост, беқилу қол** ва ғ.

## XIII. ИМЛОИ ПЕШОЯНДҲО ВА ПАСОЯНДҲО

§ 60. Ҷудо навишта мешаванд:

1) пешояндҳои номии таркибии изофӣ ва ғайриизофӣ: **дар бораи, аз барои, дар ҳаққӣ, дар бобатӣ; назар ба, нисбат ба, оид ба, пас аз, ғайр аз** ва ғ.;

2) пешоянд бо исми маънӣ дар вазифаи ҳол: **ба дурустӣ (гуфтан), ба куллӣ (тағьир додан), ба наздикӣ (вохӯрдан), ба тезӣ (баргаштан), дар наздикӣ (оштӣ шудан), бо диққат (гӯш кардан), бо шавқ (хондан), бо муваффақият (кор кардан), бе маврид (омадан), бе танаффус (давом кардан)** ва ғ.;

3) пасоянди қати (кати) аз калима: **шумо қати (омадам), бародарам қати (рафтам)** ва ғ.;

4) таркибҳои пешояндиву пасояндии навъи зерин, ки асосан хоси адабиёти классикӣ мебошанд: **ба боғ(а)ндар, ба(шаб)андар** ва ғ.

§ 61. Бо дефис навишта мешаванд:

а) дар назм пешоянд ва пайвандакҳои кӯтоҳшуда, инчунин шакли қадимаи пешоянди ба (бад): **з-ин (аз ин), з-он (аз он), в-аз (ва аз), к-аз (ки аз), в–ин (ва ин), з-ӯ (аз ӯ), бад-ин (ба ин), бад-он (ба он), бад-ӯ (ба ӯ), в-омад, к-омад (ва омад, ки омад)** ва ғ.;

б) пасоянди - ро ва бандаки изофӣ (**и**) бевосита пас аз нохунак ё қавс омада бошанд: **романи «Дохунда»-ро хондам, «Дохунда»-и С. Айнӣ** ва ғ.

## XIV. ИМЛОИ ПАЙВАНДАКҲО

§ 62. Пайвандакҳои **ки** ва **чи** бо **и** навишта мешаванд: **чи дар шаҳр, чи дар қишлоқ; омадам, ки шуморо бинам** ва ғ.

Ин пайвандакҳо дар дохилӣ пайвандаки таркибӣ низ бо **и** навишта мешаванд: чи тавре ки,чи тарзе ки ва ғ.

§ 63. Пайвандаки –у **(- ю, -ву)** бо калимаи пеш омада якҷоя навишта мешавад: **дафтару қалам, мою (мову) шумо, ман омадаму шумо рафтед** ва ғ.

§ 64. Пайвандакҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **ва ё, ё ки, чи тарзе ки, баъд аз он ки, монанди он ки, чунон ки, бинобар ин, бинобар он, барои он ки, бо вуҷуди он,бо вуҷуди онки, гарчанде ки, то ки, то ин ки, бе он ки, зеро ки** ва ғ.

Аммо пайвандакҳои мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд: **гарчанд, агарчи, (гарчи), азбаски, вагарна** ва ғ.

## XV. ИМЛОИ ҲИССАЧАҲО

§ 65. Ҳиссачаи **на** чун пайвандак ҷудо навишта мешавад: **на меояд ва на хабар мефиристонад, на фақат…балки, на танҳо…балки** ва ғ.

§ 66. Ҳиссачаҳои **- чӣ, - ку, - дия, - мӣ** ва ғ. бо дефис навишта мешаванд: **хонам-чӣ, омадед - ку, наомадед - а, омадед - дия, омадед-мӣ** ва ғ.

## XVI. ИМЛОИ БАЪЗЕ НИДОҲО

§ 67. Нидоҳои такрор бо дефис навишта мешаванд: **беҳ-беҳ, қаҳ-қаҳ, ҳай-ҳай, вой-вой, ҳа-ҳа-ҳа, ҳи-ҳи-ҳи** ва ғ.

# ЛОИҲАИ «ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ИМЛОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»

**(Таҳияи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон, соли 1993)**

## I. АЛИФБО ВА НОМИ ҲАРФҲО

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | Б | В | Г | Ғ | Д | Ж | З | Е | (Э) | И | Ӣ |
| а | б | в | г | ғ | д | ж | з | е | (э) | и | ӣ |
| а | бе | ве | ге | ғе | де | же | зе | е | (э) | и | ӣ |
| Й | К | Қ | Л | М | Н | О | П | Р | С | | |
| Й | к | қ | л | м | н | о | п | р | с | | |
| йе | ке | қе | ле | ме | не | о | пе | ре | се | | |
| Т | У | Ӯ | Ф | Х | Ҳ | Ч | Ҷ | Ш | Ъ | | |
| т | у | ӯ | ф | х | ҳ | ч | ҷ | ш | ъ | | |
| те | у | ӯ | фе | хе | ҳе | че | ҷе | ше | ъе | | |

## II. ИМЛОИ САДОНОКҲО

§1.Ҳарфи **и** ду шакл дорад: **и ва ӣ**

1) Ҳарфи **и** дар чунин мавридҳо навишта мешавад;

а) дар оғоз ва байни калима; **илтимос, имом, имрӯз, инкор, висол, иттифоқ, ифтихор** ва ғайра;

б) дар охири калима, пас аз ҳамсадо, асосан дар пайвандак ва ҳиссачаҳои **ки** ва **чи** истифода мешавад, ин хусусияти вай дар дохили калимаҳои мураккаб ва таркибӣ низ боқӣ мемонад: **аз-баски, балки, вақте ки, кошки, чунки, ҳангоме ки, агарчи, равам чи, чунончи, ҳарчи**;

в) ҳарфи **и** дар охири калимаи муайяншаванда ҳамчун изофат меояд: **гули бодом, дили васеъ, чойи кабуд, бародари амаки ман** ва ғайра.

2) Ҳарфи ӣ (ӣ- и заданок) дар чунин мавридҳо навишта мешавад:

а) дар анҷоми калима, баъди ҳамсадо: **валӣ, гулобӣ, доҳӣ, зардмоҳӣ, некӣ, сахӣ, хирадмандӣ, холӣ, шолӣ, ҷавонӣ** ва ғайра.

б) дар талаффуз, дар анҷоми калима баъди садонокҳои **о** пеш аз **ӣ** овози **й** меафзояд: **аврупойӣ, болойӣ, донойӣ, зебойӣ, камнамойӣ, шиносойӣ** ва ғайра.

Дар калимабандӣ пеш аз бандаки изофӣ низ овози **й** меафзояд; **зебоийи ҳайот, латифагӯийи меҳмонон**;

в) бандаки феъливу хабарии шахси дуюми шумораи танҳо барои тафовути он аз бандаки изофӣ бо ҳарфи **й** навишта мешавад: **гуфтӣ, додӣ, newсӣ, мехондӣ, боғбонӣ, коргарӣ, муаллимӣ** ва ғайра.

2) дар охири калимаҳои иқтибосии аврупоӣ овози **и** мувофиқи талаффузи тоҷикӣ ӣ навишта мешавад: **Ибаруриӣ, Лӣ, Сухумӣ, Тибилисӣ, ботӣ, кетӣ, таксӣ, туфлӣ, яслӣ** ва ғайра.

§ 2. Ҳарфи о. Дар калимаҳое, ки бо овози **ҳ** анҷом ёфтаанд, гоҳ ба ҷои овози **о** ҳарфи **а** навишта мешавад; **воҳ- ваҳ, гоҳ- гаҳ, гуноҳ-гунаҳ, коҳ-каҳ, кулоҳ-кулаҳ, паноҳ-панаҳ, роҳ-раҳ, рӯбоҳ-рӯбаҳ, сийоҳ-сийаҳ, чоҳ-чаҳ, шоҳ-шаҳ** ва ғайра.

§3. Ҳарфи у дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) калимаҳои зерин на бо ҳарфи **и**, балки бо **у** навишта мешаванд, агарчи **и** талаффуз мешавад **у** навишта мешаванд: **тарҷума, тарҷумаи ҳол, тарҷумон (аммо мутарҷим), хусрав, (Носири Хусрав, Хусрави Даҳлавӣ, Хусрави Парвиз), хусравонӣ, хусравона, хусравӣ**;

б) ҳамчунин калимаҳои иқтибосии зайл бо ҳарфи **и** навишта мешаванд: **Вайсиддин, Камолиддин, Нуриддин, Тоҷиддин, Фазлиддин, Фатҳиддин, Ҷамолиддин, Шамсиддин**, вале калимаҳои зерин бо ҳарфи **у** меояд; **Асаддулоҳ, Баҳрулло, Кароматуллоҳ, Нуруллоҳ, Саъдуллоҳ, Хайруллоҳ, Шамсуллоҳ** ва ғайра.

4. Ҳарфи **ӯ** дар мавридҳои зерин навишта мешавад;

а) дар аввали калимаҳои иқтибосӣ; **ӯзбак, ӯрду** ва ғайра;

б) дар байни калима: **андӯхтан, бӯса, бӯз, гӯгирд, дурӯғ, дӯст, зӯрманд, кӯшк, сӯхтан, тӯтӣ, тӯша, фурӯзон, хӯрдан, чӯб, шӯра, ғӯза, мавзӯъ, мамнӯъ, руҷӯъ, бӯй, кӯй, мӯй, рӯй, шӯй** ва ғайра.

§5. Ҳарфи **е** (**э**) дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар оғози калима, пеш аз ҳамсадо: **Ёрон, езид, елак, элчӣ, емин, ерод, естондухтар, ешон** ва ғайра.

Дар ин мавқеъ пеш аз ҳарфҳои **х** ва **ъ**, ки ҳиҷои баста ташкил мекунад меояд. Дар оғози калимаҳои зерин пеш аз ҳарфи **ҳ**

ва **ъ** мувофиқи талаффуз имрӯз **е** навишта мешавад; **еҳдо, еҳсон, еҳтиёт, еҳтиёҷ, еҳтимол, еҳтиром еъзоз, еълом, еътибор, еътидол, еътимод, еътироз, еътироф, еътиқод, еъҷоз** ва ғайра.

б) асоси замони ҳозираи феълҳои **додан, зистан** ва **ниҳодан** бо ҳарфи **е**: **деҳ, зеҳ, неҳ**, вале дар ҳиҷои кушода **и** навишта мешавад; **диҳад-медиҳад, диҳанда; зиҳад-мезиҳад, ниҳад-мениҳад, ниҳоданд, сарниҳода** ва ғайра. Ин қоида дар калимасоз низ риоя мешавад; **фармондеҳ, фармондиҳанда, боздеҳ** ва ғайра.

## III. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲО

§ 6. Ҳарфи ж дар оғоз, байн ва анҷоми калима навишта мешавад: **жанда, жарф, жола, жӯлидамӯй, вожжа, мижа, мижгон, нажод, ожанг, пажӯҳиш, лағжидан, каждум, бож, диж (қалъа)** ва ғайра.

§7. Ҳарфи **й (йе)** дар аввал, байн ва охири калима навишта мешавад: **йагона, йаздон, йодгор, йорӣ, йоқут, йусуфталъат, авлийобайон, бепойон, вилойат, гийоҳ, дийор, зийорат, нийогон; райосат, рӯйан, сойабон, табойун, чой, пой, сой, мӯй, рӯй** ва ғайра.

§8. Ҳарфи **н** дар калимаҳои зерин пеш аз **о** на ҳарфи **м**, балки **н** навишта мешавад: **Душанбе, анбар, анбийо, анбиқ, анбоз, анбор, анбоштан, анбӯр, занбӯр, пунба, сунба, сунбидан, сунбул, танбал, танбӯр, шанбе** ва ғайра.

§9. Ҳарфи **с**. Калимаҳои иқтибосие, ки ҳарфи **ц** доранд, мувофиқи талаффузи тоҷикӣ пас аз ҳамсадо бо **с**, пас аз садонок бо **же** навишта мешаванд: **семент, сотсиализм, сирк, конститусия**.

§10. Ҳарфи **ъ** дар байн ва охири калима навишта мешавад: **аъдо, аъло, баъзе, истеъдод, шуъба, ашъор, вазъият, вусъат, дафъа, инъикос, инъом, малъун, масъул, ихтироъ, бадеъ, васеъ, воқеъ, мазраъ, матлаъ, мамнӯъ, маснӯъ, рабеъ, рофеъ, самеъ, байъ, дафъ, манъ, навъ, рафъ, самъ** ва ғайра.

§11. Калимаҳои русиву байналмилалӣ мувофиқи талаффузи забони адабии тоҷик навишта мешаванд; **автомобил, адйутант, апрел, Биковский, бонк, буҷет, вазилин, Ветнам, волуфрам, гиром, женшен, журӣ, зайум, иштапел, кетӣ, таксӣ, туфлӣ, кабел, конфаронс, кумита, лагер, лексия, манжет, милён, муд, Нийутон, ноябр, абйект, олимпийада, павилон, панел, ратсионализм, семент, сентябр, силиндир, сотсилаизм, тирактур, тиётур, уктабр,**

**ултрасадо, факулта, фаронса, фебрал, хиром, хиромел, хилор, чарлистон, чемпийон, шинел, шомпун, Елба, евлоутсийа, ембриёлог, Уаунде, ҷаз, ҷемпер, ҷентилмен ва** ғайра.

## IV. ТАШДИДИ ҲАМСАДОИ КАЛИМА

§12. Ташдиди ҳамсадо аксар дар байни ду садонок падид омада, дар мавридҳои зерин мушоҳида мегардад:

а) дар калимаҳои рехтаи тоҷикӣ (бештар ҳамасадоҳои **к, л, м, п, р, с, т, ш**): **акка, тикка, калла, пилла, шамма, арра, пара, васса, бутта, латта, пашша** ва ғайра.

б) дар калимаҳои тақлидии тоҷикӣ, ки ба воситаи пасванд сохта шудаанд; аккос, вижжос, гулдуррос, ғуввос, таппос, хиррос, чиррос, шуввос ва ва ғайра.

в) Дар калимабандиву калимасозӣ мувофиқи анъана калимаҳои зерин ташдиднок мешаванд: **дурри ноёб, дурри гуҳар, ҳалқаи зарин, зиддият, кулли явмин, қадди зебо, қадду баст, мардуми маҳалла, фармони хаттӣ, кори муҳиме, сирри пинҳонӣ, фанни забон, ҳадди ақал, ҳадде, ҳадду канор, ҳиссу дарк, ҳисси самъ, мардуми маҳалла, фармони хаттӣ**;

г) Дар калимаҳои рехтаи иқтибосии арабии зерин (бештар ҳамсадоҳои **в, з, к, қ, л, м,  р, т**); **аввал, иззат, сикка, диққат, ғалла, миллат, алла, амма, замма, зарра, ситта (шиша)** ва ғайра;

д) дар қолаби калимаҳои иқтибосии арабии навъи иттифоқ ва муттасил ҳамсадои **т**: **иттилоъ, иттисол, иттифоқ, иттиҳод; муттако, муттафиқ, муттаҳам, муттаҳид** ва ғайра;

ж) дар калимаҳои иқтибосии арабии боби фаъол хели ҳамсадои байни садонокҳо: **баззоз, ғаммоз, ғаффор, маннон, наҷҷор, раззоқ, сарроф, фаттоҳ, шаммоъ (шамърез)** ва ғайра.

з) дар қолаби калимаҳои иқтибосии арабии боби тафаъъул ҳамсадои саввум: **табаддул, таваҷҷӯҳ, талаффуз, таназзул, тараҳҳум, тасарруф, тафаннун, ташаббус, тағаззул, таҳаввул** ва ғайра.

и) дар  калимаҳои иқтибосии арабии боби мутафаъъил садои чаҳорум: **мутакаббир, мутасаввир, мутақаддим, мутахаййир, мутаҳаррик, мутаъаллиқ** ва ғайра.

к) дар калимаҳои зерин, ки бо унсури **ала** ва артикли **ал** омадаанд,  ҳамсадои дуввум: **аладдавом, алаззарурат, аларрасм, алассабоҳ , алаттафсил, алаттаъҷил, алаттаҳқиқ** ва ғайра;

л) дар калимаҳои мураккаби хели зерин, ки дар асл ибораи исмии арабӣ буда, бо артикли **ал-(ул-)** сохта шудаанд. Агар ис-

ми ҷузви дуввум бо ҳарфи шамсӣ оғоз ёбад, ҳарфи **л**-и артикл бо идғом (ассимилятсия) мешавад ва ба ҳамсадои шамсии ҳамнишини хеш монанд мегардад: **абадуддаҳр, бадеъуззамон, Зебуннисо мантиқуттайр, маҷмаъушшуаро, маҷолисуннафоис, Мовароуннаҳр, Равзатуссафо** ва ғайра;

м) калимаҳои мураккаби иқтибосии арабии зерин, ки номи шахсӣ буда, ҷузви дуввумашон аз вожаи **дин** ва ё **улло** (аллоҳ) иборат аст ва бо артикли **ал** (**ил** ва **ул**) сохта шудаанд, аз рӯйи анъана низ бо ташдид навишта мешаванд: **Баҳриддин, Исомиддин, Наҷмиддин, Шаҳобиддин; Асадулло, Наҷибулло, Суннатулло, Файзулло, Хайрулло** ва ғайра.

## V. ТАРИҚИ КӮЧОНИДАНИ ЯК ҲИССАИ КАЛИМА

§13. Ҳангоми аз сатр ба сатр кӯчонидани як ҳиссаи калима:

а) яклухтии ҳиҷо нигоҳ дошта мешавад: **ба-ро-дар, во-ҳима, даф-тар, кир-мак-пар-вар, му-рак-каб, па-дар, ра-фо-қат, сан-ги-о-си-ё-та-ро-шӣ, та-ла-ба, ту-ну-ка-бу-рӣ, фу-рӯ-шан-да, шид-дат, ҷинс-ши-но-сӣ** ва ғайра;

б) як ҳарф ҳиҷоро ташкил кунад ҳам, дар сатри аввал монда ё ба сатри дигар кӯчонида намешавад, яъне на дар шакли **а-роба, а-монат, и-шорат, о-воза, у-мур, ӯ-моч** кӯчонида ё оварда мешавад;

в) калимаҳои якҳиҷоӣ аз сатр ба сатр кӯчонида намешаванд: **абр, ашк, барг, варғ, гарм, ғав, даст, жарф, зӯр, исм, кафш, қалб, лаб, мурғ, нон, орд, панд, роҳ, сурх, тут, фахр, хирс, ҳарф, чошт, шир** ва ғайра;

г) дар байни садонокҳо ду ҳамсадо пайи ҳам омада бошанд, ба ҳиҷоҳои алоҳида ҷудо мешаванд: **ан-бор, аф-рох-тан, бар-хурдор, виҷ-дон, гун-ҷишк, душ-вор, заҳ-мат, ин-соф, кул-ба, лоҷвард, мар-ғул, нуз-ҳат, ош-кор, пар-вар-да, таф-риҳ, ул-фат, фарҳанг, шам-шер** ва ғайра.

ж) унсурҳои грамматикӣ аломати **е** бандаки изофӣ, бандакҳои феъливу хабарӣ, бандакҷонишинҳо бо ҳарфи ҳамсадои охирини калима васл мешаванд ва ҳамроҳи он ба сатри дигар гузаронида мешаванд; **дас-ти бақувват, да-рах-те, ки-тоб-ат, ки-то-баш, ки-то-ба-мон, ки-то-ба-тон, ки-то-ба-шон, гуф-там, гуф-тӣ, гуф-тем, гуф-тед, гуф-танд; хо-нам, хо-нӣ, хон-ад, хо-нем, хо-над, хо-нанд; ху-бам, ху-бӣ, ху-бем, ху-бед, ху-**

**банд; раф-там, раф-та-йӣ, раф-та-аст, раф-тай-ем, раф-тай-ед, раф-та-анд** ва амсоли инҳо.

## VI. ИМЛОИ ИСМ

§14. Исмҳои навъи зерин ду тарзи навишт доранд; о пеш аз ҳ баъзан ба а табдил меёбанд.

а) дар охири калима ва ё ҳиҷои баста **воҳ-ваҳ, гоҳ-гаҳ, гуноҳ-гунаҳ, коҳ-каҳ, моҳ-маҳ, паноҳ-панаҳ, роҳ-раҳ, рӯбоҳ-рӯбаҳ, чоҳ-чаҳ, шоҳ-шаҳ** ва ғайра;

б) агар пеш аз ҳиҷои баста бо ҳарфи **й** садоноки **ӯ** ва ё **о** омада бошад ҳарфи **й** гоҳо меафтад: **бӯй - бӯ, гӯй - гӯ, кӯй - кӯ, мӯй - мӯ, пой - по, рӯй - рӯ, сарой - саро, ҷой - ҷо, ҷӯй - ҷӯ, шӯй - шӯ** ва ғайра.

в) исмҳои зерин низ ду тарзи навишт доранд: **армуғон-армағон, арғувон - арғавон, афрохтан - афроштан, букъа - букъат, замин – гунбад - гунбаз, гӯсфанд - гӯспанд, дарафш - дирафш, займарон - займурон, карочидан - кароҷидан, кин - кина, қолаб - қолиб, қувва - қувват, лахчак - лахшак, манзила - манзилат, нахчир - нахҷир, партавафкан - партавафкан, пил - фил, пирӯза - фирӯза, савол - суол, сапеда - сафеда, саҳифа –сафҳа, феҳрист - феҳраст, ҳикоя - ҳикоят** ва ғайра.

§15. Ному номи хонаводагӣ дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои зерин истифода мегарданд:

а) бо бандаки изофӣ: **Ҷовиди Оразі Эраҷ**.

б) бо пасвандҳои - **ӣ, зода, зод, иён, пур, духт, Ансорӣ, Мирзозода, Афсаҳзод, Нодириён, Одилпур, Зафардухт**;

в) пасванди **ӣ** тахаллус низ месозад; **Рӯдакӣ, Шукӯҳӣ**;

г) бе ягон унсури калимабанду калимасоз паси ҳам омадани ному насаби хонаводагӣ ва ному тахаллус: **Бозор Собир, Ғаффор Мирзо, Раҳим Ҷалил, Муҳиддин Фарҳад, Пӯлод Толис, Садриддин Айнӣ**.

§16. 1) исмҳои мураккаб, ки аз ҳамроҳ шудани ду ва зиёда калимаи мустақил сохта шудаанд: **абирсиришт, дастурамал, анҷумшинос, гулдаста, гарданбанд, давлатхона, замонатнома, латифманзар, маҳҷабин, накӯсират, падарарӯс, роҳнавард, садбарг, сарфармондеҳ, тобасанг, фароғатхона, хештаншинос, шабонарӯз** ва ғайра.

2) исмҳои мураккабе, ки бо воситаи пасвандҳои **-ӣ, -гӣ** аз иборaву таркибҳо сохта шудаанд: **занбӯриасалпарварӣ,**

**номзаднишондиҳӣ, сангиосиётарошӣ, тавассуҳбахшӣ, ҳаққимардумхӯрӣ, садсолагӣ** ва ғайра.

Агар бо воситаи пасванди гӣ аз шумораи миқдории таркибӣ исм сохта шавад, фақат калимаи охирини шумора бо унсури **сола** ҳамроҳ навишта мешавад: **бисту панҷсолагӣ, дусаду наваду ҳафтсолагӣ, панҷ ҳазору ҳашт саду сиву панҷсолагӣ, се ҳазору панҷсаду наваду нӯҳсолагӣ, садсолагӣ** ва ғайра.

3) исмҳои мураккабе, ки аз феълҳои таркибии ном ва ё ибораи феъл ба воситаи пасванди **-ӣ** ва **ак** сохта шудаанд: **пешвозгирӣ**;

4) исмҳое, ки аз шумораву исм бо пасванди а сохта шудаанд; себарга, чоркунҷа, дуоба, дуроҳа ва ғайра;

5) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнаванди у ва о сохта шудаанд: **бандубаст, гирудор, гуфтугӯ, гуфтушунид, додугирифт, задухӯрд, нишастухез, рафтуомад, харидуфурӯш, шинухез, гирогир, гурезогурез, даводав, кашокаш, ларзоларз, тарсотарс, хезохез, шиношин, гирдогирд, давродавр, ҷамъоҷамъ** ва ғайра;

6) исмҳои мураккаби ҷинсу хос, ки аз иборaҳои иқтибосии арабии дорои артикли **ал** ва шаклои он сохта шудаанд: **амирулбаҳр, амрулҷайш, Байтулмуқаддас, байтулғазал, дақиқунназар, дорулкутуб, дорулмуаллимин, дорулфунун, лайлатулқадр, маликушшуаро, Мовароуннаҳр, равзатуссафо, салимулфитрат, соҳибураъй, тӯҳфатулаҳрор, Ҳорунаррашид** ва ғайра;

7) исмҳои ҷинсу хоси иқтибосие, ки дар оғозашон артикли арабии **-ал**, **-ат** ва ғайра доранд: **аламон, алвидоъ, алғараз, алғиёс, алқисса, алҳазар, алҳақ Алберунӣ, Алхоразмӣ, Аттабарӣ** ва ғайра.

§17. Бо дефис навишта мешаванд;

а) дар мавриди бо адад ифода ёфтани ҷузви шумораи исмҳои мураккаби навъи зерин **1400-солагии зодрӯзи Борбад, 575-солагии зодрӯзи Абдурраҳмони Ҷомӣ, 1000-солагии зодрӯи Абӯали ибни Сино** ва ғайра.

б) исмҳое, ки ҷузви дуввумашон маънои мустақил надоранд: **ангур-пангур, бозор-мозор, гандум-мандум, дарав- марав, пӯшок-мӯшок, ранг-панг, сала-палла, шутур-путур, ҷома-пома** ва мисли инҳо.

в) исмҳои мураккабе, ки аз такрори калимаҳои тақлидӣ сохта шуданд: **гулдур-гулдури (тундар), гуп-гупи (дил), гум-гуми**

**(дар), ғичир-ғичири (шохи дарахт), чир-чири (малах), шар-шари (об), шибир-шибири (борон), ғар-ғар, қар-қар** ва ғайра.

Ин калимаҳо бо пасванди калимасоз омад бошанд, якҷоя навишта мешаванд: **пирпирак, фирфирак, хирхирак, чирчирак, шаршара, ғарғара, қарқара** ва ғайра.

г) як гурӯҳ калимаҳои иқтибосии аврупоии ному истилоҳоти илмӣ, сиёсӣ, техникӣ, ҳарбӣ, ҷуғрофӣ: **гамма-аппарат, гамма- терапия, генерал-губернатор, генерал-майор, штаб-капитан, сотсила-демократ, Бас-Пер, Волга-Дон, Йошкар-Ола, Коста-Рика, Нийу-Йорк, Порт-Артур, Порт-оф-Сапейн, Иорто-Рико, Рийо-де Жанейро, Сан-Марино, Санто-Домино, Фор-де-Фаронс** ва ғайра.

§18. Ҷудо навишта мешаванд:

1) таркиби муродиф ва мутазоди чида, ки бо пайвандаки у омадаанд: **афту андом, гӯшту нохун, долу дарахт, ишқу ҳавас, молу-ҳол, ору номус, обу оташ, обу ҳаво, расму русум, саъйу талаош, тобу тоқат, шаъну шараф** ва ғайра;

2) исмҳои хоси таркибии номи ҷуғрофӣ: **Булёни Боло, Варзоби Поён, Дараи Ниҳон, Дашти Гулон, Кабки Рав, Кони Бодом, Маҳаллаи Боло, Оби Гарм, Осиёи Миёна, Сари Хосор, Чашмаи Нукра, Шаҳри Нав, Шаҳри Сабз** ва ғайра;

3) исмҳои ҷинсии таркибии номи ҳайвонот, ҳашарот, меваҷот, сабзавот, рустанӣ, дорувор: **(ангур), дили кафтар, аспи (гули бодом), атласи (абри баҳор), гули (ошиқи печон), гули (намози шом), чити (оби равон), сатини (гули гандум)** ва ғайра.

Аммо номҳои хоси шахс, ки аз ибораи изофӣ таркиб ёфтаанд, ҳамчун исми мураккаб якҷоя навишта мешаванд; **Амриёздон, Баргигул, Гулихандон, Мавҷигул, Мардихудо, Моҳитобон, Шоҳимардон, Ҳуснигул** ва ғайра;

4) як гурӯҳ ибораҳои иқтибосии изофии исми ҷинсу хос, ки аз забони русӣ иқтибос шудаанд: **вагони клуб, вагони рестаран, мактаби интернат, механики ронанда, муҳандиси механик, инженер механик, муҳандиси сохтмон, Осиёи Ҷануби Шарқӣ, Ростови лаби Дон, Сибири Шарқӣ, Шарқи Дур, Шарқи Хитой** ва ғайра.

§19. Баёнияҳо бо тариқи зайл навишта мешаванд:

1) баёнияҳои унвон, мансаб, лақаб ва нисба, ки пеш аз исми хос бо алоқаи ҳамроҳӣ ва пас аз исми хос ба воситаи бандаки изофӣ ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, ҷудо ва бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **амир Темур, амир Насрулло, қозӣ**

**Бадриддин, мир Сулаймон, мирзо Шариф, хон Абдулқодир, шоҳ Аббос, Рамазони подабон, Салими паҳлавон, Шокири мирохур** ва ғайра.

Агар ин гуна баёния пас аз номи хос ва бе бандаки изофӣ омада бошад, якҷоя навишта мешавад: **Аҳмадмахдум, Юлдошкомандир, Каримпартизан, Салимпаҳлавон, Талабподабон, Шарифмирохур** ва мисли инҳо.

2) баёнияи хешутаборӣ ва ҳурмату эҳтиром бо бандаки изофӣ пеш аз исми хос омада бошад, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешавад: **бобои Латиф, акаи (акои) Сафар, аммаи Шарофат, амаки (амакии) Мурод, янгаи Ҳусноро, очаи Лутфия, холаи Садбарг** ва монанди инҳо.

3) баёнияи изофии лақаб, ки бо исми хос омадааст, бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Акбари Мерган, Баҳроми Гӯр, Махдуми Гав, Муҳаррами Ғарч, Оймуллои Танбӯр, Рустами Достон, Ҳайити Гург** ва ғайра.

§ 20. Бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

1) номи хонаводагӣ: **Анвари Баротзодаи Хуршедиён, Бегмуроди Ваҳобзодаи Давлатиён, Ватани Дилшодзодаи Муҳаммадиён, Нилуфари Ҷамшеддухти Мирзомуродиён, Зафари Назарпури Шаккариён; Бозор Собир, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Фотеҳ Ниёзӣ** ва ғайра;

2) ному тахаллус ва нисбаву лақаб: **Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Аҳмади Калла, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Зайниддини Восифӣ, Камоли Хуҷандӣ, Низомии Ганҷавӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Садриддин Айнӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ** ва амсоли инҳо;

Агар калимаҳои <u>ибн</u>, <u>бин</u>, <u>бинт</u>, <u>валад</u> бо изофат оянд, дар байни ному номи падар бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **Абӯалӣ ибни Сино, Малика бинти Фатҳиддин, Ёдгор валади Бозор** ва ғайра.

Калимаи <u>ибн</u> пеш аз номи падар ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Ибни Ямин, Ибни Мансур, Ибни Нозим, Ибни Сино** ва ғайра;

1) номи сулолаҳои таърихӣ: **Ашкониён, Бохтариён, Кӯшониён, Сафориён, Сосониён, Сомониён, Романовҳо ва ғайра**;

2) Исми хос пасванди ҷамъбандӣ гирад ҳам, бо ҳарфи калон навишта мешавад: Анварҳо, Баҳромҳо, Ватанҳо, Иброҳимҳо, Одинаҳо, Раҷабҳо, Сӯҳробҳо, Шарифҳо ва ғайра;

3) Агар исми хос дар калимасозӣ ширкат варзад ва як ҷузви вожаи мураккабро ташкил намояд, бо ҳарфи хурд навишта мешавад: **анварихон, саъдисифат, туғралмонанд, фирдавсихонӣ, шоҳномахонӣ, хайёмпарастӣ, ҳофизтарошӣ, ҷомисифат, айнидӯст** ва ғайра;

4) ҳар калимаи номи таркибии мақомоти давлатӣ: **Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Девони Вазирон** ва ғайра;

5) ҳар калимаи номи таркибии мансаби олии давлатӣ: **Раиси Девони Вазирон, Раиси Шӯрои Олӣ** ва ғайра;

6) калимаи якуми номи таркибии унвони фахрии давлатӣ, ки хосияти фардӣ дорад, ва исми хоси дохили он: **Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи санъат, Ходими шоистаи илм, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон, Муаллими шоистаи мактаби Тоҷикистон, Устоди варзиши дараҷаи байналхалқӣ, Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон** ва ғайра;

7) калимаи якум номи таркибии мукофоти олӣ: **Ҷоизаи байналмилалии Нобел, Ҷоизаи Ҷавоҳирлол Неру, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ва ғайра**;

Агар пеш аз номи мукофот калимаи <u>доранда</u> ва ё дар таркибаш воҳиди <u>ба номи</u> омада бошад, бо ҳарфи хурд навишта мешавад: дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, дарандаи Ҷоизаи байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлол Неру ва ғайра:

Аммо вожаи ифодакунандаи номи вазифаву мансаб, унвону рутбаву дараҷаи илмиву ҳарбӣ, ки хусусияти умумӣ дорад, бо ҳарфи хурд навишта мешавад: **академики АИ Тоҷикистон, вазири маориф, генерали хидмати дохилӣ, духтури илми таърих, дотсенти донишкада, номзади илми филология, летинанти калон, полковники горди миллии Тоҷикистон, раиси Кумитаи иҷроияи шаҳр** ва ғайра;

Калимаи аввали номи таркибии неруҳои ҳарбӣ: **Артиши миллии Тоҷикистон. Флоти ҳарбии баҳрӣ** ва ғайра;

8) номҳои хоси ҷуғрофӣ, номи кишвар, мамлакат, ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия, уқёнус, баҳр, дарё, кӯҳ ва ғайра: **Алмаато, Америко, Белоруссия, Душанбе, Маскав, Қурғонтеппа, Ховалинг, баҳри Арал, дарёи Вахш, кӯли Искандар, (Искандаркӯл), кӯҳи Морон** ва ғайра;

9) ҳар калимаи номи таркибии ҷуғрофӣ: **Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Осиёи Миёна, Кони Бодом, Киривой Рог,**

**Ясная Поляна, Чашмаи Нуқра, Шарқи Дур, Шаҳри Сабз, Ҷумҳурии Чечену Ингуш, Ҳинду Хитой** ва ғайра;

10) вожаи нахуст ва исми дохили номи таркибии идораву мақомоти давлатӣ: **Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати умури дохилии Тоҷикистон Кумитаи амнияти миллӣ, Кумитаи давлатии нашру табъ ва савдои китоби Тоҷикистон, Шӯрои вакилони халқи шаҳри Кӯлоб** ва ғайра.

11) ихтисораҳое, ки аз ҳарфҳои аввали калимаҳои ибора сохта шудааст: **АИ (Академияи илмҳо), ДДТ (Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон), ДДО (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон), ВКБ (Вилояти Кӯҳистони Бадахшон), ИМА (Иолоти Муттаҳидаи Амрико), СММ (Созмони Милали Муттаҳид), ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон)**.

Амммо бахше аз ихтисороти байналмилалӣ, ки ба воситаи забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гаштаанд, дар шакли аслиашон навишта мешаванд: **ФИА (Федератсияи байналхалқии архиви кино), ФИДЕ (Федиратсияи байналхалқии Шоҳмот), (ЮНЕСКО) СММ доир ба масоили таълиму илму фарҳанг, ЮНИ (Агентии телеграфии Ҳиндустон), ЮНИСЕФ (Захираи фавқулодаи ёрии кӯдакони назди СММ) ЮНКТАД (Конференсияи савдо ва тараққиёти СММ)** ва ғайра.

12) ҳар калимаи номи таркибии воқиаву ҳодисаҳои таърихӣ: **Рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон, Инқилоби Бухоро, Исёни Муқаннаъ, Якуми Май, Коммунаи Порис, Рӯзи Ғалаба, Ҳаштуми Март, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Шӯриши Восеъ** ва амсоли инҳо;

13) ҳар калимаи номи таркибии қонуну ҳуқуқи воло: **Қонуни замин, Қонуни сулҳ, Ҳуқуқи оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҳуқуқи инсон, Қонуни забони Тоҷикистон** ва ғайра;

14) калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии мактаби олӣ, муассисаву идораи илмӣ, омӯзгорӣ, санъат: **Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб, Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Фарҳангистони Тоҷикистон**.

Аммо дар номи мактаби миёна, омӯзишгоҳу техникумҳо калимаи якум бо ҳарфи хурд, вале исми хоси дохилашон бо ҳарфи калон навишта мешавад: **мактаби миёнаи ба номи Садриддин Айнӣ, мактаби миёнаи рақами 10-и шаҳри Душанбе,**

**омӯзишгоҳи касби техникии рақами 50-и ноҳияи Восеъ, техникуми сохтмони шаҳри Душанбе** ва ғайра;

15) калимаи аввалу исми хоси дохили номи таркибии китобхона, тиётр, боғ, ёдгорӣ, қаср ва ғайра: **Китобхонаи давлатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ, Тиётури опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ, Филармонияи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**;

16) калимаи аввалу исми хоси дохили номи анҷуману ҷашну маҷлисҳои гуногуни илмиву байналхалқӣ: **Анҷумани нахустини байналмилалии тоҷикон, Ҷашни 1400-умин солгарди хунёгари бузурги Шарқ - Борбад ва ғайра**;

17) калимаи нахусту исми хоси дохили номи таркибии асари бадеиву илмӣ, маҷаллаву ҳафтанома, моҳона, намоишнома ва рӯзнома бо ҳарфи калон нохунак навишта мешавад: **Духтари оташ,Лайлӣ ва Маҷнун, Марги судхӯр, Писари Ватан, Субҳи ҷавонии мо, Хираднномаи Искандарӣ, Ҷаллодони Бухоро, Қофиласолори назми тоҷик, Мактаби Шӯрави, Садои Шарқ, Комде ва Мудан, Садои мардум** ва ғайра;

18) калимаи якуму исми хоси дохили номи ҳикоя, маърӯза, гузориш, афсона, латифа ва ғайра бе нохунак навишта мешавад: **Духтари ҳамсоя, Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик, Паҳлавоне аз Кӯҳистони Бадахшон, Бори дигар дар хусуси номгузории тоҷикӣ, Алифбои тоҷик ислоҳ мехоҳад, Рӯбоҳии ҳиллагар, Ятими доно ва бои фиребгар, Мушфиқӣ дар гармобаи Бухоро** ва ғайра;

19) калимаи якуму исми хоси дохили номи мусиқиву оҳангу навою суруду ашӯла, ки бе нохунак навишта мешавад: **Гул кун ба бахт мо ватан, Духтари Хатлон, Навои булбул, Субҳи Балҷувон, Чархи гардун, Ҷӯли Ироқ, Ҷумҳурии ман, Шаҳри гулбоғи Душанбе, Ушшоқи Самарқанд** ва ғайра;

20) калимаи аввалу исми хоси дохили номи қонуну қарору ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ки бе нохунак навишта мешавад: **дар бораи даъват намудани Анҷумани саввуми олимони физики ҷаҳон, Дар бораи тадбирҳои иҷрои Конуни забони ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳҳои асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ** ва ғайра;

21) калимаи аввалу исми хоси дохили номи нишону ифтихорнома ва парчам, ки бе нохунак навишта мешаванд: **Муаллими шоистаи Тоҷикистон, Маҳорати олии парвоз,**

**Аълочии маъорифи тоҷикистон, Ифтихорномаи Вазорати маорифи Тоҷикистон** ва ғайра.

22) дар номи колхозу совхоз ва итиҳодияву кооператив, ки бе нохунак меояд, калимаи аввал ва исми хоси дохили онҳо: **Савхози Данғара, 60-солагии Тоҷикистон, Иттиҳодияи атласи тоҷик, Пахтаи тоҷик,Матоъҳои пахтагин, Сохтмони Ёвон, Кооперативии Либоси дӯхта, Ситора** ва ғайра;

23) ҳар калимаи номи кӯчаву раставу хиёбону майдони таърихӣ бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Майдони Озодӣ, Майдони Шаҳидон Кӯчаи Шаҳидони Ватан, Гулгашти Ҳофиз** ва ғайра;

24) номи кинотиётр,ателе, мағозаву копературатив, ошхонаву чойхона, бозор ва ғайра; агар ном таркибӣ бошад, фақат калимаи якум: **Кинотиётри Ватан, Зебуниссо, Баҳор, Моҳи нав, Барори кор, Роҳи сафед, Фароғат, Парвоз, Баракат** ва ғайра;

25) номи воситаҳои гуногуни нақлиёт, автобус, троллейбус, мошин, киштӣ, ҳавапаймо, мототсикл, ва ғайра: **автобуси Икарус, Тоҷикистон, комбайни Дон, Нева, мошини Волга , Жигули, Зил, Лада, Москвич, мототсикли Урал, Ижевск, ҳавопаймойи Як-42, Ил-62, Ту-140** ва ғайра;

26) номи ҳайвонот, паранда, хазанда ва ҳашарот, ки дар асарҳои бадеӣ ва фолклор ба сифати қаҳрамон ва ё персонаж намоён мешаванд: **Бабр, Гурба, Гург, Муш, Паланг, Рӯбоҳ, Саг, Шағол, Шер, Боша, Гунҷишк, Кабӯтар, Каждум, Мор, Сангпушт, Тӯтӣ, Уқоб, Харчанг, Занбӯр, Малах, Мӯрча, Парвона, Сӯзанак, Чирчирак** ва ғайра;

## VII. ИМЛОИ СИФАТ

§21. Якҷоя навишта мешаванд:

1) пешвандҳои ба-, бар-, бе-, бо-, дар-, но-, то-, бо реша ва асос**: (ҷавонмарди) баандеша, бамулоҳиза, (кори) бамаслиҳат, (сухани) барҳақ, (писари) баркамол, ваъдаи (бебунёд), (одами) беватан, бедимоғ, бемурувват, боидрок, бомағз, дурандеш, (абри) даргузар, (духтари) ноком, нотарс, (шароити) номувофиқ, ноқулай** ва ғайра;

2) сифатҳое, ки аз такрори айни як калима ва миёнвандҳои ба, дар иборатанд: **(комёбиҳои) навбанав, тозабатоза, (талоши) танбатан, (сӯҳбати) чашмбачашм, рӯбарӯ, (масъалаи) печдарпеч, (ҳамлаи) пайдарпай, (ҳамсояи) дарбадар** ва ғайра;

3) сифатҳое, ки аз вожаҳои мухталиф (бештар исм) ба воситаи миёнвандҳои ба, бар, дар сохта шудаанд: **(духтари) рӯмолбасар, ҳалқабагӯш, шонабасар, (марди) кулоҳбасар, ҷузвдонбадаст, хонабардӯш, ҷомабаркитф, (матои) нестандарҷаҳон, (мардуми) зиндадаргӯр, (роҳбари) пунбадаргӯш** ва ғайра;

4) сифатҳои мураккабе, ки аз ду асос бевосита сохта шудаанд: **бараҳнатан, ватандӯст, дасткӯтоҳ, даҳанкалон, қадбаланд, миёнсол, некирода, пешқадам, рустамдил, тараққипарвар, хандонлаб, ширинсухан, ҳақиқатназар, ҷигархора** ва ғайра;

5) сифатҳое, ки аз ибораи исми ҳамроҳӣ ба воситаи пасванди –а сохта шудаанд; **(кори) сесоата, ҳаррӯза, ҳарсола, (пирамарди) ҳаштодсола, (тафтиши) ҳаматарафа, ҳамаҷониба, (хӯроки) якмоҳа, якрӯза, даҳсола** ва ғайра;

6) сифатҳое, ки аз ибораҳои исми изофӣ ба воситаи пасванди –ӣ сохта шудаанд: **(танаффуси) нисфирӯзӣ, (маҷлиси) умумихалқӣ, умумиҷаҳонӣ** ва ғайра:

7) сифатҳое, ки аз таркиби пешванду исм бо суффикси -ӣ (-гӣ, -вӣ) сохта шудаанд: **(маъракаи) пешазинтихоботӣ, (озмуни) байниноҳиявӣ, байнишаҳрӣ, (мубоҳисаи) байниҳизбӣ, (муборизаи) тоинқилобӣ, (синни) томактабӣ, (фаъолияти) пешазинқилобӣ, (адабиёти) давраиҷангӣ** ва ғайра;

8) сифатҳои мураккабе, ки аз такрори айни як калима сохта шудаанд: **(коғази) рахрах, (риши) тортор, (либоси) ҳилҳил, (гиребони) парпар, (садои) хирхир** ва ғайра;

9) сифатҳои мураккаби таъкидӣ: **(ранги) забзард, кабкабуд, сапсафед, сипсиёҳ, супсурх, (рӯи) лӯблӯнда, (шаби) тобторик** ва ғайра;

§22. Ҷудо навишта мешаванд:

1) сифатҳои муродифию тазодӣ, ки бо пайвандаки -у омадаанд: **(гулҳои) сурху сафед, (суханони) росту дурӯғ, тезу, тунд, (сӯҳбати) гарму ҷӯшон, (оби) гарму хунук, (риштаҳои) сабзу зангор, (оши) талху турш ва ғайра**;

2) сифатҳои таркибие, ки ҷузъҳояшон мафҳуми ҷудогонаро ифода карда бо пайвандаки **у-(-ю)** сохта шудаанд: **(масъалаҳои) иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву, иҷтимоӣ, илмиву техникӣ, таърихиву сиёсӣ, моддиву техникӣ, ғоявию назарӣ** ва ғайра;

3) сифатҳои умумиҷузъе, ки бо пешвандҳои бе-, бо-, ба-, сер-, пур-, хуш- ва пайвандаки –у омадаанд: **(дараи) бедолу дарахт, (дашти) беҳадду канор, (одами) боақлу хирад, бохату са-**

**вод, (замини) пургулу райҳон, (оши) сергӯшту сабзӣ, (одами) хушқадду қомат** ва ғайра;

4) сифатҳои умумиҷузъе, ки аз ибораҳои исмии изофии дукалимагӣ ба воситаи морфемаҳои **-дор, -нок, -пӯш, -хӯр, -парвар, -тарош сохта шудаанд: (одамони) бародару хоҳардор, падару модардор, пушту паноҳдор, ғаму дарднок, ҳавфу хатарнок; (духтари куртаи шоҳипӯш, мӯзаи сурхпӯш); (одами) моли мардумхӯр, (дастаи) занбӯри асалпарвар, (устои) санги осиётарош, сутуни хонатарош** ва ғайра;

§23. Бо дефис навишта мешаванд:

а) дар сурати бо адад ифода ёфтани ҷузъи шуморавии сифатҳои мураккабу, ки аз шумораи миқдориву исм ба воситаи пасвандҳои -а, - ӣ, -гӣ, - ина сохта шудаанд: **(мӯйсафеди) 75-сола, (сафари) 35-моҳа, (рухсатии) 48-рӯза, (масофаи) 100-метра, 10- километра, (гӯшвораи) 10-мисқола, (чойи) 5-қадоқа, (санги) 50-гиромӣ, (нархи) 8-сӯмӣ, 6-сӯмӣ, (банди) 3-газӣ, 4-газӣ, (тарозуи) 200-килоӣ, (кӯдаки) 12- ҳафтаина** ва амсоли инҳо;

б) сифтаҳои мураккаби иқтибосие, ки ҷузъҳояшон баҳри пурра кардану эзоҳ, додани маънои ҳамдигар омадаанд: (ғояҳои) марксистӣ ленинӣ, сотсиал-демократӣ, сотсиал-шовинистӣ, (рутбаи) генерал-полковникӣ, (мансаби) генерал-губернаторӣ.

## VIII. ИМЛОИ ШУМОРА

§24. Дар охири шумораҳои зерин ҳарфи ҳ навишта мешавад: **нӯҳ, даҳ, ёздаҳ, дувоздаҳ, сездаҳ, чордаҳ,понздаҳ, шонздаҳ, ҳабдаҳ, ҳаждаҳ, нуздаҳ ва панҷоҳ** ва ғайра;

§25. Пасванди шумораи тартибӣ пас аз ҳамсадо бо -ум ва пас аз садонок бо –йум навишта мешавад: **якум, чорум, даҳум, шонздаҳум, нуздаҳум, бистум, шастум, навадум, садум, ҳазорум, дуйум, сейум, сийум, бисту дуйум, шасту сейум** ва ғайра.

Шумораҳои тартибии зерин ду шакли навишт доранд: **дуйум-дувум, сейум- савум, чорум-чаҳорум, бисту дуйум- бисту дувум ва ғайра**.

§26. Якҷоя навишта мешаванд:

1) шумораҳои мураккаб аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: **дувоздаҳ, сездаҳ, чордаҳ, понздаҳ, шонздаҳ, ҳабдаҳ, ҳаждаҳ, нуздаҳ, сесад, чорсад, панҷсад, шашсад, ҳафтсад, ҳаштсад, нуҳсад**.

Шумораҳои миқдории зерин ду шакли навишт доранд: **ду-сад-дувист, сездаҳ-сенздаҳ, ҳабдаҳ-ҳафтдаҳ, чор- чаҳор, чил-чиҳил, чордаҳ- чаҳордаҳ**;

2) шумораҳои мураккаби касрӣ: **сейак, чорйяк, панҷйак, шашак, даҳйак** ва ғайра;

Агар шумораи касрӣ бо пешоянди аз ояд, ҷудо навишта мешавад: аз се як, аз чор як, аз панҷ як, аз шаш як, аз ҳафт як ва ғайра;

3) нумеративи –<u>то</u> бо шумораи миқдорӣ: **дуто, сето, панҷто, даҳто, бисто, сито, чиҳилто, садто, ҳаштсадто, нуҳсадто, ҳазорто** ва мисли инҳо.

§ 27. Ҷудо навишта мешаванд:

а) шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки -<u>у</u> омадаанд: **бисту як, сиву шаш, чилу ҳафт, ҳафтоду ду, наваду чор, шасту се, бисту ҳашт, ҳаштоду панҷ, ду ҳазору ҳаждаҳ, панҷ милёну чилу панҷ, ҳазору бисту се** ва ғайра;

б) шумораи касрӣ аз шумораи том: **яку ним, дуву ним/дую ним (вале дуним), севу ним, чору ним, дуву/дую чоряк** ва ғайра;

в/ нумеративҳои дона, нафар, сар ва ғайра аз шумора ва калимаи шумурдашаванда: **ду <u>дона</u> себ, панҷ <u>нафар</u> омӯзгор, даҳ <u>дона</u> тухм, дувоздаҳ <u>нафар</u> коргар, ҳафт <u>сар</u> барзагов, шаш <u>сар</u> гӯсфанд** ва ғайра.

§ 28. Бо дефис навишта мешаванд:

1) шумораҳои тахминӣ: **панҷ- шаш, даҳ-дувоздаҳ, понздаҳ-бист, бисту панҷ-бисту шаш, сӣ-чил, ду сад-се сад, ҳазор-ду ҳазор** ва ғайра;

2) нумеративи -<u>то</u> бо шуморае, ки бо адад ифода ёфтааст: **3-то, 5-то, 6-то, 10-то, 20-то, 25-то, 30-то, 40-то** ва ғайра;

3) пасванди шумораи тартибӣ -<u>ум</u>, -<u>йум</u> пас аз рақам: **5-ум, 12-ум, 2-йум, 30-йум** ва ғайра.

## IX. ИМЛОИ ҶОНИШИН

§ 29. Ҷонишинҳои мураккаб якҷоя навишта мешаванд: **инчунин, ончунон, якдигар, ҳамдигар, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, ҳамчунон ҳамчунин** ва ғайра.

§ 30. Пурсишҷонишинҳои <u>кӣ</u> ва <u>чӣ</u> бо -<u>ӣ</u> навишта мешаванд: **к<u>ӣ</u> гуфт? к<u>ӣ</u> шунид? к<u>ӣ</u> омад? ч<u>ӣ</u> овард? ч<u>ӣ</u> фаҳмидед? ч<u>ӣ</u> афтид?**

Ин ҷонишинҳо дар дохили ҷонишинҳои таркибӣ низ бо **ӣ** навишта мешаванд: **он кӣ, он чӣ, ҳар кӣ, ҳар чӣ ва ғайра**.

§ 31. Ҷонишинҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **ин гуна, он гуна, ҳар гуна, ҳеҷ гуна, ҳама гуна, ҳар як, ҳеҷ як, ҳар қадар, ҳеҷ қадар, чӣ гуна, чӣ тавр, чӣ хел, ҳар хел, ҳар навъ** ва ғайра.

Калимаи модалии ҳарчи якҷоя ва бо **и** навишта мешаванд: **ҳарчи зудтар омадӣ. Ин корро ҳарчи тезтар анҷом бояд дод.**

§ 32. Бандакҷонишини ҳам дар шакли пурра ва ҳам дар шакли кӯтоҳ (дар назм) бо калима якҷоя навишта мешавад: **китобам, китобат, китобаш; китобамон, китобатон, китобашон; писарам, писарат, писараш, писарамон, писаратон, писарашон, гуфтамш, гуфтамт, гирифтемшон** ва амсоли инҳо.

## X. ИМЛОИ ФЕЪЛ

§ 33. Якҷоя навишта мешаванд:

1) пешвандҳои калимасози дар-, -бар -, фур- (фар-) (бо шаклҳои ғайрисифатӣ ва тасрифии феъл: **даромадан, даргирифтан, дарафтонад, баргаштан, барафрӯхтан, бархостан, фуромадан (фаромадан); даромада, даргирифта, дарафтода, баргашта, барафрӯхта, бархоста, фуромада (фаромада); даромад, даргирифт, дарафтод; баргашт, барафрӯхт, бархост, фуромад (фаромад)** ва ғайра;

2) пешвандҳои шаклсози ме -, на- (ма -), би -: **мехонам, медонам, менавишт, мегуфт; нарафт, нашунид, напазирад, нашунавад, марав, магӯй; биовард, бихоҳад, бишкуфт, битарсид, дармегирад, дармеафтад, бармехезад; дарнагирифт, дарнаафтид, барнахост; дарнамегирад, дарнамеафтад, барнамехезад** ва ғайра.

Аммо пешванди на- дар назм пеш аз феъле, ки бо садонок оғоз ёфтааст, ихтисор гардад, бо дефис навишта мешавад: **н-овард, н-овезад, н-олояд, н-омад, н-омӯхт, н-осояд** ва ғайра;

3) бандакҳои шахсии феълӣ ва хабарии –ам, -ӣ, -ад, -ем, -ед, - анд бо хабари ҷумла: **хонам, хонӣ, хонад, хонем, хонед, хонанд; навиштаем, навиштаед, навиштаанд; коргарам, коргарӣ, коргарем, коргаред, коргаранд; озодам, озодӣ, озодем, озодед, озоданд** ва ғайра;

4) бандаки хабарии шахси сеюми танҳо аст бо шаклҳои нақлии феъл якҷоя: **омадааст, нишастааст, шунидааст, истодааст, гирифтааст**; аммо аз калимаҳои ғайрифеъл ҷудо навишта мешавад: **омӯзгор аст, коргар аст, пешқадам аст, мудири мактаб аст, ин аст, як аст** ва ғайра;

Дар сурати ихтисор шудани садоноки а, ки пас аз садоноки калимаи пеш аз бандак рӯй медиҳад, бандаки аст дар шакли –ст бо калима ҳамроҳ навишта мешавад: **диданист, гуфтанист, хонданист, зебост, доност, шоирист, нависандаест** ва ғайра;

5) пешванди во– бо феълҳои зерин якҷоя навишта мешаванд: **воафтодан, вобастан, вогирифтан, вогузоштан, вогурехтан, вогуфтан, водидан, водоштан, восӯхтан, вохӯрдан, вошумурдан** ва ғайра;

Калимаи во ба маънои боз (воз), кушода, озод, раҳо аз феълҳои гузоштан, кардан ва шудан ҷудо навишта мешавад: **во гузоштан, во кардан, во шудан**;

6) пешванди боз бо феълҳои зерин якҷоя навишта мешавад: **бозгаштан, бозгузоштан, бозгуфтан, боздоштан, бозмондан, бозомадан, бозрастан, бозрондан, бозхондан, бозхӯранд, бозчидан, бозҷустан** ва ғайра;

Вале чун калимаи мустақил ба маънои кушода, яла, воз, ошкор аз феълҳои ёвари зерин ҷудо навишта мешавад: **боз кардан, боз намудан, боз шудан, боз гардидан**.

Ҳамчунин калимаи боз чун зарфи такрори амал аз феъл ҷудо навишта мешавад: **Марҳамат, боз биёед. Ӯ дар ҷояш боз истод. Ман мактубро боз хондам. Ба ӯ боз гуфтам, ки…**

§ 34. Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҷузвҳои феъли таркибии номии бепешоянд: **барҳам додан, барҳам хӯрдан, бекор кардан (шудан), гуфтугӯ кардан (намудан), кор кардан, даъват кардан (намудан), иҷро кардан (намудан), иҷро шудан (гардидан), тоза кардан (намудан), тоза шудан (гардидан), хафа кардан (намудан), хафа шудан (гардидан)** ва ғайра;

б) ҷузъҳои феъли таркибии номии пешоянддор: **аз бар кардан (намудан), аз даст додан, аз ёд кардан, аз худ кардан (намудан) ба ҷо овардан, ба кор бурдан, ба вуҷуд овардан, ба хоб рафтан, ба амал овардан; дар бар гирифтан, дар ғазаб шудан, дар шӯр омадан, даст ба гиребон шудан** ва ғайра;

в) шаклҳои гуногуни таркибҳои феълӣ, ки барои ифодаи категорияҳои замон, сиға, тарз ва намуд хидмат мекунанд: **бояд бозӣ кард, хонда буд, навиштан гирифт, хонда истодааст, метавон бурд, метавонад биравад, хоҳам омад, ташкил карда метавонад, мебоист навишт** ва ғайра.

## XI. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

§ 35. Сифати феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ ба воситаи пасванди –анда сохта шудааст, якҷоя навишта мешавад: **афзундиҳанда, барпокунанда, домодшаванда, мағлубнашаванда, нишондиҳанда, тамомкунанда, ҳалкунанда, ҷавобдиҳанда, ҷамъбасткунанда, шавҳаршаванда** ва ғайра.

§ 36. Сифати феълии замони гузашта, ки бо пасванди -а аз феъли таркибии номӣ ва ё ибораи феълӣ сохта шудааст, якҷоя навишта мешавад: **(гурезаи) дастгиршуда, (корҳои) иҷрокарда, иҷрошуда, қафомонда, анҷомёфта, дермонда, (ҳавлии) иҷорамонда, (айвони) болопӯшида, (аробаи) чархшикаста (шикастачарх), (одами) дандоншикаста (шикастадандон), (пиёлаи) лабшикаста (шикасталаб), (харгӯши) гарданбурида (буридагардан), (аспи) думбурида (буридадум)** ва монанди инҳо.

§ 37. Сифатҳои феълие, ки феълҳои таркибии номии пешояндндор сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: **(кори) баанҷомрасида, (одами) азхудрафта, (пири) барҷомонда, (дузди) бадастафтода, (умеди) барбодрафта, (фоидаи) аздастрафта, бадастомада** ва ғайра.

§ 38. Ҷузъҳои сифати феълии таркибии замони ояндаи мафъул, ки ба воситаи пасванди –ӣ сохта мешаванд, якҷоя навишта мешаванд: **(дарсҳои) хондашуданӣ, (воқеаҳои) фаромӯшнашуданӣ, (молҳои) сарфшуданӣ, (хабари) овозанашуданӣ, (қарори) татбиқнашуданӣ** ва ғайра.

## XII. ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

§ 39. Ҷузъҳои феъли ҳол, ки аз асоси замони ҳозира ва дар бунёди ҳамин қолаб аз ибораи содаи феълӣ ба воситаи пасванди –он сохта шудааст, якҷоя навишта мешавад: **бозикунон, гилакунон, дастакзанон, даравкунон, гулдуросзанон, навозишкунон, шикояткунон, шиҳакашон, пойфишон, обнӯш, мӯйкашон, роҳравон, сурудхонон, ҳикояткунон** ва ғайра.

Ҷузъи номии феъли ҳол такрор ёбад ҳам, якҷоя навишта мешавад: **войвойгӯён, гумбургумбуркунон, пичирпичирзанон, ҳайҳайгӯён, чаҳчаҳзанон, ҷирингҷирингкунон** ва ғайра.

§ 40. Феъли ҳоли такрор бо дефис навишта мешавад: **ларзон-ларзон (ларзида-ларзида), лангон- лангон (лангида-лангида), хандон-хандон (хандида-хандида), давон-давон (давидадавида)** ва ғайра.

## XIII. ИМЛОИ ЗАРФ

§ 41. Якҷоя навишта мешавад:

1) зарфҳои навъи зерин, ки ба воситаи пешвандҳои ба -, бар-, бо-, бе-, дар-, но-, то- сохта шудаанд: **баногоҳ, банохост, бакуллӣ, баҳузур, бароҳат, батафсил, батезӣ, базудӣ, барвақт, бардурӯғ барғалат, барқасд, бармаҳал, бодиққат (аммо бо диққати зиёд), бомуваффақият (аммо бо муваффақияти фаровон), бошавқ (аммо бо шавқи баланд), боҳавас (аммо бо ҳаваси комил), боизтироб (аммо бо изтироби сахт), босуръат (аммо бо суръати зиёд), бениҳоят, бемаврид, бетанаффус, даррав, даргоз, дарҳол, дарҳам (печдарпеч), ногоҳ, нохост, ношумур, торафт** ва ғайра;

2) зарфҳои мураккаб: **дузону, дучанд, илтимосомез, якзайл, якпаҳлӯ, якчанд, сечанд, кинояомез, пареррӯз, парерсол, парешаб, пасфард, перорсол, порсол, умрбод, чорзону** ва ғайра;

3) зарфҳои маруккабе, ки ба воситаи пасвандҳои -а ва -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: **дудаста, дуюмбора, дукаса, ҳаматарафа, ҳамаҷониба, чандкарата; даҳборӣ, даҳсӯмӣ, дусадкилоӣ, бистқадоқӣ, садгирамӣ, садметрӣ, шастсантиметрӣ, понздаҳқадамӣ, шонздаҳгазӣ; седонагӣ, сесадмаротибагӣ, чаҳордафъагӣ, ҳашттоннагӣ, дукосагӣ** ва ғайра;

Агар ҷузви шумораи ин зарфҳо бо адад ифода ёбад, бо дефис навишта мешавад: **10-борӣ, 11-сӯмӣ, 100-гиромӣ, 20-қадоқӣ, 15-сатилӣ, 16-газӣ, 3-донагӣ, 300-маротибагӣ, 8-тоннагӣ, 7-халтагӣ, 30-косагӣ, 90-пиёлагӣ** ва ғайра.

4) зарфҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнаванди о ва ё сохта шудаанд: **гаромагрм, дамодам, дуродур, зӯрозӯр, лаболаб, пасопас, пасопеш, пешопеш, раҳораҳ, сарозер, саропо, саросар, тезотез, хомохом, шабошаб, паёпай** ва амсоли инҳо;

5) зарфҳое, ки аз иборaҳои исмии изофӣ ва таркибҳои чида ба воситаи пасванди вор сохта шудаанд: **баргибедвор, гӯшихарвор, пуштимоҳивор, мағзипиставор, равғанизайтунвор, тухмимурғвор, ҳалвоитарвор, гулурайҳонвор, қандуасалвор, мӯрумалахвор, падарумодарвор, хоҳарубародарвор, шаҳдушакарвор** ва монанди инҳо;

§42. Зарфҳое, ки аз такрори калима ва ё таркиб сохта шудаанд, бо дефис навишта мешаванд: **аҳён-аҳён, боло-боло, доман-доман, ду-ду, якто-якто, дуто-дуто, сето-сето, шашто-шашто,**

**кам-кам, зуд-зуд, коса-коса, мошин-мошин, пас-пас, пеш-пеш, оҳиста-оҳиста, тез-тез, халта-халта, ҷо-ҷо** ва ғайра.

§43. Ҷудо навишта мешаванд:

1) зарфҳои таркибие, ки аз такрори калима ба воситаи пешояндҳои ба ва то ташкил ёфтаанд: **ваҷаб ба ваҷаб, дам ба дам, дақиқа ба дақиқа, навбат ба навбат, рӯз ба рӯз, соат ба соат, сол ба сол, хона ба хона, ҳавлӣ ба ҳавлӣ, шаҳр ба шаҳр, рӯз то рӯз, сол то сол, шаб то шаб** ва ғайра;

2) зарфҳое, ки аз ибораи изофӣ пайдо шудаанд: **дасти холӣ (омадан), пойи луч, сари луч (рафтан), сари даст, сари остин (салом кардан), таги курта, таги тоқӣ, таги ҷома, таги шалвор (сайр кардан), нӯги по, сари по (нишастан)** ва ғайра.

§ 44. Дар зарфҳое, ки аз шумораи миқдории таркибӣ ва исми ченаку андоза ба воситаи пасванди -<u>ӣ</u> ва -<u>гӣ</u> сохта шудаанд, фақат калимаи охирини шумора ба исми ченаку андоза якҷоя навишта мешавад: **чор саду панҷоҳсатилӣ, панҷ саду шашқӯтӣ, нуҳ саду бисттангагӣ, як саду бисту панҷ сумӣ, ду саду сиву шаш килоӣ, панҷ саду панҷоҳу панҷсолагӣ, як ҳазору шаш саду ҳафтоду ҳафтсоатӣ, ҳафтсаду наваду шаштонагӣ, шаш саду чилу панҷдонагӣ, ду саду ҳаштоду нӯҳ нафарӣ** ва ғайра.

Агар ҷузъи шуморавии ин зарфҳоро бо адад ифода гардад, бо дефис навишта мешаванд: **450-сатилӣ, 560-қуттигӣ, 920-тангагӣ, 125-сӯмӣ, 238-килоӣ, 555-солагӣ, 1677-соатӣ, 798-тоннагӣ, 645-донагӣ, 289-нафарӣ** ва ғайра.

## XIV. ИМЛОИ ПЕШОЯНД

§45. Ҷудо навишта мешаванд:

1) ҷузъҳои пешоянди номии таркибии изофӣ: **аз барои, аз вақти, ба ҳангоми, ба муносибати, ба шарти, ба ҳайси, дар болои, бар қасди, бо мурури, бо ҳамроҳии, дар бани, дар зери, дар баробари, то давраи, то назди, то ҳини** ва ғайра;

2) ҷузъҳои пешоянди номии таркибии беизофат: **баъд аз, вобаста ба, доир ба, ғар аз, оид ба, назар ба, нисбат ба, пас аз** ва ғайра;

3) ҷузъҳои пешоянди аслии таркибӣ: **ба ҷуз, то ба, ҷуз аз** ва ғайра;

4) пешоянд аз исм: **аз бародар чизе гирифтан, аз мактаб (рафтан), аз канор истодан, ба қарибӣ (омадан), ба тарозу (гузоштан), бар бом (баромадан), бар рухсора (хол ниҳодан), бе ки-**

**тоб, бе падар (мондан), бо корд (буридан), бо модар (сӯҳбат кардан), дар қарибӣ, дар наздикӣ, дар мағоза (вохӯрдан), то вохӯрӣ, то қарибӣ, то наздикӣ (якдигарро надидан), ҷуз модар (каси меҳрубон нест), ҷуз ташвиш (давлате надорем, барои ватан, барои халқ (хизмат кардан), барои амалиёт (тайёр шудан), аз зери дарё, аз байни одамон (баровардан), ба болои дарахт (баромадан), ба ҳангоми сӯҳбат (ҳозир шудан), бар рӯи миз, бар тори девор (гузоштан), бо дасти бародар (фиристодан), бо нияти хондан (ба шаҳр омадан), дар пушти девор, дар ҳузури сардор (нақл кардан), то вақти дарав, андаруни боғ (нишастан), баробари дамидани субҳ, зидди ислоҳоти замин, мувофиқи ривояти мардум, ҳангоми дарс, вақти алафдаравӣ, назди толори кино, рӯйи сурфа (нишастан), сӯйи бозор (давидан), гирди хона (чарх задан), байни дарахтон (истодан), ғайри саргардонӣ (чизе пайдо накардан)** ва ғайра.

§ 46. Бо дефис навишта мешавад:

1) пешояндҳои такрори номии изофӣ: **гирд-гирди, давр-даври (кундаи ҷувоз гаштан), зер-зери, таг-таги, таҳ-таҳи (ях ҳаракат кардан) лаб-лаби (дарё сайр кардан), рӯ-рӯи (об шино кардан), пас-паси, пеш-пеши, пушт –пушти (одамон рафтан), сар-сари (девор хишт чидан)** ва ғайра;

2) шакли ихтисори пешояндҳо ва ҳамчунин шакли қадимаи пешоянди ба (бад), ки дар назм корбаст мешаванд: **з-ин (аз ин), з-он (аз он), з-ӯ (аз ӯ), бад-ин (ба ин), бад-он (ба он), бад-ӯ (ба ӯ)** ва ғайра.

## XV. ИМЛОИ ПАСОЯНД

§ 47. Пасоянди –ро бо калима якҷоя навишта мешавад: **бародарро (дидан), ширро (пухтан), Каримро (даъват намудан), китобро (хондан)** ва ғайра.

Пасоянди -ро пас аз нохунак, қавс ва ихтисорот бо дефис навишта мешавад: **ДДТ-ро соли 1960, аспирантураи ФТ-ро соли 1965 хатм кард. Сараъзоҳои ҷумла (мубтадову хабар)-ро ҷавҳари ҷумла медонанд**.

§ 48. Пасояндҳои номии <u>барин,</u> <u>боз,</u> <u>қатӣ,</u> <u>интараф,</u> <u>инҷониб,</u> <u>муқаддам,</u> <u>пеш,</u> <u>қабл,</u> <u>замон</u> <u>(замоно,</u> <u>ҳамон),</u> <u>ҳамоно</u> аз калима ҷудо навишта мешаванд: **гул барин зебо, қанд барин**

**ширин, оҳу барин намудан, чор сол боз вонахӯрдан, як моҳ боз мунтазир шудан, дидан замон (замоно), норозӣ шудан, омадан замон (замоно), шинос шудан, се рӯз инҷониб (ин тараф), дар торикӣ нишастан, ду шабонарӯз интараф (инҷониб) хоб накардан, якчанд сол муқаддам тамошо кардан, даҳ сада муқаддам барпо кардан, панҷ сол пеш ҳайкал гузоштан, як моҳ қабл (пеш) ваъда кардан, шунидан ҳамон (ҳамоно) хурсанд шудан, вохӯрдан ҳамон, ҳамоно) оштӣ шудан, саҳар қатӣ омадан** ва ғайра.

## XVI. ИМЛОИ ПАЙВАНДАК

§ 49. Ҷузъҳои павандаки таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **бо вуҷуди он (ин) ки, ба сабаби он (ин) ки, ба қадре ки, акнун ки, ба ҷои он (ин) ки, ба тарзе ки, бе он ки, дар ҳолате ки, зеро ки, аз бозе ки, аз вақте ки, баъд аз он ки, пас аз он ки, ҳамин ки, ҳангомеп ки, монанди он (ин) ки, мисли он (ин) ки, модом ки, то ки, то ин ки, барои он ки** ва ғайра.

§ 50.Ҷузъҳои павандаки мураккаб якҷоя навишта мешаванд: **балки, агарчи, гарчи, азбаски, вагарна, чунки** ва ғайра.

§ 51. Пайвандаки –у (-ю, - ву) бо калимаи пешина якҷоя навишта мешавад: **китобу дафтар, падару модар, осмону замин, мову шумо, илмиву (илмию) оммавӣ, сиёсиву (сиёсию) иҷтимоӣ** ва ғайра.

§ 52. Павандакҳои ихтисоршуда, ки дар назм ба кор меравнд, бо дефис навишта мешаванд: **в-ар (ва агар), в-аз (ва аз), в-омад (ва омад), в-ӯ (ва ӯ), в-имрӯз (ва имрӯз), в-имшаб (ва имшаб), к-аз (ки аз), к-омад (ки омад), к-он (ки он), к-ӯ (ки ӯ)** ва ғайра.

## XII. ИМЛОИ ҲИССАЧА

§ 53. Ҳиссачаҳои <u>канӣ, кошки, -чи</u> бо <u>и</u> навишта мешаванд: **Кани, як пиёла чой бинӯшед. Кошки бо Шумо вонамехӯрдам. Равам-чӣ, нависам-чӣ** ва ғайра.

§ 54. Ҳиссачаҳои <u>на, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, мабодо, оё, ҳам низ</u> аз калима ҷудо навишта мешаванд**: На меомад ва на хабар мефиристод. На падараш ва на модараш дар хона набуданд. Фақат ман Шуморо дар ин ҷо мешиносам. Танҳо ду кас омаданд. Гӯё ӯ аз ин масъала бехабар бошад. Магар одамгарии Шумо ҳамин аст? Ҳато пас аз ҷаласа низ баҳс идома дошт. Ма-**

**бодо аз қавлатон баргардед? Оё ин кор барои Шумо вазнин нест? Ба назди онҳо равам ҳам… Меҳмонон низ метавонанд бо мо бираванд** ва ғара.

§ 55. Ҳиссачаҳои сохтаву мураккаби зерин якҷоя навишта мешаванд: **кошки, даркор, мабодо, рафту (раваду), бигзор, зоро** ва ғайра.

§ 56. Ҷузъҳои ҳиссачаи таркибӣ ҷудо навишат мешаванд: **биё мон, биёед монед, гӯё ки, на ин ки, на он ки, ҳо бале, ҳо ана, ҳо мана, шояд ки, бояд ки, бигзор ки, равад ки** ва ғайра.

§ 57. Ҳиссачаҳои -чӣ, -ку, -а, -дия пас аз калимаи дахлдор бо дефис навишта мешаванд: **равам-чӣ, хонам-чӣ, бубарад-чӣ, гуфтед-ку, омадам-ку, шунидед-ку, дер мондед-а, нахӯред-а, нанавиштед-а, фурӯхтам-дия, наовардед-дия, куштед-дия** ва ғайра.

## XVIII. ИМЛОИ НИДО

§ 58. Нидоҳои зерин, ки бо пасванди -о, -ё, -е сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: **аллаё (аллае), дареғо, илоҳо, худоё, ҳайфо, раве, хезе, хомӯше, шине** ва ғара.

§59. Ҷузъҳои нидои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **ҳай дареғ, сад дареғ, бисёр афсӯс, э афсӯс, сад афсӯс, ҳазор афсӯс, оҳ афсӯс, сад ҳаф, ҳазор тавба, э вой (эй вой), во дареғо, э туфу, ба чашм, ба ҷону дил, ё бахт, салому алакум, сабил монад, валлоҳ офарин, афсӯс ки, дареғо ки, ҳайфо ки** ва ғайра.

§ 60. Нидоҳои такрор бо дефис навишат мешаванд: **бай-бай, баҳ-баҳ, бӯҳ-буҳ, вой-вой, паҳ-паҳ, уҳу-уҳу, ҳа-ҳа-ҳа, ҳай-ҳай, ҳи-ҳи-ҳи, ҳо-ҳо-ҳо, ҳе-ҳе-ҳе, ҳу-ҳу-ҳу, ҳушт-ҳушт, боҳ-боҳ (буҳ-буҳ), куч-куч, ту-ту-ту, киш-киш, ҳеш-ҳеш, шок-шок, ҳут-ҳут, чу-чу** ва ғайра.

## XIX. ИМЛОИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ

§ 61. Калимаҳои тақлидии такрор бо дефис навишта мешаванд: **ав-ав, ак-аки (саг), вавағ-вавағи (бедона), гуп-гупи (дил), гулдур-гулдури (ҳаво), ғарч-ғарчи (кафш), ғурунг-ғурунги (овоз), дарағ-дарағ (ларзидан), ялт-ялти (ситора), қарс-қарси (туфанг), қоҳ-қоҳи (ханда), милт-милти (чароғ), уҳу-уҳу (сурфидан), чарс-чарс (сӯхтани ҳезум), ҷиринг-ҷиринги (пиёла), ҳиқ-ҳиқ (гиря кардан), шағ-шағ (боридани жола), шитир-шитир (сӯхтани бурс), шир-шири (об)** ва ғайра.

§ 62. Калимаҳои тақлидии мураккаб, ки ба воситаи миёнаванди -о сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: **гумброгумбур, гурсогурс, ғарчоғарч, пичиропичир, чарсочарс, ҷирингоҷиринг, фашофаш, талапоталап, тарақотарақ, шилдирошилдир, ҳуртоҳурт** ва ғайра.

**Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 3-юми сентябри соли 1998 № 355 тасдиқ шудааст**

## ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## САРСУХАН

Аз замони таҳрири охирини Қоидахои асосии имлои забони адабии тоҷик (1972) чоряк аср сипарӣ шуд. Дар ин муддат илму фарҳанг ривоҷ ёфт, сатҳи маданияти сухан боло рафт. Аз ҷониби дигар, тадриҷан суръат гирифтани равандҳои демократии дар ҷомеа боиси он гардид, ки ходимони матбуоту нашриёт дар таҳрири худ озодии мутлақро ихтиёр карда, ба имлои ҷори

тағйироти зиёд ворид сохтанд. Дар натиҷа дар имло хараҷу мараҷ ба амал омад . Ин ҳолат зарурати таҷдиди назари имлои ҷориро пеш овард. Ба ин мақсад дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Комисияи имло таъсис ёфт, ки ба ҳайати он мутахассисону олимони пуртаҷриба ва шинохтаи ин институт ва муассисахои илмиву фарҳангии пойтахт шомил гардидаанд. Вазифа аз ин иборат буд, ки лоиҳаи Имлои забони точикӣ дар асоси талаботи санадҳои хуқуқии давлат, махсусан Қонуни забон ва дастовардҳои илмии забоншиносӣ таҳия ва ба муҳокима пешниҳод карда шавад.

Бо супориши Комиссия ин вазифаро олимони забоншиносӣ институти мазкур Ш. Рустамов ва А. Мирзоев иҷро намуданд.

Баъдан Комиссияи имлои институти забон ва адабиёт дар ҳайати худ тулиияк сол лоиҳаи имлоро барраси намуда, такмил додва онро ба Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Лоиҳаи имло дар асоси принсипҳои фонетикӣ, морфологӣ ва таърихӣ таълиф гардид.

Дар лоидахои асосӣ (1972) мувофиқати овозу ҳарф дар чанд маврид сарфи назар шуда буд. Дар алифбо ҳарфҳое мавҷуд буданд, ки ягон овози забони тоҷикӣ ро ифода намекарданд, ду овози комилан мустақил бо як ҳарф ифода мегардиданд, баъзе фонемахои забони точикӣҳарф надоштанд, баъзе ҳарфҳо аз ҳарфҳои ҳамгуни худ дур афтода буданд, қоидаҳои навишти баъзе воҳидҳои забони адабии тоҷикдарҷ наёфта буданд ва ғайра. Ин нуқсону камбудиҳо дар таълими забони точикӣ ва талаффузи адаби боиси таҳрифу нофаҳмиҳо мешуданд ва ҷараёни тадриси саводро дар мактабҳо душвор мекарданд. Дар лоиҳаи имло ин камбудиҳо то ҳадди имкон ислоҳ шуданд.

Ҳукумат бо мақсади ба муҳокимаи умум омода сохтани лоиҳаи имло дар ҳайати олимон Т. Хаскашев (раис), М. Шукуров, М. Лутфулоев ва Б. Камолиддинов (аъзо) гурӯҳи корӣ созм он дод. Гурӯҳикорӣбоҳамроҳии таҳия гаронлоиҳаи имлоро банд ба банд муҳокима кард ва тасҳеҳу такмил дод.

Сипас Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон онро аз тариқи рузномаҳои Садои мардум (19.08.95), Ҷумҳурият (26.08.95) ва Омӯзгор (1.09.95) ба муҳокимаи умум пешниҳод намуд ва муҳлати ин муҳокима давра ба давра то 20 августи соли 1996 тамдид ёфт.

Дар рафти муҳокима донишмандон фикру андешаи худро перомуни лоиҳа аз тариқи радио ва телевизион, рузномаҳои ноҳияҳо, вилоятҳо ва ҷумҳурӣ иброз доштанд, вазоратҳо, ҳукуматҳои нохияҳо пажуҳишгоҳҳои илмиву фарҳангӣ ба нишонии Комиссияи татбиқи Конуни забони ҷумҳурӣ ирсол доштанд.

Гурӯҳи корӣ тамоми пешниҳоду дархостҳои расидаро дақиқкорона омухт ва мавриди муҳокима қарор дод. Дар партави пешниҳоду дархостҳои расида гурӯҳи корӣ лоиҳаро аз аввал то охир ба риштаи таҳрир кашида, Имлои забони тоҷикиро ба комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард.

## Алифбо
## ва тартибу номи ҳарфҳо

1. Дар алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф мавҷуд буда тартиб ва номи ҳарфҳо ба таври зайл аст:

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд | Ее | Ёё | Жж |
| А | бе | ве | ге | ғе | де | йе | йо | же |
| Зз | Ии | Ӣ | Йй | Кк | Ққ | Лл | Мм | Нн |
| Зе | и | Ӣ | йи | ке | қе | ле | ме | Не |
| Оо | Пп | Рр | Сс | Тт | Уу | Ӯӯ | Фф | Хх |
| О | пе | ре | се | те | у | ӯ | фе | хе |
| Ҳҳ | Чч | Ҷҷ | Шш | Ъ | Ээ | Юю | Яя | |
| Ҳе | че | ҷе | ше | ъе | э | йу | йа | |

## ИМЛОИ БАЪЗЕ САДОНОКҲО

2. Овози бо дуҳарф ифода мешавад: и ва ӣ (и-и заданок).

Ҳарфи **и** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) Дар аввал ва мобайни калима: **ибо, идора, иншо, гирифтан, давида, хандидан, китоб, Амриддин Фазлиддин, Нуриддин** ва ғайра;

б) дар охири пешоянд, пайвандак ва ҳиссачаҳои ки, чи ва калимаҳои мураккабу таркибии дар заминаи онҳо сохташуда: **аз сабаби, ҳангоми, мувофиқи, мисли, балки, азбаски, кошки, ҳарчи, вақте ки, ҳангоме ки, чи шумову чи ман, равем-чи, сар кунем-чи** ва амсоли инҳо;

в) дар охири калимаи муайяншаванда чун бандаки изофӣ: **гули бодом, насими кухсор, панди марди фозил, бародари дусти наздики ман** ва ғайра;

Дар калимаҳои навъи зайл садоноки и бо тамдиди бештар (дарозтар) талаффуз шавад ҳам, ҳарфи и навишта мешавад:

- дар калимаҳои навъи **пир, сир, тир, мир, дид, шир, риш, сим, гир, фил, шиша, тира, зира, сина, хира, кина, бино, (бинанда), ширин** ва мисоли инҳо.

- дар калимаҳои иқтибосии арабие, ки дар қолабҳои карим, таҳсил талаффуз мешаванд: **фақир, ҳаким, раҳим, азиз, басир, шарик, таҳрир, таҳлил, такмил, ташкил** ва мисоли инҳо.

3. Ҳарфи ӣ (и-и заданок) дар охири калима дар мавридҳои зайл навишта мешавад:

а) дар калимаҳое, ки ҳиҷои охирашон заданок аст: **шоҳӣ, моҳӣ, шолӣ, даштӣ, обӣ, хуҷандӣ, аскарӣ, насозӣ, таксӣ, туфлӣ, хусусӣ, Ибарурӣ, Тбилисӣ, Батумӣ** ва ғайра,

б) бандакҳои феълӣ ва хабарии шахси дуюми танҳо бе зада бошанд ҳам, барои фарк кардани онҳо аз бандаки изофӣ бо ӣ навишта мешаванд: **ту омадӣ, ту гирифтӣ, ва омадӣ ту коргарӣ** ва ғайра.

4. Ҳарфи у дар чунин мавридхо навишта мешавад:

а) дар оғози, байн ва охири калима: **устувор, устухон, бузург, дуруст, ту, бону, зону, дору, паҳлу, орзу, олу, ору** ва ғайра;

б) калимаҳои зер аз рӯи анъана бо ҳарфи у навишта мешаванд: **тарҷума, хусравонӣ, Хусрав** ва ғайра;

в) пеш аз ҳамсадои артикли калимаҳои мураккаби иқтибосии арабӣ у навишта мешавад: **Абдуллоҳ, Абдумалик, Абдуманнон, Мантиқуттайр, Равзатуссафо, Мовароуннаҳр, маликушшуаро** ва ғайра.

Дар калимаҳои навъи зер садоноки у-и дароз талаффуз шавад хам, ҳарфи у навишта мешавад: **дуд, дур, хун, дун, оҳу, зону, олу, бону, дарун, берун** ва ғайра.

5. Ҳарфи ӯ (вов-и маҷҳул) дар аввал, мобайн ва охири калима навишта мешавад: **ӯгай, ӯймок, зӯр, дӯст, сӯхтан, гӯлу, бӯ, (й), рӯ (й), мӯ (й)** ва ғайра.

6. Овози э бо дуҳарф ифода мешавад: э ва е:

а) ҳарфи э дар аввали калима навишта мешавад: **эшон, эдар, эй, элак, Эргаш, эб, эҷод, эҳсон, эътибор, эзоҳ** ва ғайра.

Дар калимасозӣ қоидаи боло риоя мешавад: **беэзоҳ, беэътибор, бе эҳтиёт, беэътимод, беэҳтиром, симэлак** ва ғайра.

б) ҳарфи **е** дар дохил ва охири калима навишта мешавад: **сер, бел, сафед, шамшер, беда, шанбе, меҳр, меҳнат** ва ғайра;

в) асосҳои замони ҳозираи феълҳои додан ва ниҳодан бо ҳарфи е (**деҳ, неҳ**), вале шаклҳои тасрифии онҳо бо ҳарфи и навишта мешаванд: **медиҳам, мениҳам, мениҳодам**.

## ИМЛОИ БАЪЗЕ ҲАМСАДОҲО

7. Ҳарфи ж дар оғоз ва охири калима навишта мешавад: **жола, жарф, жӯлида, аждар, нажод, пажуҳиш, аждаҳор, лағжидан, каждум, бож, диж, жанр, жаргон** ва амсоли инҳо.

8. Ҳарфи й дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар аввал, мобайн ва охири калима: **йигит, йурга, кайҳон, майдон, айвон, айём, айёр, чой, вай, ҷой, кай, рой**;

б) ҳарфи й пеш аз садонокҳои а, у, о, е ояд дар якҷоягӣ бо ин садонокҳо бо як ҳарф (ётбарсар) навишта мешавад: **й+а=яй+у=ю, й+о=ё, й+е=е якҷоя Юсуф, дарё, поя, чою нон, ёру бародар, рӯе дилкаш** ва ғайра.

в) дар мобайн ва охири калима дар байни садонокҳо дар талаффуз ҳамсадои й афзоиш ёбад хам, навишта намешавад: **барои, хонаи нав, чораи бечорагон, моҳии тилло, шӯрои деҳа, орзуи дерина ва ғайра. Вале калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ хамсадои й доранд аз ин қоида истисно мебошанд: чой (чойи кабуд) пой (пойи рост) муй (муйи сафед) рӯй (рӯйи зебо)** ва ғайра.

9. Ҳамсадо ин пеш аз ҳамсадои бм талаффуз шавад ҳам, ҳарфи н навишта мешавад: **шанбе, анбар, анбор, занбар, санбуса, занбур, анбур, пунба, сунба, сунбул, танбал, танбур, дунба** ва ғайра.

10. Дар калимаҳоииқтибосӣбаҷоиҳарфи ц харфи с (пеш аз садонок ва дар дохили калима пас аз хамсадо ) ва тс (дар дохили калима, дар байни ду садонок) навишта мешавад: **семент, сирк, Сезар, сиклон, консерт, лексия, дотсент, конститутсия** ва гайра.

11. Ҳарфи ъ дар дохил ва охири калимаҳои иқтибосии арабӣ ба ҷои айн ва ҳамза навишта мешавад: аъло, баъзе, масъул,

масъала, муъмин, байъ, ҷамъ, рафъ, мавзӯъ, навъ, матбӯъ, ва ғайра.

Калимаи бо ҳамсадои ъ анҷомёфта бандаки изофи ёпайвандак қабул кунад ҳам, ҳарфи ъ нигоҳ дошта мешавад: **байъи кор, ҷамъи мардум, рафъи мушкилот, навъи харбуза, шамъу парвона, табъу нашр** ва ғайра.

Вале дар байни ду садонок ҳарфи ъ навишта намешавад: **мавзӯи баҳс, тулӯи офтоб, шурӯи кор, маҷмӯи ашъор, маориф, таом** ва ғайра.

Калимаи фаъолият ва таъин аз ин қоида истисноанд.

12. Имлои калимаҳои иқтибосии аврупоӣ дар асоси қоидаи зер воқеъ мегардад; агар тарзи овозии калимаи иқтибосӣ бо овозҳои забони тоҷикӣ рост наояд, дар он ҳарфи номувофиқ (ё зиёдатӣ) мешавад: **помешик, Шорс, жемпер, Биковский, вазилин, панел, сужет, ноябр, сентябр, октябр, Ниютон, фелетон, автомобил** ва ғайра.

13. Имлои ҳамсадоҳои ташдиддор дар асоси усули таърихӣ вокеъ мегардад:

а) ташдиди хамсадоҳо асосан хоси калимаҳои дуҳиҷоиву сеҳиҷоист; **акка, тикка, арра, парра, латта, пашша, калла** ва ғайра;

б) дар калимаҳои иқтибосии арабӣ ташдиди ҳамсадо маъмулан дар қолабҳои **раззоқ, наҷҷор, иттилоъ, иттифоқ, иттиҳод, муттаҳид, муттафиқ, ташаббус, таҳаввул, таназзул, мутакаббир, мутаҳаййир, муаззам, мунаққаш** ва амсоли инҳо воқеъ мегардад;

в) ҳамсадои охири калимаҳои навъи дур, кул, зид, қад, сир, хат, фан, ҳад ва ғайра, ки таърихан мушаддад (дароз) аст, дар калимасозию калимабандӣ ташдиди худро барқарор мекунанд: **дурри ноёб, кулли мардум, зидди душман, қади рассо, сирри ҳарбӣ, хатти хоно, фанни забон, ҳадди ақал, истилоҳи фаннӣ, кори хаттӣ** ва ғайра.

## БА САТРИ ДИГАР КӮЧОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

14. Ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима дар асоси қоидаи зер воқеъ мегардад:

а) ҳангоми кӯчонидани ҳиссаи калима яклухтии ҳиҷо риоя мешавад: **бод - бон, ба - ро - дар, боғ - бон, хо - на, дӯс - тӣ, та - бас - сум, маъ - руф, аъ - ло, эъ - лон** ва ғайра;

б) як ҳарф ҳиҷоро ташкил диҳад ҳам, дар сатри аввал намемонад ва ба сатри дигар кӯчонида намешавад: **на а - роба, о - воза, о - ромӣ, балки аро - ба, ово - за, оро - мӣ** ва ғайра.

## ИМЛОИ ИСМ

15. Исмҳои навъи зерин ду тарзи навишт доранд:

а) баъзе исмҳое, ки бо ҳамсадои ҳ тамом мешаванд: **роҳ - раҳ, чоҳ - чаҳ, моҳ - маҳ, коҳ - каҳ, гоҳ - гаҳ, рӯбоҳ - рӯбаҳ, сиёҳ - сияҳ** ва ғайра.

Вале калимаҳои навъи **хоҳ, ислоҳ, гувоҳ, маддоҳ, мазоҳ, Сафармоҳ, ҷангхоҳ, иштибоҳ** ва ғайра як шакли навишт доранд;

б) як гурӯҳи калимаҳое, ки бо ҳамсадои <u>й</u> ба охир мерасидаанд: **рӯй - рӯ, муй - мӯ, куй - кӯ, ҷуй - ҷӯ, пой - по, сарой - саро, шуй - шӯ, ой - о** ва ғайра.

Аммо калимаҳои навъи **бой, лой, рой, сой, той, чой** як шакли навишт доранд;

в) исмҳои зерин **армуғон - армағон, арғувон - арғавон, гӯсфанд - гуспанд, дарафш - дирафш, нахчир - нахчир, ҳеҷ - ҳеҷ, фил - пил, фирӯз - пирӯз, савол - суол, сафеда - сапеда, чор - чаҳор**.

16. Якҷоя навишта мешаванд:

а) артикли арабӣ - <u>ал</u> бо исм: **алқисса, Алберунӣ, Алхоразмӣ, алвидоъ, алҳазар, алғиёс, алҳақ, алғараз** ва ғайра;

б) исмҳои мураккабе, ки аз ду ё зиёда асос сохта шудаанд: **гулдаста, садбарг, гарданбанд, падарарӯс, сарфармондеҳ, хештан-шинос, занбӯри асалпарвар** ва ғайра;

в) исмҳое, ки ба воситаи пасванди -<u>ӣ</u> (-гӣ) сохта шудаанд: **санги осиётарошӣ, пахтаобдиҳӣ, садсолагӣ, дудилагӣ** ва ғайра.

Агар ба воситаи пасванди -<u>ӣ</u> (гӣ) аз шумораи миқдорӣ исм сохта шавад, танҳо калимаи охирини шумора бо унсури –<u>солагӣ</u> якҷоя навишта мешавад: **бисту панҷсолагӣ, дусаду сиву нухсолагӣ, ду ҳазору панҷсаду панҷсолагӣ** ва ғайра.

г) исмҳое, ки аз феъли таркибии номӣ ва ибораи феълӣ бо пасвандҳои -<u>ӣ</u> ва -<u>ак</u> сохта шудаанд: **пешвозгирӣ, корсозӣ, навсозӣ, мӯчинак** ва ғайра;

д) исмҳое, ки аз шумораву исм бо пасванди **- а** сохта шудаанд: себарга, чоркунча, дуоба, чоргӯша, сепоя, ва ғайра;

е) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнвандҳо -у ва -о сохта шудаанд: гуфтушунид, гуфтугӯ, рафтуомад, гирогир, даводав, хезохез ва ғайра;

ё) исмҳои мураккабе, ки аз иборaҳои иқтибосии арабӣ ба воситаи артикли - ал сурат меёфтаанд: маликушшуаро, мовароуннаҳр, дорулфунун, равзатуссафо, дуррулмаҷолис ва ғайра.

17. Бо дефис навишта мешаванд:

а) исмҳое, ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода шудааст: **1000-солагии зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино, 5-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ** ва ғайра;

б) исмҳои мураккабе, ки аз такрори калимаҳои тақлиди ва тасвири ба вуҷуд омадаанд: **ғулдур-ғулдур, гум-гум, чир-чир, қар-қар, милт-милт, ялт-ялт** ва ғайра.

Ин калимаҳо бо пасванди калимасоз якҷоя навишта мешаванд: **пирпирак, фирфирак, шаршара, ғарғара** ва ғайра;

в) исмҳои иқтибосии навъи **Волга-Дон, Ёшкар-Ола Коста-Рика, Нию–Ёрк, Порт-Артур, Сан-Марино, Риё-де Женейро** ва ғайра;

18. Ҷудо навишта мешаванд:

а) таркибҳои ҷуфте, ки бо пайвандаки -у сурат ёфтаанд: **афту андом, гӯшту нохун, молу ҳол, ишқу ҳавас, обу ҳаво, шаъну шараф, саъю кӯшиш** ва ғайра.

Вале ҷузъҳои калимаҳои навъи **обутоб, сарутан, сарулибос, сарупо, сарукор** якчоя навишта мешаванд;

б) ҷузъҳои номҳои таркибии ҷуғрофӣ, ки аз ибораи изофӣ ташкил шуда, маънои луғавӣ ва задаашонро нигоҳ доштаанд: **Варзоби Боло, Осиёи Марказӣ, Сари Хосор, Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Дур, Қалъаи Лаби Об, Ростови Дон, Сибири Шарқӣ** ва ғайра.

Агар маънои луғавии ҷузъи дуюми ин навъ исмҳо хира ё гум шуда, ҳар ду ҷузъ як зада пайдо карда бошанд, якҷоя навишта мешаванд: **Конибодом, Шаҳринав, Шаҳрисабз, Шаҳритус, Мавҷигул, Сарвиноз, Мардихудо, Ҳуснигул** ва ғайра;

в) исмҳои таркибии изофии зерин: **ангури дили кафтар, аспи гули бодом, атласи абри баҳор, гули ошиқи печон, гули намози шом, зардолуи рухи ҷонон, сатини гули гандум** ва ғайра;

г) исмҳои таркибӣ аз қабили **мактаби интернат, вагони ресторан, механики ронанда, муҳандиси сохтмон** ва амсоли инҳо.

19. Баёнияҳо ба таври зайл навишта мешаванд:

а) баёнияҳои изофӣ ва ҳамроҳии унвон, мансаб, лақаб, нисба, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **амир Темур, мирзо Шариф, шоҳ Аббос, Ризвони подабон, Салими паҳлавон, Шокири муаллим, Набии мироб** ва ғайра.

Агар баёнияҳо пас аз исми хос бе бандаки изофи омада бошанд, бо исм якҷоя навишта мешаванд: **Аҳмадмаҳмуд, Юлдошкомандир, Салимпаҳлавон, Шарифмирохур** ва ғайра;

б) баёнияҳои хешутаборӣ ва ҳурмату эҳтиром бидуни алоқаи изофӣ бо исми хос якҷоя навишта мешаванд: **Акашариф, Бобомурод, Бибиоиша, Ҳошимбобо, Шарофатхола, Тамарахонум** ва амсоли инҳо;

в) баёнияхои изофии лақаб, ки бо исми хос омадаанд, бо ҳарфи калон ва ҷудо навишта мешаванд: **Акбари Мерган, Баҳроми Гӯр, Махдуми Гав, Муҳаррами Ғарч, Ҳаити Гург** ва ғайра.

20. Ному насаб ба таври зайл навишта мешаванд:

а) бо бандаки изофӣ: **Ҷовиди Ораз, Синои Карими Ҳотам, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Маликаи Фатҳуддини Абулкарим** ва ғайра.

Исмҳои хос бе бандаки изофӣ ҳам ифода мешаванд: **Бозор Собир, Ғаффор Мирзо, Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим** ва ғайра;

б) бо пасвандҳои -ӣ, -зода (-иён, - зод, - пур, -духт): **Ансорӣ, Мирзода, Афсаҳзод, Нодириён, Салимпур, Зафардухт** ва амсоли инҳо.

Пасванди –ӣ тахаллус низ месозад: **Рӯдакӣ, Ҷомӣ, Шукӯҳӣ, Навоӣ** ва ғайра;

в) бо пасвандҳои иқтибосии русии -ов (- ев), - ова (- ева), -ович (евич), -овна ( - евна): **Каримов Диловар Давлатович, Шарофат Аҳмадовна Ғаниева, Каримова Санавбар Набиевна** ва ғайра.

21. Бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

а) номҳои Худо: Х**удо, Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Яздон, Аллоҳ**;

б) ном, номи падар, тахаллус ва нисбаву лақаб: **Анвари Каримзода, Зафари Назарпур, Нилуфари Ҷамшеддухт, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ** ва ғайра.

Калимаҳои ибн, бинт, валад дар байни ному номи падар бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **Абӯали ибни Сино, Ёдгор валади Бозор, Нодира бинти Назар** ва ғайра.

Калимаи ибн дар аввали исми хос ва ҷудо навишта мешаавад: **Ибни Сино, Ибни Ямин, Ибни Мансур** ва ғайра;

в) Номи сулолаҳои таърихӣ: **Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён** ва ғайра;

г) исмҳои хос пасванди ҷамъбандӣ гиранд ҳам, бо ҳарфи калон навишта мешаванд: **Анварҳо, Одинаевҳо, Шарифҳо, Раҳимзодаҳо** ва амсоли инҳо.

Вале исмҳои хос ҳамчун унсури калимасоз воқеъ гарданд, бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **саъдисифат, ҳофизшиносӣ, хайёмпарастӣ, анварихонӣ, шоҳномахонӣ** ва ғайра;

ғ) ҳар калимаи номи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ: **Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва ғайра;

д) калимаи аввал ва исми хоси дохили номи таркиби унвонҳои фахрии давлатӣ ва мукофоти олӣ: **Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нависандаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи байналмилалии Нобел** ва ғайра.

Аммо номи вазифаву мансаб, унвон, рутбаву дараҷаи илмӣ, ҳарбӣ, ки хусусиятҳои умуми доранд, бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **акдемики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филолгия, вазири маориф, полковники артиши миллӣ** ва ғайра;

е) исмҳои хоси маъмурию сиёсӣ ва ҷуғрофӣ (номи мамлакат, кишвар, ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия, уқёнус, баҳр, дарё, кӯҳҳо, сайёраҳо) ва амсоли инҳо: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Амрико, Қурғонтеппа, Хуҷанд, Самарқанд, уқёнуси Ором, дарёи Вахш, ноҳияи Ҳисор, Офтоб, Моҳ, Замин, Зуҳра, Зуҳал** ва ғайра;

ё) калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии идора, мақомоти давлатӣ ва фарҳангӣ: **Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи илми омӯзгорӣ, Китобхонаи миллии Фирдавсӣ** ва амсоли инҳо.

Аммо номи мактабҳои миёна, омӯзишгоҳҳои касбӣ ва амсоли инҳо, ки хусусияти умумӣ доранд, бо ҳарфи хурд ва исми хоси дохилашон бо ҳарфи калон навишта мешаванд: **мактаби миёнаи рақами 10-и шаҳри Душанбе, омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Қурғонтеппа** ва ғайра;

ж) ихтисораҳое, ки аз ҳарфҳои аввали калимаю ибораҳо гирифта шудаанд: **ДДМТ (Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон), АИ (Академияи илмҳо), СММ (Созмони Милали Муттаҳид), ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон)** ва ғайра;

з) ҳар калимаи номи таркибии ҳодиса ва воқеаҳои таърихӣ: **Рӯзи истиқлоли Тоҷикистон, Исёни Муқаннаъ, Шӯриши Восеъ** ва ғайра;

и) калимаи нахуст ва исми хоси таркиби қонуну санадҳои воло: **Қонуни замин, Эъломияи ҳуқуқи башар, Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва ғайра;

й) калимаи аввал ва хоси дохили номи анҷуман ва ҷашнҳо; **Анҷумани байналмилалии тоҷикон, Конгресси байналмилалии забоншиносӣ, Ҷашни 1400-умин солгарди Борбад** ғайра;

к) калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии асарҳои бадеӣ, илмӣ, маҷаллаю рӯзномаҳо, суруд, мусиқӣ, филмҳо, асарҳои саҳнавӣ: **Духтари оташ, Писари Ватан, Садои Шарқ, Садои мардум, Чархи гардун, Сарахбори кӯҳистон, Чӯли Ироқ** ва ғайра (нигаред ба илова);

қ) калимаи аввал ва исми хоси дохили номи қарору санадҳои расмӣ: **Дар бораи тадбирҳои иҷрои Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва ғайра;

л) калимаи нахусти номи ширкатҳо, иттиҳодияҳо, колхозу савхозҳо: **ширкати Либоси тайёр, ширкати Ситора, колхози Ғалаба** ва ғайра;

м) номи фурӯшгоҳ, кинотеатр, ошхона, чойхона ва нақлиёт: **бозори Баракат, фабрикаи Ширин, кинотеатри Ватан, ресторани Фароғат, фурӯшгоҳи Моҳи нав, автобуси Икарус, мошини Волга** ва ғайра.

## ИМЛОИ СИФАТ

22. Якҷоя навишта мешаванд:

а) пешвандҳои сифатсози ба-, бар-, дар-, бе-, бо-, но-, то- бо реша ва асоси калима: **ҷавони бофаросат, кори бемислиҳат, писари баркамол, ақидаи бебунёд, духтари ноком, давраи тоалифбо** ва ғайра;

б) сифатҳое, ки аз такрори калима ва миёнвандҳои –ба, - дар - иборатанд: **талоши тан ба тан, сӯҳбати рӯ ба рӯ, ҳамсояи дар ба дар, такрори пай дар пай** ва ғайра;

в) сифатҳое, ки аз вожаҳои мухталиф бо миёнвандҳои - ба -, - бар -, - дар - сурат гирифтанд: **духтари рӯмолбасар, одами зиндадаргӯр, марди кулоҳбасар, матои нестандарҷаҳон** ва ғайра;

г) сифатҳое, ки аз ибораҳои гуногуни исмӣ (ҳамроҳӣ, изофӣ, пешояндӣ) бо пасвандҳои –а, - ӣ (- гӣ, - вӣ) сохта шудаанд: **кори дусоата, танаффуси нисфирӯзӣ, райъпурсии умумихалқӣ, омӯзиши байниноҳиявӣ** ва ғайра;

ғ) сифатҳои мураккаб: **хушзеҳн, солхӯрда, сербаҳра, некандеш, бадхашм, тезгард, пешқадам** ва ғайра;

д) сифатҳои мураккабе, ки аз такрори калима сохта шудаанд: **қоғази рахрах, риши тортор, гиребони парпар, либоси ҳилҳил** ва ғайра;

е) сифатҳое, ки аз ибораи исми изофӣ ва асоси замонҳо зираи феъл (-парвар, -пеш, -тарош, -хӯр) сохта шудаанд: **марди занбури асалпарвар, устои санги осиётарош** ва ғайра.

23. Бо дефис навишта мешаванд:

а) сифатҳое, ки аз шумораву исм ва пасвандҳои –а, -ӣ (-гӣ), - ина сохта шудаанд: **санги 50-граммӣ, нони 100-сӯма** ва ғайра;

б) сифатҳои таъкидии навъи **заб-зард, каб-кабуд, суп-сурх, сап-сафед, тип-торик, лӯб-лӯнда, каппа-калон** ва ғайра;

24. Ҷудо навишта мешаванд:

а) сифатҳои муродифу мутазодӣ ва гуногунмаъное, ки бо пайвандаки -у (- ю, - ву ) омадаанд: **гулҳои сурху сафед, гапҳои пасту баланд, суханҳои волою зебо, масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, моддиву маънавӣ, корҳои илмиву техникӣ** ва ғайра;

б) сифатҳои ҷуфте, ки бо унсурҳои муштараки ба- , бе- , сер-, пур-, хуш- ва пайвандаки -у омадаанд: **дашти бедолу дарахт,**

**одами боақлу хирад, марди хушқаду қомат, водии пургулу райҳон** ва ғайра;

в) сифатҳои ҷуфте, ки аз таркибҳои исмӣ ба воситаи пасванди **-нок** ва асоси замони ҳозираи феълӣ доштаи (-дор) сохта шуданд: **амали хавфу хатарнок, одами ғаму дарднок, одами пушту панохдор, хешутабордор** ва ғайра.

## ИМЛОИ ШУМОРА

25. Якҷоя навишта мешаванд:

а) пасванди шумораи тартибӣ –ум (-юм) бо шумора: **чорум, даҳум, сиюм, дуюм, шастусеюм, бисту сеюм** ва ғайра;

б) шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: **дувоздаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, ҳаштсад** ва ғайра.

Шумораҳои миқдорӣ ва тартибии зерин ду шакли навишт доранд: **дусад - дувист, чор - чаҳор, чил - чиҳил, дуюм - дуввум, сеюм - саввум, чорум – чаҳорум**.

в) шумораҳои касрӣ: **сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк** ва ғайра.

Агар шумораи касрӣ бо пешоянди -аз ояд, ҷудо навишта мешавад: **аз се як, аз шаш чор, аз панҷ се** ва ғайра;

г) нумеративи –то/-та бо шумораи миқдорӣ: **дуто, сето, даҳто, ҳазорто** ва ғайра.

26. Бо дефис навишта мешаванд:

а) шумораҳои тахминӣ: **як-ду, се-чор, даҳ-понздаҳ, сӣ-чил, ҳазор-дуҳазор** ва ғайра:

б) нумеративи –то / -та ва шуморае, ки бо рақам ифода ёфтааст: **3-то, 5-то, 10-то, 100-то, 1000-то** ва ғайра;

в) пасванди шумораи тартибӣ: –ум (- юм) ва рақам: **5-ум, 12-ум, 30-юм, 2-юм** ва ғайра.

27. Ҷудо навишта мешаванд:

а) шумораҳои тартибие, ки бо пайвандаки –у (-ву, -ю) сурат гирифтанд: **бисту як, сиву (сию) се, панҷоҳу панҷ, ҳазору сиву шаш** ва ғайра;

б) шумораи касрӣ аз шумори аслӣ: **яку ним, дуву (дую) ним, дуву (дую) чоряк** ва ғайра;

в) нумеративҳои дона, сар, нафар, даста ва амсоли инҳо аз шумора ва исми шумурда шаванда: **ду дона себ, панҷ сар асп, ду нафар коргар** ва ғайра;

г) фоиз бо таркиби зайл навишта мешавад: **5 фоиз, сад фоиз, як саду даҳ фоиз** ва ғайра.

Ба ҷои калимаи фоиз таркиби дарсад низ истифода мешавад: **панҷ дарсад, сад дарсад** ва ғайра.

## ИМЛОИ ҶОНИШИН

28. Якҷоя навишта мешаванд:

а) бандакҷонишинҳо (-ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон) бо исм ва калимаҳои дигар: **китобам, китобат, китобаш, китобамон, китобашон** ва ғайра.

Агар бандакҷонишин дар шакли кӯтоҳ (дар назм ) ояд, аз исмҳо бо дефис ҷудо карда мешавад: **писар-м, писар-т, писар-ш** ва ғайра;

б) ҷонишинҳои мураккаб: **ҳамин, ҳамон, инчунин, essential**

29. Ҷузъҳои ҷонишинҳои таркибӣ: **ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар, ҳар як, ҳеҷ як, ҳар қадар, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ қадар, чӣ навъ** ва ғайра ҷудо навишта мешаванд.

30. Пурсишҷонишинҳои -кӣ ва -чӣ дар алоҳидагӣ ва дар дохили ҷонишинҳои таркибӣ бо -и-и заданок навишта мешаванд: **кӣ омад? чӣ гуфтӣ? ҳар чӣ, чӣ тавр, чӣ хел, чӣ қадар** ва ғайра.

## ИМЛОИ ФЕЪЛ

31. Якҷоя навишта мешаванд:

а) пешвандҳои феълсози дар-, бар- , фур- , (фар-), во- , боз- бо феъл: **даромадан, баромадан, бархостан, баргаштан, фуромадан (фаромадан), вохурдан, бозгаштан, бозгуфтан** ва ғайра.

Вале **во** ва **боз** чун калимаҳои мустақил бо маънои боз (воз), кушода, озод аз феъл ҷудо навишта мешаванд: **во кардан, во гузоштан, боз гардидан, боз хондан, боз истодан** ва ғайра:

б) пешвандҳои шаклсози би- (бу-), на (ма-), ме-, ҳаме- бо феъли тасрифӣ: **бишкуфт, нахост, марав, меравад, медавид, дар намегирад, барнахост, дар намеафтад, ҳаме ояд** ва ғайра.

Аммо пешванди на– тахфиф ёбад (дар назм), бо дефис навишта мешавад: **н-омӯзад, н-омад, н-осояд** ва ғайра.

в) бандакҳои феълӣ: (**- ам**, **- ӣ**, **- ем**, **- ед**, **- анд**) ва хабари (**-ам**, **-ӣ**, **-ем**, **-ед**, **-анд**) бо калимаи пешина: хондам, хондӣ, хондем, хонданд, коргарам, коргарӣ, коргарем, коргаранд ва ғайра:

г) бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **-** <u>аст</u> ба сифати феълӣ (феъли нақлӣ) ҳамроҳ (**хондааст, гуфтааст, дидааст** ), вале аз ҳиссаҳои номии нутқ ҷудо навишта мешавад: **коргар аст, доно аст, пешқадам аст, довталаб аст** ва ғайра.

32. Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҷузъҳои феъли таркибӣ: **даъват кардан (намудан шудан), сафед кардан (шудан), хафа кардан (шудан), хонда истодан, сурх шудан, як шудан** ва ғайра;

б) ҷузъҳои феъли таркибии номии пешоянддор: **аз баркардан, аз ёд кардан ба ҷо овардан, дар ғазаб шудан дар шӯр омадан, умр ба кор бурдан** ва ғайра;

в) ҷузъҳои феъли таркибӣ, ки маъноҳои мухталифи дастурӣ ва модалиро ифода мекунанд: **хонда буд, хоҳад хонд, рафта истода буд, ташкил карда мешавад, бояд иҷро кунад, шояд дер монда бошад** ва ғайра**.**

## ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

33. Якҷоя навишта мешавад:

а) сифати феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ ба воситаи таркиби номӣ ба воситаи пасвандаи **-** <u>анд</u> сохта шудаанд: **домодшаванда, хатмкунанда мағлубшаванда** ва ғайра;

б) сифати феълие, ки аз замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди -<u>а</u> сохта шудааст: **корҳои иҷрошуда, иҷрокарда, дермонда, қафомонда, анҷомёфта, пиёлаи лабшикаста, саги дум-бурида** ва ғайра;

в) сифати феълие, ки аз феъли таркибии номӣ ва ибораҳои пешояндӣ сохта шудааст: **кори баанҷомрасида, ҷавони азхудрафта, пири барҷомонда, умеди барбодрафта** ва ғайра;

г) сифати феълии замони оянда, ки бо пасванди -<u>ӣ</u> сохта шудааст: **воқеаҳои фаромӯшшуданӣ, пули сарфшуданӣ, қарори иҷрошуданӣ** ва ғайра.

## ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

34. Ҷузъҳои феъли ҳол, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ ва ибораи феълӣ бо пасванди -<u>он</u> сохта шудаанд, якҷоя навишта мешавад: **бозикунон, навозишкунон, роҳравон, сурудхонон, сӯҳбаткунон, гулдуроссзанон** ва ғайра.

Ҷузъи номии феъли ҳол такрор ёбад ҳам, якҷоя навишта мешавад: **пичирпичиркунон, ҳайҳайгуён, чаҳчаҳзанон** ва ғайра.

35. Феъли ҳоли такрор бо дефис навишта мешавад: **ларзон-ларзон, тарсон-тарсон, хандон-хандон, хандида-хандида, лангон-лангон, лангида-лангида, давон-давон** ва ғайра.

## ИМЛОИ ЗАРФ

36. Якҷоя навишта мешаванд:

а) зарфҳое ки бо пешвандҳои <u>бо</u>-, <u>бар</u>-, <u>бо</u>-, <u>бе</u>-, <u>дар</u>-, <u>но</u>-, <u>то</u>-сохта шудаанд: **баногоҳ, бакуллӣ, баҳузур, батафсил, барвақт, бодуруғ, барқасд, бодиққат, бомуваффақият, бемаврид, ногоҳ, торафт** ва ғайра;

б) зарфҳои мураккаб: **дузону, дупаҳлу, дучанд, якзайл, якпаҳлу, чорзону, киноямез, пасфардо, порсол, умрбод, перорсол, парершаб** ва ғайра;

в) зарфҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои -<u>а</u> ва -<u>ӣ</u> (-гӣ) сохта шудаанд: **дукаса, дудаста, дутоӣ, даҳсӯмӣ, садметрӣ, шонздаҳгазӣ, седонагӣ, панҷдонагӣ** ва ғайра;

Агар ҷузъи шуморавии ин зарфҳо бо рақам ифода ёбад, бо дефис навишта мешавад: **10-сӯмӣ, 300-грамӣ, 10-тоннагӣ** ва ғайра;

г) зарфҳои мураккабе, ки бо воситаи миёнванди -<u>о</u>- (- ё-) сохта шудаанд: **дуродур, сарозер, лаболаб, пасопеш, паёпай** ва ғайра;

ғ) зарфҳое, ки аз ибораҳои исмии изофӣ ва таркибҳои ҷуфт ба воситаи пасванди -<u>вор</u> сохта мешаванд: **барги девор, қанду асалвор** ва ғайра.

37. Зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд, бо дефис навишта мешаванд: **аҳён-аҳён, доман-доман, даста-даста, гурӯҳ-гурӯҳ, зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, сето-сето, ҷо-ҷо, халта-халта** ва ғайра.

38. Ҷудо навишта мешаванд:

а) зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешоянд иборатанд: **дам ба дам, рӯз то рӯз, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона, шаб то шаб** ва ғайра;

б) зарфҳое, ки аз ибораи изофӣ пайдо шудаанд: **дасти холӣ омадан, сари остин салом кардан, сари по нишастан, пои луч давидан** ва ғайра.

39. Зарфҳое, ки аз шумораи миқдории таркибӣ ва исми ченаку андоза бо пасвандӣ –ӣ (-гӣ) сохта шудаанд, танҳо калимаи охири шумора бо исм якҷоя навишта мешаванд: **чорсаду панҷоҳ килоӣ, сиву ҳашт килоӣ, шашсаду наваду нӯҳ соатӣ, ҳафтсаду навадушаш донагӣ** ва ғайра.

Агар ҷузъи шумориви ин зарфҳо бо адад ифода ёбад, бо дефис навишта мешавад: **450-килоӣ, 107-тоннагӣ, 645-донагӣ, 162-нафарӣ, 117-сарӣ** ва ғайра.

## ИМЛОИ ПЕШОЯНД

40. Ҷудо навишта мешаванд:

а) пешояндҳо ва ҳиссаҳои номии нутқ ва масдар: **аз сафар бар гаштан, ба бозор рафтан, бар бом баромадан, бо дӯст сӯҳбат кардан, дар роҳ мондан, то истгоҳ рафтан, барои рафиқ, ҷуз модар (касе нозбардори фарзанд аст), ҳангоми мулоқот, мувофиқи ривояти мардум, аз ӯ пурсидан, аз чор се ҳисса, аз рафтан, тарсидан** ва ғайра;

б) ҷузъҳои пешоянди таркибӣ: **ба ҷуз, то ба, ҷуз аз** ва ғайра;

в) ҷузъҳои пешоянди номии таркибии изофӣ: **аз барои, ба вақти, ба муносибати, ба шарти, ба ҳайси, ба мурури, бо ҳамроҳи, то давраи, дар байни** ва ғайра;

г) пешояндҳои таркибии номии бе изофат: **пеш аз, пас аз, доир ба, роҷеъ ба, нисбат ба, оид ба** ва ғайра;

ғ) пешоянд ва пасоянд дар таркибҳои пешояндиву пасояндӣ: **ба боғ андар, ба шаб андар, ба роҳ андар, барои дӯст шуда, дӯст гуфта (ба наздат омадам)** ва ғайра.

41. Бо дефис навишта мешаванд:

а) пешоянди тасдиқии <u>бад</u>: **бад-ин, бад-он, бад-ӯ**;

б) пешояндҳои изофии номии такрор: **гирд-гирди, зер-зери, таг - таги, таҳ - таҳи, лаб - лаби, рӯ - рӯи, пас - паси, сар - сари, қад - қади, пеш - пеши** ва ғайра;

в) ихтисори пешояндҳо: **з-ин (азин), з-он (азон), з-ӯ (аз-ӯ)** ва ғайра.

## ИМЛОИ ПАСОЯНД

42. а) пасоянди –ро бо калима якҷо навишта мешавад: **корро тамом кард, Қосимро шинохт, мошинро таъмир кардем, вақтро гузарондед, барномаро иҷро карданд** ва ғайра.

Вале пасоянди –ро пас аз қавс бо дефис навишта мешавад: **сараъзоҳо (мубтадо ва хабар )-ро бунёди ҷумла меноманд**;

б) пасояндҳои номии мураккаб якҷоя навишта мешаванд: **инҷониб, интараф: як сол инҷониб (интараф) ӯро надидааст**.

43.Ппасояндҳои номӣ ва вожаҳои пасояндии барин, қатӣ, боз, пеш, қабл, замон, ҳамон (ҳамоно) интараф, инҷониб аз калимаи пешина ҷудо навишта мешаванд: **гул барин, қанд барин, ду сол боз ӯро надидам, омадан замон корро сар кард. Се шаб ин ҷониб (интараф) дар торикӣ нишастем, панҷсол қабл сохтмонро шурӯъ карда буданд** ва монанди инҳо.

## ИМЛОИ ПАЙВАНДАК

44. Якҷоя навишта мешаванд:

а) пайвандакҳои мураккаб: **балки, агарчи** (**гарчи**), **азбаски** (**баски**), **вагарна** (**гарна**), **чунки** ва ғайра;

б) пайвандаки –у (- ву, - ю) бо калимаи пешина: **ёру рафиқ, дӯсту душман, илмиву оммавӣ, сиёсию иҷтимоӣ** ва ғайра.

45. Ҷудо навишта мешаванд:

а) павандакҳои ва ва ки: **устодон ва шогирдон, забони модариро бояд ҳама хуб доранд ва азиз доранд. Ӯ қавл дода буд, ки фардо меояд** ва ғайра;

б) ҷузъҳои пайвандакҳои таркибӣ: **вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин ( он ) ки, аз сабаби ин (он) ки** ва ғайра.

Агар пайвандак (бештар -ва, -ки) ихтисор шавад, бо дефис навишта мешавад: **в-ар ( ва агар), в-аз (ва аз), в-ӯ (ва ӯ) к-аз (ки аз), к-он (ки он), в-имрӯз (ва имрӯз), к-омад (ки омад)** ва ғайра.

## ИМЛОИ ҲИССАЧА

46. Ҷузъҳои ҳиссача ва калимаҳои модалии рехтаи навъи зерин якҷоя навишта мешаванд: **кошки, бигузор (бигзор), мабодо, даркор, рафту (раваду)** ва ғайра.

47. Ҳиссачаҳои -чи, -ку, -а пас аз калима бо дефис навишта мешаванд: **равем-чи, баргардем-чи, рафтед-ку, нагуфтед-ку, напурсидед- ку, наовардед-а** ва ғайра.

48. Ҳиссчаҳои на, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, оё, ҳам, низ ва калимаҳои пешинаву баъдина ҷудо навишта мешаванд: **на омадед ва на пайғом фиристодед. Дар ин ҷо маро фақат ту мешиносӣ. Ин гапро танҳо як кас медонист. Оё ин кор барои шумо вазнин нест? Меҳмон ҳам (низ) бо мо меравад** ва ғайра.

49. Ҳиссача ва калимаҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: **биё мон, биёед монед, гӯё ки, ҳо бале, шояд ки, равад ки** ва ғайра.

## ИМЛОИ НИДО

50. Нидоҳо ва калимаҳои модалии рехтаи зерин якҷоя навишта мешаванд: **дареғо, илоҳо, худоё, ҳайфо, аллаё, раве, хезе** ва ғайра.

51. Нидоҳои такрор бо дефис навишта мешаванд: **бай-бай, баҳ-баҳ, вой-вой, ҳай-ҳай, боҳ-боҳ, кӯч-кӯч, хиш-хиш, кош-кош, ҳуд-ҳуд, ҳушт-ҳушт** ва ғайра.

52. Ҷузъҳои нидои таркибӣ ва калимаҳои модалӣ ҷудо навишта мешаванд: **сад дареғ, сад афсӯс, ҳай дареғ, бисёр афсӯс, сад ҳайф, ҳазор тавба, во дареғо, э вой, салому алейкум, ҳа офарин, сабил монд** ва ғайра.

**Қарори**

Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри с. 2001 № 2 «дар бораи мавқеи истифодаи нохунак дар забони адабии ҳозираи тоҷик».

Азбаски дар банди «к»-и моддаи 21-уми «Имлои забони тоҷикӣ» як гурӯҳ исмҳои хоси ифодакунандаи номи асарҳои бадеӣ, илмӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо, суруд, мусиқӣ, филмҳо, асарҳои саҳнавӣ, аз қабили «Духтари оташ», «Писари Ватан», «Садои Шарқ», «Содои Мардум», «Чархи Гардун», «Сарахбори кӯҳистон», «Чӯли Ироқ» ва ғайра аз нохунак озод карда шудаанд, дар истифодаи ин аломати китобат, ки зотан, мавридҳои дигари корбаст низ доранд, дар таълим, нашри китоб, рӯзномаву маҷалла, хараҷу мараҷ ба вуҷуд овард. Бинобар ин, комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти талаби муаллимон, рӯзноманигорон,ноширон ва умуман онҳое, ки бо навиштан сару кор доранд

**ҚАРОР МЕКУНАД**:

1. Нохунак ҳамчун аломати китобат дар ҳамаи ҳолатҳое, ки то тасдиқи таҳрири нави «Имлои забони тоҷикӣ», мақом дошт, бе истисно истифода шавад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 3-юми сентябри соли 1998, № 355 тасдиқ шудааст.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 4 октябри соли 2011, № 458
ш. Душанбе

**Дар бораи тасдиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»**

Мутобиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қарор мекунад:**

1) Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад) .

2) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли таҳсили 2011 - 2012 барои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ҷорӣ намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ тадбирҳо андешад.

3) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ҳамчунин ташкилоту муассисаҳо ва шахсони воқеию ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, нашри фарҳанги имло, дастурҳои таълимӣ, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ҳамчунин асноди меъёриро бо дарназардошти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба роҳ монад.

4) Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи барномаҳои махсус Қоидаҳои имлои забони тоҷикиро таблиғ намояд.

5) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори мазкур дар доираи маблағҳои дар буҷет пешбинишуда чораҳои зарурӣ андешанд.

6) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №355 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси**
**Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

# САРСУХАН

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №355 «Имлои забони тоҷикӣ» тасдиқ гардида буд, ки он тӯли сездаҳ сол то қабули «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар таҳрири нав мавриди истифода қарор дошт. Дар ин муддат бинобар корбурди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва густариши он дар умури сиёсию иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ ва бахшҳои дигари иҷтимоӣ зарурати такмилу таҳрири лоиҳаи нави имло дар асоси меъёрҳои илмӣ ва таърихӣ пеш омад. Воқеияти таҳияи чунин як имлои ҷавобгӯ ба меъёрҳои забони тоҷикӣ дар номаи табрикотии Президенти мӯҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 22 июли соли 2003 ба муносибати Рӯзи забон таъкид гардида буд. Ин дастури бисёр муҳим ва ҳидояти Сарвари давлат дар иртибот ба таҳия ва пешниҳоди қоидаҳои имлои фарогири меъёрҳои забони адабӣ пас аз таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид. Бо пайгирӣ аз татбиқи ин ҳадафи муҳим барои таҳияи лоиҳаи нав дар асоси фармоиши Кумита аз 8 январи соли 2010 таҳти № 21 дар ҳайати забоншиносон Д. Саймиддинов (раис), С. Назарзода, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, М. Султонов, Ф. Зикриёев, О. Маҳмадҷонов, Ш. Кабиров ва К. Донаева (котиб) гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд.

Гурӯҳи корӣ дар муддати беш аз як соли фаъолият қоидаҳо ва муқаррароти имлоро дар асоси меъёрҳои илмӣ ва таърихӣ бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва омода намуд.

Бинобар мақоми кунунии забони тоҷикӣ дар ҷомеа ва дурнамои рушду густариши он матни «Имлои забони тоҷикӣ» аз нигоҳи интиқодӣ мавриди таҳриру такмили ҷиддӣ қарор гирифта, ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Бо дарназардошти такмили қоидаҳо ва меъёрҳои таърихӣ номи «Имлои забони тоҷикӣ» ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» иваз карда шуд.

Пас аз танзим ва такмили лоиҳаи имло аз ҷониби гурӯҳи корӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» - ро барои баррасӣ ва пешниҳод ба кафедраҳои забони тоҷикии мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва Институти забон, адабиёт,

шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Дар чанд ҷаласаи гурӯҳи корӣ хулосаҳо ва тавсияҳои аз муассисоту марказҳои илмӣ ба унвони Кумита воридшуда мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодҳои қабулшуда ба лоиҳа шомил карда шуданд. Дар иртибот ба лоиҳаи имло раиси гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи шӯъбаи фанҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳо ва ҷаласаи шӯрои илмии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ суханронӣ намуда, пиромуни масоили мавриди баҳс тавзеҳоти муфассал иброз дошт.

Дар лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», дар бахши алифбо ҳарфҳо, ба истисноҳи ҳарфҳои махсуси овозҳои тоҷикӣ, мутобиқи меъёри алифбои кириллӣ номгузорӣ шуданд. Ин меъёр дар шинохти номи ҳарфҳо дар таърихи корбурди алифбоҳои қаблазисломӣ ва алифбои арабии форсӣ низ собиқа ва суннати пешина дорад. Аз ин рӯ, ин меъёр дар номи ҳарфҳои алифбои кириллӣ бар асоси равиши суннатӣ ва таърихӣ дар ин қоидаҳо дубора мавриди истифода қарор дода шуд.

Тартиб ва меъёри имлои садонокҳо дар тафовут аз имлои қаблӣ бар асоси равиши илмӣ ва таърихӣ таҳия ва тасниф гардида, қоидаҳои навишти онҳо дар бандҳо ва зербандҳои ҷудогона танзим ва ҷойи истифодаи онҳо дар тартиби нав оварда шуд.

Имлои ҳамсадоҳо низ дар мисоли қоидаҳои навишти чанд ҳарфи ҳамсадо бо баёни вижагиҳои онҳо дарҷ гардидааст. Дар Қоидаҳои имло навишти ҳамсадоҳои ташдиддор дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, дар қолабҳои маъмули вожасозӣ бори нахуст тибқи тартиби ин қолабҳо таҳия ва такмил дода шуд.

Дар матни имло бо риояи қоидаҳо ва меъёрҳои адабии роиҷ дар забони тоҷикӣ бандҳо ва зербандҳои нав илова карда шуда, ҳама намунаи мисолҳо, аз ҷумла номи мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ, рамзҳои давлатӣ, номи муассисаҳо, ташкилот ва ғ. мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ислоҳ ва ба танзим оварда шуд. Матни «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз нигоҳи мундариҷа ва сохтор низ ба таври ҷиддӣ таҳриру такмил гардид.

Лоиҳа пас аз баррасии ниҳоӣ аз ҷониби гурӯҳи корӣ бо дарназардошти хулосаи вазоратҳо ва кумитаҳои марбута ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва 4 октябри соли

2011 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №458 тасдиқ карда шуд.

# I. АЛИФБО
## ТАРТИБ ВА НОМИ ҲАРФҲО

1) Алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф дорад:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд | Ее |
| а | бэ | вэ | Гэ | Ғэ | дэ | йэ |
| Ёё | Жж | Зз | Ии | Ӣӣ | Йй | Кк |
| йо | жэ | зэ | и | (и - и дароз) | йот | ка |
| Ққ | Лл | Мм | Нн | Оо | Пп | Рр |
| қэ | эл | эм | эн | О | пэ | эр |
| Сс | Тт | Уу | Ӯӯ | Фф | Хх | Ҳҳ |
| эс | тэ | у | (у - и дароз) | Эф | ха | ҳэ |
| Чч | Ҷҷ | Шш | Ъъ | Ээ | Юю | Яя |
| чэ | ҷэ | ша | сакта | Э | йу | йа |

## II. ИМЛОИ САДОНОКҲО

2) Ҳарфҳои а, о, у дар оғоз, байн ва анҷоми калима навишта мешаванд: **абр, баҳор, замон, хона, дара; об, овоз, бол, бод, доро, тавоно; умед, усто, бузург, суруд, бозу, гесу, неру, абру** ва ғ.

**Эзоҳ.** Дар анҷоми калимаҳои решагии зерин бо риояи меъёри таърихӣ **у** навишта мешавад: **бону, зону, неку, паҳлу, олу, орзу, дору, оҳу, аду** ва ғ.

3) Ҳарфи и дар оғоз ва байни калима навишта мешавад: **истгоҳ, иншо, дил, нигоҳ** ва ғ.

4) Ҳарфи и дар анҷоми калима дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) ҳамчун изофат: **кишвари сарсабз, шаҳрванди Тоҷикистон, сари кӯҳи баланд** ва ғ.;

б) дар пешояндҳои **барои, баъди, дар бораи, бо мақсади** ва ғ. ;

в) дар пайвандакҳои **ки, чи, чунки, агарчи, ё ин ки, ба сабаби он ки** ва ғ.;

г) дар исмҳои хоси иқтибосӣ: **Леонардо да Винчи, Ганди, Паганини, Ибарури, Сочи, Тбилиси, Миссисипи** ва ғ.;

ғ) дар исмҳои ҷинси иқтибосии **такси, туфли** ва ғ.

5) Ҳарфи ӯ (у-и дароз) дар байн ва анҷоми калима навишта мешавад: **рӯз, гӯш, зӯр, дӯст, бӯ (й), рӯ (й), мӯ (й)** ва ғ.

Ҳарфи ӯ маъмулан пеш аз ҳарфи й навишта мешавад.

**Эзоҳ.** Ҳарфи <u>ӯ</u> дар оғози калима дар иқтибосҳои туркӣ навишта мешавад: **ӯгай, ӯрда, ӯғур, ӯмоч** ва ғ.

6) Ҳарфи <u>ӣ</u> дар анҷоми калима навишта мешавад:

а) дар калимаҳои решагии навъи **моҳӣ, ҳавлӣ, шолӣ, биҳӣ, холӣ** ва ғ.;

б) ҳамчун пасванди калимасоз: **дӯстӣ, бародарӣ, далерӣ** ва ғ.;

в) дар бандакҳои феълӣ ва хабарӣ: **омадӣ, гуфтӣ, ҳунармандӣ, ту ҳунарманд ҳастӣ** ва ғ. ;

г) дар ҷонишинҳои саволии <u>кӣ</u>? ва <u>чӣ</u>?: **кӣ омад?, чӣ шуд?** ва ғ.

7) Ҳарфи **э** тибқи қоидаи маъмул дар оғози як теъдод калимаҳои иқтибосӣ навишта мешавад: **эҷод, эзоҳ, эҳсон, эҳтиром, эҳтимол, элак, эрка, эстрада, экватор, экспертиза, экскватор** ва ғ.

а) дар оғози чанд калимаи тоҷикӣ дар асоси имлои таърихӣ ҳарфи **э** навишта мешавад: **Эрон, Эраҷ, эдун, эзид, эдар, эшон** ва ғ.;

б) агар калима бо ҳарфи **э** оғоз шавад, ин навишт ҳангоми калимасозӣ низ риоя мешавад: **тозаэҷод, соҳибэҳсон, боэҳтиром** ва ғ.;

в) дар байн ва анҷоми калима ба ҷойи ҳарфи <u>э</u> ҳарфи <u>е</u> навишта мешавад: **меҳр, себ, шанбе, се** ва ғ.

## III. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲО

8) Ҳарфи <u>ж</u> дар се мавқеъ навишта мешавад: **жола, жарф, жӯлида, лағжидан, нажод, пажӯҳиш, аждаҳо, жож** ва ғ.

9) Ҳарфи <u>й</u> (йот) дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

а) дар оғози калимаҳои иқтибосӣ: **йод, йог(а), йот, йӯрға** ва ғ.;

б) дар байн ва анҷоми калима: **кайҳон, майдон, айвон, май, най, ҷой, пой** ва ғ.;

в) ҳарфи <u>й</u> пеш аз садонокҳои <u>а</u>, <u>о</u>, <u>у</u>, <u>э</u>(е) дар якҷоягӣ бо ин садонокҳо бо як ҳарф навишта мешавад: й+а=я, й+о=ё, й+у=ю, й+э=е: **поя, соя, ёр, ёд, дарё, бурё, юнонӣ, юғ, ем, елим** ва ғ.

**Эзоҳ.** Калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ ҳамсадои <u>й</u> доранд, аз ин қоида истисно мебошанд: **чой(чойи сиёҳ), ҷой (ҷойи муносиб), лой (лойи нарм), пой (пойи чап)**; дар калима ва таркибҳои навъи **найистон, оройиш, осойиш, чораҷӯйӣ, рӯйи хотир, ба рӯйи, ба сӯйи, ба ҷойи** ва ғ.

10) Ҳамсадои <u>н</u> пеш аз <u>б</u> ба сурати <u>м</u> талаффуз шуда, аммо тибқи меъёр <u>н</u> навишта мешавад: **анбор, анбӯр, занбар, занбӯр, пунба, сунбул, танбал, танбӯр, шанбе** ва ғ.

11) Дар калимаҳои иқтибосии русӣ ба ҷойи ҳарфи <u>ц</u> ҳарфи <u>с</u> (пеш аз садонок ва дар дохили калима пас аз ҳамсадо) ва ҳарфҳои <u>тс</u> (дар байни ду садонок) навишта мешавад: **семент, сирк, консерт, конститутсия, дотсент, милитсия** ва ғ.

12) Ҳарфи **ъ** дар байн ва анҷоми иқтибосҳои арабӣ ба ҷойи <u>айн</u> ва <u>ҳамза</u> навишта мешавад: **аъло, баъзе, ҷамъ, мавзӯъ, навъ, матбӯъ, масъул, масъала, таърих** ва ғ.

**Эзоҳ.** Агар ба калимаҳои иқтибосии бо <u>ъ</u> анҷомёфта изофат ва ё пайвандаки <u>у</u> илова гардад, ҳарфи <u>ъ</u> навишта мешавад: **ҷамъи мардум, рафъи мушкилот, навъи ангур, табъу нашр, шамъу парвона** ва ғ.

Ҳарфи <u>ъ</u> дар байни ду садонок, ба истиснои калимаҳои фаъол ва таъйин навишта намешавад: **маориф, таом, мавзӯи баҳс, тулӯи офтоб, шурӯи кор, маҷмӯи ашъор** ва ғ.

13) Имлои ҳамсадоҳои ташдиддор:

а) дар калимаҳои тоҷикӣ дар асоси усули таърихӣ сурат мегирад: **арра, барра, парра, пашша, бурро** ва ғ.;

б) ҳамсадоҳои ташдиддор дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, тибқи қоида дар қолабҳои фаъъол (**наҷҷор, раззоқ, ҳаммол**); тафаъъул (**ташаккур, таҳаввул, таназзул**); муфаъъал (**мураккаб, муаззам, мунаққаш**); муфаъъил (**мусаввир, мударрис, мумаййиз**) ; мутафаъъил (**мутавассит, мутакаббир, мутаҳаййир**); мутафаъъал (**мутақаддам, мутааххар**); ва калимаҳои навъи **иттиҳод, иттилоъ, иттисол, муттаҳид, муттафиқ, мубарро, муҷалло, мусаммо, мутасаддӣ, мутасаллӣ, мутаваллӣ, табарро, таваллo, тасалло** ва ғ. навишта мешаванд;

в) ҳамсадоҳои анҷоми калимаҳои иқтибосии арабии навъи **дур, кул, зид, қад, сир, хат, фан, ҳад** ва ғ., ки таърихан ташдид доранд, дар калимасозию калимабандӣ ташдиди онҳо дубора барқарор мегардад: **дурри ноёб, кулли мардум, зидди душман, қадди расо, сирри ҳарбӣ, фанни забон, ҳадди ақал, истилоҳи фаннӣ, кори хаттӣ, хатту савод, ҷидду ҷаҳд** ва ғ. ;

г) ташдиди <u>йот</u> якҷо бо ҳарфҳои йотдор дар шакли зер навишта мешавад: **айём, тайёр, муҳайё, тахайюл, муайян, музайян** ва ғ.

## IV. АЗ САТР БА САТР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИҶОИ КАЛИМА

14) Аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷои калима дар асоси қоидаҳои зер сурат мегирад:

а) риояи якнавохтии ҳиҷо: **бод - бон, ба - ро - дар, боғ - бон, хо - на, дӯс - тӣ, та - аҷ - ҷуб, та - бас - сум, маъ - руф, аъ - ло, эъ - лон, панд - но - ма ва ғ.** ;

б) агар ҳиҷо аз як садонок иборат бошад, ба сатри дигар гузаронида намешавад: на ба шакли а **- ро - ба, о - во - за, о - ро - мӣ, балки аро - ба, ово - за, оро - мӣ** ва ғ.

## V. ИМЛОИ ИСМ

15) Исмҳои навъи зерин ду тарзи навишт доранд:

а) як гурӯҳ исмҳое, ки дар анҷом ҳамсадои <u>ҳ</u> доранд: **роҳ - раҳ, чоҳ - чаҳ, моҳ - маҳ, коҳ - каҳ, рӯбоҳ - рӯбаҳ** ва ғ. ;

б) як гурӯҳ исмҳое, ки дар анҷом ҳарфи <u>й</u> доранд: **рӯй - рӯ, мӯй - мӯ, кӯй - кӯ, ҷӯй - ҷӯ, пой - по, сарой - саро, шӯй - шӯ** ва ғ.

16) Якҷо навишта мешаванд:

а) бо артикли арабии <u>ал</u> -: **алқисса, алвидоъ, алҳазар, алҳақ, алғараз** ва ғ. ;

б) ҳамаи қолабҳои исмҳои мураккаб: **гулдаста, садбарг, гарданбанд, падарарӯс, сарфармондеҳ, хештаншинос** ва ғ. ;

в) агар ба воситаи пасванди - **ӣ** ( - **гӣ, - вӣ**) аз шумораи микдорӣ исм сохта шавад, танҳо калимаи охири шумора бо унсури -<u>солагӣ</u> якҷо навишта мешавад: **бисту панҷсолагӣ, ду ҳазору панҷсадсолагӣ, ду ҳазору панҷсаду панҷсолагӣ** ва ғ.;

г) исмҳое, ки дар қолаби исм+асоси замони ҳозираи феъл ва пасвандҳои -<u>ӣ</u>, -<u>ак</u> сохта шудаанд: **дастгирӣ, роҳсозӣ, навсозӣ, оташгирак, обкашак, тортанак** ва ғ.;

ғ) исмҳои мураккабе, ки аз шумораву исм бо пасванди - <u>а</u> (-я) сохта шудаанд: **себарга, чоркунҷа, чоргӯша, дуоба, сепоя** ва ғ.;

д) исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнвандҳои - <u>у</u> - ва **-** <u>о</u> **-** аз асосҳои феъл сохта шудаанд: **гуфтушунид, гуфтугӯ, рафтуомад, обутоб, гирогир, даводав, хезохез** ва ғ.

17) Бо нимтире (дефис) навишта мешаванд:

а) исмҳое, ки ҷузъи шумораи онҳо бо рақам ифода шудааст: **1000-солагии зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино, 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1000-солагии «Шоҳнома»-и**

**Абулқосими Фирдавсӣ, 1100 - солагии давлатдории Сомониён** ва ғ.;

б) номи баъзе ҳизбҳои сиёсӣ ва равияҳои сиёсӣ: **ҳизби сотсиал-демократӣ, сотсиал-демократ** ва ғ.;

в) исмҳои мураккаби иқтибосии андоза: **киловат(т)-соат, километр-соат, метр-сония** ва ғ.;

г) исмҳои иқтибосии навъи: **штаб-квартира, гран-при, экс-чемпион, контр-адмирал** ва ғ.;

ғ) исмҳои таркибӣ аз қабили: **вагон-ресторан, механик-рананда** ва ғ. ;

д) дар номҳои осори классикӣ артикли ал тибқи қоидаи маъмул бо нимтире ҷудо карда мешавад: **«ал-Қонун»-и Ибни Сино, «ат-Тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор** ва ғ.;

е) исмҳои иқтибосии навъи **Волга-Дон, Коста-Рика, Ню-Йорк, Порт-Артур, Сан-Марино, Рио-де-Жанейро** ва ғ.

18) Ҷудо навишта мешаванд:

а) таркибҳои ҷуфте, ки бо пайвандаки -у (-ю, -ву) шакл гирифтаанд: **шаъну шараф, гӯшту нохун, молу ҳол, обу ҳаво, саъю кӯшиш, орзую ҳавас, дороиву сарват** ва ғ.;

б) ҷузъи номҳои таркибии ҷуғрофӣ, ки дар қолаби ибораи изофӣ сохта шудаанд: **Панҷи Поён, Сари Хосор, Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Дур, Ростови лаби Дон** ва ғ.;

**Эзоҳ.** Агар ҳар ду ҷузъи чунин исмҳо задаи ягона дошта бошанд, якҷо навишта мешаванд: **Конибодом, Шаҳринав, Шаҳрисабз, Шаҳритус, Даштиҷум** ва ғ.

в) исмҳои таркибии изофии зерин: **аспи гули бодом, атласи абри баҳор, гули ошиқи печон, гули намози шом** ва ғ.

19) Баёнияҳо ба таври зайл навишта мешаванд:

а) баёнияҳои изофӣ ва ҳамроҳии унвон, мансаб, лақаб, нисба, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **амир Исмоил, шоҳ Аббос, Саидмӯъмини паҳлавон, Шокири муаллим, Набии мироб** ва ғ.;

**Эзоҳ.** Агар баёнияҳо пас аз исми хос бе бандаки изофӣ омада бошанд, бо исм якҷо навишта мешаванд: **Аҳмадмахдум, Салимпаҳлавон, Ҳошимкорвон, Қориишкамба** ва ғ.;

б) баёнияҳои хешутаборӣ ва эҳтиром бидуни алоқаи изофӣ бо исми хос якҷо навишта мешаванд: **Акашариф, Бибиоиша, Шарофатхола, Барноапа, Шодиамак** ва ғ.;

в) баёнияҳои изофии лақаб, ки бо исми хос омадаанд, бо ҳарфи калон навишта мешаванд: **Баҳроми Гӯр, Махдуми Гав, Муҳаррами Ғарч** ва ғ.

20) Ному насаб ба таври зайл навишта мешавад:

а) бо бандаки изофӣ: **Масъуди Саъди Салмон, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ** ва ғ.;

б) бе бандаки изофӣ: **Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Ғаффор Мирзо, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ** ва ғ.;

в) бо пасвандҳои -ӣ, -зода (- зод), -иён, -пур, -духт: **Сомонӣ, Асрорӣ, Мирзозода, Афсаҳзод, Довудиён, Нодирпур, Зафар - духт** ва ғ.;

Пасванди -ӣ тахаллус низ месозад: **Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Шукӯҳӣ** ва ғ.;

г) номи сулолаҳои таърихӣ: **Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазна - виён ва ғ. ;**

**ғ) исмҳои хоси шахс дар шакли ҷамъ бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Одинаҳо, Шоҳмуродҳо, Раҳимзодаҳо** ва ғ.

**Эзоҳ.** Калимаҳои ибн, бинт, валад дар байни ном ва номи падар бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: **Муҳаммад ибни Ҷарир, Робия бинти Каъб, Ёдгор валади Бозор** ва ғ.

Калимаи ибн дар оғоз пеш аз исми хоси шахс ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешавад: **Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Ямин** ва ғ.

Исмҳои хоси шахс дар таркиби калимаи мураккаб бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **саъдисифат, ҳофизшиносӣ, мавлавихонӣ, бедилхонӣ** ва ғ.

21) Бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

а) номҳои Худо: **Худо, Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Яздон, Аллоҳ**;

б) номи мақомоти олии давлатӣ, мансабҳои олӣ ва рамзҳои давлатӣ: **ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва ғ.;

в) калимаи аввал ва исми хоси таркиби номи рутбаҳои тахассусӣ, унвонҳои фахрии давлатӣ ва мукофотҳои олӣ: **Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино** ва ғ.;

**Эзоҳ.** Номи вазифа, мансаб, унвон, рутбаҳои давлатӣ ва ҳарбӣ, дараҷаҳои илмӣ бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: **вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиши миллӣ, доктори илм, профессор** ва ғ.

г) исмҳои хоси маъмурӣ, ҷуғрофӣ ва кайҳонӣ (номи қитъа, кишвар, ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, деҳа, уқёнус, баҳр, дарё, кӯл, обанбор, кӯҳ, сайёра) ва монанди инҳо: **Осиё, Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Кӯлоб, Ҳисор, шаҳраки Сарбанд, уқёнуси Ором, баҳри Хазар, кӯли Сарез, дарёи Вахш, Офтоб, Моҳ, Замин, Зӯҳра, Зуҳал** ва ғ.;

ғ) калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии идора, мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ: **Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Фирдавсӣ** ва ғ.;

**Эзоҳ.** Номи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ, номи факултету кафедраҳо, шӯъба ва бахшҳои муассисаҳои илмӣ, маъмурӣ ва монанди инҳо бо ҳарфи хурд навишта мешавад: **мактаби таҳсилоти умумии №50 шаҳри Душанбе, факултаи ҳуқуқшиносӣ, кафедраи забони тоҷикӣ, шӯъбаи илмҳои биология ва тиб, шӯъбаи танзими истилоҳот** ва ғ.;

д) калимаҳои мураккаби мухтасаршуда (ихтисораҳо)-е, ки аз ҳарфҳои аввали калимаю ибораҳо сохта шудаанд: **ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), АИ (Академияи илмҳо), БМТ (Бонки миллии Тоҷикистон)** ва ғ.;

**Истисно**: Ҳамаи ҷузъҳои номи созмонҳои байналмилалӣ тибқи қоидаҳои маъмул бо ҳарфи калон навишта мешавад: **СММ (Созм они Милали Муттаҳид), САҲА (Созм они Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо)** ва ғ.;

е) ҳар як калимаи номи воқеаҳои таърихӣ: **Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯриши Восеъ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ** ва ғ.;

ё) калимаи нахуст ва исми хоси таркиби қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: **Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи ҳуқуқи башар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ва ғ.;

ж) калимаи нахусти анҷуман ва ҷашнҳо: **Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, Ҷашни 1400 - умин солгарди Борбад, Ҷашни 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва ғ.;

з) калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи асарҳои бадеӣ, илмӣ, маҷаллаю рӯзномаҳо, суруду мусиқӣ, филмҳо, асарҳои саҳнавӣ**: «Марги судхӯр», «Писари Ватан», «Садои Шарқ», «Ҷӯли Ироқ»** ва ғ.;

и) номи қаср, кох, китобхона, осорхона, театр, тарабхона, меҳмонхона, фурӯшгоҳ ва амсоли инҳо: **Қасри миллат, Кохи Борбад, Кохи ваҳдат, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Фурӯшгоҳи марказӣ** ва ғ.

## VI. ИМЛОИ СИФАТ

22) Якҷо навишта мешавад:

а) пешвандҳои сифатсози <u>ба</u>-, <u>бар</u>-, <u>бе</u>-, <u>бо</u>-, <u>но</u>-, <u>то</u>-: **бомаърифат, бофаросат, бомаслиҳат, баркамол, бебунёд, ноором, ношинос, тоалифбо** ва ғ.;

б) сифатҳое, ки аз ибораҳои исмӣ (ҳамроҳӣ, изофӣ, пешояндӣ) бо пасвандҳои -<u>а</u>, -<u>ӣ</u> (-гӣ, -вӣ) сохта шудаанд: **панҷсола, умумихалқӣ, байналмилалӣ, хонагӣ, дунявӣ** ва ғ.;

в) сифатҳои мураккаб: **солхӯрда, некандеш, бадхашм, тезгард, пешқадам** ва ғ.

23) Бо нимтире навишта мешаванд:

а) сифатҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: **(коғази) рах - рах, (мӯйҳои) тор - тор, (дили) реш - реш, (ҷигари) пора - пора** ва ғ.;

б) сифатҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои -<u>а</u>, -<u>ӣ</u> (-гӣ) сохта шудаанд: **санги 50-грамӣ, нигини 5-қирота, вазни 32-килоӣ** ва ғ.;

в) сифатҳои таъкидии навъи **заб-зард, каб-кабуд, суп-сурх, сап-сафед, тип-торик** ва ғ.;

24) Ҷудо навишта мешаванд:

а) сифатҳои таркибие, ки бо пайвандаки - у (-ю, -ву) сохта шудаанд: **гулҳои сурху сафед, суханҳои пасту баланд, хешовандони дуру наздик, марғзори сабзу хуррам, масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ** ва ғ.;

б) сифатҳои ҷуфте, ки бо пешвандҳои ба-, бо-, бе- ва пешвандгунаҳои сер-, пур-, хуш- ва пайвандаки -у сохта шудаанд: **бамеҳру муҳаббат, боақлу фаросат, бедолу дарахт, сершоху барг, пурнозу неъмат, хушобу ҳаво** ва ғ.

## VII. ИМЛОИ ШУМОРА

25) Якҷо навишта мешаванд:

а) пасвандҳои шумораи тартибӣ -ум (- юм), -умин (-юмин): **сеюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шастусеюм, шастусеюмин** ва ғ.;

б) шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: **дувоздаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад** ва ғ.;

**Эзоҳ:** Шумораҳои миқдорӣ ва тартибии зерин ду шакли навишт доранд: **дуюм - дувум, сеюм - севум, чор - чаҳор, чорум - чаҳорум, чил - чиҳил, дусад - дувист** ва ғ.

в) шумораҳои касрӣ: **сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк** ва ғ.;

г) нумеративи -то бо шумораи миқдории бо ҳарф навишташуда: **дуто, сето, даҳто, садто, ҳазорто** ва ғ.

26) Бо нимтире навишта мешаванд:

а) шумораҳои тахминӣ: **як - ду, се - чор, даҳ - понздаҳ, сӣ - чил, сад - дусад, ҳазор - ду ҳазор** ва ғ.;

б) нумеративи -то аз шуморае, ки бо рақам навишта шудааст: **3-то, 5-то, 20-то, 100-то, 1000-то** ва ғ.;

в) пасвандҳои шумораи тартибии -ум (- юм), -умин (-юмин) аз рақам: **5-ум, 12-ум, 2-юм, 30-юм** ва ғ.

**Эзоҳ**: Агар шумораҳо бо рақамҳои римӣ навишта шаванд, пасванди -ум (-юм), -умин (-юмин) навишта намешавад: **асри XX, синфи X** ва ғ.

27) Ҷудо навишта мешаванд:

а) шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки -у (-ю, -ву) сохта шудаанд: **бисту як, сиву (сию) се, панҷоҳу панҷ, ҳазору сиву шаш** ва ғ.;

б) шумораи касрӣ аз шумораи аслӣ: **яку ним, дуву (дую) ним** ва ғ.;

в) шумораҳои касрӣ бо пешоянди аз ҷудо навишта мешаванд: **аз се як, аз шаш чор, аз панҷ се** ва ғ.;

г) нумеративҳои дона, сар, нафар, даста ва амсоли инҳо аз шумора ва исми шумурдашаванда**: ду дона себ, панҷ сар асп, ду нафар коргар, як даста гул** ва ғ.

## VIII. ИМЛОИ ҶОНИШИН

28) Якҷо навишта мешаванд:

а) ҷонишинҳои сохта: **ҳамин, ҳамон, ҳамчунин, ҳамчунон, ҳамдигар** ва ғ.;

б) ҷонишинҳои мураккаб: **инчунин, ончунон, инҷониб, онҷониб** ва ғ.;

в) бандакҷонишинҳо (-ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон) бо калимаҳои дигар: **китобам, китобат, китобаш, китобамон, китобатон, китобашон** ва ғ.

**Эзоҳ**: Бандакҷонишинҳо ҳангоми ихтисор дар назм аз калима ба нимтире ҷудо карда мешаванд: **писар-м, писар-т, писар-ш** ва ғ.

29) Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҷонишинҳои таркибӣ: **ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар, ҳар як, ҳеҷ як, ҳар қадар, чӣ гуна?, чӣ хел?, чӣ қадар? , чӣ навъ?** ва ғ.;

б) ҷонишинҳои саволии кӣ? ва чӣ? дар таркибҳо: **чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тавр? , чӣ қадар?** ва ғ.

30) Бо нимтире навишта мешаванд:

Ҷонишинҳои номуайянӣ: ким - кӣ, ким - чӣ, ким - киҳо, ким - чиҳо, ким - кадом ва ғ.

## IX. ИМЛОИ ФЕЪЛ

31) Якҷо навишта мешаванд:

а) пешвандҳои феълии дар-, бар-, фар- (фур-), во-, боз-: **даромадан, бaромадан, бархостан, баргаштан, фаромадан (фуромадан), вохӯрдан, бозгаштан** ва ғ.;

**Эзоҳ**: Пешвандҳои во ва боз ҳамчун калимаҳои мустақил ба маънои боз, яъне, кушода, озод аз феъл ҷудо навишта мешаванд: **во кардан, во гузоштан, боз гардидан, боз хондан, боз истодан** ва ғ.

б) пешвандҳои шаклсози ме- (ҳаме-), би- (бу-), на- (ма-): **меравад, меояд, ҳамегуфт, бишкуфтан, нахостан, марав** ва ғ.;

**Эзоҳ**: Агар ҳиссачаи инкории **на** ихтисор шавад, бо нимтире навишта мешавад: н - омӯзад, н - омад, н - осоянд ва ғ.

в) бандакҳои феълии -ам, -ӣ, -ем, - ед, -анд ва бандакҳои хабарии -ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд: **хондам, хондӣ, хондем, хондед, хонданд; коргарам, коргарӣ, коргарем, коргаред, коргаранд** ва ғ.;

г) бандаки хабарии аст бо сифати феълӣ: **хондааст, гуфтааст, дидааст** ва ғ.

32) Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҷузъҳои феъли таркибӣ: **даъват кардан (намудан, шудан), андеша кардан, сурх шудан, якҷо шудан** ва ғ.;

б) ҷузъҳои феъли таркибии номии пешояндддор: **аз бар кардан, аз ёд кардан, ба ҷо овардан, умр ба сар бурдан, дар бар гирифтан, ба воя расидан, ба кор бурдан** ва ғ.;

в) шаклҳои таркибии феъл: **хонда буд, нахоҳад хонд, рафта истода буд, ташкил карда мешавад, бояд иҷро кунад** ва ғ.;

г) бандаки хабарии аст аз ҳиссаҳои номии нутқ: **коргар аст, доно аст, пешқадам аст, довталаб аст** ва ғ.

**Эзоҳ**: Бандаки хабарии аст дар шакли ихтисор (-ст) бо калима якҷо навишта мешавад: **мардест, шахсест, доност, хонданист, рафтанист** ва ғ.

## X. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

33) Якҷо навишта мешаванд:

а) сифатҳои феълии замони ҳозира бо пасванди -анда: **хатмкунанда, ҷавобдиҳанда, нишондиҳанда, пешбаранда** ва ғ.;

б) сифатҳои феълии замони гузашта бо пасванди -а: **иҷрокарда, қафомонда, анҷомёфта** ва ғ.;

в) сифатҳои феълие, ки аз феъли таркибии номӣ ва ибораҳои пешояндӣ сохта шудаанд: **кори баанҷомрасида, ҷавони азхудрафта, пири барҷомонда, умеди барбодрафта** ва ғ.;

г) сифатҳои феълии замони оянда бо пасванди -ӣ: **фаромӯшнашуданӣ, иҷрошуданӣ** ва ғ.

## XI. ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

34) Якҷо навишта мешаванд:

Ҷузъҳои феъли ҳол бо пасванди –он (-ён): **бозикунон, навозишкунон, сӯҳбаткунон, рақскунон, сурудгӯён** ва ғ.

35) Бо нимтире навишта мешаванд:

а) феъли ҳоли такрор: **ларзон - ларзон, хандон - хандон, хандида - хандида, давон - давон, лангон - лангон** ва ғ.;

б) феъли ҳол бо ҷузъи номии такрор: **пичир - пичиркунон, ҳай - ҳайгӯён, чаҳ - чаҳзанон** ва ғ.

36) Ҷудо навишта мешавад:

Феъли ҳоли таркибии замони гузашта: **азҳуш рафта (афтид), аз по афтида (маҷрӯҳ шуд)** ва ғ.

## XII. ИМЛОИ ЗАРФ

37) Якҷо навишта мешаванд:

а) зарфҳое, ки бо пешвандҳои ба- , бо-, бар-, бе-, дар-, но- ва то- сохта шудаанд: **баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, ботафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, дарвоқеъ, ногоҳ, торафт** ва ғ.;

б) зарфҳои мураккаб: **дузону, дучанд, якзайл, якпаҳлу, чорзону, киноямез, пасфардо, порсол, парерӯз, умрбод** ва ғ.;

в) зарфҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои -а, ва -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: **дудаста, дутоӣ, садметрӣ, седонагӣ, панҷдонагӣ** ва ғ.;

г) зарфҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнванди -о- (-ё- ) сохта шудаанд: **дуродур, сарозер, лаболаб, пасопеш, паёпай** ва ғ.;

ғ) дар зарфҳое, ки аз шумораи миқдории таркибӣ ва исми ченаку андоза бо пасванди -ӣ (-гӣ) сохта шуданд, танҳо калимаи охири шумора бо исм якҷо навишта мешавад: **чорсаду панҷоҳкилоӣ, сиву ҳашткилоӣ, ҳафтсаду наваду шашдонагӣ** ва ғ.

38) Ҷудо навишта мешаванд:

а) зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешоянд иборатанд: **дам ба дам, рӯз то рӯз, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона** ва ғ.;

б) зарфҳое, ки аз ибораи изофӣ сохта шудаанд: **дасти холӣ (омадан), сари остин (салом кардан), сари по (нишастан), пойи луч (давидан)** ва ғ.

39) Бо нимтире навишта мешаванд:

а) зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: **аҳён - аҳён, доман - доман, даста - даста, гурӯҳ - гурӯҳ, зуд - зуд, оҳиста - оҳиста, сето - сето, ҷо - ҷо, халта - халта** ва ғ.;

б) зарфҳое, ки ҷузъи шуморавии онҳо бо рақам ифода ёфтааст: **450-килоӣ, 300-грамӣ, 10-тонӣ, 90-сарӣ** ва ғ.

## XIII. ИМЛОИ ПЕШОЯНД

40) Ҷудо навишта мешаванд:

а) пешоянд дар робита бо калимаҳои мустақилмаъно: **аз сафар баргаштан, аз ӯ пурсидан, ба бозор рафтан, бар бом баромадан, бо дӯст нишастан, аз чор се ҳисса, дар бар гирифтан, аз ёд кардан, барои рафиқ, ҷуз модар (касе нозбардори фарзанд нест)** ва ғ.;

б) пешояндҳои таркибии номӣ: **пеш аз, пас аз, доир ба, роҷеъ ба, нисбат ба, оид ба** ва ғ.;

в) таркибҳои пешояндии қолаби зерин: **дар ба дар, рӯ ба рӯ, тан ба тан, пай дар пай** ва ғ.

41) Бо нимтире навишта мешаванд:

Пешояндҳои изофии номии такрор: **гирд - гирди, зер - зери, таг - таги, таҳ - таҳи, лаб - лаби, рӯ - рӯйи, пас - паси, сар - сари, қад - қади, пеш - пеши** ва ғ.

**Эзоҳ.** пешоянди ба бо ҷонишинҳои ишоратии ин, он ва ҷонишини шахсии ӯ дар назм чунин шакли навишт доранд: **бад - ин, бад - он, бад – ӯ.**

## XIV. ИМЛОИ ПАСОЯНД

42) Якҷо навишта мешавад:

Пасоянди -ро: **Ватанро бояд дӯст дошт. Мо меҳмононро пешвоз гирифтем** ва ғ.

43) Ҷудо навишта мешаванд:

Пасояндҳои номӣ ва вожаҳои пасояндии боз, пеш, қабл, замон, ҳамон (ҳамоно): **ду сол боз, як ҳафта пеш, панҷ сол қабл** ва ғ.

44) Бо нимтире навишта мешавад:

Пасоянди -ро пас аз қавс ва нохунак: **Ман «Шоҳнома»-ро хондам. Ман Ватанам (Тоҷикистон)-ро ҳамчун Модар дӯст медорам** ва ғ.

## XV. ИМЛОИ ПАЙВАНДАК

45) Якҷо навишта мешаванд:

а) пайвандакҳои мураккаб: **балки, агарчи (гарчи), азбаски (баски), вагарна (варна), чунки** ва ғ.;

б) пайвандаки -у (-ву, -ю) бо калимаи пеш: **ёру рафиқ, дӯсту душман, илмиву оммавӣ, сиёсию иҷтимоӣ** ва ғ.

46) Ҷудо навишта мешаванд:

а) пайвандакҳои **ва**, ки: **устодон ва шогирдон. Забони модариро ҳама бояд хуб донанд ва гиромӣ доранд. Ӯ қавл дода буд, ки фардо меояд** ва ғ.;

б) ҷузъи пайвандакҳои таркибӣ: **то ки, вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин (он) ки, аз сабаби ин (он) ки, ба қадре ки, ба тавре ки, бе ин (он) ки** ва ғ.

47) Бо нимтире навишта мешаванд:

Пайвандакҳои ва, ки дар назм ба шакли ихтисор: **в-аз (ва аз), в-ӯ (ва ӯ), к - аз (ки аз), к - он (ки он), в - имрӯз (ва имрӯз), к - омад (ки омад)** ва ғ.

## XVI. ИМЛОИ ҲИССАЧА

48) Якҷо навишта мешаванд:

Ҷузъҳои ҳиссача ва калимаҳои модалии рехтаи навъи зерин: **кошки, бигузор (бигзор), мабодо, даркор** ва ғ.

49) Ҷудо навишта мешаванд:

а) ҳиссачаҳои на, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, оё, ҳам, низ аз калимаҳои дигар: **На омадед ва на пайғом фиристодед. Ин гапро танҳо (фақат) як кас медонист. Ҳатто баъд аз ҷаласа баҳс идома дошт. Оё (магар) ин кор барои Шумо вазнин нест? . Меҳмон ҳам (низ) бо мо меравад** ва ғ. ;

б) ҳиссача ва таркибҳои модалии **ҳа (ҳо), на (не), оре, бале, биё мон, гӯё ки, шояд ки, равад ки** ва ғ.

50) Бо нимтире навишта мешаванд:

Ҳиссачаҳои - чи, -ку, -а, -да (-дия) пас аз калима: **равем-чи, баргардем-чи, рафтед-ку, нагуфтед-ку, напурсидед-ку, наовардед-а, гуфтем-да** ва ғ.

## XVII. ИМЛОИ НИДО

51) Якҷо навишта мешаванд:

Нидоҳо ва калимаҳои модалии зерин: **дареғо, Илоҳо, Худоё, ҳайфо, раве, хезе, гурезе** ва ғ.

52) Ҷудо навишта мешаванд:

Нидоҳои таркибии зерин: **сад дареғ!, сад афсӯс!, бисёр афсӯс!, сад ҳайф!, ҳазор тавба!, во дареғо!, ҳай дареғ!, э вой!** ва ғ.

53) Бо нимтире навишта мешаванд:

Нидоҳои такрор: **бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай** ва ғ.

## XVIII. ИМЛОИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ ВА ТАСВИРӢ

54) Бо нимтире навишта мешаванд: **тақ-тақи дарвоза, шилдир-шилдири об, чак-чаки борон, тиқ-тиқи соат, милт-милти чароғ, ялт-ялти тилло, чир-чири малах, қар-қари зоғ, гулдур-гулдури раъду барқ** ва ғ.

**Эзоҳ**: Ҳангоми бо пасванд навишта шудани ин гуна исмҳо нимтире гузошта намешавад: **фирфирак, шаршара, ғарғара** ва ғ.

# КИТОБНОМА


1. Абдурraуфи Фитрати Бухороӣ. Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв) . – Душанбе, Сино, 2009.

2. Абдулло Ҳабибӣ, Забони ду ҳазор сол қабли Афғонистон ё модари забони дарӣ, Кобул, 2006.

3. Аз куҳна ба нав. (чопи КМИ АНТ), Тошканд. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1928.

4. Айнӣ С. «Матбуоти тоҷик» // Куллиёт - Душанбе, 1969, ҷилди 9.

5. Айнӣ С. Муборизаи 15 - солаи бошарафона // Куллиёт. - Душанбе, ҷилди 9. - С. 254

6. Айнӣ С. «Қавми тоҷик ва рӯзнома» // Куллиёт - Душанбе, 1969, ҷилди 9.

7. Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик//Китоби «Мунтахаби асарҳои илмӣ», Душанбе, 2008, ҷ. 1, с. 64 - 72.

8. Айнӣ С. Оид ба вазъи забоншиносии тоҷик// Шарқи Сурх, 1952, №6, саҳ. 3 - 8.

9. Айнӣ С. Забони тоҷикӣ // «Раҳбари дониш», 1928, № 11-12.

10. Айнӣ С. Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷик // Куллиёт, ҷ. 11, китоби 2.

11. Алифбои нав // Тоҷикистони Сурх, 21 – июни соли 1939, №141 (32 - 40) .

12. Азизӣ Б. Дар анҷумани нахустини илмии Тоҷикистон // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2007, с. 665 - 672.

13. Бартольд В. В. К вопросу о языках согдийском и тохарском. – В кн. : Иран, т. 1, Ленинград, 1927; Бартольд В. В. Сочинения, Т. 2, ч. 2, - М., 1964.

14. Бичурин Н. Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. - Т. 1 - 3, 2 изд. М – Л. , 1950 - 1953. - Т. II. - С. 161 - 188.

15. Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1940, - С. 39.

16. Бузургзода Л. ва Б. Ниёзмуҳаммадов. Грамматикаи забони тоҷикӣ, Сталинобод, 1941.

17. Бухоризода А. Л. Лившиц В. А. Таҳрири нави қоидаҳои орфография// Мактаби советӣ, №1, 1954, с. 26 – 36.

18. Ғафуров Б. Ғ. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна, Нашриёти «Ирфон» Душанбе, 1983.

19. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ, Фармони №1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз № 2 - июни соли 1939// Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1939.

20. Дузабонӣ талаби ҷомеа аст // Мақолаи дастаҷамъонаи устодони Институти педагогии шаҳри Хуҷанд, ҳоло Донишгоҳи Давлатии ба номи Бобоҷон Ғафуров// Газетаи «Муаллимон», 19 майи соли 1987.

21. Каримов А. Оид ба лоиҳаи орфографияи забони тоҷикӣ// Мактаби советӣ, №15, 1952, с. 35 – 37;

22. Комиссаров Д. С. К проекту нового таджикского алфавита // Коммунист Таджикистана, 22 июля 1939 года.

23. Краткая история литературы Ирана, Афганистана и Турции, курс лекции. Отв. ред. А. И. Болдырев. - Ленинград, 19741.

24. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, Душанбе, 2012.

25. Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ // Газетаи муаллимон, 20 феврали соли 1941, №7 (698) .

26. Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ// Мактаби Советӣ, №1, 1954, с. 37 – 46.

27. Маводи анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он // Забоншиносӣ, 2010, №1.

28. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.- Душанбе, 2007; Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. Душанбе, 2004; М.Ҳ. Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. Душанбе, 2000; Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. Душанбе, 2003.

29. Назарзода С. Садонокҳои забони тоҷикӣ ва ташаккули онҳо// Забоншиносӣ, 2011. № 1, с. 14 - 32.

30. Назарзода С. Ҷараёни тағйири алифбо дар Тоҷикистон: қисми 1. Алифбои лотинӣ//Номаи Пажӯҳишгоҳ. 2004. № 6.

31. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ - сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX, Душанбе, 2004.

32. Нахустин Анҷумани илмӣ - забоншиносии тоҷик (мавод, таҳлил, андӯзиш) . Баргардон, таҳия ва мауллифи муқаддима, д. и. ф. проф. Г. Ваҳҳобов. - Хуҷанд, 2010.

33. Номаи табрикии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон // Ҷумҳурият, 24 июли соли 2003.

34. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ, Душанбе, 1972.
35. Овози тоҷик, 19 - уми феврали соли 1930.
36. Овози тоҷик, 4 - уми марти соли 1930.
37. Ориёнфар Шамсулҳақ, Сангнабиштаи забони ориёӣ дар Афғонистон//Фишурдаи мақолоти панҷумин анҷумани байналмилалии устодони забон ва адабиёти форсу тоҷик, Душанбе, 2006.
38. Орфографияи забони тоҷикӣ // Мактаби советӣ, №10, 1952.
39. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки, М. - 1979.
40. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки, М. - 1981
41. Основы иранского языкознания. Новоиранские языки, М. 1982.
42. Проекти алифбои нави тоҷикӣ // Тоҷикистони Сурх, 25 январи соли 1940, №19 (3418) .
43. Раҳмонов М. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба қоидаҳои орфографияи забони тоҷикӣ // Мактаби советӣ, №1, 1953, с. 30 – 32
44. Расторгуева В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. М., 1964.
45. Раҳбари дониш, 1929, №4.
46. Раҳбари дониш, 1931, №5.
47. Раҳбари дониш, 1929, №7
48. Громатович, Дмитриевский, Хашимов. Учебник таджикского языка, Ташкент, 1931.
49. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ. Душанбе, Дониш, 1992.
50. Саймддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. Душанбе, 2001.
51. Саймиддинов Д. Фарҳанги ҳузворишҳои паҳлавӣ. Душанбе, 2008.
52. Симс-Вильямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории, 1997, №. 4.
53. Соколова В. С. Фонетика таджикского языка. М.- Л., 1949.
54. Соколова В. С. Исследования по фонетикие иранских языков. (Автореф. докт. диссерт. ) . Л., 1954.

55. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат. // Ҷумҳурият, 25 марти соли 2004.

56. Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони РСС Тоҷикистон, Душанбе, 1989, саҳ 13.

57. Тагирова К. Таджикские говоры Бастандокского района Узбекской ССР, Сталинабад, 1959.

58. Тоҷикистони Сурх, 22-юми ноябри соли 1933.

59. Тоҷикистони Сурх, 1-уми июни соли 1933

60. Тоҷикистони Сурх, 27-уми майи 1933.

61. Тоҷикистони Сурх, 5-уми августи соли 1933.

62. Тоҷикистони Сурх, № 119, 25-уми майи соли 1933.

63. Тоҷикистони Сурх, 22-юми ноябри соли 1933.

64. Тоҷикистони Сурх, 1-уми июни соли 1933

65. Тоҷикистони Сурх, 27-уми майи 1933.

66. УказИ Президуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи даровардани иловаҳо ба алифбои тоҷикӣ» аз 5 феврали соли 1954 // Тоҷикистони Сурх, 4 марти соли 1954.

67. Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ. Сталинобод, 1936.

68. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ ҷ.1, зери таҳрири С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов.-Душанбе, 2004; Ч.2, зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов. - Душанбе, 2005; нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ, зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Солеҳов, С. Каримов.-Душанбе, 2006; Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, зери таҳрири Назарзода С., Сангинов А. А., Каримов С., Султонов М. М, иборат аз ду ҷилд. Душанбе - Машҳад, 2008. Донишномаи Рӯдакӣ, иборат аз ду ҷилд. - Душанбе-Димишқ, 2008.

69. Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ - забоншиносии Тоҷикистон // Раҳбари дониш, №10, 11, 12.

70. Ҷомеа ва рисолати зиёӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар. // Ҷумҳурият, 21 марти соли 2009.

71. Ҷалолов О. , Маҳвашев И. Н., Фикру мулоҳизаҳои мо // Газетаи муаллимон, №8 (1071) . 28 феврали соли 1953.

72. Шукуров М. Баъзе қайдҳо дар бораи лоиҳаи нави орфографияи забони тоҷикӣ// Шарқи Сурх, №1, 1953.

73. Эмомалӣ Раҳмон. Забон яке сарчашмаҳои асосии истиқлолияти миллӣ ва омили муҳимми ташаккули миллат мебошад. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати рӯзи Забон, 21 июли соли 2007.

74. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, Душанбе, 2006.

75. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2004.

76. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2002; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, 2002; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён, Душанбе, Ирфон, 2006.

77. Языки Азии и Африки. - М., Наука, 1978.

78. Авdul Chafar Farhadi. le persian parle en Afghanistan. Grammaire du Kaboli/ Paris. 1955.

79. Altheim Fr Awestische Textgeschichte. - Halle, 1949.

80. Bartholomae Chr. Awestisch und Altpersisch || Grundriss der iranischen Philologue. Bd. I. Alt. 1. Strusslbug, 1895 - 1901.

81. Benveniste E. le systeme phonologugue de' iranien ancien. – BSL, 1968, T. 63, fase. 1.

82. Brandenstein W. und Mayrhofer M. , Handbuch des Altpervsischen. - Wiesbaden, 1961.

83. Hoffmann K. Zum Zeichenwert der Avesta. - Festgabe deutscher Iranisten zuv 2500 jahvteiev Irans. - Stutgart, 1971. - P. 188

84. Henning W. B. The Bactrian inscription. – BSOAS, 1960. - V. 23, pt 1.

85. Meillet A. Grammaire du v ieux perse, Paris, 1931.

Tedesco P. Dialektologieder westiranischen Turfantexte. – MO, 1925. - V. 15.

## МУНДАРИҶА

**Сарсухан**........................................................................................

**Боби I. Ташаккули таърихии овозҳо ва хати забони тоҷикӣ**........
§ 1. Хат ва овозҳои забонҳои бостонии эронӣ
§ 2. Овозҳо ва хати забонҳои эронии давраи миёна
§ 3. Вижагиҳои хоси садонокҳои забони мо. 60
§ 4. Алифбои арабиасоси тоҷикӣ

**Боби II. Навсозии имло ва хати забони тоҷикӣ**...........................
§ 1.Хусусиятҳои хоси сиёсати забонии даврони Шӯравӣ .......
§ 2. Гузар ба алифбои лотинӣ...............................................
§ 3. Вижагиҳои сиёсати забонӣ дар намунаи «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ»
§ 4. Гузар ба алифбои русиасоси тоҷикӣ
§ 5. «Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ» ва хусусиятҳои он
§ 6. Хусусиятҳои хоси «Орфографияи забони тоҷикӣ
§ 7. Вижагиҳои «Қоидаҳои асосии имлои забони тоҷикӣ»

**Боби III. Имлои забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол**
§ 1. Истиқлол ва забони давлатӣ
§ 2. Имлои забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлол
§ 3. Фарҳанги имло дар забони тоҷикӣ

**Боби IV. Инъикоси имлои забони тоҷикӣ дар матбуот** ................
§1. Забони адабӣ ва матбуот
§ 2. Имло ва истилоҳот
§ 3. Таъсири имлосозӣ ба забони матбуот
§ 4. Конференсияи соли 1964 ва таъсири он ба имлои забони тоҷикӣ

Замимаҳо
1. Қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон
2. Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ
3. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ (Фармони № 1 Комиссариати Халқии Маорифи РСС Тоҷикистон аз 2-ми январи соли 1939)

4. Қоидаҳои асосии орфографияи забони тоҷикӣ (Қарори № 55 Совети Комиссариати Халқии РСС Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 1941)
5. Орфографияи забони тоҷикӣ (Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон аз соли 1953)
6. Қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷик (Қарори Совети Вазирони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон № 111 аз 20-уми апрели соли 1972)
7. Лоиҳаи «Қоидаҳои асосии имлои забони тоҷикӣ» (Таҳияи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ)
8. Имлои забони тоҷикӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми сентябри соли 1998)
9. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 458 аз 4 октябри соли 2011).

**Сайфиддин Назарзода**

# ИМЛО
# ВА ЗАБОНИ АДАБӢ

Ба матбаа 03.03.2015 таҳвил гардид. Чопаш 05.03.2015
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 26,0. Адади нашр ___ нусха.
Супориши № ___. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Андалеб-Р» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
E-mail: andaleb.r@mail.ru